70 тин

НАШРИЁТИ «ИРФОН»

ГУЛШАНИ АДАБ

3

# ГУЛШАНИ АДАБ



АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН

# ГУЛШАНИ АДАБ

Намунаи назм иборат
аз панҷ ҷилд

ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

# ГУЛШАНИ АДАБ

Намунаҳои назми форсу тоҷик
Асрҳои XIV—XV

Ҷилди III

СРЕДНЯЯ ШКОЛА № 17
города Ангрена
Ташкентской области
19
№ 3670

Точик 1
Г 82

Хайати тахририя
**Мирзо Турсунзода, Муҳаммад Осимӣ,**
Абдулғанӣ Мирзоев, Аълохон Афсаҳзод,
Даврон Ашӯров

Тартибдиҳандагон:
**Аълохон Афсаҳзод**
ва Ҷобулқо Додалишоев

Муҳаррир
**Қутбӣ Киром**

Г 82 **Гулшани адаб.** Намунаи назм иборат аз панҷ ҷилд. (Муҳар. Қ. Киром). Душанбе, «Ирфон», 1976. (АФ РСС Тоҷикистон).
Ҷилди 3-юм Намунаҳои назми форсу тоҷик. Асрҳои XIV—XV.
384 саҳ.
Дар қисми сеюми гулчини ашъори шоирон «Гулшани адаб» аз намунаи ашъори бузургтарин ғазалсарой Камоли Хуҷандӣ сар карда, то ашъори шӯрангези Ҷомӣ ва ҳамасрони ӯ гирд оварда шудаанд.
**Цветник поэзии. Т. 3.**

Г $\frac{70403}{М 301 (13) — 76}$ —102—76 Тоҷик 1
82

© НАШРИЁТИ «ИРФОН» 1976

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

*Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ, ки бо тахаллуси Камол машҳур аст, яке аз бузургтарин шоирони ғазалсарои тоҷик буда, дар мобайни солҳои 1318 — 1323 (718 — 723 ҳиҷрӣ) дар шаҳри Хуҷанд (Ленинободи имрӯза) таваллуд ёфтааст. Вай дар ҷавонӣ дар Хуҷанд ба таҳсили улум машғул шуда, баъд барои такмил додани дониши худ ба шаҳрҳои дигари Осиёи Миёна — Самарқанд, Тошканд ва Хоразм сафар карда, дар илмҳои замони худ, махсусан дар калом, мантиқ, ҳикмат, зироатдорӣ ва боғпарварӣ яке аз пешқадамтарин шахсони замони худ гардид. Камол тақрибан дар 40—45-солагӣ ба Ҳиҷоз сафар карда, дар бозгашт дар Табрез рахти иқомат партофта, аксари умр дар он ҷо зиндагӣ кардааст. Камолро дар нимаи аввали солҳои ҳафтодуми асри XIV хони Олтин-Ӯрда Тӯхтамишхон ҳангоми истилои Табрез гирифта ба пойтахти худ—шаҳри Сарой (поёноби Волга) гирифта бурда буд. Камол он ҷо тақрибан чаҳор сол зистааст.*

*Вафоти Камол соли 1401 (803 ҳиҷрӣ) воқеъ гардида, мадфани ӯ дар Валиёнкӯҳи Табрез то имрӯз боқист.*

*Мероси адабии Камол аз девоне иборат аст, ки тақрибан 14 ҳазор байтро фаро гирифта, қариб аз ҳазор ғазал ва чанд рубоиву қитъаҳо иборат аст.*

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Аз ту як соат ҷудой хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошной хуш намеояд маро.
Гӯиям рав з-ин дару султони вақти хеш бош!
Баъди султонӣ гадой хуш намеояд маро.
Ҷокаронатро намегӯям, ки хоки он дарам,
Бо бузургон худситой хуш намеояд маро.
Гуфтамаш: дар оби ораз акси ҷони мо намо!
Гуфт: ҳар дам худнамой хуш намеояд маро.
Аз лаби лаълат напарҳезам ба даври он ду чашм,
Пеши мастон порсой хуш намеояд маро.

Мункири зӯҳдам ба рӯят то назарбоз омадам,
Покбозам ман, дағой хуш намеояд маро.
Сӯфиён гӯянд чун мо хезу дар ракс о,Камол,
Ҳолату ваҷди риёӣ хуш намеояд маро.

* * *

Эй бод, макаш турраи ҷононаи моро!
Занҷир маҷнунбон дили девонаи моро!
Он шамъи Чигил гӯ, ки ба ракс ораду парвоз
Ин сӯхта дилҳои чу парвонаи моро!
Диданд зиён он ки ба сад ганҷи Фаредун
Карданд баҳо гавҳари якдонаи моро.
Диданд сиришкам ҳама ҳамсояву гуфтанд:
Ин сел аҷаб гар набарад хонаи моро,
Дил гарчи хароб аст, вале чун ту дарой,
Обод куниӣ кулбаи вайронаи моро,
Хоби хуши субҳат барад аз дидаи махмур,
Шаб, гар шунавӣ наъраи мастонаи моро.
Хоҳад гилаҳо кард Камол имшаб аз он зулф
Шабҳои чунин гӯш кун афсонаи моро!

* * *

Ҳалол бод маи хулду ҳӯр зоҳидро,
Ки вогузошт ба риндон шаробу шоҳидро.
Мабур зи гардани сӯфӣ қилодаи тасбеҳ,
Гузор, то бибуррад гардани муқаллидро.
Зи зикру фикру риёзат димоғро халал аст,
Бигир ҷому бимон фикрҳои фосидро.
Ба рағми зоҳиди худбин чу май кашам аз ҷом,
Ба обгина кашам мил чашми ҳосидро.
Машав ба майкада ғоиб зи чашми пири муғон,
Ки бо мурид назарҳост пири муршидро.
Аҷаб, ки шаҳна нагашт аз имоми мо воқиф,
Ки харҷ кард ба май вақфҳои масҷидро.
Камол лофи ибодат мазан, ки чашми бутон
Ба як назар барад аз раҳ ҳазор обидро.

* * *

Чашмат ба ғамза кушт мани бегуноҳро,
Худ зулфро чӣ гӯяму холи сиёҳро.



Бо оҳу рӯи зард зи ҳолат шудем дур,
Бод омаду зи дона ҷудо кард коҳро.
Мардум зи маҳ ҳисоб гирифтанд солҳо,
Нагрифт дар ҳисоб ҷамоли ту моҳро.
Ҷавҳар ки қимат аст кашандаш ба эҳтиёт,
Ман ҳам ба дида мекашам он хоки роҳро.
Аз ҳиммати гадои ту бошад фурӯ ҳанӯз,
Бар арш агар кашанд шаҳон боргоҳро.
Султони ҳусн гӯ сӯи дилҳо назар гумор,
Мулк они ӯст гӯ бинавозад сипоҳро.
Номи Камол ҳоҷаи дарвеш хондай
Дарвеш хондай ба ғалат подшоҳро.

* * *

Дӯш аз дари майхона бидидем ҳарамро,
Май нӯшу бубин фусҳати майдони карамро!
Фармони хирад бар дили ҳушьёр нависанд,
Ҳукме набувад бар сари девона қаламро.
Эй маст, гар афтӣ ба сари турбати шоҳон,
Муштоқи лаби ҷом биёбӣ лаби Ҷамро.
Пои ситам аз соҳати ҷон гард баровард,
Биншину ба май бознишон гарди ситамро!
Ҷангат хабари роҳи тараб доду зи пирон,
Бишнав сухани рост мабин пушти ба хамро!
Дар шиша гар аз май камие ҳаст зиён нест
Лекин ғами бисьёр бувад давлати камро.
Субҳ аст Камолу маю овози хуши най,
Бархезу ғанимат шумар ин як-ду-се дамро!

* * *

Серӣ набувад аз лаби ширини ту касро,
Кас сер надид аз шакари ноб магасро.
Нолон ба сари кӯи ту оем, ки завқест,
Дар қофилаи каъбаравон бонги ҷарасро.
Бо субҳ бигӯед, ки: бе вақт мазан дам,
Имшаб шаби васл аст, нигаҳ дор нафасро!
Зулфи ту, ки шабрав шуда з-ӯ зоҳиду обид,
Аз хирқаи пашмина ғанӣ сохт асасро.
Хоҳам, ки ниҳам оинае пеши рақибон,
Дар чашми хасон то фиканам ин ҳама хасро!
Нагзошт, ки холи рухи ӯ бингарад ин чашм,
Ин нори Халил аст, чӣ тангист адасро.

Чун дид Камол он сари кӯ, тарки ватан кард,
Булбул чу чаман дид, рахо кард қафасро.

* * *

Карданд сайд он зулфу рух дилҳои беоромро,
Баҳри шикори булбулон бар гул ниҳодӣ домро.
Пеши гули андоми ту дорад гул андоме, вале
Лутфе набошад ончунон андоми бе андомро.
Соқӣ расид айёми гул, холист аз май ҷоми мул,
Он беҳ, ки дар давре чунин холӣ надорӣ ҷомро.
Гуфтӣ диҳемат оқибат май аз кафи симини худ,
Ман сӯхтам, то кай диҳӣ ин ваъдаҳои хомро?
Ҳусни ҷаҳонгират чу кард он зулф дур аз пеши рӯ,
Додӣ ба яғмо Румро, кардӣ парешон Шомро.
Ӯ зулф бишкасту Камол аз тавбаву зӯҳду вараъ,
Зуннор чун бубрид ёр ӯ ҳам шикаст асномро.

* * *

Эй рехта савдои ту хуни дили моро
Бе ҳеҷ гуноҳе,
Бинвоз даме хастаи шамшери ҷафоро
Боре ба нигоҳе!
Боди саҳар аз равзаи ризвон хабар овард
Имрӯз ба гулзор,
Эй сарви равон, ҳаст магар пайки сaборо
Дар кӯи ту роҳе?!
Кас нест, ки бар бӯи гулистони ҷамолат
Дар боғи тараб нест,
Чун лола зи ғам чок зада ҷайби кaборо,
В-афканда кулоҳе.
Занҷири сари зулфи туро бо ҳама хубӣ
Сунбул натавон гуфт,
Ҳаргиз накунад ҳеҷ касе мушки Хиторо
Нисбат ба гиёҳе.
Бишкаст ҳаме лашкари султони кавокиб
Бар ҳар тараф имрӯз,
К-он зулфи зиреҳпӯши ту аз анбари соро
Оварда сипоҳе.
Аз ҳоли парешони Камолат хабаре нест,
Ҳайҳот чӣ тадбир?!
Он кист, ки тақрир кунад ҳоли гадоро
Дар ҳазрати шоҳе?!



* * *

Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб.
Орзӯманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?!
Чун ту дар ғурбат наяфтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо,
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас,
илло ғариб.
Ҳаргиз аз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист
Ҳоли зори мустамандӣ монда дур аз мо ғариб.
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре,
ки мебинӣ кӣ афтад бо ғариб?!
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибо, во ғариб!

* * *

Ин чӣ сарви қад, ин чӣ рафтор аст,
Ин чӣ ширин даҳан, чӣ гуфтор аст?!
Ин чӣ хол, ин чӣ орази зебост,
Ин чӣ хат, ин чӣ ҳусну рухсор аст?!
Ин чӣ рӯй аст, ин чӣ зулфи дароз,
Ин чӣ дилбанду ин чӣ дилдор аст?!
Ин чӣ ҳамдам, чӣ ҳамнишин, чӣ қарин,
Ин чӣ мӯнис, чӣ ҷон, чӣ ғамхор аст?!
Ин чӣ турра-ст, ин чӣ шаб, чӣ каманд,
Ин чӣ дилдузд, в-ин чӣ тарроp аст?!
Ин чӣ чашм асту ин чӣ лаб, чӣ шакар,
Ин чӣ дору в-ин чӣ бемор аст?
Ин чӣ ҳусн асту ин чӣ хол, Камол!
Ин чӣ хуш булбул, ин чӣ гулзор аст?!

* * *

Хоки дарат ба чашми ман аз сад чаман беҳ аст,
Боғи хуш аст оразат, аммо зақан беҳ аст.
Кӯи ту хоҳад ин дили овора не биҳишт,
Мурғи ғарибро зи гулистон ватан беҳ аст.
Танҳо на рӯи туст беҳ аз гулрухони Чин,
Бӯи ту ҳам зи накҳати мушки Хутан беҳ аст.

Гуфтӣ: ба дастбӯси ту бӯсе зиён кунем,
Дар дасти кас чӣ суд шакар, дар даҳан беҳ аст.
Чун чашми сӯзан аст даҳони ту дар хаёл,
Моро ҳамеша чашм бад-он дӯхтан беҳ аст.
Э дил, ҳадиси дӯст беҳ аст аз дури Адан,
Ин нукта гӯш кун, ки зи дурри Адан беҳ аст.
Гӯянд гуфтаи ту бувад беҳ зи ту, Камол.
Ман булбулам, бале, сухани ман зи ман беҳ аст.

* * *

Дар дини муҳаққиқон ҷадал нест,
Аз илм мурод ҷуз амал нест.
Кафши Ҳизиру асои Мӯсо
Шоистаи дасту пои шал нест.
Гар фикр кунӣ дар ин чӣ бошад,
З-ин фикр димоғро халал нест.
Аз оби Хуҷанд бигзару кӯҳ,
Дар сайри ту ин ба ҷуз масал нест.
Ин дур на дар он ҳақир дарьёст
В-ин лаъл ба кӯҳи Мевағул нест.
Дар кӯҳ чӣ мекунӣ? Ба ман бош,
К-имрӯз маод дар ҷабал нест.
Инҳо на мақолати Камол аст,
Асрори худост, ин ғазал нест.

* * *

Дар сина маро ғайри ту ҳамхона касе нест,
В-ар ҳаст бурун аз дили девона касе нест.
Дил арчи ба танг аст зи ағьёр, ки имрӯз —
Ҷуз ёр дар ин манзили вайрона касе нест.
Дар дида туӣ мардумак, он рух зи кӣ пӯшӣ,
Дар хона чу аз мардуми бегона касе нест.
Зулфат ба дари дил чӣ нишастаст, чу дил рафт,
Ин ҳалқа задан чист, чу дар хона касе нест.
Ин ҷурм, ки ошиқ зи ту хурсанд ба сӯз аст,
Бо шамъ чӣ гӯем чу парвона касе нест.
То чашми ту бар гӯшанишинон назаре кард,
Дар савмиа бе наъраи мастона касе нест.
Май нӯш, Камол, аз лаби соқӣ, ки дар ин давр
Масте чу ту бе соғару паймона касе нест!



* * *

Дарди ту беҳ аз давост, эй дӯст!
Андӯҳи ту ҷонфизост, эй дӯст!
Дарьюза ки кард ошиқ аз ту,
Ҷуз дарду бало нахост, эй дӯст!
Ман он кӣ зи муфлисӣ надорам —
Чизе ки туро сазост, эй дӯст!
Пеши ту ниҳам ду чашми равшан,
Гӯям назари сафост, эй дӯст!
Гуфтӣ:— Кушамат, вале раво нест;
— Гар дӯст кушад равост, эй дӯст!
Дил ҳар чӣ ба васфи қоматат гуфт,
Овард худош рост, эй дӯст!
Кардам ба қади ту ин ғазал рост,
Бинвис, Камол, рост, эй дӯст!

* * *

Шабе ки рӯи ту моро чароғи маҷлис шуд,
Ба сӯхтан дили парвонааш муҳаввис шуд.
Ду чашмат аз дилу дин, ҳар чӣ доштам бурданд,
Тавонгаре, ки ба мастон нишаст, муфлис шуд.
Ба кимиёи назар, чун ту хок зар созӣ,
Тафовуте накунад гар вуҷуди мо мис шуд.
Дигар барои хаёлат зи бекасӣ чӣ малол?
Чу ғам рафиқу бало ёру дард мӯнис шуд,
Хуш аст мутрибу соқию май ба як-ду ҳариф.
Дар ин шумораи гардиш рафиқ содис шуд.
Касе ки оқилу ҳушьёр дидамею ба ҳуш,
Чу дид шакли ту аз ҳуш рафту беҳис шуд.
Ба нақши абрӯи ту нест дар сарочаи ҳусн,
Ки дасти сунъ дар он тоқҳо муҳандис шуд.
Зи май ба даври ту парҳези мо на аз мо буд,
Дар ин ҷарима сабаб, зоҳиди мувасвис шуд.
Камол нусхаи риндӣ басе мутолиа кард,
Ки дар дақоиқи илми назар мударрис шуд.
Нашуд ба таври ғазал ҳамъинони мо Ҳофиз
Агарчи дар сафи султон Абулфаворис шуд.

* * *

Моро ҳаваси масҷиду саҷҷода набошад,
Мастӣ сифати мардуми озода набошад,

Аз содадилӣ пири маломатгари моро,
Майли қади симину рухи сода набошад,
Сӯфӣ ба қадаҳ гар нанихад дасти иродат,
Ориф набувад солику бар ҷода набошад,
Нисбат натавон кард ба ҳеҷ одамӣ ӯро.
Бинед ки ногоҳ паризода набошад!
Дар хонаи дарвеш чӣ асбоби нишот аст,
Қ-аз давлати ғамҳои ту омода набошад.
Зинҳор, Камол, аз сари зулфаш накунӣ ёд,
То дар қадами ӯ сарат афтода набошад.

* * *

Навбаҳорон зи гулам бӯи ту хуш меояд,
Ҳамаро боғу маро рӯи ту хуш меояд.
Ҳамчу наргис наниҳам чашм ба сарви лаби ҷӯй,
Ки маро қомати дилҷӯи ту хуш меояд.
З-он ҳама ҳалқа, ки шамшод занад бар сари гул,
Бандаро ҳалқаи гесӯи ту хуш меояд.
Бӯи гулзор хуш ояд ҳама касрову маро
Нағҳати хоки сари кӯи ту хуш меояд.
Пеши сунбул ба чаман ҳеҷ намеояд хуш,
Пеши рӯи ту хами мӯи ту хуш меояд.
Шеваи чашм чу наргис чӣ кунад ишваву ноз,
Шева аз наргиси ҷодуи ту хуш меояд.
Чашм накшуда ба рӯи гул, аз он рӯй Камол,
Ки назар бар гули худ рӯи ту хуш меояд.

* * *

Ҳаргизам рӯзе надод ин турфаи Бағдод дод,
Хирмани уммедро з-он додаам барбод — бод.
Охир, эй сарви чаман, дил бандаи болои туст,
Варна аввал модари фитрат маро озод зод.
Дил, ки набвад оташин дар ишқи ту, бо об беҳ,
Ҷон, ки набвад хоки раҳ дар кӯи ту барбод бод.
Чун зи гулзори рухат боди сабо орад насим,
Хар замон гардад дилам з-он зулфи чун шамшод. шод.
Бар сари кӯи ту ҳар шаб мезанам фарьёду оҳ,
Бу ки аз мо оядат з-ин нолаву фарьёд ёд,
Гӯш хуш мекун, Камол, аз ваъдаи ҷонону бас,
З-он ки ман нашнудаам к-он бут касеро дод дод.



* * *

Қанори обу лаби ҷӯйбору гӯшаи боғ
Хуш аст бо санами сарвқад ба шарти фароғ.
Навохт рехтаҳо дар чаман муғаннии об,
Таронаҳои тари ӯ латиф сохт димоғ.
Шаби баҳору шабистони боғу суҳбати ёр,
Чунин шабону шабистон, дило, биҷӯ ба чароғ!
Агар ба равза равам бо рақиб дар қафасам,
Шунида бошию дида ҳадиси тӯтию зоғ.
Мадор даври гул аз май чу гул қадаҳ холӣ,
Ки лола дорад аз ин дард бар дил ин ҳама доғ.
Чӣ ғам, ба дафъи ғамам боғу гулшане гар нест,
Ки ошиқи ту фароғат зи боғ дораду роғ.
Ба бӯса себи зақан, гуфтамаш: зи гулшани кист?
Камол, гуфт: ту ангур хӯр, мапурс аз боғ!

* * *

Ид меояду вақт аст, ки дар маҳ нигарем,
Парда баргир, ки аз маҳ ба ту муштоқтарем.
Аз ҷамоли ту, ки ид асту ба маҳ монад рост,
Гар гуморем назар бар маҳи нав кақнигарем.
Хаст дар иди дигар гаштани мо фикри баид.
Пеши рӯи ту чӣ мӯҳтоҷ ба иди дигарем.
Шаби зулфат шаби қадр асту ғанимат шаби қадр,
Як шаб он ақд бигирему ғанимат шуморем.
Соқиё, бодаву нуқл ор, ки шуд навбати он,
Ки дигар рӯза хӯрему ғами рӯзӣ нахӯрем.
Паст шуд ғулғули тасбеҳу таробеҳ ҳанӯз,
Ба ҳаққи рӯза к-аз он валвала бо дарди сарем.
Рӯза хӯрдему касам ҳам ба намози ту, Камол,
Ки дигар дарди сари хеш ба масҷид набарем.

* * *

Гар ба майхона ҳарифи маю шоҳид бошам,
Беҳ ки дар савмиа биншинаму обид бошам.
Вақти он шуд, ки иқомат ба харобот кунам,
То ба кай мӯътакифи гӯшаи масҷид бошам?
Домани пири муғон гар фитад ин бор ба даст,
Мани саргашта чаро толиби муршид бошам?
Солҳо бар дари майхона нишинам беҳ аз он

Ки аз ин гӯшанишинони муқаллид бошам.
Зӯҳд дар савмиа меварзаму ин риндӣ нест,
Риндӣ он аст, ки дар майкада зоҳид бошам.
Ёр агар з-оҳи мани хаста накӯ андешад,
Фориғ аз қасди бадандешии ҳосид бошам.
Зиндагӣ дар сари тақво шуду ҳайф аст, Камол,
Ки ҳама умр дар ин фикрати фосид бошам.

* * *

Ман ба ҷонон зи ҷон гурехтаам,
В-аз ҷафои ҷаҳон гурехтаам.
Офарин бар гурезпоии ман,
К-аз ғами ину он гурехтаам.
Халқ дар хонаам куҷо ёбанд,
Ман ки аз хонумон гурехтаам.
Гуфт: аз ман гурехт натвонӣ,
Гуфтамаш: ман аз он гурехтаам.
Бар дараш дидаам рақибонро,
Чун гадо аз сагон гурехтаам.
Гар ту ногаҳ гурехтӣ зи Камол;
Ман аз ӯ ҳар замон гурехтаам.
Банда ҳаргиз гурехт зи озодӣ?
Бар дари ту ман он гурехтаам.

* * *

Ёр гуфт: «Аз ғайри мо пӯшон назар». Гуфтам: «Ба чашм».
«В-он гаҳе дуздида дар мо менигар». Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар ёбӣ нишони пои мо бар хоки роҳ,
Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар». Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бибар». Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони мо,
Боз месозаш чу шамъ аз дида тар». Гуфтам ба чашм».
Гуфт: «Агар бар остона об хоҳӣ зад зи ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар». Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар гардӣ шабе аз рӯи чун моҳаш ҷудо.
То саҳаргоҳон ситора мешумар». Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар дорӣ хаёли дурри васли мо Камол,
Қаъри ин дарьё бипаймо сарбасар». Гуфтам: «Ба чашм».



* * *

Биҳамдуллаҳ, ки дигарбора рӯи дӯстон дидам,
Чу булбул мекунам мастӣ, ки боғу бӯстон дидам.
Ман он мурғи хушилҳонам, ки берун аз қафас худро
Ба иқболи баҳор эмин зи ташвиши хазон дидам.
Фалак гар тофт рӯи меҳру баргардид аз ёрӣ
Фаромӯшам шуд он боре чу рӯи меҳрубон дидам.
Шаби қадре, ки меҷустам ба хобу рӯзи некӯӣ
Чу он мӯ дидаму он рӯ, ҳам ин дидам, ҳам он дидам.
Муроди ман миёни ёр буд, он дар канор омад,
Миёни роҳат афтодам, чу ранҷи бекарон дидам.
Замони васл, к-аз дигар замонҳо беҳ ниҳад ошиқ,
Ба рӯи дӯстон ман ин замонро аз замон дидам.
Камол он дам, ки хоҳӣ дид бо ёрон қарин худро,
Бигӯ ин давлат аз юмни шаҳи соҳибқирон дидам.

* * *

Рӯят гули сероб нагӯем, чӣ гӯем?
Он лаб шакари ноб нагӯем, чӣ гӯем?
Он зулфи камандафгану рухсору ҷабинро
Дузду шаби маҳтоб нагӯем, чӣ гӯем?
Тафсири ду абрӯи ту, к-он сураи нун аст,
Пайваста ба меҳроб нагӯем, чӣ гӯем?
Дидем шабе чашми ту, ҷуз фитнаву тороҷ
Таъбири чунин хоб нагӯем, чӣ гӯем?
Чавгони сари зулфи туро шуд дили мо гӯй,
Ин қисса ба аҳбоб нагӯем, чӣ гӯем.
Ин чеҳраву ин ашки равонро ба давидан
Лавҳи зару симоб нагӯем, чӣ гӯем?
Чун қасди Камол аз ғазал он сурати зебост
Шеъри тари чун об нагӯем, чӣ гӯем?

* * *

Гар шабе он маҳ зи манзил бениқоб ояд бурун,
З-аввали шаб то дами субҳ Офтоб ояд бурун.
То ба чашми мо хаёли он лаб омад, хоб рафт,
Чун намак афтад миёни дида, хоб ояд бурун.
Аз ҷигар хуне, ки резам, дил ғизо месозадаш,
Қути оташ бошад он хун, к-аз кабоб ояд бурун.

Қай бурун ояд лабаш аз ӯҳдаи бӯсе, ки гуфт,
Чун маҳол аст оби ҳайвон, к-аз сароб ояд бурун.
Хирқаҳои сӯфиён дар даври чашми масти ӯ
Солҳо бояд ки аз раҳни шароб ояд бурун.
Ҳар кучо бошад нишони пои ӯ, он чо ба чашм
Хок бардорем чандоне, ки об ояд бурун.
Бо ҳама тақвою зӯҳд ар бишнавад бӯят Қамол,
Аз даруни савмаъа масту хароб ояд бурун.

* * *

Чашм агар ин асту абрӯ ину нозу ишва ин,
Алвидоъ, э зӯҳду тақво, алфироқ, э ақлу дин!
Мекашӣ новак зи мижгон бо камони абрувон,
Гаҳ бад-онам мекушӣ, эй номусулмон, гаҳ бад-ин.
Қамтарин иқболи ман бингар, ки худро бар дарат
Аз раҳи ихлос медорам ғуломи камтарин.
Гар парӣ мегӯядат; ман бо ту мемонам, маранҷ,
Беадаб гар одамӣ будӣ, нагуфтӣ инчунин.
Дӯш андак бурқае аз пеши рӯ бардоштӣ,
Дошт моҳи осмон пеши ту рӯе бар замин.
Гар малулӣ аз дилам к-он чои торик асту танг,
Дида маъвоест равшан, баъд аз ин ин чо нишин.
Баъд аз ин кам чӯй озори дили реши Қамол,
Ҳар чӣ дар дил доштам гуфтам, ту донӣ баъд аз ин.

* * *

Хоки поят дӯст дорад рӯи ман,
Нест айбе, дӯстон, хуббулватан.
Хок гаштам, ин сухан чанд, э рақиб,
Дар даҳан дорӣ, ки хокат дар даҳан!
Орзӯи мост зулфат бишканаш,
Дар чаҳон як орзӯи мо шикан!
Гуфтаӣ: дигар насӯзам чони тӯ,
Чони ман, дигар чӣ бошад сӯхтан?
Ман хасам, ту оташӣ дар интизор,
Дар дили хас з-интизор оташ мазан!
Э рақиб, ар чашмам аз сар барканӣ,
Чашм аз ӯ гар барканам, чашмам бикан!
Ақлу дил гуфтам, кӣ дуздид аз Қамол,
Зери лаб хандон: «Чӣ донам», — гуфт — ман.



— 1702

* * *

Ба ёрони куҳан ёрӣ накардӣ,
Чафо кардӣ, вафодорӣ накардӣ,
Хӯрам, гуфтӣ, ғами ту, ту бизӣ шод,
Маро ғам кушту ғамхорӣ накардӣ.
Дилам пайваста медорӣ бар оташ,
Ба ман з-ин беш дилдорӣ накардӣ.
Дило, аз нола булбул васли гул ёфт,
Чаро зорӣ бад-ин зорӣ накардӣ.
Ба чашмаш, гӯ, чӣ монд аз зулми хунрез,
Ки зери токи зангорӣ накардӣ.
Қасе дар ҳоли сиҳҳат хун кунад кам,
Ту худ дар айни беморӣ накардӣ.
Қамол, он чашми шӯх аз худ маёзор,
Чу ҳаргиз мардумозорӣ накардӣ.

* * *

Ошӯби чонӣ, шӯхи чаҳонӣ,
Беэътиқодӣ, номеҳрубонӣ.
Гоҳам навозӣ, гоҳам гудозӣ,
Гоҳе чунинӣ, гоҳе чунонӣ.
Аз ту сабурӣ кардан, нигоро,
Натвон валекин ту метавонӣ.
З-ин сон ки дорӣ аз хеш дурам,
Гар мирам аз ғам, аз ман надонӣ.
Гуфтам: нисорат созам дури ашк,
Гуфто: чӣ гӯям дур мечаконӣ.
Бо ту чӣ монад Хизру Масеҳо,
Умре ту ҳаргиз бо кас намонӣ.
Гар аз Қамол, эй мӯнис, малулӣ,
Рафтам зи пешат, бурдам гаронӣ.

* * *

Эй дил, ин бечорагию мустамандӣ то ба кай?
Чун надорӣ рӯи дармон, дардмандӣ то ба кай?
Бар дили пурхуни ман бигрист имшаб чашми ...
Шамъи мачлисро бигӯ, к-ин хираҳандӣ то ба кай?
Аз ҳаводории мову ту чу мустағни...
Э рақиб, ин чоплусию лавандӣ то ба кай?!
Пеши қадди ёр, э сарви саҳӣ, шарме бидор...



... СРЕДНЯЯ ШКОЛА № 17
города Ангрена
Ташкентской области
19 г.
№ 3670

Дар чаман бо пои чӯбин сарбаландӣ то ба кай?
Бо ту худро кард монандӣ гул аз боди ҳаво
Гуфт: дар пеши сабо, к-ин худписандӣ то ба кай?
Ғамзаи ҷодут аз мо чанд пӯшонад назар?
Оламе кардӣ мусаххар, чашмбандӣ то ба кай?
Гӯиям ҳар дам ки берун шав, Камол, аз шаҳри мо,
Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?!

### АЗ МУҚАТТАОТ

Чу девони Камол афтад ба дастат,
Навис аз шеъри ӯ чандон ки хоҳӣ!
Хаёлоти латифу лафзу ҳарфаш
Агар хоҳӣ ки дарьёбӣ камоҳӣ,
Зи ҳар лафзаш равон магзар чу хома,
Ба ҳар ҳарфе фурӯ рав чун сиёҳӣ!

* * *

Маро ҳаст аксар ғазал ҳафт байт,
Чу гуфтори Салмон нарафта зиёд,
Ки Ҳофиз ҳамехонадаш дар Ироқ,
Баланду равон ҳамчу Сабъи Шидод,
Ба буньёди ҳар ҳафт чун осмон,
К-аз ин ҷинс биме надорад Имод.

* * *

Табъи ту, Камол, кимиёест,
К-аз вай сухани ту ҳамчу зар шуд.
Девони ту дӣ касе ҳамехонд,
Дидам ки даҳон-ш пуршакар шуд.
Аз ғояти лутфу обдорӣ,
Ҳосид суханат шуниду тар шуд.

* * *

Камол ашъору ақронат зи аъҷоз,
Гирифтам, сар ба сар ваҳьйасту илҳом,
Чу холӣ аз хаёли хос бошад,
Хаёл аст, он ки гирад шӯҳрати ом.



* * *

Ду Камоланд дар ҷаҳон машҳур,
Яке аз Исфаҳон яке зи Хуҷанд.
Ин яке дар ғазал адимулмисл,
В-он дигар дар қасида бемонанд.
Филмасал дар миёни ин ду Камол,
Нест фарқе, магар ба мӯе чанд.

* * *

Э Ҳофизи андалебоҳанг,
Оҳанги ту рафта ним фарсанг.
Гар Зӯҳра бар осмон занад уд —
Саҳл аст, ту бар замин бизан чанг!

* * *

Қиса макун пурзару сим, эй писар!
Қисабуронанд дар ин раҳгузар.
Қисатиҳӣ бошу биёсо, Камол,
Ҳар кӣ тиҳикисатар осудатар.

* * *

Ҷуз оҳу нола надорам ба ошиқӣ ҳунаре,
Маро зи дасти ҳунарҳои хештан фарьёд!
Зи ашки сурху рухи зард чун зиям бе ғам,
Ки ҳар яке ба дигар гуна дорадам ношод.

* * *

Табъи ман ҳар чӣ бисозад ба сари хони сухан,
Қисмати туст агар нек в-агар бад созад.
Банда дар ҳар ғазале карда адо қавли Камол,
То ба тасниф туро мӯътақиди х(в)ад созад.

* * *

Эй он ки дафтари мо дидӣ пур аз ҳавошӣ,
Донам, ки бо дили худ гуфт: чиҳост инҳо?

Бисьёр дида бошӣ хошок бар лаби бахр,
Аз баҳри шеъри мо ҳам хошокҳост инҳо.

* * *

Ҳофизи барбатнавози чангсоз!
Бо манат аз бенавоӣ чанг чист?
Аз барои сӯхтан дар зери дег,
Гуфтаӣ: ҳезум надорам, чанг чист?

* * *

Дарьёб, Камол, ин сухани нозуку борик,
Озурда макун хотират аз кас сари мӯе!
Гар бо ту баробар зияд он сӯфии азрак,
Ёд аст маро дар ҳаққи ӯ байти накӯе,
Бадхоҳи ту худро ба бузургӣ чу ту донад,
Лекин масал аст ин ки: «чанорею кадуе».

* * *

Зарталабон ҳамчу дар ҳалқабагӯш омаданд,
Шукр к-аз озодагӣ банда дар он силк нест.
Боғ агарам нест, ҳаст нахли маонӣ басе,
Нахли маро баргу шох чуз вараку килк нест.
Хонаи мулки маро нест ба чуз байту шеър,
Мулки дигар қофияст, қофия худ мулк нест.

* * *

Гуфт Фарҳод оқо ба Мирвалӣ,
Ки Рашидияро кунем обод.
Зар ба Табрезиён ба очиру санг,
Бидиҳем аз барои ин буньёд.
Буд мискин ба шуғли кӯҳканӣ
Ки зи мӯрони кӯҳу дошт зиёд,
Лашкари подшоҳ Тӯхтамиш,
Омаду ҳотиф ин нидо дардод:
«Лаъли Ширин ба коми Хусрав шуд;
Кӯҳ беҳуда меканад Фарҳод».



* * *

Соҳибо, шавкати даймоҳ ба он поя расид,
Ки Зӯҳал курсии нӯҳпоя ба ҳезум бифрӯхт.
Бар тани ҳеҷ кас, айём қабое набурид,
К-аз тамаъ чашмаи хуршед ба он чашм надӯхт.
Мекунад бод ба рафтан ҳаракатҳои хунук,
Магар ин шева зи зуҳҳоди риёӣ омӯхт?
Бо ҳама шавқи дарун гарм нашуд вақти Камол,
То ки дар хилвати ӯ дам ба дам оташ н-афрӯхт.
Ба сари накдаи воме ба дуо гӯ бифирист
Порахи ҳезуму ангор, ки он низ бисӯхт.

* * *

Гуфт соҳибдиле ба ман, ки чарост,
Ки туро шеър ҳасту девон нест.
Гуфтам аз баҳри он ки чун дигарон
Сухани ман пуру фаровон нест.
Гуфт: ҳарчанд гуфтаи ту кам аст
Камтар аз гуфтаҳои эшон нест.

* * *

Агар Зӯҳра шунидӣ бонги чангат,
Рубобу уди худро бо ту медод.
В-агар будӣ нае бар расми тӯҳфа,
Ба нохунҳои ту най мефиристод.

* * *

Ба мо он сӯфии бубридабинӣ
Ба ғайр аз иззу мискинӣ надорад.
Нашояд чурми худбинӣ бар ӯ баст,
Ки он бечора худ бинӣ надорад.

* * *

Хостам аз ходими матбах ҳисоб
Баррае, к-он кушту бар сепоя бурд.

Гуфт: бар расми фидо, к-он суди туст,
Ҳашви он ҳамсояи бемоя бурд.
Пияву гурда Ҳоҷӣ Саққо гирифт.
Ширдонро гандапир он доя бурд
Гуфтамаш: дилро куҷо бурдӣ, ки нест?
Гуфт: дилро духтари ҳамсоя бурд.

* * *

Боғест пур аз гули маъонӣ
Девони Камол, тозааш дор.
Шеъри дигарон чу хори уштур,
Пиромуни ӯ ба ҷои девор.
То сунбулу наргисаш начинанд
Дуздони гули риёзи ашъор.

* * *

Ҳафт байт омад ғазалҳои Камол,
Панҷ ганҷ аз лутфи он ушри ашир.
Ҳафтбайтиҳои ёрон низ ҳаст,
Ҳар яке поку равону дилпазир.
Лек аз ҳар ҳафташон ҳақ карданист
Чор байт аз аввалу се аз ахир.

* * *

Ҳофизи некхони некнавис,
Ҳар кӣ ҳақ гӯядат шунав суханаш,
Чангро беш бар капор мазан
Ба сари худ, ки бар заминназанаш.

* * *

Дӣ азизе ба Алоуддин гуфт,
Ки аз ин нукта шудастам ғамнок.
К-он ки ҳофиз набувад хок хӯрад,
Ҳама аъзош чу афтад ба мағок.
Банда ҳам ёд бигирад Қуръон
То ки дар хок напӯсад тани пок.
Гуфтам: эй бандаи муқбил, ту матарс,
Ҳаргиз ангишт напӯсад дар хок.



* * *

Гила кардӣ, ки зи ранҷур накардӣ пурсиш,
Ту бипурс аз мани бедил, ки ба рӯзону шабон,
Мӯнисе нест маро дар бару машҳур аст ин,
Дилбаре ҳаст туро дар бару маъруф аст он.

* * *

Най ба овози уд гуфт нуҳуфт:
Ҳама чашмем, то бурун ой.
Уд ҳам гуфт: Ростӣ мо низ
Ҳама гӯшем то чӣ фармой.

## АЗ РУБОИЁТ

Гуфтам: мастӣ, гуфт, ки оре, ба худо,
Гуфтам: магузар, гуфт, ки бигзор маро.
Гуфтам: боз о, гуфт ки аз ман боз о,
Гуфтам: рафтам, гуфт: дигар боз маё!

* * *

Бо пистаи ширини ту шакар ҳеҷ аст,
Бо сунбули мушкини ту анбар ҳеҷ аст.
Гӯянд, ки ҳеҷ аст зи тангӣ даҳанат,
Ман ҳеҷ надидаам, сухан дар ҳеҷ аст.

* * *

То кай набувад бо дили ман тамкинат?
То чанд бувад ҷавру ҷафо оинат?
Пайваста ба кинаи дилам мепечад
Зулфайни хам андар хами чин бар чинат.

* * *

Гуфтам, ки чи резад зи лабат? Гуфт, ки қанд,
Гуфтам, ки чи хезадат зи мӯ? Гуфт: Каманд.
Гуфтам, ки бифармо сухане? Гуфт: Хамӯш,
Гуфтам, ба шакарханда дароо, гуфт: Маханд!

* * *

Гуфтам, ки ба рӯят чӣ кунам? Гуфт: Назар,
Гуфтам, ки ба кӯят чӣ кунам? Гуфт: Гузар.
Гуфтам, ки ғамат чанд хӯрам? Гуфт: Мах(в)ар,
Гуфтам: чӣ бувад чораи ман? Гуфт: Сафар.

* * *

Қавлу ғазале. ки дил рубояд ҳамаро,
Чангат ба усули чап сарояд ҳамаро.
Чанги ту ба чанги зулфи хубон монад,
З-он рӯ ки шикастанаш хуш ояд ҳамаро.

* * *

То фикрати ман ниҳод буньёди сухан,
Обод шуд аз ман тарабободи сухан.
Мехост сухан зи дасти бетабъон дод,
Додам ба ишорати хирад доди сухан.

* * *

Хатти ту ки хонанд хати райҳонаш,
Сунбул накашад сар зи хати фармонаш.
Гар дар рухи ту кач нигарад сурати Чин,
Наққош ба ангушт кашад чашмонаш.

* * *

Э ёри латифи дилситони нозук,
Қаймоқу асал биёру нони нозук.
Қаймоқ зи лутфи орази ҳамчун шир,
Нону асал аз лабу даҳони нозук.

* * *

Ҳаргиз накашидам он сари зулф ба хам,
Чун дол ба дасти хеш, илло ба қалам.
То абрӯи ту нуну даҳонат мим аст,
Чашмам зи хаёли ҳар ду бошад пурнам.



* * *

Э сарв, туро агарчи тӯбо хонем,
Аз саркашият ба чои худ биншонем.
Бо қомати ӯ чанд кунӣ нисбати хеш,
Мо асли туву фаръи ту некӯ донем.

* * *

Дӣ аз сари асп, э қамари хонанишин,
Гар з-он ки фитодӣ, кӣ кунад айби ту зин
Ту барги гулию аспи ту боди сабост
Аз боди сабо барги гул афтад ба замин.

* * *

Гар гул на ба хидматат зи чо бархезад,
Бахри заданаш боди сабо бархезад.
Пеши қади ту сарви саҳиро дар боғ,
Чандон ки нишонанд: ба по бархезад.

* * *

Бо қоматат, эй лоларухи савсанбӯй,
Аз чой равад чу об сарви лаби чӯй.
Пеши рухи ту зи силии боди сабо,
Гулро ба тапонча сурх медорад рӯй.

* * *

Мо рӯи ту бинему набинем ба моҳ,
То рӯи ту бинему набинем ба моҳ.
Роҳе ки расонад ба ту моро шаби васл,
Бо рӯи ту бинему набинем ба моҳ.

* * *

Кас хубтар аз ту дар чаҳон мумкин нест,
Бас хубтар аз ту дар чаҳон мумкин нест.
Гар хубии моҳпайкарон бадмеҳрист,
Пас хубтар аз ту дар чаҳон мумкин нест.

## ФАРДҲО

Турки оҳучашмам, эй оҳуи чашмат шергир,
Сайди оҳуи туам, бар сайди худ оҳу магир.

* * *

Зи чист қаҳқаҳаи шишаҳои май, донӣ?
Ба риши мӯҳтасиби шаҳр мекунад ханда.

## МАҒРИБӢ

*Мулло Муҳаммад Ширин Мағрибӣ аз шоирони намоёни мутасаввифи асри XIV буда дар Ноини Исфаҳон зоида шудааст. Вале бештари умри худро дар Табрез гузаронда бо Камоли Хуҷандӣ дӯстӣ доштааст. Ӯ соли 1405 ё 1407 (807 ё 809 ҳиҷрӣ) вафот кардааст. Қабраш дар Истаҳбоноти Форс аст.*

*Мағрибӣ аз худ девони комиле боқӣ гузоштааст, ки дар он ашъори ба ду забон (арабӣ ва форсӣ) сурудаи ӯ ҷой дода шудаанд. Девони шоир соли 1336 ҳ. дар Теҳрон ба чоп расидааст, ки асосан қасидаву ғазал, тарҷеъот ва қитъаву рубоиро фаро мегирад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Май ҳадисе аз лаби соқӣ ривоят мекунад,
Бо дил аз сармастии чашмаш ҳикоят мекунад.
Аз ҳадиси мастии чашмаш дилам сармаст шуд,
Қиссаи мастон магар то чун сироят мекунад?
Дар бидоят дошт ҷонам мастие аз ҷоми пеш,
Дар ниҳоят з-он сабаб майли бидоят мекунад.
Дасти зулфаш гашт дар тороҷи мулку ҷони зор,
Ин татовул бин, ки дар шаҳру вилоят мекунад.
Шукрҳо дорад дилам аз лаъли шаккарбори ӯ,
Гарчи аз зулфи парешонаш ҳикоят мекунад.
Хотири шӯридагони зулфи ӯ аз ғамзааш
Гоҳ барҳам мезанад, гоҳе риоят мекунад.
Чашми масти дилнавозаш бин, ки дар мастии хеш
Ҷониби дилро риоят то чи ғоят мекунад?
Он кифоят бин, ки пеши хидмати ҷонон ба сидқ
Ҳар кӣ якдил мебарад сад ҷон кифоят мекунад.
Ҳар касе доранд аз баҳри ҳимоят ҳомие
Мағрибиро чашми масташ, бин, ҳимоят мекунад.

* * *

Аз хонақаҳу савмиаву мадраса растем,
Дар кӯи муғон бо маю маъшуқа нишастем.

Саҷҷодаву тасбеҳ ба як сӯй фигандем,
Дар хидмати тарсобача зуннор бибастем.
Дар мастабае хирқаи номус даридем,
Дар майкадаҳо тавбаи солус шикастем.
Аз донаи тасбеҳи шумурда бираҳидем,
В-аз доми салоҳу вараъи зӯҳд биҷастем.
Дар кӯи муғон нест шудем аз сари мастӣ,
Чун нест шудем аз ҳама ҳастӣ, ҳама ҳастем.
Мо масту харобему талабгори шаробем,
Бо он ки чу мастему харобему чу пастем.
З-ин пас маталаб ҳеҷ зи мо донишу фарҳанг,
Эй оқили ҳушьёр, ки мо ошиқи мастем.
Алминнаталиллаҳ, ки аз он нафсфиристе
Растем ба кулливу кунун порапарастем.
То Мағрибӣ аз маҷлиси мо рахт ба дар бурд,
Ӯ буд ҳиҷоби раҳу то рафт бирастем.

* * *

Санамо, ҳар нафасе бар гузарат мебинам,
Бар дилу дидаву ҷон ҷилвагарат мебинам.
Гарчи сад бор кунӣ ҷилва маро ҳар нафасе,
Лек ҳар лаҳза ба ҳусни дигарат мебинам.
Гоҳ аз боди сабо бӯи хушат мешунавам,
Гоҳ ҳамроҳи насими саҳарат мебинам.
Гарчи аз манзили худ ҳеҷ бурун мен-ой,
Лек пайваста чу маҳ дар сафарат мебинам.
Доим аз ғояти пайдоии худ пинҳонӣ,
Гарчи тобандатар аз моҳу хурат мебинам.
Туй нури басарам, гарчи ниҳон аз басарӣ,
З-он ки дар дида чу нури басарат мебинам.
Ғоиб аз дидаи мой ту ба сад кисвати хуб,
Ҳар замоне гузарон бар назарат мебинам.
Мағрибӣ аз малаку аз фалакӣ болотар,
Гарчи доим ба либоси башарат мебинам.

## АЗ РУБОИЁТ

Хуррамтарабу нишоту айшоғозам,
Худро ба хароботи муғон андозам.
З-он ҷо ба қиморхона роҳе созам,
То ҳар чӣ маро ҳаст ба кул дарбозам.



* * *

Ман донаи холи зулфи чун доми туям,
Ман ойинаи рӯи дилороми туям.
Паймонаи бодаи ғаманҷоми туям,
Ҳам ҷоми ҷаҳоннамою ҳам ҷоми туям.

* * *

Ҳар нағма, ки аз ҳазордастон шунавӣ,
Онро ба ҳақиқат аз гулистон шунавӣ.
Ҳар нола, ки аз бодапарастон шунавӣ,
Он мегӯяд, вале зи мастон шунавӣ.

* * *

Нобурда ба субҳ дар талаб шоме чанд,
Нанҳода бурун зи хештан гоме чанд,
Дар кисвати хос омада оме чанд,
Бадномкунандаву накӯноме чанд.

## АБУИСҲОҚИ АТЪИМА

*Ҷамолиддин Абӯисҳоқ Ҳаллоҷи Шерозӣ, маъруф ба Бусҳақ ва Атъима аз сухансароёни охири асри XIV ва ибтидои асри XV мебошад, ки касби ҳаллоҷӣ доштааст.*

*Абӯисҳоқ аввалин суханварест, ки аз мавзӯъҳои маъмулӣ-анъанавӣ канора ҷуста, ба сурудани мавзӯъҳои тозаи ҳастии замони худ, пеш аз ҳама ба тасвири аҳли меҳнат ва касаба камар бастааст.*

*Соли вафоти шоир 1423 ё 1433 (827 ё 837 ҳиҷрӣ) аст.*

*Мероси адабии шоир аз рӯи девони чопи Истанбулиаш (1303 шамсӣ) аз назм ва наср иборат буда, «Канз-ул-иштиҳо», қасоид, тарҷеъбанд, маснавии «Асрори ҷангол», ғазалиёт, муқаттаот, рубоиёт, фардиёт, достони «Музаъфар ва буғро» ва ғайраро фаро мегирад.*

### АЗ ҚАСОИД

Мактубе аз гулоҷ ба шаккар навиштаанд,
В-аз қанди коғазӣ ба музаъфар навиштаанд.
Таҳсини нонпазони Самарқанд кардаанд,
К-эшон ҳадиси кок ба минбар навиштаанд.
В-он хатти хурди зираи Кирмон ғуборвор,
Бар орази калича чӣ дарх(в)ар навиштаанд.
Дар тоси сим сурати ҳалво кашидаанд,
Алқоби нукл бар табақи зар навиштаанд.
Аз мушку қанду равғану бодому тухмакон
Ин рамз бар тарак ба хате тар навиштаанд.
К-аз баҳри ларзаи таби полудаи асал
Таъвизи чашмзахм ба шаккар навиштаанд.
В-аз баҳри ҳазми меъда хавоси давоъмушк
Бар қурси ӯду ҳабби муанбар навиштаанд.
Чун барф ваҷҳи шарбати ҳаммози мо гудохт,
Нору наботу қанд муқаррар навиштаанд.
Дӯшизагон, соқиарӯсон ба мушки ноб
Асрори баста бар сари миъҷар навиштаанд.



Обистанони ҳуҷлаи лавзина лофи қанд
Баҳри алам ба риштаи чодар навиштаанд.
Дар покии таҳорати хотуни обгӯшт,
Ёрони кандахӯр ҳама маҳзар навиштаанд.
Васфи биринҷи зарду хати сабзи мостбо
Бар наргисӣ чу лолаи аҳмар навиштаанд.
По дар ҳавост мурғу биринҷам чӣ ваҷҳи он,
Бар боли қозу кабку кабӯтар навиштаанд.
Як-як сифоти пайкари буғрои ҳайдарӣ
Оҳангарон ба сунҷи ду пайкар навиштаанд.
Рамзе, ки қальяи газараш бо пиёз буд
Дар кашкбо ба барги чуғундар навиштаанд.
Сӯзи даруни сих кабоби ҷигар ба рез
Мастони албарез ба соғар навиштаанд.
Бар нӯги сих сирати хогина ҳарф-ҳарф
Мурғони матбахам ҳама бар пар навиштаанд.
Нури саводи нусхаи хуршед, нони пахн,
Бар гирди хони чархи мудаввар навиштаанд.
Ваҷҳи тариди саҳни зарандуди хони мо
Бар симкосаи маҳи анвар навиштаанд.
Вассофи ҳусни дунбаи бирьён ба хатти сабз,
Хуш бар баёзи чеҳраи кангар навиштаанд.
Хатти ҷабини калла надонӣ ҳақиру хурд,
К-асрори рӯзии ту бар-он сар навиштаанд.
Бусҳоқ, шеъри қальябиринҷат қаландарон
Дар такья бар китобаи лангар навиштаанд.
Сад офарин ба меваи боғи табиатат,
К-ин нозукиву лутф ба он барнавиштаанд.

* * *

Кардаам тарки музаъфар зи барои кичрӣ,
Ба Ҷарун меравам, акнун ба ҳавои кичрӣ.
Ҷомае чанд нав аз атласи нони лорӣ,
Хос дар бор ниҳам баҳри қабои кичрӣ.
Барканам кӯҳнагилеми сиях аз мошу биринҷ,
Ки бад-он ришта тавон дӯхт абои кичрӣ.
То ниҳад косаи равған, кичрӣ бар сари худ
Шӯрмоҳӣ биниҳад рӯй ба пои кичрӣ.
Накунад майли муфарраҳ зи паи қальябиринҷ
Ҳар кӣ танбӯл бихояд зи қафои кичрӣ...

Занҷабили тару лимуву намак хӯрда шуданд
Ёри очор ба ночор барои кичрӣ.
Агар аз ҷаннати фирдавс биёранд таом
Пеши асҳоби Ҷарун нест варои кичрӣ.
Ман надонам, ки зи зунночу мубору сухту
Худ кадомӣ бибарам бахри атои кичрӣ.
Чӯбаш аз найшакару саралам аз шохи набот,
Парчамаш кандаи қанд аст ливои кичрӣ.
Гар ба сад тангаи буғро ҳабашӣ бифрӯшӣ,
Тимри ҳиндӣ наситонанд баҳои кичрӣ.
Дардҳое, ки дилам дошт зи кочиву адас
Шукр,
к-охир бирасид он ба давои кичрӣ.
Кичрӣ гар бизанад наъра ба саҳни чинӣ
Кар шавад каллаи бирьён зи садои кичрӣ.
Эй кадак
сиху гилеми ту ба ҳоҷат бибаранд
Гар шавад номи бузурги ту гадои кичрӣ.
Наргисӣ лоф чӣ аз ҷомаи зарбафт занад,
Лубиёӣ чу надорад зи сахои кичрӣ.
Нолаи зеру бами қалья чи гар нағмасарост,
Нест он парда ба гӯшам чу навои кичрӣ.
Бурқаи нон-чу барафтод зи рӯи нахӯдоб,
Бар ҷабинаш арақ омад зи ҳаёи кичрӣ.
Қанди Бусҳоқ
агар аз Форс ба дарьё афтад,
Мавҷи шарбат биканад бехи сарои кичрӣ.
Агар аз хиттаи Лорам умаро бинвозанд,
Мидҳати моҳива гӯям ба азои кичрӣ.
Қалами мӯ ҳама дар пашмаки қандӣ бандад,
Дасти табъам чу шавад чеҳракушои кичрӣ.
Шаҳи Ҳурмуз карами ваҷҳи музаъфар бахшид,
Гузаронам зи фалак мадҳу санои кичрӣ.
В-аз паи макрамати хусрави аҳд, осафи мулк
Табақе дур ниҳадам пеш ба ҷои кичрӣ.
В-агар ашрофу акобир бирасонанд зи ҷӯд
Шоири Атъимаро ҷойзахои кичрӣ.
Бозам аз суфраи худ як ба як аз хосу авом,
Хӯрдае дар назар оранд хӯрои кичрӣ...
Баҳри мадҳи кичрӣ соҳилу поёнаш нест,
Мекунам хатми сухан ҳам ба дуои кичрӣ.
То бувад қурси хуру нони маҳу хони фалак
Бод, бар суфраи айём бақои кичрӣ!



## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Магар ки шамъи музаъфар даромад аз дари мо,
Ки барфурӯхт аз он кулбаи муҳаққари мо.
Зи покбозии қандам хуш омад ин маънӣ,
Ки кард хӯрдаи худ дар сари музаъфари мо.
Ҳариса гуфт ба равған, ки мерасем ба ком,
Кунун ки сояи нон уфтод бар сари мо.
Чунончи сурати моҳича менамояд рӯй,
Ҷамоли ӯ наравад ҳаргиз аз баробари мо.
Чу дар паноҳи панирему сояи гирду,
Ба ғайри нони ҷаву ришта нест дарх(в)ари мо.
Агарчи ҳаст кабар аз акобири сари хон,
Чӣ хор мехӯрад аз рашки ҷоҳи кангари мо.
Аз он ки чарбзабон аст килки ширинам,
Ба сони коғази ҳалво шудаст дафтари мо.
Ҳасуди кандахӯр ар дунба дар миён орад,
Набошадаш нахӯде чарбии чуғундари мо.
Шамими қалья дамад то қиёмат, эй Бусҳоқ,
Зи ҳар гуле, ки дамад аз гили муаттари мо.

* * *

Мекашад кашкак ба чарбӣ ҳар замон муштоқро,
Мебарад пашмак ба ширинӣ дили ушшоқро.
Ҳар замон аз нофаи гипои пурдоруи гарм
Мерасад бӯеву мушкин мекунад офоқро.
Ҳалқачӣ бар ҳайати санбӯса ҳасташ нисбате,
Аз барои он ки бошад ҳалқаи ҳар тоқро,
Бо вуҷуди он ки дорад навъи захре бӯи сир
Мебарад дар саҳни бӯрак обрӯ тарьёкро.
Мост худро мекашад то ҳалқа гардад рӯсафед,
Гӯ, биё ҳалвову бингар дар ҷаҳон ашфоқро.
Бо вуҷуди соиди соқиарӯсон баъд аз ин,
Ман нагирам дасти ҳар маҳрӯи симинсоқро.
Ширу шаккар буд қути тифли табъаш дар азал,
Лоҷарам, шеърест чун ширу шакар Бусҳоқро.

* * *

Айби кочӣ макун, эй бӯраки покизасиришт,
Ки хамираш ба фатири ту нахоҳанд сиришт.
Ту агар тухми гиё кориву мо сиру пиёз,
«Ҳар касе он даравад, оқибати кор ки кишт?»

Ба қатоиф натавон гуфт, ки ӯ дӯшобест,
«Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт?»
На манам дар талаби нон, ки зи бахри гандум
«Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт»
То қазо сӯзани моҳича ба сарсуфра ниҳод,
Хеч кас ҳамчу ман ин риштаи борик нарешт.
Сангреза бираву гилкашу чангол бимол
Ҳар кӣ ин роҳ бубандад ба шикам гӯ сару хишт?
Нофи Бусҳоқ магар қобила бо ришта бурид,
Ё падар мавлиди ин нутфа ба тутмоч навишт.

* * *

Дар шеъри ман аз он ҳама зикри музаъфар аст,
«К-аз харҷӣ меравад сухани дӯст хуштар аст».
Бӯи кабоб мерасад аз матбахам ба дил
«Пайғоми ошно нафаси рӯҳпарвар аст».
Дар қалья нест ҳоҷати марвориди наҳӯд,
«Маъшуқи хубрӯй чӣ муҳтоҷи зевар аст?»
Дар интизори ҳалқаи занҷир, ҳалқачӣ
«Асҳобро ду дида чу мисмор бар дар аст».
Лавзина моҳиест, ки дар доми ришта шуд
Ё тӯтие чу мост, ки дар банди шаккар аст.
Хурмову мост даст дар оғӯш кардаанд,
В-аз хор фориғанд, ки дар пои кангар аст.
Бусҳоқ, нисбати сухани худ макун ба қанд,
Аз баҳри он ки шеъри ту ғайри муқаррар аст.

* * *

Хеч неъмат чун биринҷи зард нест,
Хеч шарбат ҳамчу оби сард нест.
Гар ғуборе ҳаст ҳалворо зи қанд,
Дар миёни нону бирьён гард нест.
Гарчи бурак доғдори қалья шуд,
Лек ҳамчун қалья соҳибдард нест,
Ҳаркӣ рӯзе каллае танҳо нахӯрд,
Дар миёни лутхорон мард нест...
Ҳолиё мустағриқи лавзинаам,
Ардаву хурмо маро дарх(в)ард нест.
Гар мураккаб парвариш дар сирка ёфт,
Ҳамчу боланги асалпарвард нест.
Байти Бусҳоқ аст чун санбӯса тоқ,
З-ин ҷиҳат чун шеъри ӯ як фард нест.



* * *

Машнав, эй нон, ки ба ҷуз дунба маро ёре ҳаст,
Ё ба ҷуз молиши чангол маро коре ҳаст?
Хостам пардаи нон аз сари зунноҷ кашид,
«То бидонанд ҳама халқ, ки зунноре ҳаст».
Чӣ аҷаб кангар агар ҳамнафаси бирьён шуд,
«Ҳама донанд, ки дар суҳбати гул хоре ҳаст».
Ҳаваси ришта-қатоиф на дилам дораду бас,
Ки ба ҳар ҳалқаи он дом гирифторе ҳаст,
Шарҳи нони тунук он нест, ки пинҳон монад,
«Достонест, ки дар ҳар сари бозоре ҳаст».
Бод бӯе саҳар овард зи гипову бибурд
«Оби ҳар тийб, ки дар таблаи атторе ҳаст».
Он кӣ манъам кунад аз ишқи тариду поча,
То ба хурдаш надиҳам бар манаш инкоре ҳаст.
Майли Бусҳоқ ба ин атъима бечизе нест
«Ғолиб-уз-занни ман ин аст, ки асроре ҳаст».

* * *

Аз бомдод дидани бӯрак футӯҳи мост
Имрӯз бӯи қалья, чӣ гӯям чӣ дилрабост?
Сад сиху кафча металабам баҳри ин қадаҳ,
Ин кафча аз кӣ ҷӯяму он сих то куҷост?
Имрӯз мурғу қанд дигар дар музаъфар аст,
Имрӯз зилла ҳарҷӣ бубандӣ зи хон равост,
То бӯстони суфра бино кард матбахӣ.
Сарве ба қадду қомати зунноҷ барнахост.
Он ёри тӯлахӯр, ки ба ман кандахор гуфт
Чун мостоба пухт, зи ман узрҳо бихост.
Кочихӯрони мулки Сифоҳон ба рӯзи ҳашр
Бошанд рӯсафед зи анвори нону мост.
Бусҳоқ, ёди суҳбати паплус намекунад,
Бо нони хос то бишуд ӯро нишасту хост.

* * *

Аз қалья дил ба хуни ҷигар баргирифтаем,
Ҷон додаему саҳни музаъфар гирифтаем.
Кардем тарки каллаи бирьён ҳазор бор,
Аз баҳри дунбааш ҳама аз сар гирифтаем.
То хӯрдаем қальябиринҷи қаландарон,

Чо дар вусоқи пири қаландар гирифтаем.
Мо дар ҳузури гирдаи гандум ҳазор бор
Бирьён ба роҳи сабзиву кангар гирифтаем.
Сад бор аз зари газару чавҳари нахӯд
Хотуни ришта дар зару зевар гирифтаем.
Қурси панир бар рухи нону чу офтоб
Гармо гирифтаем, чи дар х(в)ар гирифтаем.
Бусҳоқ, то ҳадиси ту шуд фош ҳамчу қанд,
Мо гӯшҳо зи шеър мукаррар гирифтаем.

* * *

Дӯш дар бозори нони гарму бирьён будаам,
Ҳамчу сабзӣ бар лаби он суфра тархон будаам.
Аз даҳонам бӯи мушк имрӯз меояд, ки дӯш
То саҳар ҳамзонуи соқиарӯсон будаам.
Гоҳ чун бодом бар полуда чашмак мезадам,
Гоҳ ҳамчун писта бо лавзина хандон будаам.
Мечакад оби ҳаёт аз меваи ашъори ман,
Гӯиё дар бӯстони обдандон будаам.
Гар мусулмонӣ, ҳамин тарки ғизоҳои хуш аст,
Қофирам, гар ман ба умри худ мусулмон будаам.
Солҳо аз баҳри кочӣ дар Сифоҳон гаштаам.
Қарнҳо аз баҳри буғро дар Хуросон будаам.
Дар ҷаҳон, Бусҳоқ, қуте чун нимишку қанд нест,
Бишнав ин аз ман, ки умре дар паи он будаам.

* * *

Қумочи гарму қурси нон маҳ аст он, офтоб аст ин,
Кабобу равғани сихак гул аст ону гулоб аст ин.
Ҳама шаб ришта мебинам, ки бар лавзина мепечад,
Чу дидам дар китоби нон, хаёл аст ону хоб аст ин.
Ба пири мостбо ҳардам, ҷавони қалья меҷӯшад,
Биринҷ ин узр меорад, ки шайх аст ону шоб аст ин
Аз ин сӯ қул-қули қалья в-аз он сӯ ҷаз-ҷази дунба,
Забони ҳарду медонам, савол аст он, ҷавоб аст ин.
Биёвар, шарбати қанду бигардон мурғ бар оташ,
Ба базми хусрави ҳалво, шароб аст он, кабоб аст он.
Чу нони паҳн мебинам, ки бар рӯ тухмҳо дорад,
Ба моҳишӯр мегӯям, ки об аст он, ҳубоб аст ин.
Бигӯ бо пири сухтупаз хабар бар пеши зуннoccурӣ,
Ки баҳри соябони нон, навор аст он, таноб аст ин.



Чу дидам ҷавҳари гипо даруни кони хокистар
Забони калла бо ман гуфт:
«Ганҷ аст он, хароб аст ин».
Арӯси шир бо анҷир зери пардаи ҷарба,
Гар аз Бусҳоқ, мепурсӣ ҷамол аст он, ниқоб аст ин.

* * *

Табақи паҳни фалак дидаму коси маҳи нав,
Гуфтам, эй ақл ба зарфи тиҳӣ аз роҳ марав.
Чарх гӯ, ин азамат чист чу натвон кардан,
Қурси хуршед, ту як рӯз ба ноне ба гарав.
Агарам гандуми буғро набувад, бифрӯшам
Хирмани маҳ ба ҷаве, хӯшаи Парвин ба ду ҷав.
Бар лаби арсаи хон шоҳи музаъфар зи нахӯд,
Байдақе ронд, ки бурд аз маҳу хуршед гарав.
Гар нихӣ шамъи музаъфар бари ҳалвои асал,
Аз ҷароғи ту ба хуршед расад сад партав.
Паст бар дунбаи бирьён зану яхнӣ бигузор,
Сухани пухта ҳамин аст,
насиҳат бишунав.
Тухм дар мазраи кочӣ ба ҳамин ният кор,
Ки аз он баҳра барад сӯхтае вақти дарав.
Косаи сар агарам хок шавад чун Бусҳоқ,
Бар лаби хон шунавӣ бӯи ма аз кӯзаи нав.

* * *

Фалаки харбузасон дидаму кӯҳи маҳи нав,
Гуфтам, эй ақл, ба ширинияш аз роҳ марав.
Ақди ангур ба даст ор, ки як дона аз он
Тоҷи Қовус надиду камари Қайхусрав.
Чашми бад дур зи анҷир чу ҳалво, ки бибурд
Бар табақ аз асалу донаи хашхош гарав...
То чу боланг мураббо нашавӣ, эй норинҷ,
Турушу талхи ту ширин нашавад,
ранҷа машав.
Дили пурхуни анор аз тамаи шафтолуст
Эй турунҷ, ин сухан аз рӯи ҳақиқат бишунав.
Гуфтам, эй дил, нарасидем ба зардолуву себ,
Гуфт бо ин ҳама аз харбуза навмед машав.

## ТАРҶЕЪБАНД

Оғози сухан ба номи бӯрак,
Бишнав ту зи ман паёми бӯрак.
Моҳича ба гӯш ҳалқа кардаст,
Яъне ки манам ғуломи бӯрак.
Чун сурхкумайти ҳалқа ҳаргиз
Аспе нарасад ба коми бӯрак,
Бағдоди харобат аз Хуросон,
Маъмур кунам ба номи бӯрак.
Дар тӯи даҳан, ки дори зарб аст,
Дандон сика зад ба боми бӯрак.
Махмури маҷилбои дӯшам,
Соқӣ ба ман ор ҷоми бӯрак.
Овардаам инак он чу Бусҳоқ
Бар назди шумо саломи бӯрак.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Баргир сари хамири тутмоч,
К-аз ҷон шудаам асири тутмоч.
Донӣ, ки нахӯд чӣ нуктаҳо гуфт,
Бо қимаи хӯрдагири тутмоч.
Аз равғани дунба гашт равшан
Дар саҳни қадаҳ замири тутмоч.
Дар матбахи ҷони мо гирифтаст,
Боз оташи дору гири тутмоч.
Дар локи нӯҳум фалак нагунҷад,
Як кафчаи кашку сири тутмоч.
То орд зи хумра боз барбаст,
Печон шудаам чу тири тутмоч.
Бусҳоқ чигуна назм кардаст
Ин луқмаи дилпазири тутмоч.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Ман шарҳ диҳам баёни ришта,
Акнун бари ошиқони ришта.
Гӯӣ ту ки риштае зи ҷон аст,
Гар нек расӣ ба ҷони ришта.
Як ҳалқаи ҳалқ нест холӣ



Дар даҳр зи ресмони ришта.
Пурравғани сабзранг дидам
Пиромуни бӯстони ришта.
Донӣ, ки чӣ фитна мекунад боз
Он кӯфта дар миёни ришта?
Бар қалъаи дунба мешудам дӯш
Ҳар лаҳза ба нардбони ришта.
Ҳаргиз накунад касе дар офоқ
Бусҳоқсифат баёни ришта.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Додем салои сангреза,
Бишнав ту навои сангреза.
Аз атласи сурхгӯшт дидам
Ман дӯш қабои сангреза.
Аз шарм ба рӯ кашида қима,
Хушвақт ҳаёи сангреза.
Дар равғани хуш нахӯд муқашшар
Кардем барои сангреза.
Моро ҳама равған аст баҳра
Ҳардам зи сахои сангреза.
Дурдасти расул мешуниданд,
Асҳоб санои сангреза.
Бусҳоқсифат шавед машғул
Доим ба дуои сангреза.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Эй воқифи ҳоли риштапулов,
Бишнав, ту камоли риштапулов.
Борик ба чархи коса дидам
Ман, дӯш ҳилоли риштапулов.
Аз матлаи саҳн рӯй бинмуд
Хуршед ҷамоли риштапулов.
Дар мадрасаи вуҷуд мегуфт
Дил қолу мақоли риштапулов.
Аз дафтари нони паҳн мегир,
Эй гурсна, фоли риштапулов.
Бар табли шикам задем мо боз

Имрӯз даволи риштапулов.
Харгиз напазад касе чу Бусҳоқ
Дар даҳр хаёли риштапулов.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Инҳо бари шоҳи чӯшбарра
Ҳастанд сипоҳи чӯшбарра.
Ин чархи исобашакл дарзест
Аз тарфи кулоҳи чӯшбарра.
Дӯш аз уфуқи қадаҳ баромад
Рухсор чу моҳи чӯшбарра.
Аз тезии теғ дунба мешуд
Ҳардам ба паноҳи чӯшбарра.
Ин тазлақи шӯрбо, ки бошад
Бо мансабу чоҳи чӯшбарра.
Номаш мабаред холабибӣ.
Он косасиёҳи чӯшбарра.
Ин савту ғазал, чи гуна Бусҳоқ
Гуфтаст барои чӯшбарра.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Дил гашт зи чон кабоби манту,
Шуд хонаи тан хароби манту.
Ҳар ош ба об метавон пухт,
Лекин арақ аст оби манту.
Ин турфа, ки ҳафт хона дорад
Бар оби равон ҳубоби манту.
Шуд мағриби чашми мо мунаввар
Аз қуббаи офтоби манту.
Чун ҳалқаи дил ҳазор ҳикмат
Дорад ба миён чаноби манту.
Чун кандахӯрон ба рӯи коранд
Бар қима фиган ниқоби манту.
Бусҳоқсифат касе нагӯяд
Як байт чунин зи боби манту.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.



Акнун бишунав қарори кочӣ,
Эй ошиқи дӯстдори кочӣ,
Ганчинаи чашми хеш пур кун
Аз нақди нақӯи ёри кочӣ.
Сад тухми чиҳилгиё бирӯяд
Ҳар лаҳза ба киштзори кочӣ.
Обаш ҳама равған асту дӯшоб
Он курзаи киштукори кочӣ.
Сад чӯй зи чашми мо равон аст,
Аз ҳасрати марғазори кочӣ.
Дар даври шумо ба мост гардид,
Дар хонаи мо мадори кочӣ.
Бусҳоқ ба тухми сир корад,
Пиромуни чӯйбори кочӣ.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

Чон аст ҳазини ордравған,
Дандонст ба кини ордравған.
Бар абраши хушрави музаъфар
Бастем качини ордравған.
Аз гӯшаи чон камин кушодаст
Ақлам ба камини ордравған,
Ин ҳучраи хона нест маъмур,
Бе шоҳнишини ордравған,
Мекан сари кутҳо, ки хӯрдӣ
Мӯҳраш ба нигини ордравған.
Он тухми муҳаббати дили мост,
Ё холи чабини ордравған.
Чун шаҳду шакар шудаст Бусҳоқ
Пайваста қарини ордравған.

Эй гурсинагони суфрапардоз,
В-эй сӯхтагони оташи оз.

### АЗ МУҚАТТАОТ

Биринч бо ҳабашӣ дӯш гармие карданд,
Чунончи қалья ҳанӯз аз дари мақолот аст.
Бихонд нони тунук дар мазаммати ҳабашӣ

Ду мисрае, ки дар он чо басе далолот аст:
«Гилеми бахти касеро, ки бофтаанд сиёҳ
Сафед кардани он навъе аз маҳолот аст».

* * *

Мехӯрд адас ғам, ки чаро гӯшт надорам?
Ин аст, ки касро ба манаш тақвияте нест.
Қочӣ чу шунид ин сухан аз сӯзу сари дард,
Гуфто, ки: «Яқин шуд, ки туро маърифате нест».
Дарвеш, ту худ маслиҳати хеш, чӣ донӣ,
Хуш бош, гарат нест ки бе маслиҳате нест».

* * *

Сабоҳӣ дар дуконе ширдоне
Расид аз дасти гипое ба дастам,
Бад-ӯ гуфтам, ки: «Бирьён ё кабобӣ?
Ки аз бӯи диловези ту мастам?»
Бигуфто: «Пораи ишканба будам,
Валекин бо биринчу нон нишастам».
«Қамоли ҳамнишин дар ман асар кард»,
Ва-гарна он каминам ман, ки ҳастам.

* * *

Саҳаргоҳ аз барои шебу боло,
Қадак мекард бо гипо муҳоко.
Аз он савдо сари бирьён барошуфт,
Забон бикшоду зери лаб ҳамегуфт:
«Ҳар он кеҳтар, ки бо меҳтар ситезад,
Чунон афтад, ки ҳаргиз барнахезад».

* * *

Сабоҳам, яке кочӣ овард пеш,
В-аз он хашм баррафт дудам ба сар.
Аз он кин, чу аз хона берун шудам,
Ба меҳмониям хонд, ёри дигар.
Чу рафтам адас буду нони чавин
Ба ёд омадам он чи гуфтӣ падар:
«Ба ҳар ҳол мар бандаро шукр беҳ,
Ки бисьёр бад бошад, аз бад батар».



* * *

Миёни мурғу мазаъфар чу ҳалқачӣ биниҳод
Зи шеъри Шайх, маро ин ду мисраъ омад ёд!
«Чӣ хуш бувад ду дилором даст дар гардан
Баҳам нишастану ҳалвои оштӣ хӯрдан».

* * *

Пеш аз ин, к-аз мазраи даврон маро,
Ғаллае аз ҳар каноре омадӣ.
Дар вусоқам бӯраке рафтӣ се бор,
Чун бигӯям лӯтхоре омадӣ.
Нонхӯриш қадреву микдоре набуд,
К-ӯ ба хонам дар шуморе омадӣ.
Мондааст акнун ба ман з-он чо сабӯс
«Ҳам намондӣ, гар ба коре омадӣ».

* * *

Дар мисри сухан чун биништастам ба фасоҳат,
Бишкаст зи қанди суханам қиммати ҳалво.
Назди шуаро хоки иборат чу кашидам,
Гуфтанд дар ин суфра ту дорӣ «Яди байзо...»

* * *

Бо мағзи калла гуфтам, эй қуввати дили ман,
З-ин пардаат ба ҳилат хоҳам бурун кашидан.
Мағз аз сари иродат гардан ниҳоду гуфто:
«Аз ту яке ишора аз мо ба сар давидан».

* * *

Наргис, ки чаман аз рухи ӯ гашт мунаввар,
Гӯянд, ки дорад табақе сим пур аз зар,
Дар дидаи Бусҳоқ, на зар дораду на сим,
Шаш нони тунук дораду як саҳни музаъфар.

## АЗ РУБОИЁТ

Мискиншикаме, ки бе музаъфар бошад,
Ҳамчун хабашӣ, дилаш мукаддар бошад.
Бар хони вай ар чи нони чун х(в)ар бошад,
Он нон чӣ кунад, ки бе музаъфар бошад.

* * *

Мегуфт барадунбае аз сӯзу гудоз,
Бо гурснаи сӯхта аз оташи оз,
Чун қальябиринҷ хаст, зунноҷ биҳил.
«Дар айши хуш овез, на дар умри дароз».

* * *

Айше, чӣ хуш аст бӯраку қальяпиёз,
Умрест дароз қадди моҳича ба ноз.
Гар ҳарду баҳам ҷамъ кунӣ дар як хон
«Ҳам айши хушат бошаду ҳам умри дароз».

* * *

То ҳафтаву сол бошаду лайлу наҳор,
Даҳ чиз ба хонаи ту бодо бисьёр:
Нону асалу равғану дӯшобу биринҷ.
Мухсиру қадиду дунбаву пиву мубор.

* * *

Эй ришта бидон, ки домани тар дорӣ,
Аз ин қатиқи ғӯра, ки дар х(в)ар дорӣ.
То кай гӯй, ки қима дар сар дорам,
Ҳам бар сари он равӣ, ки дар сар дорӣ.

* * *

Бо қалья забони рост мебояд гуфт,
Бо ришта ҳадиси мост мебояд гуфт,
Дар ҳазрати сухтуву ҳадиси зунноҷ,
Аҳволи мубор рост мебояд гуфт.



## АЗ ФАРДИЁТ

Даст бо шоҳиди бирьён чу ба гардан нарасад,
«Ҷорае нест ба ҷуз дидану ҳасрат хӯрдан».

* * *

Дар меъдае, ки мост бувад, бори сирка нест,
«Ғавғо бувад ду подшаҳ андар вилояте».

* * *

Риштахорон назар ба дунба кунанд,
Мо тафарруҷкунони бирьёнем.

* * *

Гуфто, ки латифа гӯй:— Гуфтам, «Ҳалво».
Ширинтар аз ин латифа натвон гуфтан.

* * *

Ҳар он сухту, ки бо гипо ниҳодем,
Ту зебо бин, ки мо зебо ниҳодем.

* * *

Кочӣ намонду қоидаи зишт аз ӯ бимонд,
Бӯрак бимонду номи накӯ ёдгор кард.

* * *

Ман он чи васфи таом аст бо ту мегӯям,
«Ту хоҳ аз суханам панд гиру хоҳ малол».

* * *

Ҳаргиз надиҳад пиёз бӯи гули сурх,
«Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст».

* * *

Гузашт умр ба зикри музаъфару ҳалво,
«Бувад, ки боқии умрам ҳам инчунин гузарад»

## АЗ «АСРОРИ ЧАНГОЛ»

**Мавлоно Начмӣ фармояд:**

Дар канори сабзае соҳибдиле
Мегузашт, афтод ӯро мушкиле.

**Дар ҷавоби ӯ:**

Бар канори суфрае соҳибдиле
«Мегузашт, афтод ӯро мушкиле».
Лӯтхӯрон дид пиромуни хон,
Мурғу мокуту музаъфар дар миён.
Қалья пеши мостбо бинҳода сар,
Нону бирьён даст бо ҳам дар камар.
Дар миён куте ба ҳам баргашта буд,
Қ-аз баёнаш ақли кулл саргашта буд.
Ачнабӣ афтода бар хоне чунон,
Чун фақире дар миёни мунъимон.
Паҳн будӣ як замон дар рӯи саҳн,
Гирд гаштӣ дар миёни нони паҳн.
Чарбу ширин буду аз ҳалво набуд,
Пояш аз сар, сар зи по пайдо набуд.
Сар ба сар ачзои ӯ пурустухон,
Равғанаш рафти чу хон андар рукон.
Чарбу гарму нарму хушхор омада,
Маҳрами ҳар соҳибасрор омада.
Марди соҳибдил дар он асной ҳол
Кард аз тартибу таркибаш савол.
Гуфт: «Аслам равғану хурмову нонст,
Завқи ширинии ман дар ҳар даҳонст,
Орд равған чун ба минвол омадаст,
Номи ман аз ғайб «чангол» омадаст».
Марди маънӣ чун аз ӯ бишнид роз:
Гуфт: «Як-як ҳоли худ гӯед боз».

* * *

Аввало, хурмо сухан сар боз кард,
Саргузашти хештан оғоз кард.
Гуфт: — Бар нахлам чу баргу соз буд,
Чашмҳо бар манзари ман боз буд,
Парвариш меёфтам аз моҳу х(в)ар,
Абру бодам буд фаррошони дар,
Сабзу сурху зард пӯшидам либос,
В-аз сияҳкорӣ бипӯшидам палос,



Арраи қаҳрам қазо бар сар бихост,
Ончунон, к-андар тани ман ҷон бихост.
Аз сари нахлам ба шеб андохтанд,
З-он фарозам бар нишеб андохтанд.
Ҳар замонам ҳамнишине дигар аст,
Оби хӯрдам аз замине дигар аст.
Дар сафар бо гирдаконам ҳамҷувол,
Мекашам аз кул-қули ӯ қилу қол.
Харра дар анбона дорам ҳамнафас,
Зоғу булбул чун бувад дар як қафас?!
Гаҳ гилеми арда мегирам ба дӯш,
Гоҳ дорам фӯтаи нон ситрипӯш.
Як замонам чарба омад ҳамнишин,
Соате бо ширу анҷирам қарин.
Гаҳ панири кисаам гирад ба бар,
Гоҳ аз он гираам ларзад ба сар.
Дар миёни шираам мепарваранд,
Бо биринчу шир низам мех(в)аранд.
Ногаҳон дар деги ҳалвоӣ шудам,
Баъд аз он дӯшоби хурмоӣ шудам.
Ин замон дар дасти чанголам асир,
Мехӯрам молиш зи ҳар барнову пир,
Чанги чанголӣ маро дорад ба даст,
Гӯшмолам медиҳад ҳарҷо, ки ҳаст.

## ШАРҲИ ҲОЛИ РАВҒАН

Равған омад аз паи ӯ дар мақол,
Як ба як мегуфт бо ӯ шарҳи ҳол.
Гуфт: — Будам дар миёни фарсу дам,
Дар миёни гӯсфандони ҳашам.
Ҳар замон дар сабзае гардидаме,
Ҳар гуле аз марғазоре чидаме.
Доям дӯшид аз пистони меш,
Дар дамам бегона кард аз ёри хеш.
Моям бинҳод миқдоре, ки хост,
Шир будам, баъд аз онам кард мост.
Дар миёни машк бозам маска кард,
Бар сарам бигзашт чандин гарму сард.
Он замон дар маърази оташ шудам,
То зи дурде софеву беғаш шудам.

Муддате дар хик афтодам ба банд,
Тоза мебудам ба бӯи гӯсфанд.
Гоҳ дар кочӣ шудам, гаҳ дар умоч,
Соате дар кок, рӯзе дар кумоч.
Дар калича як замон саргаштаам,
Як нафас дар баксамот оғуштаам.
Оташинрӯям зи ҳалвои шакар,
Дар намакзӣ меравад дудам ба сар.
Дар раҳи корӯра гаштам хурду мурд,
Дил ба чон омад аз он оварду бурд.
Бо асал ҳаргаҳ, ки танҳо мешавем,
Ҳамчу ёрон шебу боло мешавем.
Гоҳ дар мотам шавам шабдарғариб,
Гаҳ расад аз суфраи сурам насиб.
Гоҳ дорам бо ҳариса мочаро,
Гоҳ дар дасти биринчам мубтало.
Ин замон дар дасти чанголам асир,
Мехӯрам молиш зи ҳар барнову пир,
Чанги чанголӣ маро дорад ба даст,
Гӯшмолам медиҳад ҳарчо, ки ҳаст.

## ШАРҲИ ҲОЛИ НОН

Баъд аз он нон ҳоли худ изҳор кард,
Марди маънӣ воқифи асрор кард,
Гуфт: — «Будам гандуми боғи биҳишт,
Руста аз обу гили анбарсиришт.
Ногаҳ афтодам ба анбори чаҳон,
Борҳо дар чоҳ гардидам ниҳон.
Баъд аз он дар хокзорам коштанд,
Беанису мӯнисам бигзоштанд.
Нола мекардам, ки эй парвардигор,
Раҳмате бифристу аз хокам барор.
Ҳақ ба лутфам рӯзии дигар бидод,
В-аз навам фирӯзии дигар бидод.
Саркашӣ оғоз кардам аз ғурур,
Дилбарӣ мекардам аз наздику дур.
Боди қаҳрӣ бар сари сабзам вазид,
Шуд чавонӣ, навбати пирӣ расид.
Сар чудо кард аз танам деҳқон ба дос,
Қоҳ пошидам, бипӯшидам палос.



Поймоли гов гаштам ногаҳон,
То шудам, алқисса, дар бори харон.
Бар сарам гардид санги осиёб,
То баромад гардам аз чони хароб.
Гаҳ муқайяд дар буни анбон шудам,
Гоҳ дар ғирбол саргардон шудам.
Муштҳо хӯрдам ба ҳангоми хамир,
То ниҳодам пой берун аз фатир.
Баъд аз он дар оташи сӯзон шудам,
Нон шудам, шоистаи ҳар хон шудам».
Ин замон дар дасти чанголам асир,
Мехӯрам молиш зи ҳар барнову пир.
Чанги чанголӣ маро дорад ба даст,
Гӯшмолам медиҳад ҳарчо, ки ҳаст.

* * *

Бо ту ин таркиб ҳам ҳаст ин замон,
Рӯҳ равған, нафс хурмо, чисм чон.
Молишат доданд дар локи фалак,
Буд магасрони сари хонат малак.
Он магасрон дар миён иблис буд,
Гирди чанголи ту дар талбис буд.
Қасди ширинӣ кунад доим магас
З-ин магас эмин нашуд чанголи кас...

## САЙИД НЕЪМАТУЛЛОҲ

*Сайид Нуриддин Неъматуллоҳ бинни Абдуллоҳ тақрибан соли 1329 (730 ҳиҷрӣ) дар Ҳалаб (Шом) таваллуд шуда, дар бистучаҳорсолагӣ ба Макка рафта, ҳафт сол он ҷо монда, давоми зиндагиашро дар шаҳрҳои Балху Самарқанд, Ҳироту Язд ва Моҳони Кирмон гузарондааст. Шоҳ Неъматуллоҳ соли 1431 (834 ҳиҷрӣ) дар Моҳони Кирмон аз олам даргузаштааст. Ӯ аз худ ғ залу тарона, қасидаву тарҷеот ва чанд маснавӣ боқӣ гузоштааст, ки он дар шакли «Куллиёт» соли 1336 шамсӣ дар Теҳрон нашр гардидааст, ки зиёда аз 64 ҳазор байт дорад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ҷон чӣ бошад, гар набошад ошиқи ҷонпарваре?
Дил чӣ арзад, гар наварзад меҳри рӯи дилбаре?
М-н чӣ бозам, гар набозам ишқи ёри нозуке,
Боданӯше, ҷонфазое, дилбаре, маҳпайкаре.
Дида то дида ҷамолаш, дар хаёлаш рӯзу шаб
Бе сару по сӯ ба сӯ гардида дар ҳар кишваре.
Хусрави Ширини хубони ҷаҳон ёри ман аст,
Фориғ аст аз ҳоли Фарҳоди ғариби ғамх(в)аре.
Меҳри рӯяш дар дили мо ҳамчу рӯҳе дар тане,
Ишқи ӯ дар ҷони мо чун оташе дар миҷмаре.
Дидаи тардоманам то мезанад нақше бар об,
Дар назар дорад хаёли оpази хушманзаре.

* * *

Эй ошиқон, эй ошиқон, моро баёне дигар аст,
Эй орифон, эй орифон, моро нишоне дигар аст.
Эй булбулон, эй булбулон, моро навое хуш бувад,
З-он рӯ ки ин гулзори мо аз бӯстоне дигар аст.
Эй Хусрави ширинсухан, эй Юсуфи гулпираҳан,
Эй тӯтии шакаршикан, моро забоне дигар аст.



То айни ишқаш дидаам, меҳраш ба ҷон бигзидаам,
Дар ошкориву ниҳон моро аёне дигар аст.
Хуршеди Ҷамшеди фалак бар осмони чархи туст,
Меҳри мунири ошиқон бар осмоне дигар аст.
Иқлими дил шуд мулки ҷон, шаҳри тан омад ин ҷаҳон,
Қавну макони орифон дар ломаконе дигар аст.
Ринду дари майхонаҳо, сӯфию кунҷи савмаъа,
Моро сарири салтанат бар остоне дигар аст.
Сайид маро ҷонон бувад, ҳам дарду ҳам дармон бувад,
Ҷонам фидои ҷони ӯ, к-ӯ аз ҷаҳоне дигар аст.

* * *

Соқии мо ба мо карам фармуд,
Дари майхонаро ба мо бикшуд.
Ҷоми гетинамо ба давр овард,
Май майхонаро ба мо паймуд.
Гар яке в-ар ҳазор ҷом гирифт,
Ваҷҳи хосе ба ҳар яке бинмуд.
Оташи ишқи ӯ бисӯхт маро,
Хуш бувад оташе чунин бе дуд.
Дар мақоме, ки ҷисму ҷон набвад,
Буду нобуди худ нахоҳад буд.
Инчунин гуфтаҳои мастона
Дар ҷаҳон худ кӣ гуфт ё кӣ шунуд?

* * *

Манзили ҷони ҷаҳон бар дари ҷононаи мост,
Маскани аҳли дилон гӯшаи майхонаи мост.
Хилвате бар дари майхона гирифтем, вале
Ҳараму қудс яке гӯшаи кошонаи мост.
То зи шамъи рухи ӯ маҷлиси ҷон равшан шуд,
Нури шамъи фалак аз партави парвонаи мост.
Дидаи лӯълӯи лоло, ки зи дарьё оранд
Ҳосили ашки ҷигаргӯшаи ҷононаи мост.
То абад ганҷи ғамаш дар дили мо хоҳад буд,
З-он ки ганҷаш зи азал дар дили вайронаи мост.
Соқиё, соғару паймонаи май сӯи ман ор,
Ки муроди ду ҷаҳон як лаби паймонаи мост.

## АЗ РУБОИЁТ

Эй хоҷа, ба ҷомаи касон ноз макун,
Бе ҳусну карашма ноз оғоз макун.
Чун нест туро қумоши бозорӣ ҳеҷ,
Андар сари бозор дӯкон боз макун.

* * *

Як олам аз обу гил бипардохтаанд,
Худро ба миёни он дарандохтаанд.
Худ мегӯянд розу худ мешунаванд,
В-аз мову шумо баҳона барсохтаанд.

# ИСМАТИ БУХОРОЙ

*Хоҷа Фахриддин Исматуллоҳ бинни Масъуд Исмати Бухорой, ки муддате Носирӣ низ тахаллус кардааст, аз шоирони намоёни охири асри XIV ва нимаи аввали асри XV ба шумор меравад. Вай тақрибан дар байни солҳои 1365—1375 (767—777 ҳиҷрӣ) таваллуд шудааст. Исмат аз хурдӣ ба омӯхтани назм шавқу ҳаваси зиёде доштааст, аммо то кунун ба таври дақиқ маълум нашудааст, ки Исмат дар куҷо таҳсили илм намудааст. Бо нишондоди тазкираҳо аз уламои номдор ва фузалои замони худ буда, хусусан дар илми шеър арӯз ва дар фанни иншою муаммо маҳорати босазое доштааст. Исмат муддате дар Самарқанд зиста, бо Улуғбек ошноӣ доштааст.*

*Вафоти Исмат дар ҳудуди соли 1436 (840 ҳиҷрӣ) воқеъ гардида, мазораш дар Бухорост.*

*Мероси адабии шоир аз девони қасоиду ғазалҳо, рубоиҳо ва қитъаот, ки тақрибан 18 ҳазор байтро дар бар мегирад ва нусхаҳои хатии девони ӯ хеле зиёд аст ва маснавии «Достони Иброҳими Адҳам», ки қариб 1100 байт аст, иборат мебошад.*

## АЗ ҚАСОИД

Омад баҳору лола барафрӯхт миҷмараш,
Сунбул ниҳод ғолия бар оташи бараш.
Боз аз бунафша хӯрдашиноси чаман нишонд,
Пирӯза кард ҳуққаи ёқути аҳмараш.
Дар ҷайби нофа атрфурӯши насим рехт,
Мушки ғубор бар сари кофуру анбараш.
Наргис магар ба тифли шақоиқ расонд чашм
З-он мекунад сипандфишонӣ бар озараш.
Хуррам ҳарими ҷӯй, ки аз акси лолазор.
Ёқути обгашта равон аст дар бараш.
Аз симҳо, ки рехт, суҳо кард марғзор,
Кард аз зумурраду зару марҷон тавонгараш.
Булбул шукуфашуӣ, ки аз пайкари ҳубоб,
Қорураҳост пур зи гулоби муқарраараш.

Хуш вақти шоҳидони раёҳин, ки рехтанд,
Бо чайбу доман аз қатароти муаттараш.
Ҳар сабзае ба сӯзани алмоси хеш суфт,
Чандин гуҳар, ки абр фурӯ рехт бар сараш.
Наққоши сунъ чеҳра кушояд ба боғу абр,
Пур дурри суфта кард бисоти мусаввараш.
Аз нахл соябаста чу шаб буд тарфи боғ,
Кард осмон ба шамъи шақоиқ мусаввараш...

* * *

Зиҳӣ ду чашмат ба хуни мардум кушода тиру кашида ханчар.
Рухи чу моҳат сабоҳи давлат, хати сиёҳат шаби муанбар.
Ба шамъ бода чӣ ҳочат афтад, агар чашонӣ в-агар намоӣ,
Зи лаъли нӯшин маи мусаффо, зи рӯи зебо маҳи мунаввар.
Фитад дар обу равад дар оташ, ба гоҳи чилва, ба вақти ханда
Зи шарми қаддат ниҳоли тӯбо, зи рашки лаълат зулоли кавсар.
Дили ману ту, туву дили ман, ману ғами ту, ғами туву ман,
Чу чаннату ҳур, чу ҳуру чаннат, чу пайкару рӯҳ, чу рӯҳу
пайкар.
Ғубори кӯят ба дида нуру хаёли рӯят чу нури дида,
Қади баландат баробари чон, лаби чу қандат ба чон баробар.
Хати ту бар лаъл, лаъли ту бар рух, рухи ту дар х(в)ай,
х(в)айи ту бар лаб.
Шабу шаробу шароб бо гул, гулу гулобу гулобу шакар.
Зи чайби якто намуда рӯе, хати суманбӯй ба тоби мӯят,
Ҳур аз ҳарири қамар зи қиру гул аз абиру суман зи анбар.
Ба даври ҳуснат шуда фасона, ба бутпарастӣ ҳазор чун ман,
Ба теғи зулфат бурида улфат, зи тоати бут ҳазор кофар.
Зи чашми масту зи шаҳди лаълу зи гарди наълу зи моҳи рӯят,
Шакар шакиру сакар сакиру насар насиру назар пурахтар.
Зи ҳалқаи мӯй, зи лаъли дилчӯй, зи нури рӯю насими бӯят
Чаҳон парешон, забон дурафшон, чаҳон гулистон, чаман
муаттар.
Зи чашми бемор, зи лаъли хунхор, зи шавқи дидор, зи ранги
рӯят,
Дарун харобу диле кабобу назар пуробу чигар пурозар.
Х(в)аю лабону руху даҳону чаҳи занахдон ва хайли мижгон,
Маи рақику гули раҳику чаҳи амику синону ханчар.
Дилу ману зи зулфу ғамза, қаду хаду хату тану дили ту
Асири занчиру теғу тиру гулу абиру ҳариру мармар.



Хати сиёҳу камоне бар рух, рухи чу моҳу лаби сухангӯ,
Шаби умеду ҳилоли иду гули сафеду шароби аҳмар.
Намуд абре даҳони тангу, узори гулранг ва чашми мастат
Зи Маҳ Суҳоро, Суҳо Сурайё, зи ҳола лола, зи лола абҳар.
Ду чашми чоду ба дилрабоӣ: яке ба шӯхӣ яке ба мастӣ,
Зи қавси мушкин кушода тиру зи хайли мижгон кашида
лашкар.

Ҳавои кӯю балои ишқу гудози тиру ғубори наълат,
Ба чон мувофиқ, ба дил муносиб, ба сина лоиқ ба дида
дарх(в)ар.

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Мачрӯҳу дилозурда ба зорӣ саҳаре чанд?
Додем саги кӯи туро дарди саре чанд.
Мурдем ба хоки раҳат, анбошта шуд чашм,
В-аз дур накардем ба рӯят назаре чанд.
Шаҳре ҳама рафтанд ба гулгашт, ман аз чашм
Дорам ба сари ҳар мижа лахти чигаре чанд.
Чун бехабарон сӯи ту рафтанд, маро нест
Як маҳрами якдил, ки фиристам хабаре чанд.
Эй чавҳари покинаӣ, рӯи накӯро
Бенур масоз аз назари бадгуҳаре чанд.
Ту сарви баландию рухат чашмаи хуршед,
Тарсам, ки шавӣ рӯзии кӯтаҳназаре чанд.
Сад шеваи чон бохтан омӯхта аз ишқ
Исмат, ки ба пеши ту намояд ҳунаре чанд.

* * *

Даҳани танги ту аз писта шакар мерезад,
Лабат аз ҳуққаи ёқут гуҳар мерезад.
Холи ҳиндуи туро майл ба тасхири дил аст,
Бар сарам оташ аз он анбари тар мерезад.
Гӯиё ғунча зи лаъли ту хабар мегӯяд,
Ки сабо дар даҳанаш хурдаи зар мерезад.
Рангу рӯят чу маро пеши назар меояд,
Ашкам омехта бо хуни чигар мерезад.
Чашми Исмат ба умеде, ки ту ногаҳ гузарӣ,
Дурру ёқут ба ҳар роҳгузар мерезад.

* * *

Эй тоқи абрувонат оромгоҳи мастон,
Эй хоки остонат маъвои бутпарастон.
Мо худ ба дурҷи лаълат бастем дил, валекин
Кай з-он даҳон барояд мақсуди тангдастон.
Қас бе чароҳати дил з-он лаб наёфт коме,
Ҳаргиз табиб надҳад шарбат ба тандурустон.
Ишқ обрӯ надорад бе оҳи дардмандон,
Май хуррамӣ набахшад бе ҳою ҳуи мастон.
Исмат, ба базми риндон соқӣ, ки ӯ набошад,
Май кай ҳаёт бахшад аз дасти ғайри мастон?

* * *

Биёр бода, ки фасли баҳор меояд,
Зи гулрухони чаман бӯи ёр меояд.
Магар зи ҷоми май аст обхӯрди хоки чаман,
Ки лола медамаду гул ба бор меояд.
Бунафша бо сари зулфи ту лофи хубӣ зад,
Кунун зи гуфтаи худ шармсор меояд.
Ба сӯи ҳалқаи зулфат зи бӯстон ҳар шаб
Сабо ҳаме раваду мушкбор меояд.
Бар он салосили мушкин магар гузашт насим,
Ки боз шефтаву беқарор меояд.
Ҳадиси оби ҳаёти лаби ту мегӯям,
Ки гавҳари суханам обдор меояд.
Чу баҳри хотири ту мавҷ мезанад Исмат,
Сафинаҳои дурат бар канор меояд.

* * *

Навои булбули ошуфтаву насими баҳор,
Хуш аст бодаи соқиву бӯи суҳбати ёр.
Насим шуста чаманро ба оби дидаи абр,
Сабо бисоти мулавван фиганд дар гулзор.
Бунафша сар ба тавозӯъ фиканда андар пеш,
Нишаста хусрави гул бар сарири суффаи ёр.
Сабӯҳи шабнам бар рӯи гул бад-он монад,
Ки гоҳ-гоҳ нишони арақ бар он рухсор.
Ҳабиб соқию давлат надиму бахт рафиқ,
Висол ҳамдаму дил беғаму саодат ёр.



Ба ҳаққи ғунчаи боғу таровати сунбул,
Ба саргаронии наргис ба обрӯи баҳор,
Ки ҳар кӣ ҷон ба фидои чунон мақом надод,
Ба қавли пири харобот зиндааш машмор.

* * *

Зи давлат боз коре хоҳад омад,
Ба майдон шаҳсаворе хоҳад омад.
Шикоят кам кун аз дарду ғам, эй дил,
Ки хуррамрӯзгоре хоҳад омад.
Дар айёми хазон озурда маншин,
Ки рӯзе навбаҳоре хоҳад омад.
Зи дору дидаро тира магардон,
Ки аз кӯяш ғуборе хоҳад омад.
Ғариқи баҳри ҳиҷронро хабар нест,
Ки киштӣ бар каноре хоҳад омад.
Зи дил дурӣ маҷӯй, эй ғам, ба якбор,
Ки як даврат ба коре хоҳад омад.
Чу Исмат бехабар манишин, ки султон
Ба сӯи хоксоре хоҳад омад.

* * *

Ҳар ҷигархаста, ки шуд куштаи тири назараш,
Магар он ғамза кунад зинда ба тири дигараш.
Ғамза ҳар теғ, ки оташ диҳад аз ранги рухаш,
Як ба як об тавон дод ба хуни ҷигараш,
Мезанад теғу маро мекушад андешаи он,
Ки зи хуни чу мане ранг нагирад гуҳараш.
Як назар ҳар кӣ дар ӯ дид чу ман бехабар аст,
Дар чунин ҳол надонам зи кӣ ҷӯям хабараш.
Надиҳад мева зи ҳеҷ обу ҳаво гулшани ҳусн,
То набошад асари сӯҳбати аҳли назараш.
Боғро гар мадади абри баҳорӣ набувад,
Чӣ кушояд зи дами сард насими саҳараш.
Қадаме ҷониби Исмат бизан имрӯз ба лутф
Варна бисьёр биҷӯиву наёбӣ асараш.

* * *

Чу дидам рӯяш, афзун шуд ҳаёти ҷон зи дидораш,
Кунун ҷон тоза хоҳам кард, агар бинам дигар бораш.
Маризе, к-аз хаёли ёр завқи зистан дорад,
Аҷалро шукр чун гӯяд, ки кард аз ҷон сабукбораш.

Вуҷудаш нотавон аз дарду ранҷи он маро дар дил
Танаш з-осеби тан ранҷуру бар ҷони ман озораш.
Пару болаш бисӯзам з-оҳи оташбор агар донам,
Ки ҷуз ман булбуле ногаҳ хаво орад ба гулзораш.
Ба теғи ҳаҷр чун Исмат ба бозӣ кушта мегардад,
Ҳаёти тоза мебахшад насими сӯҳбати бораш.

* * *

Эй ҳаҷр, бераҳмӣ макун, дур аз рухи ёрам макуш,
Гар ман ба куштан лоиқам, боре чунин зорам макуш.
Бо теғ баргиру бикуш бо сад дилозорӣ маро,
Ё рух намою инчунин, аз шавқи дидорам макуш.
Гар куштанӣ гаштам, буто, дар пеши худ теғам бизан,
Боре бар ин бечорагӣ дар пеши ағьёрам макуш.
Чун зор хоҳӣ куштанам, аз кӯи худ дурам марон,
Ман булбули бетоқатам, дурам зи гулзорам макуш.
Ё раб ту Исматро макуш аз тирборони бало,
Чун худ азизам кардаӣ боре чунин зорам макуш.

* * *

Боз омадиву оташе дуздида дар ҷонам задӣ,
Гуфтам бинолам бар ҷигар аз ғамза пайконам задӣ.
Дар банди пинҳон куштанам будӣ намедонам чаро,
Дил ошкоро хун шуд аз тире, ки пинҳонам задӣ.
Ман худ ба зорӣ дар хазон булбулсифат месӯхтам,
Хосса, ки аз рӯи чу гул оташ дар афғонам задӣ.
Он дам, ки бикшодӣ қабо, бикшод банд аз кори дил,
Ҳар гаҳ камар бастӣ гиреҳ бар риштаи ҷонам задӣ.
Оне дар он рӯ дида шуд, Исмат зи мастӣ бехабар,
Ин ҳамла шамшери ҷафо аз лаззати онам задӣ.

* * *

Рух матобу ҳамчу ҷон аз мо ҷудоӣ карда гир,
Бо дилафгорон аҷалро ошноӣ карда гир.
Май ба ҷӯш омад биё, эй масти нози ман, чу умр,
Бо ҳарифони мувофиқ бевафоӣ карда гир.
Бо ман эй, хилватнишин, дигар дам аз тақво мазан,
Шӯрбахтеро ба ақлат раҳнамоӣ карда гир.
Эй, ки аз майхонаат хотир ба тоат мекашад,
Тавба пеш овар, ба сад шоҳӣ гадоӣ карда гир.



Зоҳид аз кӯи риё дар базми майхорон гурез,
Бода нӯшу бе зарурат порсоӣ карда гир.
Тарки май гуфтан ба уммеди биҳишт аз ақл нест,
Чанд рӯзе ҳам дар он ҷо худнамоӣ карда гир.
Эй, ки май дар ҷом дорӣ хуш бинӯшу офият,
Ҳамчу Исмат рағбати зӯҳди риёӣ карда гир.

* * *

Мезанӣ пайкону ман дар дил ниҳон медорамаш,
Мекунӣ дашному ман вирди забон медорамаш.
Мезанад чашмат ба қасди куштанам шамшеру ман
Зинда з-он тирам, ки дар пахлуи ҷон медорамаш,
Хешро вайрона сӯзу, гирья мехоҳад дилам,
Гарчи ман аз обу оташ бар карон медорамаш.
Ишкро бар хони дил ҷуз ғам надодам тӯшае,
Солҳо шуд то бад-ин сол меҳмон медорамаш.
Бар дарат ғам қасди куштан кард Исматрову ман—
Зинда бар уммеди санги посбон медорамаш.

* * *

Ёқути тар аст он лаби хандон, ки ту дорӣ,
Тунги шакар он лаъли сухандон, ки ту дорӣ.
Хубон ҳама, эй сарви гуландом надоранд,
Дар шеваи нозукбаданӣ он, ки ту дорӣ.
К-аз Юсуфи мисрӣ, ки намак вом гирифтӣ,
Аз лаъли шакархандаи пинҳон, ки ту дорӣ.
Мурдам шаби ҳиҷрони ту з-ин шавқ, ки хуршед,
Сар барзанад аз кӯи гиребон, ки ту дорӣ.
Дорад ҳаваси он, ки шавад хоки ту Исмат,
Бар раҳгузаре қадди хиромон, ки ту дорӣ.

* * *

Аз ғамза гар тирам занӣ, дар сина пинҳон дорамаш,
Гоҳ аз ҷигар обаш диҳам, гаҳ ҳамдами ҷон дорамаш.
Пеши хаёлат ҳар даме аз дил кабоб орам бурун,
Дар хилвати ҷон гар шабе хоҳам, ки меҳмон дорамаш.
Аз дард менолид дил, хун кардамаш якборагӣ,
Бар бӯи васлат то ба кай мавқуфи дармон дорамаш.
Сирри ғаматро то кунун дар дил ниҳон медоштам,
Чун фош шуд якборагӣ дигар чӣ пинҳон дорамаш?

Гар дил зи ман овора шуд, гӯ, шав, ману хоки раҳаш,
Он беҳ, ки то боқист ҷон дар кӯи ҷонон дорамаш.
Ё раб дили саргаштаро ҷамъияте бахш аз рухаш,
То кай чу чашму зулфи ӯ масту парешон дорамаш.
Душвории ҷон додани Исмат зи ҳиҷрони рухат,
Пеши ту гар осон бувад, ман низ осон дорамаш.

* * *

Эй, он ки барандохтай расми вафоро,
Якбора фаромӯш макун ҷонибн моро.
Аз пой дарафтодаму аз сар хабарам нест,
Оё ту куни ёди мани бесару поро?
Зоҳир шавад аз зулмати шаб партави хуршед,
Аз ораз агар барфиканӣ зулфи дутоРо.
Гар як гиреҳ аз кокули мушкин бикушой,
Дар даври ту кас бӯ накунад мушки хиторо.
Сармаст дарафтод дар абрӯи ту чашмаш,
Овард зи мастӣ ба сари хеш балоро.
Бар меҳри ту то сабзаи хат сар набаровард,
Нашнохт дилам хосияти меҳри гиёро.
Гуфтам ба қаф орам ба дуо домани васлат,
Гӯё магар акнун асаре нест дуоро?
Исмат макун андеша зи гуфтори рақибон,
Қ-овози сагон кам накунад ризқи гадоро.

* * *

Хуррам он рӯзе, ки дар дил меҳри ёре доштам,
Дида бар роҳи саманди шаҳриёре доштам.
Гарчи умре зардрӯиҳо кашидам чун хазон,
Шод будам чун уммеди навбаҳоре доштам.
Бе миёнаш гарчи дар дарьёи ғам будам ғариқ,
Ғам намехӯрдам чу уммеди каноре доштам.
Эй рақиб, аз ҳоли дурафтодагон шодӣ макун,
З-он, ки ман ҳамчун ту рӯзе эътиборе доштам.
То ба ӯ будам наметарсидам аз бими рақиб,
Бо вуҷуди гул, куҷо парвои хоре доштам.
Ёд меорам зи рӯзи дурию хун мехӯрам,
З-он, ки вакте дар ҳарими васл ёре доштам.
Хок шуд Исмат зи ҳаҷру бори тан бурд аз дараш,
Дар дилаш н-омад, ки рӯзе хоксоре доштам.



* * *

Дур аз ту моро ҳамнафасе ғайри алам нест,
Ҳамхобаи мо бе ту ба ҷуз меҳнату ғам нест.
Ҷон бар сари роҳи ту фидо кардаму он низ
Эй вой, ки шоистаи он хоки қадам нест.
Бигзор, ки ҳаҷрам бикушад бар сари кӯят,
Чун сокини ин каъба кам аз сайди ҳарам нест.
Он беҳ, ки ба фикри даҳанат сарф шавад умр,
Чун оқибати кор ҳама ғайри адам нест.
Сармояи умрам, ки ғамаш ном ниҳоданд,
Шукр аст, ки ҳеҷ аз мани савдозада кам нест.
Дарвеш ба дебочаи дуньё макунад майл,
Қ-ороиши он мамлакат аз ҳайлу ҳашам нест.
Исмат сухани ганҷи саодат, ки шунидӣ,
Ҷуз тарбияти ҳиммати арбоби карам нест.

* * *

Чун ниқоби гул барандозад сабо вақти саҳар,
Хуш бувад бар ёди соқӣ ҷоми май пеши назар.
Медиҳад соқӣ ба мастон ҷоми ишрат ҳар нафас,
Лола аз ҳасрат қадаҳ пур мекунад хуни ҷигар.
Шарбати васлат шикаста қимати оби ҳаёт,
Ёфта лаълат ҳазорон хӯрда бар тунги шакар.
Юсуфи гул медарад пероҳан аз дасти насим.
Лаъли соқӣ мешавад бар ғунчаи гул пардадар.
Давлати он кас, ки рӯзе бар канори дидааш,
Сарвқаддеро ба заҳмат ногаҳон афтад гузар.
Собиту сайёра дар айшанд, эй мутриб, вале
Лутф кун дар нағма занги меҳнат аз дилҳо бибар.
Аҳли дилро лаззати ҷон медиҳад бӯи баҳор,
Толибонро раҳ ба ҷонон мебарад боди саҳар.
Нағмаи мутриб ҳамесӯзад дили мардум чу уд,
Оби бода мекунад ҷонро зи ҳастӣ бехабар.
Ёфтӣ, Исмат. зи мастӣ сӯҳбати аҳли камол,
Наргиси соқӣ бубину ёди мастурон мабар.

* * *

Оқибат дар кӯят, эй номеҳрубон, боз омадем,
Бо ту пайвастему аз ҳар ду ҷаҳон боз омадем.

Дар хазон будем чун булбул ҳазину тангдил,
Чун баҳор омад ба сӯи бӯстон боз омадем.
Ҳар куҷо будем мӯҳри меҳри ту бар сина буд,
Пешат инак бо ҳамон мӯҳру нишон боз омадем.
Хоки ин дар то қиёмат тӯтиёи чашми мост,
То напиндорӣ, ки мо з-ин остон боз омадем.
Гарчи чун боди сабо гаштем дар ҳар кишваре,
Бар дарат бемору зору нотавон боз омадем.
Ҳамчу Исмат порсо будему зоҳид ин замон,
Лоуболӣ бар дари пири муғон боз омадем.

* * *

Қасди ҷон дорию мақсуди дил ин аст, ки ту
Бикушӣ зораму уммед чунин аст, ки ту
Бар зиёрат ба сари хоки ман ой ҳаррӯз,
Ки маро тозагии умр ҳамин аст, ки ту.
Гаҳ-гаҳ аз ноз хиромӣ ба сӯи куштаи худ
Гарчи аз бахти ман ин низ яқин аст, ки ту.
Аз шакархандаи ширин агарам ҷон бахшӣ,
Чашми хунхори ту бигирифта камин аст, ки ту.
Хуни Исмат бихӯриву нашавӣ қосиди дин,
Ки аҷал низ чунин бар сари кин аст, ки ту.

## АЗ РУБОИЁТ

Гуфтам дили ман,— гуфт, ки хунхӯрдаи мост,
Гуфтам ҷигарам,— гуфт, ки озурдаи мост.
Гуфтам, ки бирез хуни ман,— гуфт,— бирав,
К-озод бувад касе, ки парвардаи мост.

Эй мояи асли шодмонӣ, ғами ту,
Хуштар зи ҳаёти ҷовидонӣ, ғами ту.
Аз ҳусни ту розҳо ба гӯши дили ман
Гӯяд ба забони безабонӣ, ғами ту.

Эй ҷаври ту хуштар аз вафои ҳама кас,
Дашноми ту беҳтар аз дуои ҳама кас.
Бо ин ҳама нозукӣ на шояд будан
Бегона зи мову ошнои ҳама кас.



Моем, ки сад хона барандохтаем,
То хона ба кӯи ошиқӣ сохтаем.
Аз ғорати ҳусн агар гадоем, валек
Сад ганҷ ба кӯи ишқ дарбохтаем.

Гар бохабарӣ аз ину он ёд макун,
В-ар ошиқи содиқӣ зи ҷон ёд макун.
Шодию ғами замона чун дар гузар аст,
Май нӯшу зи меҳнати ҷаҳон ёд макун.

Эй, он ки ба мулк ёфтӣ дастрасе,
Иззат талабӣ, кам талаб озори касе.
Сад теғи сиёсат он харобӣ накунад,
К-озурдаи меҳнате барорад нафасе.

Аз хоби ғурур ҳар кӣ бедор нашуд,
Шоистаи ишқу маҳрами ёр нашуд.
Ҳар дил, ки чашид ҷуръа аз соғари ишқ,
Шуд маст чунон ки ҳеҷ ҳушьёр нашуд.

Рафтиву зи гирья дида хунбор бимонд,
Дил сӯхт зи ҳаҷру ҷон гирифтор бимонд,
Ҳар кас ба раҳе сафар гузиданду маро,
Дар хона ҳамин ғами ту дар кор бимонд.

Онон, ки чароғи ишрат афрӯхтаанд,
Сад бор ба оташи бало сӯхтаанд.
Осудадилон на дархури дарди туанд,
К-ин ҷома ба қадди ошиқон дӯхтаанд.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Кӯҳпайкар харест доиро,
Тирчавлон чу фикри аҳл шинохт,
Ки ба майдони даҳр чандин бор
Гӯи суръат ба ҷанги чарх бибохт.
На чунон гармрав, ки дар суръат
Ваҳм наздики ӯ тавонад бохт.
Равиши гарми ӯ чу моҳ бидид
Аз хиҷолат танаш чу зар битудохт.

Қард чун ҳалқааш фалак дар гӯш,
Хар кучо ӯ зи пой наъл андохт.
Охирашро хатиби шаҳр аз ман
Бистаду хонаи нишастан сохт.
Чунки ӯ рахти худ кашонд охир,
Рафту манзил ба дигаре пардохт.
То азоби чунин бидид он хар,
Қадри ҳамсӯҳбатии хар нашнохт.

* * *

Агар поктабъиву покизарой
Таваққӯъ ба даргоҳи дунон мабар.
Лаби нони хушк аз сари хони хеш
Хӯрӣ беҳ, ки аз дигаре гулшакар.
Ба як устухон сулҳ кун чун ҳумой
Магасвор бар шаҳди дунон мапар.
Бизан кӯси шоҳӣ бар айвони фақр,
Матои ду олам ба як ҷав маҳар.
Гузаштам ба қасри маликзодае,
Хате дидам он ҷо навишта ба зар:
«Чу мур аз қаноат шавӣ хок беҳ,
Ки тоҷи Сулаймонат омад ба сар.
Ғубори раҳи фақр аз он ганҷ беҳ,
Ки баъд аз ту монад ба қавми дигар».

* * *

Бо хирад гуфтам, эй мудаббири кор
Ки ба дониш чу ту нишон надиҳанд.
Чист ҳикмат, ки аз хазинаи ризқ
Қути як шаб ба некувон надиҳанд.
Он чи бо ҷоҳилони сифла диҳанд,
Бо бузургони хӯрдадон надиҳанд.
Ба хасисон диҳанд неъмату ноз,
Аҳли дилро амони ҷон надиҳанд.
Ганҷи шоҳӣ диҳанд дунонро,
Бо ҳунарпеша ними нон надиҳанд.
Сифла бар садру аҳли доништо
Ба ғалат раҳ бар остон надиҳанд.
Қаҷравонро диҳанд хирманҳо
Барги коҳе ба ростон надиҳанд.



Магасонро диҳанд шаккару қанд,
Бо ҳумоён ҷуз устухон надиҳанд.
Ақл гуфт:— ин ҳадис нашнидӣ
Ҳар киро ин диҳанд, он надиҳанд?

* * *

Дило, ба неъмати боғи ҷаҳон машав мағрур,
Ки ин баҳор ба барги гиё намеарзад.
Зару хазинаи дунъё, ки мулк тобеи ӯст,
Ба меҳнату талаби кимиё намеарзад.
Ба сахра моли ҷаҳон меҳӯрам, на фазлу ҳунар,
Ки ин матоъ аз ин беҳ баҳо намеарзад.

* * *

Эй хирадманде, ки лофи хӯрдадонӣ мезанӣ,
Як васият бишнав аз Исмат ба гӯши иштиёқ,
Дар ҷаҳон бо ҳар кӣ афтад иттифоқи сӯҳбатат,
Душманӣ зояд чу дар машраб набошад иттифоқ.
Гар ба доноӣ қарин кардӣ, ки набвад муттафиқ
Ҳар тараф афтӣ димор аз ту барорад аз нифоқ.
В-ар зи дасти ҳамдами нодон ситонӣ ҷоми айш
Филмасал гар шаҳд бошад, заҳратояд дар мазоқ.
Лоҷарам сӯҳбат ба ноаҳлон гузидан аз газоф,
Рӯҳро беҳуда таклифе бувад молояток.
Баъд аз ин бо ҳар кӣ биншинӣ, ки ҳамдарди ту нест,
Гар Қалимуллаҳ бувад чун Хизр гӯ — ҳозо фироқ.

* * *

Машав, Исмат, озурда гар оқилӣ,
Дилат гар шикастанд дунпарварон.
Ки бо санги кибру руунат басе
Гуҳарҳо шикастанд бадгавҳарон.
Басе покбозони исонафас
Ки меҳнат кашиданду бор аз харон.
На танҳо ту озурдаи меҳнатӣ
Зи ҷаври лаимону шумахтарон.
Қ-аз ин пеш, аз ин беш озурдаанд,
Зи мо беҳтаронро, ки мо бадтарон.
Ту фақру ҳунарпарварӣ пеша соз,
Раҳо кун баду нек бо дигарон.

* * *

Қасоне, ки сад ҳамчу мо дар ҷаҳон
Тавоноиву сарварӣ доштанд.
Дар ин киштзори таҳайюр басе
Давиданду тухми амал коштанд.
Ба сад ҳирсу таъҷил карданд ҷамъ
Ба вақти дарав ҳар чӣ бардоштанд.
Дар ин хобгоҳи адам хешро
Муқимони ҷовид пиндоштанд.
Ба дурӯза мӯҳлат бар ин раҳ гузор
Басе кохи ишрат барафроштанд.
Чу вақти раҳил омад он ҷумларо,
Бирафтанду бар роҳ бигзоштанд.
Ду чашме, ки ҳаргиз нашуд пур зи ҳирс
Ба як дам ба хокаш бианбоштанд.
Аз он буд ин ҷумла саргаштагӣ,
Ки аз умр мӯҳлат тамаъ доштанд.
Хуш онон, ки чун Исмат аз ҳар чӣ буд
Гузаштанду нобуда ангоштанд.

## БАҲРИ ТАВИЛ

Мекашад турки камондори мусулмонкуши ҷодуи ту
чун кофари маст аз мижа бар ҳар ҷигаре тири балоро,
То кушад зору ба ҳам барзадаву масту синонхӯрдаву
маҷрӯҳу дилозурдаву афгору ҷигарсӯхта моро.
Ту ба ҳар ҷо, ки камонгӯшаи абрӯи чу моҳи нави хам дар
хами сардарҳами мушкин зи камин боз намоӣ,
Мардум оранд чу чашми хуши ҷодуи дилозори ту пайваста
зи мастӣ ба сари хеш балоро.
Чашми сайёди ту гар нимшабе як гireҳ аз силсилаи
доми шикан дар шикани зулфи сиёҳ бозкушояд,
Аз хиҷолат дигар аз нофаи хунбастаи оҳуи Хутан
ҳеҷ асире ба хато бӯ накунад мушки Хиторо.
Нақшбандони Хито бар турафи лаъли дурафшони ту
парварда ба оби хизир он сабзаи сероби хиторо,
То шиносанд асирони сари зулфи парешони чу
занҷири ту з-он чашмаи хуршед асари меҳргиёҳро.



**Исмат** оварда ба хуноби ҷигар ғусл, ки дар гӯшаи
меҳроби ду абрӯи ту пайваста дуои ту бигӯяд,
Гарчи дар хотири хубони парирӯи дилозори ситамкор
ҷафопешаи бадхӯ асаре нест дуоро.

## ПОРЧАҲО АЗ МУХАММАСОТ

### I

Эй шӯхи ҷафопешаи бадмеҳр, худоро
Аз чашм маяндоз мани бесарупоро,
Тақсир макун дар ҳақи ман ҷавру ҷафоро,
Эй он ки барандохтаи расми вафоро,
Якбора фаромӯш макун ҷониби моро.

* * *

Дар шаҳр агар ҳамчу парӣ чеҳра намоӣ,
Ақлу хираду ҳуш зи мардум бирабоӣ,
Чун нофаи Чин дар раҳи туркони хитоӣ,
Гар як гиреҳ аз кокули мушкин бикушоӣ,
Дар даври ту кас бӯ накунад мушки Хиторо.

### II

Бирбуд дар латофат ёр аз паривашон гӯ,
З-он рӯ шуданд халқе вола бар ӯ зи ҳар сӯ,
Бо зулфу оразу рух, бо анбарин ду гесӯ,
Дар ҳалқаи бутон аст сарҳалқа он парирӯ,
Бар гӯш ҳалқаи зар, бар дӯш ҳалқаи мӯ.

* * *

Эй мунфаил зи рӯят хуршеду моҳу парвин,
Ҳусни туро фаришта дар арш гуфта таҳсин,
Қадат баланду мавзун, рӯят чу лола рангин,
Лаъли ту нуқлу бода, ҳарфи ту талху ширин,
Рӯи ту обу оташ, чашми ту наргис ҳинду.

* * *

Хусни туро ки набвад андар замона ҳамто,
Дар шаҳри ҷони ошиқ афканда шӯру ғавғо,
Аз баҳри муштарӣ худ он гулъизори раъно,
Хусни туро тарозу он чашму абрӯ, аммо
Хам гашта аз гаронӣ шоҳини он тарозу.

* * *

Аз печу тоби хиҷрон ҷонам расид бар лаб,
Мумкин чи гуна бошам васлаш, ки нест ё раб?
В-аз фурқати висолаш рӯзам якест бо шаб,
Кокул кушанда афъӣ, зулфаш газанда ақраб,
Қомат кашида сарве, наргис ҷаҳанда оҳу.

## БИСОТИИ САМАРҚАНДӢ

*Сироҷиддин Бисотии Самарқандӣ аз ҷумлаи шоирони хушгӯи ғазалсарост, ки касби бӯриёбофӣ доштааст. Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии вай дар Самарқанд зуҳур ёфта, вай шеърҳои аввалини худро бо тахаллуси «Ҳасирӣ» яъне бӯриёбоф суруда, баъдан бо таклиф ва хоҳиши Хоҷа Исмат, ки устоди шоир будааст, тахаллуси «Бисотӣ»-ро гирифтааст. Бисотӣ аз устодони ғазал буда, аз эҷодиёти ӯ як девони мураттабе то замони мо омада расидааст, ки асосан ғазалу рубоӣ ва қитъаву муамморо дарбар мегирад.*

*Марги Бисотӣ дар ҷавониаш соли 1405 ё 1412 (808 ё 815 ҳиҷрӣ) фаро расида, вай дар Самарқанд хок шудааст.*

*Нусхаҳои хаттии девони Бисотӣ дар китобхонаҳои олам зиёд вомехӯрад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Аз ту бори дигар уммеди висол аст маро,
Охир, эй дӯст, бигӯ, ин чӣ хаёл аст маро?
Чун қадам боз кашидӣ зи ман, эй умри хушам,
Зиндагонӣ пас аз ин бе ту маҳол аст маро.
Меравам гӯйсифат ҳар тарафе бесару пой,
Қас чӣ донад, ки дар ин гӯй чӣ ҳол аст маро?
Қавкаби саъди манӣ, бе шарафи сӯҳбати ту
Гар ҳама умр киромист, вубол аст маро.
Танг чун ҳалқаи «мим» аст, дилам бе даҳанат,
Зулфат имрӯз дар ин воқеа «дол» аст маро.
Меҳри рахшони ҷамоли ту зи ман рӯй битофт,
Равшанам гашт, ки ҳангоми завол аст маро.
Дар миёни ману рухсори ту хайре дигар аст,
Чун Бисотӣ на хаёли хату хол аст маро.

* * *

Гар даме аз рӯи раҳмат ёр бинвозад маро,
Аз рухи шодӣ ҳиҷоби ғам барандозад маро.

Оташи меҳри рухат дар миҷмари ғам ҳамчу уд
Гарчи месӯзад, валекин оқибат созад маро.
Гар бигирад риштатобе тоби меҳрат аз танам
Ҳамчу шамъ аз оташи ишқи ту бигдозад маро.
Дил ба савдои сари зулфат чаро печидааст?
Гар намехоҳад, ки дар доми ғам андозад маро.
Тӯҳмати хушк аз чӣ бар дил мениҳам чун ҳар нафас
Дидаи тардоманам бе об месозад маро.
Он ки чун чангам ба чанг оварду месозад чу уд,
Аз раҳи лутфу карам бошад, ки бинвозад маро.
Дил, ки дар назди ғамаш доди тамомӣ мезанад,
Чун Бисотӣ оқибат донам, ки дарбозад маро.

* * *

Тариқи ғурбат аз он рӯй ихтиёри ман аст,
Ки дар диёри ман имрӯз дарди ёри ман аст.
Зарурат аст в-агарна худой медонад,
Ки тарки сӯҳбати ёрон на ихтиёри ман аст.
Зи пои дӯст сари худ чӣ гуна бардорам?
Ки дар замон ҳамин бахт пойдори ман аст.
Дили шикастаи вайрон аз ӯ кӣ металабад?
Зи чашми ашкфишон ҷумла дар канори ман аст.
Ба кори ишқ матарсон маро зи ҷонбозӣ,
Ки ҷон фидои ту кардан камина кори ман аст.
Ба дида пок кунам гарди ҳастӣ аз кӯят,
Ғубори хотири ӯ гар зи раҳгузори ман аст.
Бимондаам чу Бисотӣ, миёни шашдари ғам,
Зи нақши дӯст, ки пайваста дарду хори ман аст.

* * *

Дар тамошои даҳони ту вуҷудам адамест,
В-аз қадат қиссаи ман дар ҳама олам аламест.
Ба даҳонат, ки беҳ аз қанду наботе бишунав,
Қ-ин чӣ даъвии латиф асту чӣ ширин қасамест?
Аз паи тахт талаб ҷилваи давлат ки мудом
Ҷоми Ҷам дар назари сӯхтагон хуни Ҷамест.
Бе гулу мул натавон буд, ки дар гардиши даҳр
Ҳосили умри гаронмоя ҳамин як-ду дамест.
Нестиро, ки ба ҳастии даҳонаш кардам,
Нест бисьёр зиёд аст, вале ҳаст камест.



Сар на танҳо зи хати сабзи ту кардем ба бод,
Ҳар куҷо ҳаст хати сабз сари мо қаламест.
Чун қалам соз қадам дар раҳи маъшуқу биё,
То нагӯянд, Бисотӣ, ки фалон беқадамест.

* * *

Гарчи аз арбада чашми ту хадангафшон аст,
Дили ман бар сари сулҳ асту сафоҷӯён аст.
Сарви гулчеҳраи ман дар чамани ҳусну ҷамол
Андалибест, ки сад гул ба рухаш ҳайрон аст.
Ҳар куҷо покраве гӯшанишин аст чу ашк,
Рӯй бар пош ниҳодасту ба сар ғалтон аст.
Тӯтиёнро ҳама биншону бияфшон шакаре,
То бидонанд, ки ширинсухане з-инсон аст.
Роҳ дар даври самоаш набарад пири хирад,
Гар чу паргор дар ин доира саргардон аст.
Ёр агар пеши ту хуш хонд, Бисотӣ, чӣ аҷаб,
Ҳеҷ шак нест дар ин нукта, ки ӯ хушхон аст.

* * *

Дарде, ки дилам дид зи ҳаҷри ту, кӣ дидаст?
В-онҳо, ки зи зулфи ту кашидам, кӣ кашидаст?
Дурҳо, ки ман аз ҳаҷри ту аз дида фишондам,
Як-як ҳама донам, ки ба гӯши ту расидаст.
Бе тӯҳмати ашкам нагузорад нафасе оҳ,
Ин дидаи тардомани ман боз чӣ дидаст?
Чандин зи чӣ хун рехт, манаш хеҷ надонам,
Гар лаб зи паи рехтани хун нагазидаст.
Дар шашдари ғурбат чу Бисотӣ чӣ ниҳам дил?
Якбора кас аз ҳуббн ватан мӯҳра начидаст.

* * *

Дили гумгаштаи моро хабаре пайдо нест,
Он ки дил бурд, аз ӯям асаре пайдо нест.
Гуфта будам, ки ниҳам бар дигарӣ дил, лекин
Ҳамчу ӯ дар ҳама олам дигаре пайдо нест.
Меравам гирди ҷаҳон аз паи дил бе сару по,
Чӣ кунам, кори маро пову саре пайдо нест.

Дар замини дили худ тухми вафоҳои ту ман
Солҳо киштаму з-ӯ ҳеҷ баре пайдо нест...
Бар сари кӯи ту чандон бигиристам зи фироқ,
Ки дигар ҳеҷ тараф раҳгузаре пайдо нест.
Тарки ҷон гӯй, Бисотиву бирав аз паи дӯст,
Ки дар ин баҳр гуҳар бе хатаре пайдо нест.

* * *

З-он хат, ки гирди орази он моҳрӯ гирифт,
Хуршед дар ҳиҷоб шуду моҳ рӯ гирифт.
Хунам, ки рехт оразат, ангези он лаб аст,
Ё раб, бадаш мабод, ки ҷониб накӯ гирифт.
Гул хост то занад ба ту лофе зи нозукӣ,
Чандон дар ин ҳавош бимондӣ, ки бӯ гирифт.
Мехост то зи дида хаёлат бадар шавад,
Ашкам давид гарму сари раҳ бар ӯ гирифт.
Зоҳид нишаста буд ба хуни пиёла дӣ,
Омад зи пои минбару дасти сабӯ гирифт.
То дида дид шакли миёнат, надид ҳеҷ
Тира шавад ҳар ойина, чашме, ки мӯ гирифт.
Гар шаҳ рухи висоли Бисотӣ наёфт боз
Дар каф инони асп мар ӯ аз чӣ рӯ гирифт?

* * *

Розам аз раҳгузари дида бар ӯ меафтад,
Ашкам аз гармравӣ дар раҳи рӯ меафтад.
Ҳар кӣ дар васфи миёни ту чу мӯе печад
Қораш аз нозукии табъ чу мӯ меафтад.
Хушк шуд хуни суроҳӣ зи таманнои қадаҳ,
Омадаст ин даму дар пои сабӯ меафтад.
Ҳар кӣ бӯе зи лаби лаъли равонбахши ту ёфт
Чун насими саҳарӣ кӯй ба кӯ меафтад.
Мӯ ба мӯ ҳоли парешонии ман ӯ донад,
Ки ба чавгони ду зулфи ту чу гӯ меафтад.
Дар паи хайли хаёлат ҳама шаб то ба саҳар
Он чунон медавад ашкам, ки ба рӯ меафтад.
Боз дар шашдари ғам монд, Бисотӣ, ё раб,
Ин чи нақшест, ки доим бар ӯ меафтад.



* * *

Нархи шакар зи қанди лабонаш зиёд шуд,
Бодому қанд ҳам зи ду чашмаш касод шуд!
То холат аз фурӯғи рух оташпараст гашт,
Савдои он ду зулф саросар ба бод шуд.
Султони дил зи тобиши хуршеди оразат
Бо нури ту фурӯғи ҷамеъ-ул-билод шуд.
Мехостам висоли ту ин буд дар ҷаҳон
Коме, ки бар муроди мани номурод шуд.
Мебохт нард рост, Бисотӣ, ба қоматат
Дове бизад чу нақши даҳонат зи ёд шуд.

* * *

Магар, ки мавкаби султони гул ба боғ расид,
Ки боз лола ба шакли пиёла гашт падид.
Надонам оби равонро чӣ мушкил афтодаст,
Ки сабза дӯш дуоҳои хайр ханду дамид.
Бихост сабза, ки гирад зи завқ домани об,
Давид обу равон дар канори ҷӯ ғалтид.
Мапеч савсан агар сарв баркашад худро,
Ки кори сарв ҳамин аст солҳои мадид.
Бубаст дида зи рӯи арӯси гул, наргис,
Магар, ки дар чаман инҳо наменамояд дид.
Забон ба ком кашидаст савсани озод,
Магар зи шеъри Бисотӣ ривояте бишнид.

* * *

Ба ҳар мӯе диле бастаст зулфи анбарафшонаш,
Магар ҷамъияти дилхост дар зулфи парешонаш.
Шаби гесӯи ӯ доим ҳиҷоби рӯз мегардад,
Сабо то чанд рӯ бинӣ, макун охир парафшонаш.
Дури гӯши ту меафтад зи сармастӣ ба ҳар сӯе,
Бидеҳ як ҷуръаи дигар зи ҷоми васлу ғалтонаш.
Нахоҳад рехт ашки дида обе, оқибат рӯзе
Манат гуфтам, ту худ донӣ, ба оби рӯ зи давронаш.
Дили ҳар дарманде, к-ӯ ба зулфи дӯст дармонад,
Ба ҷуз дармондагӣ дигар намедонанд дармонаш.
Дури назми Бисотиро Камол аз худ мабин камтар,
Ки парвардаст чун мардум ба оби дида Салмонаш.

* * *

Фикри даҳанат нест чудо аз дили тангам,
Холӣ наям аз лаъли ту гар дар дили сангам.
Сад хори чафо хӯрдаму як раҳ нашунидам
Бӯе, ки бувад аз гули рухсори ту рангам.
Рӯзе зи дилам новаки он турк хато шуд,
Умрест, ки бо бахти бади хеш ба чангам.
Чун чанг дуто гаштаму фикрам ҳама ин аст,
Қ-оё ба чӣ тасниф дарой ту ба чангам.
Мирам ба сари кӯи ту як рӯз бимирам,
Гар умр диҳад мӯҳлату айём дарангам.
Зангест маро аз ту бар ойинаи хотир,
Бошад, ки зудоянд аз ин ойина зангам.
Бе чавҳари фарди даҳанат ҳамчу Бисотӣ,
Дарьёб, ки аз нестӣ худ нек ба нангам.

* * *

Ба бӯят чун сабо ҳар сӯ давидам,
Зи гулзори рухат ранге надидам.
Зи нахли бахти ёрон меваву мул
Ҳамехӯрданду ман лаб мегазидам.
Чудо афтодам аз рӯи накӯят,
Намедонам, чӣ чашми бад расидам.
Ба рӯят гар бигӯям раҳмат, оре
Азобе, к-аз ғами ҳичрон кашидам.
Бинӯш, эй бахт, шарбатҳои васлаш,
Ки ман заҳри чудоиҳо кашидам...
Дилам дар шашдари ғам чун Бисотӣ
Бимонду мӯҳраи меҳраш начидам.

* * *

Дар ҳар чаман, ки бе гули гӯят расидаем,
Оҳе ба ёди сарви қадат баркашидаем.
Пайкон зи сина, оҳ зи дил, нола аз чигар,
З-ин гуна чавр аз ту фаровон кашидаем.
Пеш аз ман, эй сиришк ба кӯяш чӣ меравӣ,
Мо ҳам баробари ту дар ин кӯ давидаем.



Мо бандаем, қимати мо хоки пои туст,
Бишнос қадр моро, ки беҳ аз зархаридаем.
Чон бохтанд халқ ба назди хаёли ту,
Мо низ чун Бисотӣ ҳамин нақш дидаем.

* * *

Аз маи дӯшина, соқӣ, сархушам,
Чуръае боз ору соз аз сар хушам.
Чоми май бар лаб манеҳ, к-аз рашки он
Мефитад дар чони ширин оташам.
Бар лаб омад чонам аз талхии май,
Эй ҳарифон то ба кай дам даркашам?!
Соқиё, лутфе бикун, чоме биёр,
З-он маи ёқутранги беғашам.
Талх мегӯям қадаҳро баҳри май
Пунба аз гӯши суроҳӣ мекашам.
Мулки Чам ёбам, Бисотӣ, гар шавад
Хоки кӯи майфурӯшон мафрашам.

* * *

Гарчи дилро якчиҳат кардем мо бо дӯстӣ,
Душманиҳо мекунад ҳар лаҳза бо мо дӯстӣ.
Ҳар сари мӯ душмани чон аст аз савдои ту,
Нест ҳамчун зулфи ту як мӯй қатъо дӯстӣ.
Аз хурӯши чангу даф васли ту меҳоҳад дилам,
З-он ки дар ҳар навбате бошад худоро дӯстӣ.
Манъам аз васлаш макун охир чӣ нуқсон, эй рақиб,
Қ-аз паси соле нишинад дӯсте бо дӯсте.
Доманаш гир, эй Бисотӣ, ҳамчу об аз каф мадеҳ
Гар ба даст афтад чу сарват пойбарчо дӯстӣ.

## ХАЁЛИИ БУХОРОЙ

*Мавлоно Хаёлӣ аз суханварони тавонои қарни XV, шогирди Мавлоно Исмати Бухороӣ ва муосири Улуғбек аст. Мутаассифона, дар ҳеҷ яке аз сарчашмаҳои мӯътамад ном ва куньяи вай зикр наёфтааст. Ба ин сабаб марҳум Саид Нафисӣ иштибоҳан шарҳи ҳоли Аҳмад ибн Мусо ибн Шамсиддин Хаёлиро ба Мавлоно Хаёлии Бухороӣ нисбат додааст.*

*Қадимтарин маълумоти мавҷуда, ки ба Мавлоно Хаёлии Бухороӣ нисбат дорад, гуфтаҳои тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ аст, ки минбаъд дар ҳамон тазкира ва китобҳои таърих бо рангубори гуногун такрор мегарданд.*

*Давлатшоҳи Самарқандӣ дар бораи Хаёлии Бухороӣ навиштааст:*

*«Аз ҷумлаи шогирдони Хоҷа Исматуллои Бухороӣ аст, марди мустаид ва хуштабъ буда ва суханони дарвешона ва равони покиза дорад. Девонаш ӯ дар Мовароуннаҳр ва Бадахшон ва Туркистон шӯҳрате азим дорад... Аммо Хаёлии дигар дар Сабзавор ва Хаёлии дигар дар Тун буда ва бад намегуфтанд, фи аммо дар ҷунби Мавлоно Хаёлии Бухороӣ хаёли ишон маҳол аст». Ба ғайр аз зодгоҳаш—шаҳри Бухоро Мавлоно Хаёлӣ чанде дар Ҳирот низ зистааст, ки ба ин ҷиҳат баъзе тазкиранависон (Ризоқулихони Ҳидоят) ва дигарон вайро Ҳиротӣ ва баъзеҳо (муаллифи тазкираи «Рӯзи равшан») Хуҷандӣ номиданд. Дар мавриди охир метавон гуфт, ки ба қавли худи Мавлоно вай ҳамчун «Булбули боғи Хуҷанд» ҳам шӯҳрат пайдо карда будааст, ки ба сабаби тавағҷӯҳи хосса доштанаш нисбат ба шеъри* Шайх Камоли Хуҷандӣ мебошад:

То дар тариқи назм Хаёлӣ Камол ёфт,
Номаш замона «булбули боғи Хуҷанд» кард.

*Дар. бораи ҷараёни зиндагӣ ва рӯзгори Мавлоно Хаёлии Бухороӣ маълумоти таъине дар даст нест. Аммо дар асоси гуфтаҳояш метавон ба ҳамин хулоса омад, ки:*

Эй вазире, ки мулку ҷоҳи туро
Аз самавоту арз берун арз.



Аз замона шикояте дорам,
Бар замири ту кард хоҳам арз,
Ки дар айёми давлати ту яке,
Ки дуои ту бошад ӯро фарз,
Нахӯрад ҳеҷ чиз, илло ғам,
Накунад ҳеҷ кор, илло қарз.

***Аз рӯи маълумоти тазкираи «Тахти шоҳҷаҳонӣ» ва ба гуфтаи Рьё дар Феҳристаш (марги Мавлоно Хаёлӣ дар зодгоҳаш—шаҳри Бухоро дар соли 850 ҳиҷрӣ) 1447 милодӣ воқеъ гардида будааст.***

***Девони Мавлоно Хаёлӣ, бино ба матни интиқодиаш, ки аз тарафи Азизи Давлатободӣ дар соли 1974 ба табъ расонида шудааст (Табрез 1352 ҳиҷрии шамсӣ) дорои 3 қасида (108 байт), як мусаммат (30 байт), 355 ғазал (1886 байт), 8 қитъа (9 байт), 8 рубоӣ (16 байт), 6 байти алоҳида ва боз 16 байти иловагӣ буда, ҳамагӣ 2071 байтро (4142 мисраъро) ташкил мекунад.***

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй тири ғаматро дили ушшоқ нишона,
Халқе ба ту машғулу ту ғоиб зи миёна.
Гаҳ мӯътакифи дайраму гаҳ сокини масҷид,
Яъне ки туро металабам хона ба хона.
Ҳар кас ба забоне сифати ишқи ту гӯяд,
Сӯфӣ ба суруди наю мутриб ба тарона.
Зоҳид ба раҳи каъбаву ман толиби дидор,
Ӯ хона ҳамеҷӯяду ман соҳиби хона.
Тақсири Хаёлӣ ба умеди карами туст,
Яъне ки гунаҳро беҳ аз ин нест баҳона.

* * *

То хоки роҳи ҳиммати аҳли сафо шудам,
Дар дидаҳо азизтар аз тӯтиё шудам.
Ман андалеби гулшани қудсам, вале чӣ суд,
К-аз зулфи ту муқайиди доми бало шудам.
Гарчи шудам зи каъба ба бутхона бок нест,
Рӯи ту буд қиблаи ман ҳар куҷо шудам.

Аз доду гири растаи бозори ошиқӣ
Судам ҳамин бас аст, ки шаҳрошно шудам.
Аз сар ниҳод доми ҳавасточи салтанат,
3-он дам, ки дар дарат чу Хаёлӣ гадо шудам.

* * *

Моро ба дари дӯст кушод аз ҳаваси хеш,
Вақтест ки дорад саги он кӯй каси хеш.
То кай бари он рӯ ба қафо, эй гули раъно,
Бигзор дурӯиву нигар пешу паси хеш.
Ғам нест, ки наздики балоем, валекин
Фарьёд, ки дурем зи фарьёдраси хеш.
Афсурда ҳарифи сухани сӯхтагон нест,
Зинҳор ту зоеъ макун, эй най нафаси хеш.
Бо он даҳани танг чӣ пӯшӣ зи Хаёлӣ?
Пинҳон чӣ кунӣ тунги шакар аз магаси хеш?

* * *

Ҳар кӣ сар дар қадами мардуми оқил наниҳод,
Дар раҳи ишқ қадам бар сари манзил наниҳод.
То дар ин раҳ ба тамомӣ нагузашт аз сари хеш
Пой аз ин вартаи хунхора ба соҳил наниҳод.
Шеваи шоҳиди раънои чаҳон хунрезист,
Ҷон касе бурд, ки бар ишваи ӯ дил наниҳод.
То ки наққоши азал сурати хуби ту бубаст
Гиреҳи пайкари дил дар гиреҳи гил наниҳод.
То Хаёлӣ зи раҳу расми адаб воқиф шуд
Қадаме дар тарафи ишқи ту ғофил наниҳод.

* * *

То зулфи раҳзани ту зи анбар каманд кард,
Машшотааш гирифт ба duздиву банд кард.
Дилро ғамат ба иллати қалбӣ намехарид,
Лекин чу дид доғи ту бар вай писанд кард.
Қунчи ғами ту хонаи айшам хароб сохт,
Сарви қади ту пояи бахтам баланд кард.
Ҳар зардрӯие, ки зи вақҳи ниёз буд
Қассоми ишқ рӯи мани мустаманд кард.
То дар тариқи назм Хаёлӣ Қамол ёфт,
Номаш замона «Бубули боғи Хуҷанд» кард.



* * *

Дил ба рӯят ҳаваси сӯҳбати ҷонӣ дорад,
Ҷон ба фикри даҳанат айши ниҳонӣ дорад.
Дида чун ашк, агар дар талабат биштобад,
Бигузораш, ки ба рӯят нигаронӣ дорад.
То дилам мазҳаби хубони сабукрӯҳ гирифт,
Танам аз сӯҳбати ҷон низ гаронӣ дорад...
Эй Хаёлӣ, ба ҳадиси лаби ӯ дар суханат
Ҳаст обе, ки бад-ин кӯй равонӣ дорад.

* * *

Чӣ кард сарв ба қаддат, ки баркашидандаш?
Чӣ гуфт шамъ ба рӯят, ки сар буридандаш?
Зи дида дӯш чӣ диданд, солиёни сиришк,
Ки як ба як ҳама бар рӯй медавидандаш.
Бунафша сабзаи хатти туро парешон гуфт,
Бад-ин гуноҳ забон аз қафо кашидандаш.
Рухи ту бурд диламрову мардумон диданд,
Ба мардуме, ки дар ин холи хуб дидандаш.
Гирифта буд ду чашми ту бар Хаёлӣ роҳ,
Ки гесувони ту низ аз қафо расидандаш.

* * *

Наргис хаёли чашми ту дар хоб боз ёфт,
Сарв аз ҳавои қадди ту умри дароз ёфт.
Найро, ки рафта буд, дили рафтааш зи даст
Чун аз висоли ту хабаре ёфт, боз ёфт.
Хоки раҳи ниёз шав, эй дил, ки чашми ман
Ҳар обрӯ, ки ёфт зи ашки ниёз ёфт.
Бо сӯзи дил бисозу дам аз нур зан, ки шамъ
Ин манзилат, ки ёфт зи сӯзу гудоз ёфт.
Эй най, рахе намо, ба Хаёлӣ зи кӯи дӯст,
Гӯ дар тариқи ишқ туро чашм боз ёфт.

* * *

Ёр дарди бедилонро диду тадбире накард,
Дар ҷафокорӣ афоуллоҳ тақсире накард.
Ман ба абрӯяш назарҳо дораму он бевафо
З-он камон ҳаргиз маро шармандаи тире накард.

Эй, ки чун оина дорӣ даъвии равшандилӣ,
Чунки оҳи дардмандон дар ту таъсире накард.
Дар ҳарими хотири арбоби ҳиммат раҳ наёфт,
Ҳар кӣ дар аҳди ҷавонӣ хизмати пире накард.
Аз сияҳбахтӣ Хаёлӣ сӯи зулфи саркашаш
Бе набард аз роҳи маънӣ то ки шабгирӣ накард.

* * *

Гар ту, эй шамъ, шабе дар назари ман бошӣ,
Чӣ дуо беҳтар аз ин аст, ки равшан бошӣ!
То бувад донаи хоки ту бар оташ, шарт аст,
Ки ба фармони мани сӯхтахирман бошӣ.
Бо муҳиббони балокаш магар, эй аҳдшикан
Дӯстии ту ҳамин аст, ки душман бошӣ?
Бандаи нахли қади ёр шав, эй дил, агарат
Ҳавас ин аст, ки озода чу савсан бошӣ.
Обрӯе беҳ аз ин нест, Хаёлӣ, ки чу об
Сарфарозӣ бигузориву фурӯтан бошӣ.

* * *

Машшота сари зулфи ту бубрид ба бозӣ,
То беш ба мардум накунад дастдарозӣ.
Гаҳ-гаҳ ба ниёзи дили ушшоқ назар кун,
Эй сарви биҳиштӣ, ки саросар ҳама нозӣ.
То рӯи ибодат наниҳад пеши ту зоҳид,
Дар мазҳаби риндон суханаш нест намозӣ.
Эй фитна, ки дорӣ сари даъвии латофат,
Тарсам, ки лабаш биниву аз шарм гудозӣ.
Хоҳӣ, ки барорӣ нафаси гарм чу миҷмар,
Шарт аст, ки бо сӯзи дили хеш бисозӣ.
Ҳарчанд, ки ояд дури ашки ту Хаёлӣ,
Аз рӯй маронаш, ки ятим аст ниёзӣ

* * *

Боз аз қадами гул чамани пир ҷавон шуд,
В-аз зулфи суман боди сабо мушкфишон шуд.
То арза диҳад пеши қадат бандагии хеш,
Сар то ба қадам савсани озода забон шуд.



То замзамаи меҳри ту бишнуд ба сад шавқ
Дар рақс даромад фалаку чархзанон шуд.
Дар ҷони Хаёлӣ чу ватан сохт ғами ишқ,
Мехост, ки вайрон шавад ин хона, ҳамон шуд.

* * *

Дар чаман ғунчаи сероб ба ҳарҷо, ки расид
Монд бар бӯи хати сабзи ту чандон ки дамид.
Об дӯш аз ҳаваси оразу қаддат ҳама шаб
Дар қадамҳои гулу сарв ба сар меғалтид.
Дӣ гулу лола ҳамечид яке дар бӯстон,
Чун рухат дид аз онҳо ҳама доман дарчид.
Пеши соҳибназарон дар сифати орази ту
Ашк дар нукта, ки гуфт аз суханаш об чакид.
Мо ба хоки раҳи ту роҳ набурдем, валек
Ашк ҳар фикр, ки мекард дар ин боб давид.

* * *

Лоларо ҳамчу бутон орази дилҷӯе нест,
Ҳаст ранге чу гул, аммо зи вафо бӯе нест.
Ҳосил ин аст, ки аз рӯи накӯи ту маро
Ҳосили умр ба ҷуз таънаи бадгӯе нест.
Бо ҳама мӯйшикофӣ хиради хурдашинос
Воқиф аз сирри даҳони ту сари мӯе нест.
То ба роҳи талаб, эй дил, наниҳӣ рӯи ниёз
Дар миёни туву мақсуд раҳу рӯе нест.
Зоҳидо, гар чу Хаёлӣ сари риндӣ дорӣ
Сокини кӯи муғон шав, ки риёгӯе нест.

* * *

То ҷон ба вафои даҳани танги ту дам зад,
Аз шаҳри бақо хайма ба саҳрои адам зад.
Ё раб, чӣ балоӣ ту надонам, ки ба олам
Ҳарҷо қадам овард қадат, фитна алам зад.
Чун моҳи нав аз дида ниҳон гашт, яқин шуд,
К-аз фитнаи абрӯи ту тарсид, ки хам зад.
То килки қазо нақши руху зулфи ту бандад
Аз ғолия бар сафҳаи хуршед рақам зад.
Бошад, ки ба ҷое расад, ар ишқи Хаёлӣ
Чун аз сари ихлос дар ин роҳ қадам зад.

* * *

Бо ман, эй мардумаки дида назар нест туро,
Ишқи ту бехабарам карду хабар нест туро.
Мо ба ғам ҷон биспурдему ту огоҳ наӣ,
Ғами ёрони вафодор магар нест туро?
Мояи ҳусни ту овози хушу рӯи накӯст,
Пас агар чизи дигар ҳаст в-агар нест туро
Чанд дар кори ҷафо тез кунӣ мижгонро,
Охир, эй ҷони касӣ, кори дигар нест туро.
Кимиёест ҳадиси ту Хаёлӣ, лекин
Зар надорӣ паи он кор чу зар нест туро.

* * *

Ишқ мегуфт аз карамҳои ҳабиб,
Ғам насибат бод гуфтам, ё насиб,
Ман ба доғи синасӯзи худ хушам,
Ту бибар дарди сари худ, эй табиб.
Ғам набошад ҳеҷ аз ин дурӣ, агар
Ваъдаи васли ту бошад анқариб.
Гар бипурсӣ аз ғарибон дур нест,
Набвад аз аҳли карам инҳо ғариб.
Бе рухат дорад Хаёлӣ ҳолате,
Қадри гул некӯ шиносад андалеб.

* * *

Хушнуд будан аз ғами ишқи ту кори мост,
З-он рӯ ба ғам хушем, ки дерина ёри мост.
Моро чӣ ғам, ки дар ақиби шашдари ғамем,
Нақши хаёли рӯи ту то дар дучори мост.
Рӯзе ки айшу ноз бубахшӣ ба ошиқон
Ғамро ба мо гузор, ки ӯ бахши кори мост.
То аз миёни вартаи ҳастӣ бурун шудем,
Сармояи мурод ҳама дар канори мост.
Афсонаҳои дарди Хаёлӣ ба гӯш дор,
К-аз баъди мо зи ишқ ҳамин ёдгори мост.

* * *

Бод бар зулфи ту бигзашт, ки анбарбӯй аст,
Гул магар рӯи ту дидаст, ки хандонрӯй аст.



Беш аз ин нест ба нақши даҳанат нисбати ман,
Ки миёни ману ӯ то ба адам як мӯй аст.
Хун ба ҷӯ меравад аз дидаи мардум з-ин ғам,
К-обрӯ дар раҳи савдои ту оби ҷӯй аст.
Ҷустуҷӯи дили гумгаштаи мо бар лаби туст,
Нашунидӣ, ки лаби лаъли бутон дилҷӯй аст.
На Хаёлӣ, сухан аз зулфи ту мегӯяду бас
Ҳар кӣ девонаи ишқ аст — парешонгӯй аст.

* * *

Тоби рӯят ба фурӯғи маҳи тобон монад,
Сари зулфат ба шаби тираи ҳиҷрон монад.
Гар бад-он қомату рухсор ба гулзор ой,
Сарв подаргилу гул сарбагиребон монад.
Мезанад лофи сукун ақл, вале чашми туаш
Ба тарике барад аз роҳ, ки ҳайрон монад.
Дили ошуфтаи худро ба таманнои рухат,
Ҷамъ дорам, агар он зулф парешон монад.
Оқибат гуфт ба мардум сухани рози ман ашк,
Рози ошиқ сухане нест, ки пинҳон монад.
Эй Хаёлӣ, шаби меҳнат гузарад, тира машав,
Ҳеҷ ҳоле, чу надидем, ки яксон монад.

* * *

Гар тараҳҳум накунад турраи беоромаш,
Мурғи дил ҷон натавонад, ки барад аз домаш.
Ҳар кӣ хоҳад, ки ба коме расад аз нахли бутон,
Сабр бояд ба ҷафое, ки расад то комаш.
Эй дил, оғоз ба коре, ки кунӣ рӯзи нахуст.
Саъйи он кун, ки надомат набарӣ анҷомаш.
Бо ту ҳар кас, ки дами хуш гузаронад, дигар
Чӣ ғам аз меҳнати даҳру ситами айёмаш.
То ба номи ту, Хаёлӣ, қадаҳе дарнакашад,
Наравад дар ҳама офоқ ба риндӣ номаш.

* * *

Эй меҳри ту аниси дили нотавони ман,
Зикри лабу даҳони ту вирди забони ман.

То номи ту шуниду нишони ту ёфт дил,
Дигар асар наёфт зи ному нишони ман.
Аз лавҳи хотирам наравад нақши меҳри ту
Баъд аз аҷал, ки хок шавад устухони ман.
Дил сӯхт, з-ин ҳасад, ки чаро сарф мешавад,
Ҷуз нақди ҷони ман ба фидои ту, ҷони ман.
Қасро вуқуф нест ба ҷуз най зи ҳамдамон,
К-аз дасти ҳаҷри кист нафиру фиғони ман?
Гуфтам тани Хаёлии мискин чу мӯй чист?
Дартоб рафту гуфт: «Зи фикри миёни ман».

## АЗ МУҚАТТАОТ

Чӣ гӯям, гардиши гардуни дунро,
Ки хасро сар ба авҷи осмон бурд.
Хирадмандону мардумзодагонро
Зи баҳри нонашон об аз рухон бурд.
Хасисе чандро додаст тавфиқ,
Ки нанг ояд маро худ номашон бурд.

* * *

Эй вазире, ки мулку ҷоҳи туро
Аз самовоту арз берун арз.
Аз замона шикояте дорам,
Бар замири ту кард хоҳам арз,
Ки дар айёми давлати ту яке,
Ки дуои ту бошад ӯро фарз,
Нахӯрад ҳеҷ чиз, илло ғам,
Накунад ҳеҷ кор, илло қарз.

## АЗ РУБОИЁТ

Гар бишнавӣ, эй ёр, бигӯям хабаре,
Олам ҳама одам аст, бикшо назаре,
Имрӯз яқин мусофири баҳру бар аст,
Дар мулки вуҷуд ҳар кӣ дорад сафаре.



* * *

Аз сӯҳбати ошиқони огоҳ марав,
Бигрез зи банди хешу аз роҳ марав,
Хоҳӣ, ки рамӯзи ошиқӣ дарьёбӣ
Зинҳор ба ақли хеш дар чоҳ марав.

* * *

Эй дӯст, касе, ки ишқ дар сар дорад,
Доим дили ғамдида мунаввар дорад,
Осудаи ҳар ду олам омад ба яқин
Дар лангари ишқ ҳар кӣ лангар дорад.

* * *

То чашми ту бар камини дилҳо бинишаст,
Абрӯи ту сад фитна ба олам пайваст.
Аз баҳри худо, макун ситез, аз сари сулҳ
Дарьёб маро вагарна рафтам аз даст.

* * *

Теғ аз туву лаббайки ниҳонӣ аз ман,
Захм аз туву савдои ҷавонӣ аз ман.
Гар дил диҳадат, ки ҷонситонӣ аз ман,
Аз ту сари теғу ҷонфишонӣ аз ман.

* * *

Дар матбахи дуньё ту ҳама дуд хӯрӣ,
То кай ту ғамони буду набуд хӯрӣ.
Аз моя нахоҳӣ, ки ҷаве кам гардад,
Моя, ки хӯрад, чу ту ҳама суд хӯрӣ.

## ҚОСИМУЛАНВОР

*Сайид Алӣ бинни Ҳорун Қосимуланвор (ё Қосими Анвор), ки Қосим ва Қосимӣ тахаллус дорад, соли 1355 (757 ҳиҷрӣ) дар Сароб ном ҷои Табрез ва пас дар Ҳирот зиндагӣ ихтиёр мекунад. Ҳукмрони Ҳирот Шоҳрух (солҳои 1409—1447 мелодӣ) Қосимро ба сабаби баъзе ихтилофҳои мазҳабӣ аз мамлакат берун мекунад. Шоир ба Самарқанд омада, муддате дар ин шаҳр умр ба сар мебарад ва дар охир аз Самарқанд ба Ҷом кӯчида, то охири умр дар он сарзамин зиндагӣ мекунад ва соли 1433 (837 ҳиҷрӣ) дар мавзеи Харҷарди вилояти Ҷом аз дунъё чашм мепӯшад.*

*Аз осори шоир як девони мураттаб, ки иборат аз ғазал, тарҷеъбанд, муқаттаот, рубоиёт ва маснавиҳое, ки машҳуртарини он «Анис-ул-ошиқин» (507 байт) аст, то ба замони мо омада расидааст.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Гиребон медарам ҳардам, ки домон дармакаш аз мо,
Ки мо муштоқи дидорему ринду ошиқу шайдо.
Ба чашми масти майгунат, бигӯ эй турки яғмоӣ,
Ки охир чист мақсудат зи чандин ғорати дилҳо
Аз он хуршеди рухсорат саводи зулф як сӯ кун,
Ки муштоқон ба рӯз оянд аз торикии шабҳо
Чунон дар ишқ якрӯем, ки гар теғам равад бар сар,
Ба рӯзи имтиҳон бошам чу шамъ истода побарҷо.
Зи сар то по ҳама ҷонам, ки ғарқи ишқи ҷононам,
Ҳама ишқ аст арконам зи сар то по, зи сар то по.
Зи зулфат дил парешон аст гуфтам, гуфт: «Ошиқро
Шароби лаъл мебояд илоҷи иллати савдо».

* * *

Эй аз ҷамоли рӯи ту, тобанда офтоб,
В-эй офтоби рӯи туро банда офтоб.



То офтоби рӯи ту бифрӯхт, ҷон харид,
Аз давлати ту гашт фурӯзанда офтоб.
Мо ҳусни рӯи хуби туро толиб омадем,
Мо толибони ҳусну фурӯшанда офтоб...
То офтоби рӯи ту бар бому дар фитод,
Гашт аз фурӯғи рӯи ту рахшанда офтоб.
Чун офтоби рӯи туро дид банда шуд
Аз иштиёқи рӯи ту дилзинда офтоб.
Қосим ҳавои рӯи ту дорад ба рӯзу шаб,
Чун ҳаст аз ҷамоли ту тобанда офтоб.

* * *

Бар мо ба ноз мегузарӣ, ин чӣ одат аст?
Дар ҳоли мо наменигарӣ, ин чӣ одат аст?
Дар оташи фироқи ту бечора мондаем,
Бас фориғӣ зи чорагарӣ, ин чӣ одат аст?
Бар рӯи дӯстон дари давлат бубастаӣ
Бо мо бубин, ки дар чӣ дарӣ, ин чӣ одат аст?
Доим ба теғи ҳаҷр дилам хаста мекунӣ,
Айёми умр шуд сипарӣ, ин чӣ одат аст?
Дӣ омадам ба кӯи ту, аз баҳри рӯи ту,
Пинҳон шудӣ зи ман чу парӣ, ин чӣ одат аст?
Филҷумла ақлу ҷону дилу дин бибурдаӣ,
Охир бубин, чӣ ҷумла барӣ? — Ин чӣ одат аст?
Бар Қосимӣ назар накунӣ аз камоли лутф,
Эй ҷон, чу соҳиби назарӣ, ин чӣ одат аст?

* * *

Чу рӯят тозагул дар бӯстон нест,
Чу мӯят сунбуле бар арғувон нест.
Бидор оина бар рӯ, то бубинӣ,
Ки чун рӯи ту рӯе дар ҷаҳон нест.
Ба зебоӣ назар кун, то бубинӣ,
Ки зебоии ту дар баҳру кон нест.
Чу рӯят офтоби оламафрӯз
Талаб кардем, дар кавну макон нест.
Машав хушдил ба озори дили ман,
Ки озор аз тариқи дӯстон нест.

Ту шоҳи ҷони мой, дар ҳақиқат
Чу ту шоҳе миёни инсу ҷон нест.
Миёни раҳравони роҳ Қосим,
Ба ғайр аз ишқ чизе дар миён нест.

* * *

Боғбоно, ба ҷаҳон тухми накӯ бояд кошт,
Ҳам аз он ҷинс, ки мекорӣ, бар бояд дошт.
Дар раҳи дарду ғамаш хорсифат мегардем,
Диду донист, вале қиссаи мо саҳл ангошт.
Ҳама дар гӯшаи ҳиҷрон мутаворӣ будем,
Шавқи ушшоқ расиду алами ишқ афрошт.
Ишқ дар манзили мо хаймаи султонӣ зад,
Инчунин кори азим аст, ба осон пиндошт.
Ҷуръа май дод ба мастони ҳақиқат, ринде
Оқибат дил зи сари ҷони гиромӣ бардошт...
Ёр дар маҷлиси мо қисса ба рамзе мегуфт,
Қосимӣ шеваи ӯ дид, дил аз даст гузошт.

* * *

Дар шарҳи он ҷамол баёнҳо зи ҳад гузашт,
Дар ҳусни ёр ҳайрати ҷонҳо зи ҳад гузашт.
Дар нуқтаи даҳони ту, к-он сирри нозук аст,
Қасро нашуд яқину гумонҳо зи ҳад гузашт.
Нодида ёрро, ба тасаввур ҳикояте
Афтод дар забону зиёнҳо зи ҳад гузашт.
Аз айни ҳусн дилбари бе ному бе нишон
Як ҷилва кард, ному нишонро зи ҳад гузашт.
З-ин беш бениқоб марав дар миёни шаҳр,
Эй дӯст, алҳазар, ки фиғонҳо зи ҳад гузашт.
Эй ёри ҷон, ки бар сари бозори ошиқӣ
Шод омадиву шодии ҷонҳо зи ҳад гузашт...
Вақт аст то қарин шавад он ёр, Қосимӣ,
К-аз шиддати фироқу, қиронҳо зи ҳад гузашт.

* * *

Ҳаргиз ҳавои васли ту аз ҷони мо нарафт,
Савдои салтанат зи сари ин гадо нарафт.



Як шаб нашуд, ки аз ғами ишқат зи чашму дил
Селобҳо наёмаду фарьёдҳо нарафт.
Қалбе, ки нақди давлати дарди туро наҷуст
Миспораест, к-аз талаби кимьё нарафт.
Гуфтӣ: «Саги ман аст фалон», мӯҳтарам шудам,
Ҳаргиз чунин муболиға дар мадҳи мо нарафт.
Ошиқ нашуд диле, ки наёмад асири ғам,
Содиқ набуд ҳар кӣ ба теғи бало нарафт.
Рӯзе, ки дилшикаста наёмад ба кӯи ту
Бо тӯҳфае зи дард, ки бо сад даво нарафт.
Арзон харид дарди ту Қосим ба ҷону дил,
Бо муштарӣ муболиғае дар баҳо нарафт.

* * *

Дар ҳусну ҷамоле, ки ту дорӣ, чӣ тавон гуфт?
Сарвӣ, суманӣ, лолаузорӣ, чӣ тавон гуфт?
Бар сафҳаи дил, эй дилу ҷон, аз ғаму шодӣ
Нақше, ки нигорӣ чу нигоре, чӣ тавон гуфт?
Худро саги кӯи ту шумурдему ту моро
Гар аз саги он кӯ нашуморӣ, чӣ тавон гуфт?
Дар дил ҳама ғамҳои ту дорем шабу рӯз,
Дар дил ғами мо ҳеҷ надорӣ, чӣ тавон гуфт?
Дилдодаву савдоиву риндам, чӣ тавон кард?
Зебову дилафрӯзу айёрӣ, чӣ тавон гуфт?
Аз ёди ту бишкуфт дилам чун гули сероб,
Дар хосияти боди баҳорӣ чӣ тавон гуфт?
Қорат ҳама озори дили Қосими мискин,
Эй дӯст, бубин, то ба чӣ корӣ, чӣ тавон гуфт?

* * *

Раҳ биёбон асту шаб торику поям дар гил аст,
Ишқу бемориву ғурбат мушкил андар мушкил аст.
Ин чунин раҳро ба душворӣ тавон рафтан, моро
Ҳамраҳам умр асту умри нозанин мустаъҷил аст.
Сахт ҳайрон асту саргардон, вале дорад умед,
Дил бад-он лутфе, ки зарроти ҷаҳонро шомил аст.
Зоҳидон гар ҳиссаҳои ишқро мункир шаванд,
Ошно донад, ки моро ин сухан ноқобил аст.
Сӯфии хилватнишинро, к-аз муҳаббат дил тиҳист,
Гар ба сурат менамояд ҳақ ба маънӣ ботил аст.

Носеҳ аз дарди дили мо кай хабар дорад, ки мо
Дар миёни мавҷи дарьёему ӯ бар соҳил аст.
Гуфтамаш ҷону дилу дин бохтам дар роҳи ту
Дар табассум гуфт: Қосим, сабр кун, кори дил аст.

* * *

Эй дилу ҷони гиромӣ, ба таманнои ту шод,
Ҳаргиз ин ҷони ман аз дарди ту маҳрум мабод.
Ақлу дин бурдиву дил бурдиву ҷон металабӣ,
Шарти таҷрид ҳамин аст, зиҳӣ ҳусни рашод!
Ҳолиё, нақд ба дилори ту ваҷде дорем,
Баъд аз ин то чӣ ниҳад кори замонро буньёд.
Мулки ҷовид ба дидори ту дорем имрӯз,
Даргузаштем аз ин ҷорсӯи кавну фасод.
Рӯзу шаб дар талаби ҷомаву нон музтариб аст.
Ҳоҷаро фикри маош аст, на тадбири маод.
Мотамаш то ба абад собиту ҷовид шавад,
Ҳар кӣ аз давлати дарди ту набошад дилшод.

* * *

Дар валои ту дилам ҳусни вафое дорад,
Рӯи зебои ту ҳар лаҳза сафое дорад.
Ишқ маст аст надонам, ки чӣ хоҳад кардан?
Ғолибан нияти ангези балое дорад.
Дили бечораи ман бар сари кӯи ту расид,
Ман чӣ гӯям, ки чӣ хуш обу ҳавое дорад?
Ҳар саҳаргаҳ, ки вазад боди сабо з-он сари кӯ
Бӯстони дили ман нашъунамое дорад.
Сахт тарсонам аз ин ҳаҷр, вале шодонам,
К-аз висоли ту дилам баргу навое дорад.
Ишқ маст аст ба хумхонаву май менӯшад,
Ҷом бар каф, ҳамаро бонгу салое дорад.
Дӯст пурсид зи асҳоб, ки Қосим чун аст?
Бо чунин поя ғами бе сару пое дорад.

* * *

Имрӯз бори дигар он моҳи дилбар омад,
Шодист ҷону дилро, к-он шоҳи кишвар омад.
Боз омад он қиёмат, он фитнаву аломат,
Чун соқиёни маҳрӯ бо ҷому соғар омад.



Доме ниҳоду дона, он дилбари ягона,
Одам ба сад баҳона, дар доми дилбар омад.
Ишқ оташест сӯзон, ақл аст масту ҳайрон,
Дил дар миёни ҳарду маҳкуму музтар омад.
Раҳ баста нест, ёро, бикшодааст, аммо
Ҳастии мо дар ин раҳ Садди Сикандар омад.
Ақл оҳуест ҳайрон, ишқ аст шери ғуррон,
Бигрехт ақли тарсон, ишқи ғазанфар омад.
Бо ишқ бош, Қосим, к-аз ишқу шӯри мастӣ,
Ҳам дил муайяд омад, ҳам ҷон музаффар омад.

* * *

Чашми гирьёну дили зору низоре дорам,
Дар ниҳонхонаи дил нақшу нигоре дорам.
Зари нобам, ки ба бозори ҷаҳон омадаам,
Маҳаке ку? — Ки бубинед иёре дорам.
Ман аз он шаҳри калонам, на аз он деҳ, ки туӣ,
Бо ҳама халқи ҷаҳон дору мадоре дорам.
Ту чӣ донӣ, ки ман ин ҷо ба чӣ кор омадаам,
Ки ба саҳрои башар азми шикоре дорам...
Ҳамчу булбул, ки бинолад ба ҳавои гули маст
Бо хаёлаш ҳама шаб нолаи зоре дорам.
Қосимӣ, нест аз ин шӯҳра маломат бигузор,
Ман зи шаҳри дигарам, рӯ ба диёре дорам.

* * *

Исо ба зуҳур омад, ман мурда чаро бошам?
Айёми баҳор омад, пажмурда чаро бошам?
Чун оташи он ҳодӣ дартофт дар ин водӣ,
Дар рақсаму дар шодӣ, афсурда чаро бошам?
Он маҳрами дарвешон в-он марҳами дарвешон,
Омад ба давои ҷон, озурда чаро бошам?
Зад хайма ба бӯстонҳо, ҳарҷо гулу райҳонҳо,
Ман лолаи серобам, дар парда чаро бошам?
Сад сирри ниҳон дорам, сад ганҷи айён дорам,
Бо ин ҳама молу зар, бехӯрда чаро бошам?
Дил омаду дин омад в-он баҳри яқин омад,
Андар ҳиҷоби ғафлат парварда чаро бошам?
Қосим, дилу дин дорам в-он нури мубин дорам,
Андар ҳиҷоби зулмат дилмурда чаро бошам?

* * *

Дар миёни ҳама хубон бути мо аз ҳама беҳ,
Ҳама софанд, вале ӯ ба сафо аз ҳама беҳ.
Ман, ки бо сурати зебои ту дорам ҳоле
Сурати ҳоли мани ринди гадо аз ҳама беҳ.
Оқилон чун ҳама дар банди сару дасторанд,
Ринди савдозадаи бе сару по аз ҳама беҳ.
Моҳрӯёни ҷаҳон шеваи маҳбубиро
Ҳама донанд, вале дилбари мо аз ҳама беҳ...
Дарди моро, ки табибон нашиносанд илоҷ
Пурсиши ёри гиромӣ ба даво аз ҳама беҳ.
Гарчи қавме ба вафои ту зи ҷон бигзаштанд
Қосими сӯхта дар ҳусни вафо аз ҳама беҳ.

* * *

Зулфро шона зан, ки раъноӣ,
Чашмро сурма каш, ки зебоӣ.
Фитна бархост, дил яқин донист,
Ки ту сарфитнаҳои ғавғоӣ.
Пардаи мо даридаӣ сад бор,
В-аз паси парда рӯй нанмоӣ.
Ту бад-он зулфу рӯ ба рӯзу ба шаб
Фитнаи ошиқони шайдоӣ.
Ишқ варзидӣ аз барои наҷот,
Рӯзи пириву гоҳи барноӣ.
Ҷону дил масти ҳайратанд мудом,
Ки на бо моиву на бемоӣ.
Қосим аз ваҷду сур наншинад
Ҷони мо ноиву ёри мо н-оӣ.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Хидмати бедӯстиро қадру қимат ҳаст, нест,
Хидмат андар даст ҳасту дӯстӣ дар даст нест.
Дӯстиро дар даруни хидматат пайваста аст,
Ҳеҷ хидмат дар ҷаҳон чун дӯстӣ пайваст нест.
Лофи мастӣ мезаниву худ нахӯрдастӣ шароб,
Ишқ гӯяд: «Дӯғхӯрда, дӯғхора маст нест».



## АЗ РУБОИЁТ

Ман бандаи рӯи туам, эй бодапараст,
В-аз наргиси махмури ту ҷонам шуда маст.
Чун партави дидори ту зоҳир гардад,
Моро ба сари кӯи ту як ҳай-ҳай ҳаст.

* * *

Дил ошиқи чашми турки мастонаи туст,
Ту шамъиву олам ҳама парвонаи туст.
Ҷону дили мо ошиқи девонаи туст,
Ту хонаи дил шудиву дил хонаи туст.

* * *

Гуфтам: — Ба ҳазор дил туро дорам дӯст?
Дар ханда шуд аз ноз, ки:— Ин шева накӯст.
Гуфтам: Санамо, роҳи висол аз кӣ ба кист?
Фармуд, ки: — Эй дӯст, ҳам аз «дӯст ба дӯст».

* * *

Ҳарчанд ки дар замона як маҳрам нест,
Буньёди асоси дӯстӣ маҳкам нест.
Мо дар ҳама ҳол бо ғамаш дилшодем,
Чун ғам ба саломат аст, дигар ғам нест.

* * *

Гар дилбари ман шеваи мастон гирад,
Бар ошиқи худ ҳазордастон гирад.
Навмед машав аз ӯ, ки дар охири кор
Ҳам оқибати кори ту осон гирад.

## КОТИБИИ ТУРШЕЗӢ

*Шамсуддин Муҳаммад ибни Абдуллоҳ Котибӣ дар Туршез, ки яке аз музофоти Нишопур аст, таваллуд шудааст. Соли таваллуди ӯ маълум нест.*

*Вай баъди пардохтани илм ва дар шоирӣ ном баровардан ба Ҳирот омада, муддате истиқомат мекунад ва баъдан аз он ҷо ба Астаробод рафта, дар ин ҷо соли 1436 (838 ҳиҷрӣ) аз олам гузаштааст. Мадфанаш дар мазористони «Нӯҳгӯрон» аст.*

*Котибӣ аз худ мероси зиёде боқӣ гузоштааст, ки он аз девони қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ ва маснавиҳои «Даҳ боб», «Гулшани аброр», «Даҳнома», «Дилрабо», «Сӣ нома», «Нозиру Манзур», «Баҳрому Гуландом» иборат мебошад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Зоҳид, ки рехт оби рухи нуқлу ҷомро,
Некӯ нигаҳ надошт ҳалолу ҳаромро.
Аз заъфи зӯҳд қуввати май чун раҳонидам,
Пайванд бугсалам вараи некуномро
Меҳроб соқӣ асту дилам пеши ӯ мудом,
Чун шиша ситода суҷуду қиёмро.
Хуш манзилест ин ки маю чанг шуд хариф,
Соқӣ, нигоҳ дор чу мутриб мақомро.
Накди хизонаи дили мо ҷинси дӯзах аст,
Аз мо салом ходими дорулсаломро.
Эй Котибӣ, ба ёди руху зулфи соқиён,
Осуда бошу худ гузарон субҳу шомро.

* * *

Савдои он парирух девона сохт моро,
Коре намонд ба мо, эй оқилон, шуморо.



Кардам ба дӯстдорӣ шаб бо сагони кӯяш,—
Сӯҳбат ба ҳам басе хуш ёрону ошноро.
Эй хури қасри ризвон хиштест аз сароят,
То он сар аз расидан хуш дор ин сароро.
Аз тири ту наёрад кас тезтар паёме,
Бифрист сӯи ёрон он пайки тезпоро.
Оби даҳан фикандӣ бар хоки мо ба рафтан.
Оре, наботи мисрӣ резанд тӯтиёнро,
Аз Котибӣ наёяд инкори рӯи некӯ.
Мӯъмин куҷо тавонад мункир шудан лиқоро?

* * *

Шамъи ман бинмой рӯи чун чароғи хешро,
То сари оташ фурӯзам дарду доғи хешро.
Ҳар куҷо будӣ даме чун шамъ сад ҷон сӯхтӣ,
Бош, то ман ҳам барафрӯзам чароғи хешро.
Дар биёбони ғамат овораю гум гаштаам,
Аз кӣ пурсам андар ин саҳро суроғи хешро.
Зоҳид ар хоҳад, ки бӯи худпарастӣ бишнавад,
Боядаш аз сар бадар кардан димоғи хешро.
Аз биҳишти кӯят ар воқиф шавад чун Котибӣ,
Хозани ҷаннат, ки дорад ҳашт боғи хешро.

* * *

Қасе, ки моҳи рухат диду лаъли майгунро,
Ба ҷуръае нахарад косаҳои гардунро.
Гули ҷамлои туро нест рангу бӯи вафо,
Ҷӣ эҳтиёҷ ба гулгуна рӯи гулгунро.
Ҳазор шукр, ки аз поси шаҳри дил растам,
Гирифт лашкари ишқат даруну берунро.
Даме, ки тири ту гардад зи хунам олуда,
Ба пардаҳои дилам пок созӣ он хунро.
Ҷӣ айб агар саги Лайлӣ ба пурсише, рӯзе,
Сафедрӯӣ кунад устухони Маҷнунро.
Барои хеш, ки басе толибони неъмату ганҷ,
Фурӯ шуданду надиданд ганҷи Қорунро.
Висоли он парӣ, эй Котибӣ на афсонаст,
Ба хуни мурғи дили худ навис афсунро.

* * *

Он шиносад ҳоли ашки мо, ки чун афтодааст,
Қ-аз миёни мардумон ногаҳ бурун афтодааст.
Обрӯи мо намеҷӯяд касе дар кӯи ёр,
Ғайри ашки чашми мо к-ӯ гармхун афтодааст.
Холи мову хоки кӯи Хусрави ширинлабон
Қиссаи Фарҳоду Кӯҳи Бесутун афтодааст.
Хонаи чашму диламро з-он лабу рух дам ба дам
Об дар беруну оташ дар дарун афтодааст.
Аз барои пойбӯсаш Қотибӣ монанди зулф
Даргузашта аз сари хешу нагун афтодааст.

* * *

Иморате, ки на дар кӯчаи муғон созанд,
Чу хок паст бувад гар бар осмон созанд.
Бутон ба ишва агар шаҳри дил кунанд хароб,
Ба шеваи дигараш хубтар аз он созанд.
Мисоли ту набувад нақши ҳусн, агар ба масал
Рухаш зи ҳусн нигоранду тан зи ҷон созанд.
Ба ҳар гиёҳ, ки сарви ту соя андозад
Шавад санавбару аз чӯби ӯ бутон созанд.
Ба абрӯи ту куҷо пай баранд аҳли варағ,
Зи чиллагарӣ агар қадди худ камон созанд.
Ба даври чашми камондори туст пайкари ман,
Чу он нишона сарое, к-аз устухон созанд.
Фиғон зи сангдилон, Қотибӣ, ки чораи дард
Сабук умед диҳанду аз он гарон созанд.

* * *

Ҳадисе аз лабаш гуфтам, даҳони ғунча бо ҳам шуд,
Чу номи абрӯяш бурдам, аз ин пушти камон хам шуд.
Дигарбора нагӯям ҳоли дил пеши рақиби ӯ,
Ки як раҳ ҳоли дил гуфтам, ба ду нима аз ӯ кам шуд.
Миёни мурдаву хиҷрон ба кӯву каъбаи кӯяш
Тавофе кун бубин комил сафоро дид заққам шуд.
Ҳазорон гул даруни равза бишкуфт аз насими ӯ,
Ба бӯи як гули гандум чунин саргашта Одам шуд.
Бар он кас, к-аз сари дуньёву дин бархост аз роҳаш
Ба сони Қотибӣ ӯро ҳаводорӣ мусаллам шуд.



* * *

Маро аз диданат ҳам дида, ҳам дил ғарқи хун бошад,
Чунонам гоҳи дидан, гар набинам, ҳол чун бошад.
Маро гуфтӣ, ки берун кун хаёли тири ман аз дил,
Зи дил берун кунам чун бингарам дар ҷон дарун бошад,
Шикаст аз бори ҳиҷрон хонаи тан, вақти он омад,
Ки аз тири хадангат ҳар тараф ӯро сутун бошад.
Забун меоям андар ишқу кӯи бехудӣ то кай
Забони таън бар ошиқ макаш, ошиқ забун бошад.
Ба теғи ғамзаи хунхӯр ҳалокам кун, марон ханҷар,
Ки дарди захми тир аз теғи бисьёре фузун бошад.
Фикан, эй бод, хоки кӯи ӯ, дар ҷисм бар хунам,
Ки хоке рехтан шарт аст бар ҷое, ки хун бошад.
Ҷунун мехезад аз тимори шеъри Қотибӣ дилро,
Агарчи бештар тумор дар дафъи ҷунун бошад.

* * *

Ёр чу умри нозанин рафту ҳанӯз меравад,
Аз паи ӯ дили ҳазин рафту ҳанӯз меравад.
Ғамзааш аҳли дардро кушту ҳанӯз мекушад,
Хуни басе ҷавон зи кин рафту ҳанӯз меравад.
Оташаш обрӯи ман бурду ҳанӯз мебарад,
Ашки фитода дар замин рафту ҳанӯз меравад.
Рафт зи дил хаданги ӯ гуфт, ки боз оямат,
Ваъдаи ростро бубин, рафту ҳанӯз меравад.
Ҳиндуи зулфи кофараш дод салои тафриқа,
Ақли гурезпо бад-ин рафту ҳанӯз меравад.
Қотибии шикастадил гуфт, ки чун равад сарам,
Ман наравам дигар чунин рафту ҳанӯз меравад.

* * *

Даме, ки аз дили гарм оҳи сӯзнок кашам,
Бар осмон зи замин ханҷари ҳалок кашам.
Даровարад ба фиғон поккудсиёнро дил,
Садои оҳу фиғон, к-аз даруни пок кашам.
Ҳазор пора агар созадам, наистад чарх,
Ки тири ӯ зи дилу ҷони чок-чок кашам.
Чу даст нест, ки бурқаъ кашам зи орази ёр,
Ба оби дида сар андар ниқоби хок кашам.

Сиришкрезию бедории шабон рӯзист,
Қамина чавр, к-аз он чашми хобнок кашам.
Синони ғамзааш эй Котибӣ, чу набвад ёр,
Зи румҳи оҳ чӣ ҳосил, ки бар самок кашам.

* * *

Кунун, ки фасли баҳор асту вакти гул чидан,
Кучост ёр, ки рӯяш наметавон дидан?
Фироқи он гуҳари сангдил, к-аз он ёрест
Наметавон ба тарозӯи ақл санчидан.
Чи ранчад аз сухани ман чу ҳаст пешаш хеч,
Тариқ нест зи ёрон ба хеч ранчидан.
Ба даври ишқ зи хуни дил аст шарбати ман,
Табиб кист? Бад-ӯ хоҳам ин чашонидан.
Мушобеҳи даҳани ҳамчу себи ӯ наққош,
Наёфт сурату н-ораст гирд гардидан.
Чу Қотибӣ шудаам з-оҳуи хушаш бемор,
Чаро напурсадам аз ӯ, айб нест пурсидан.

* * *

Як шакарханда, ки аз лаъли шакарханд кунӣ,
Чорбозори чаҳон пур шакару қанд кунӣ.
Мӯйжӯлида барат омадаам, то дами қатл
Дасту пои мани девона бад-он банд кунӣ.
Сабру чон рафт, ки хурсандии дил буд эй тан,
Ман надонам пас аз инаш ба чӣ хурсанд кунӣ.
Сачда пеши рухи дилдор хушам меояд,
Тоат он аст, ки аз бахри худованд кунӣ.
Устхонҳои ман эй оҳ ба гардун бурдӣ,
Устхонкории сандуқи фалак чанд кунӣ.
Зоҳидо, дӯхтани пераҳани зарқ чӣ суд,
На чунон пора шуд ин хирқа, ки пайванд кунӣ.
Котибӣ чашми худ аз хуни чигар тар медор,
Сурхрӯ гардӣ агар гӯш бад ин панд кунӣ.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Чашм бикшо, Котибӣ, хар сарфарозеро бубин,
Аз чафои гардиши гардуни гардон поймол.



Ҳеч кӯре шеъри Салмонро намеорад ба чашм,
Ҳеч калле сар фурӯ н-орад ба девони Камол.

* * *

Бӯ Алӣ, ҳатто аз он тарсам, ки бемрони шар
Мурғи рӯҳатро ба тири оҳи шаҳпар бишкананд.
Қобизони рӯҳро гар бошад аз марги ту нанг,
Шарбати маргат диҳанду коса бар сар бишкананд.

* * *

Чиҳате ҳаст, ки аксар ғазалаш шаш байт аст,
Бишнав (ин) маънию чуз фарди чахон машморам.
Панч байт аст маро расм, вале шаш авло,
То бидонанд, ки дар шеър яке дайн орам.

* * *

Котибӣ кори ту монанди забон бод ба ком,
Аз лаби ёр, ки ширин суханоне дорад.
Оразу чеҳраи соқӣ нигару бода бинӯш,
Як-ду рӯзе агар аз давр амоне дорад.

* * *

Бо Қосими муначчим гӯед, к-эй бадахтар,
Бар осмон расондӣ таври муқаллидиро,
Дар ғайбати каломам мушкил ҳузур ёбӣ,
Фикри ту ҳаст фосид бигзор муфсидиро.
Дар ҳаққи байти банда, к-аш сочид аст Имомӣ,
Набвад сухан маҷозӣ чун шайх Маҷдадиро.

* * *

Луқмонӣ он, ки таъми ҳакимони шеърдон
Дар косаи табиаташ аз чаҳл шарбат аст,
Дорад мудом равғани бодомро ба кор,
Гарчи табиб нест, ачаб кӯрҳикмат аст.

* * *

Матбахиро дӣ талаб кардам, ки буғрое бипаз.
То шавад з-он ош кори мову меҳмон сохта.
Гуфт: Дар чашмам намеояд ба матбах ҳеҷ чиз,
Ғайри оби дида, к-аш ҷорӣ ғами нон сохта.
Гуфтам: Аз ёрони мо ҷӯ ҳимаву лаҳми дақиқ,
З-он, ки ҳастат кори хону суфра з-эшон сохта.
Гуфт: Лаҳму ҳима гар ёбам кӣ хоҳад дод орд?
Гуфтам: Он кас, к-осиёи чархи гардон сохта.

* * *

З-оташи қаҳри вабо чун гашт ногоҳон хароб,
Астарободе, ки хокаш ҳаст хушбӯтар зи мушк.
Аз ҷавонон то ба пирон кас дар ӯ боқӣ намонд,
Оташе афтод дар беша на тар монду на хушк.

* * *

Дар миёни шаҳри Сорӣ мегузаштам хору зор,
Дидам он касро, (ки) коми ҳар азизе медиҳад.
Гуфт: Чизе медиҳандат то намирӣ Котибӣ?
Гуфтамаш: Ин ҷо ғарибонро кӣ чизе медиҳад?!

* * *

Бӯ Сайидо! Сухани ҳарза магӯ, қисса махон,
Охири кор чу донӣ, ки бубояд мурдан!
Ҳар ҳикоят, ки кунӣ зар талабӣ аз мардум,
Ба ҳикоят натавон моли касонро хӯрдан.

* * *

Шоир набошад он, к-ӯ ҳангоми байт гуфтан,
З-ашъори устодон орад хаёле дарҳам.
Ҳар хонае, ки ӯро аз хишти кӯҳна созанд,
Монанди хонаи нав набвад бинош маҳкам.



* * *

Чу табъи Юсуфи наққош аз назм
Бувад Абдулмалик пайваста маъзул.
Дар он баҳре, ки эшон шеър гӯянд,
Бувад аҷзои онро вазн мафъул.

**АЗ РУБОИЁТ**

Он оҳуи мушкин, ки равон гашт ба дашт,
Аз бӯи хушаш дашт ҳама мушкин гашт.
Лекин чу рақиб рафту ӯро бигузошт
Гуфтем, ҳар он чиз, ки бад буд гузашт.

* * *

Фарьёд зи дасти хомаи қирандуд,
К-ӯ рози дилам ба душману дӯст намуд.
Гуфтам, ки забонаш бибурам гунг шавад,
Бибридам аз он фасеҳтар гашт, ки буд.

* * *

Қасро ба сари кӯи хирад хона мабод,
Ҳамхонаи ақл ҳеҷ девона мабод!
Мулки дилам аз тавсани ақл аст хароб,
Дар мулки танам сутури бегона мабод!

* * *

Эй дил, ҳама дам ба халқ хушхӯ мебош,
Бигзор дуӣ, як дилу як рӯ мебош.
Таркиби ту ҳар ҷузв ба ҷузве дигар аст,
Чун аз ҳамаӣ, бо ҳама некӯ мебош.

* * *

Эй воизи бадгӯй, маро бад гӯӣ,
В-аз гирьяи тазвир ба хун рух шӯӣ,
Монанди бародарони Юсуф, то кай
Аз хуни дурӯғ сурхрӯӣ ҷӯӣ!

* * *

Эй, баста лаби ту бар чаҳон роҳи адам,
Бар ташнаи оби заҳанат чоҳи адам,
Он лаъли лаби туст, ки гирди даҳанат,
Ё хуни ман аст бар гузаргоҳи адам.

* * *

Гар бо ту зи чеҳра субҳ дамзан гардад,
Чун шом расад, қисса муайян гардад.
Бо укди сари зулфи ту гар лофад шаб,
Чун рӯз шавад, ҳисоб равшан гардад.

* * *

Вақт аст, ки ояд ба чаман боди баҳор,
Гул ханда занад ба ёсуман дар гулзор.
В-аз гул накунад булбули лабташна канор,
Чандон, ки занад дар об мурғе минқор.

* * *

Гулро зи ҳавои боғ обе дигар аст,
В-аз боғ зи шамъи лола тобе дигар аст.
Мискин булбул, к-аз оташи мастии ӯ
Ҳар чӯби қафас сихи кабобе дигар аст.

* * *

Ҳиҷрони ту гар сало диҳад мискин ман,
В-ар кӯҳи ғам ин садо диҳад мискин ман.
Абруи ту розист ба мискин гаштан,
Ғар чашми ту ҳам ризо диҳад мискин ман.

* * *

З-он дам, ки қазо бофт паси чархи сиришт,
Як риштаи нозук чу миёни ту навишт.
Хатти хуши ту бо мижаҳои ҳурон,
Бо сояи тубӣ асту гулзори биҳишт.



* * *

Эй шайх, зи май ҳисса хуморат бодо
Эй мӯҳтасиб, аз бода бухорат бодо,
В-эй зоҳиди шаҳр, ҷустаи бодаи талх,
Бистону бихӯр, ки заҳри морат бодо.

* * *

Ҷонам ба ду бӯси лаъли хандон биситон,
Ман ин ситодам аз ту, ту низ он биситон.
Гуфтӣ, ки миёну даҳанамро чӣ баҳост?
Бо он ки надидаам баҳо ҷон бистон.

* * *

Гул барги нишоту беғамӣ месозад,
Булбул ҳама сози хуррамӣ месозад,
Наргис чӣ хато кард, ки султони чаман
Симу зари ӯро қаламӣ месозад.

* * *

Бедоди таноби гесӯят кушт маро,
Шамшер наронда бозуят кушт маро.
Гуфтӣ, ки ба чиллаи камонат бикушам,
Бе чилла камони абрӯят кушт маро.

* * *

Бар ҳуҷҷати кинахоҳии бадгӯён
Чарх аст зи ман гувоҳии бадгӯён,
Шеъри тари ман оби ҳаёти ҷонҳост,
Хатту қаламам сиёҳии бадгӯён.

* * *

Сурхӣ зи ҷабинам он рухи гулгун бурд,
Теғи ғами ишқи ӯ маро дар хун бурд.
Тобути ман ар ба хоки кӯяш гузарад,
З-он ҷой кунунам натвон берун бурд.

## АЗ АБЬЁТИ МУТАФАРРИҚА

Он парӣ доманфишон чун рафт сӯи лолазор,
Гулситон шуд лолазору сӯхт аз афғон ҳазор.

* * *

Хӯ кардаем бо қади ёру чи хуррамем,
Буньёди хуррамӣ набувад ҷуз ба қадди ёр.

* * *

Зулфу рӯи Лайлӣ аз ту пур шару шур аст боз,
Хуни дил Маҷнун агар ҳардам бирезад чун кунам?

## АЗ МАСНАВИИ «ДАҲ БОБ»

*«Даҳ боб» яке аз маснавиҳои Котибист. Ҳаҷми он бештар аз 1100 байт аст. Ҳамон тарзе ки худи ӯ дар боби «Сабаби назми китоб» менависад, ин достон бо маслиҳати як нафар дӯсташ ба риштаи назм даровярда шудааст. Котибӣ дар боби «Дар сифати суханварон ва оғози китоб» аввалан дар бораи аҳамияти сухан ва имтиёзи назму наср таваққуф намуда, бобҳои маснавиро алоҳида-алоҳида ёд мекунад. Боби аввал дар тариқи ошиқӣ буда, нӯҳ боби дигар доир ба масъалаҳои ҷудогонаи ахлоқӣ аст.*

### ДАР СИФАТИ СУХАНВАРОН ВА ОҒОЗИ КИТОБ

Боз соқӣ дар хумор афтодаам,
Чанд монӣ дар хумор афтодаам.
Ташнаам, аз май маро сероб соз.
Чеҳраамро чун гули сероб соз.
Ҷони ман бе май намехоҳад будан
Ин будан хоҳам ба дил кардан будан.
Марди ошиқ дар ҷаҳон сармаст беҳ,
З-ин маяш тан, пой то сар маст беҳ.
Софдил шуд ҳар кӣ омад дардкаш,
То дарунат тира набвад, дард каш.
Боданӯшӣ кори сармастон бувад,
Он ки нӯшад бода сармаст он бувад.
Ҳамчу май набвад ба олам ғамзудой,
Май деҳу з-оина ранги ғам зудой.
То чу гардам аз маят бе хештан,
Ҷон ба хеш ояд, равад аз хеш тан.
Ишқ фармояд сухан пардохтан,
Он замон хоҳам сухан пардохтан.
Ҳеҷ чун табъи суханангез нест,
Оҳ аз он, к-аш дар сухан ангез нест.
Он сухан донад ба даҳр, эй хушьёр,
К-аш бувад бо рою ақлу хуш ёр.

Ҳеҷ кас ҳамчун суханпардоз нест,
Кай шавад марди сухан пардоз нест.
Он ки бо сирри худо дилмаҳрам аст
Бо сухан ӯро чу ҷон дил маҳрам аст.
Чун сухан аз дил намояд тоза рӯй,
Оби ӯ созад ҷигарро тозарӯй.

Аз ҳама манбаъ сухан болотар аст,
З-оби ӯ ҳам пасту ҳам боло тар аст.
Ҳар суханварро сухан тавре бувад,
Хуррам он кас дар сухан Туре бувад.
Баъзе эшонро сухан манзум буд,
Дар низом-ул-ҳақ дуре манзум буд.

Баъзе эшонро сухан маншур шуд
Сар бар сар чун лӯълӯи маншур шуд.
Дар ҳикоят назм майдонвосеъ аст,
Бартавон гуфтан чу майдон восеъ аст.
Назми ҳар кӣ бо сухан ҳамхирқа шуд,
Ҳам музайян омаду ҳам хирқа шуд.
Наср ҳамчун назм рангомез нест,
Ҳеҷ бо ӯ нақши ранг омез нест.

Назм пеш аз наср бошад омгир,
Назми хос ангезу хосу ом гир.
Назм беҳ аз наср назди хубтабъ,
Завқ меёбад зи назми хуб табъ.
Назм душвор аст, доно созадаш,
Назм, он бошад, ки доно созадаш.
Аз Низомӣ ҳиммате дархостам,
Рост омад оқибат дархостам.

Муштамил ин фасл бар даҳ боб шуд,
Номи нек ин нусхаро «Даҳ боб» шуд.
Боби аввал дар тариқи ошиқӣ,
Боби туст эй Қотибӣ, чун ошиқӣ.
Боби дуюм баҳри сӯҳбат доштан,
Бояд инро нуқли сӯҳбат доштан.

Боби сеюм дафъи уҷб асту аҷиб,
Дар маъонӣ з-он ғариб асту аҷиб.
Боби чорум шомили иззат бувад,
Рав ба иззат бош, то иззат бувад.
Боби панҷум дар накӯӣ бо ҳама,
Ҳам туро беҳ гар накӯӣ бо ҳама.
Боби шашум дар гузаштан аз бадӣ,
Бояд, оре, даргузаштан аз бадӣ.



Боби ҳафтум дар қаноатдӯстӣ,
Иззат орад бо қаноат дӯстӣ.
Боби ҳаштум ҳаст чун боғи биҳишт,
К-аш чу бинӣ ғам зи дил бояд сиришт.
Боби нӯҳум дар тасайир сӯи ҳақ,
Яъне аз ботил шудан дар кӯи ҳақ.
Боби даҳум тарки худ кардан ба кул,
Рост чун ҷузве, ки пайвандад ба кул...

## БАҲРИ СӮҲБАТ ДОШТАН

Эй дили овора сӯҳбатдӯст бош,
Рӯзу шаб бо аҳли сӯҳбат дӯст бош.
Ҳар киро дил завқи сӯҳбат ёфта,
Аҳли дил хонанд сӯҳбатьёфта.
Сӯҳбати доно бувад пурфоида,
Бурдан аз сӯҳбат тавон пур фоида.
Он ки ӯ донову сӯҳбатдидааст,
Ҳар чӣ дидаст ӯ, зи сӯҳбат дидааст.
Сӯҳбати доно диҳад чун мушк бӯй,
Бе хато дар сӯҳбат ою мушк бӯй.
Бо даруни пок сӯҳбат хуш бувад,
Он кӣ бошад поксӯҳбат хуш бувад.
Сӯҳбат ар ёбӣ ба марди ҳақшинос,
Сӯҳбати ӯро мамону ҳақ шинос.
Сӯҳбати мардон бувад ҷонпарварӣ,
Чун дар он сӯҳбат равӣ, ҷон парварӣ.
Сӯҳбат омад коми ҳар донандамард,
З-он ки аз сӯҳбат шавад донанда мард.
В-ар зи ман ин нуктаро хоҳӣ назир,
Бар ту хонам фаслҳои беназир.

* * *

Буд дар Кирмон шаҳе огоҳдил,
Чун каримонаш зи ҷон огоҳ дил.
Дар даруни бешае марде асад
Ҳам ба толеъ з-осмон исмаш Асад.
Қадри ҷоҳаш бартар аз Нӯҳ тоқ буд,
Ҳамчу Кисро дар бузургӣ тоқ буд.

Бештар з-афғону оҳи додхоҳ,
Адл фармудию гуфтӣ: «Дод хоҳ!»
Буд ҳамчун ҳимматаш олӣ насаб,
Кам бувад чун ӯ шаҳи олинасаб.
Оқибат чун мешуд аз олам бадар
Гуфт бо фарзанд, к-эй ҷони падар,
Хуш бувад сӯҳбат ғанимат доштан,
Боядат сӯҳбат ғанимат доштан.
Ҳар кӣ шуд дар сӯҳбати некон бузург,
Зуд гашт аз сӯҳбати некон бузург.
Ҳар кӣ ӯ бо мардуми хуш сӯҳбат аст,
Метавон гуфтан, ки ӯ хушсӯҳбат аст.
Қай шавад чун мардуми равшанзамир
Бе чароғи сӯҳбати равшанзамир.
Сӯҳбати некон ба ҷон арзон бувад,
Сӯҳбат, оре, нек хуш арзон бувад.
Қотибӣ, сӯҳбат ба хос-ул-хос беҳ,
Ом ҳам донад, ки сӯҳбат хос беҳ.

* * *

Эй дили бечора, даст аз уҷб дор,
З-он ки дар помол афтод уҷбдор
Уҷбро бисьёр бошад бозпурс,
Боварат гар нест, аз ман бозпурс...
Чун ту дорӣ пой, дорӣ саркашӣ,
Пойдорӣ гар набудат, саркашӣ.
Дар тариқат бишнав ин панди раҳӣ,
Даргузар аз уҷб агар марди раҳӣ.
Гар туро расми такаббур одат аст,
Ёдгор ин аз самуду одат аст.
Уҷб орад мардро саркӯфтан,
Уҷбро бояд ба по сар кӯфтан...
Уҷб раҳ дар синаи Фиръавн ёфт,
Лоҷарам, аз нафси бефиръавн ёфт.
В-ар масал хоҳӣ ба ман медор гӯш,
Гӯш чун дорӣ сухан медор гӯш.

* * *

Буд дар Мағриб амире бо сипоҳ,
Дошт беш аз ҳад амири босипоҳ.



Гар шумурдӣ мард то рӯзи шумор,
Лашкари ӯро надонистӣ шумор.
Шаҳриёре буд, алҳақ,
мулкбахш,
Гоҳ кардӣ шаҳру гоҳе мулк бахш.
Лек бас бо уҷб буд он шаҳриёр,
З-он набудандаш аҳли шаҳр ёр.
Дар тааҷҷуб буд аз уҷбаш ҷаҳон,
Балки олам буд аз уҷбаш ҷаҳон.
Ногаҳ омад лашкаре иқлимгир,
Гуфт бо ӯ: «Тарки ин иқлим гир!»
Он сипаҳдори тааҷҷуб,
худписанд,
К-аз ҳаме афтод уҷби худ писанд.
Чун адӯ бо худ баробар гашта дид,
Шаҳру хайл аз хештан баргашта дид.
Сӯи ҷангаш ҳеҷ ёрое набуд,
Ҷуз гурезаш ҳеҷ ёрой набуд.
Мунҳазим гардид он бисьёруҷб,
Дар камӣ афкандаш он бисьёр уҷб.
Чун зи мулки хеш рафт он дар ба дар,
Рафт дар дунболааш хайле ба дар.
З-ӯ нишоне дар кӯҳу дар ёфтанд,
Рафта буд ӯ дар кӯҳу дарьёфтанд.
Чун шуд аз хайли адӯ ногаҳ дарун,
Сӯхташ ҳамчун дили огаҳ дарун.
Гуфт бо худ, к-ин сипоҳи хунхӯранд,
Чун моро гиранд дар дам хун хӯранд.
Бол бикшоду парид аз кӯҳсор,
Бо сияҳбахтӣ чунон к-аз кӯҳсор.
Уҷбро чун нест ёре оқубат,
Несташ ҷуз ранҷ боре оқубат.
Уҷб бошад раҳравонро роҳзан,
Бугзар аз уҷбу қадам дар роҳ зан.
Уҷбдорӣ пешаи худро бувад,
Бугзарад з-ин ҳар кӣ ӯ худро бувад.
Уҷб созад раҳравонро поймол,
Уҷбро андозу бар вай пой мол.
Бугзар аз уҷбу ба мискинӣ гарав,
В-аз шаҳон мебар ба мискинӣ гарав.
Раста омад марди доманкаш зи уҷб,
Қотибӣ,
мардона доман каш зи уҷб.

* * *

Буд дар Бағдод раъносурате,
Дошт он покиза раъно сурате.
Ҳусн кас чун он парипайкар надошт,
Мисли он зебопарӣ пайкар надошт
Дар ҷаҳон ҳар ҷо диле гумгашта буд,
В-аз хами зулфайни ӯ гум гашта буд.
Буд ҳуснаш фитнаи охирзамон,
Хонд ҳусни аввалаш охир замон.
Рӯи ӯ чун меҳри оламтоб буд,
З-оташи он меҳр олам тоб буд.
Оразе рангинтар аз гулбарг дошт,
Сарв аз қадду рухаш гулбарг дошт.
Ҳар кӣ диди чашми хоболудааш,
Гаштӣ аз мастӣ чу хоб олудааш.
Дошт рӯи хубу доманпок буд,
Рағми ҳар олуда доман пок буд.
Гар намешуд ҳусни ӯ ошӯби дин,
Дам ба дам з-ӯ беш буд ошӯби дин.
Гуфт бо он шӯх аз хубон касе.
Қ-Эй туро ҳамто на аз хубон касе.
Ҳусни мо рафту ту хубӣ ҳамчунон,
Ҳаст дар рӯи ту хубӣ ҳамчунон.
Ҳеҷ аз ин сир нест моро огаҳӣ,
Бозгӯ ин қисса, к-аз сар огаҳӣ».
Гуфт: «Рӯзе дар чаман бо майхӯрон,
Гашт мекардам чаманро майхӯрон.
Буд дарвеше миёни хорзор,
Хешро афганду ҳамчун хор зор.
Чун саломаш кардаму пурсид ҳол,
Шуд яқинам ин ки ҳаст ӯ з-аҳли ҳол».
Гуфт: «Дорам орзуи пойбӯс,
Пеш фармо, к-ат диҳам бар пой бӯс».
Гуфтамаш: «Ҳар чанд ман некӯстам,
Қай кунам бар ҳамчу ту некӯ ситам».
Лек чун буд ӯ ҳаводори қадам,
Бӯсҳо додам равонаш бар қадам.
Чун маро бе уҷб диду навниёз,
Бурд пеши нози ман аз нав ниёз.
Гуфт: «Дар ҳар дам накӯ будат қиём,
Бод хубии ту то рӯзи қиём».



Аз дуои он бузург ин ҳусн монд,
Худ нахоҳад доштан, ин ҳусн монд.
Оламиро уҷб созад девнафс,
Дам ба дам бо ӯ бибозад дев нафс.
Гар ба кори хештан раҳмат бувад,
Масканат ҷӯию он раҳмат бувад.
Фикри сар кун в-аз такаббур даргузар,
З-он ки бими сар бувад з-ӯ даргузар.
Уҷб нодонро танафгорӣ диҳад,
Ҳам ба ҷон, ҳам бо тан афгорӣ диҳад.
Ҳар кӣ дилро аз такаббур бозхост,
Набвад аз уҷбаш ба меҳнат бозхост.
Боядат бо масканат дарсохтан,
Хештанро хоки ҳар дар сохтан.
Қотибӣ, ҳар кас ки бо уҷб уфтод,
Оқибат бечора дар уҷб уфтод.

* * *

Дар Хутан як шӯхи сунбулмӯӣ буд.
Арғувонаш мӯю сунбул мӯӣ буд.
Буд хуршеди уторидпартаве,
Аз маҳаш будӣ Уторид партаве.
Лашкари ҳуснаш чу кардӣ тохтан,
Аз Хитояш тохт будӣ то Хутан.
Дар тараб пайваста ҳамчун Зӯҳра буд,
Худ зи маҳрӯён киро ин заҳра буд.
Буд он маҳчеҳра гардунманзаре,
Дошт олитар зи гардун манзаре.
Соиде дар ҳусн болодаст дошт,
Ҳусни ӯ бар пасту боло даст дошт.
Буд дар саҳро ба кишт он лоларӯй,
Гармиаш афрохта чун лола рӯй.
Дид он ҷо хастаи дарвешҳол,
Ғолибаш чун мардуми дарвеш ҳол.
Оташи сӯзон-ш ҳам месӯхташ,
Шӯълаи хуршед ҳам месӯхташ.
Гуфт дил бо ӯ ки соя афканаш,
Гашт он шамшод сояафканаш.
Буд дарвеш ончунон як нимрӯз,
Чун ба мағриб шуд фурӯ як ним рӯз.
Дид бар болои сар, к-он сарвқад

Соябонаш карда ҳамчун сарв қад.
Гуфт бо ӯ, к:-«Эй нигори симбар,
Чун барат нозук надорад сим бар.
Сохтӣ сӯзи мани дилреш кам,
Шуд маро з-ин марҳам аз дил реш кам».
Иззати ман доштӣ киро ҷазо,
Ҳақтаоло бахшадат рӯзи ҷазо.
Аз дами ӯ он ҷавон ногашта пир,
Оламеро дар маъонӣ гашта пир.
Бад набинад ҳеҷ иззат гӯш дор,
Нек аз дил хост иззат, гӯш дор.
Иззат аз афлок бартар дорадат,
З-он ки баҳри лутф бар тар дорадат.
Кист беиззат ба олам? Ҳеҷ кас
Ҳамчу беиззат мабодо ҳеҷ кас!
Даст бо давлат зи иззат баҳрабар,
Иззат ар дорӣ зи давлат баҳра бар.
Қотибӣ, хуш дон, ба иззат хӯй кард,
Хуш касе шуд, к-ӯ ба иззат хӯй кард.

* * *

Ҷаҳд кун, эй дил, ки бошӣ некмард,
З-он ки набвад дар ҷаҳон ҷуз нек мард.
Ҳамчу нек он кас ки некӯ кор кард,
Номи ӯро чарх некӯкор кард.
Ҳар кӣ тарки бад кунад, некӯ кунад,
Оре, оре, тарки бад некӯ кунад.
Некӯӣ мекун ба некону бадон,
Аз бадӣ набвад накӯ, некӯ бидон.
Ҳар кӣ некӣ кард аз бад бозраст,
Ҳамчу гунҷишке, ки ӯ аз боз раст.
Гар на кори некӯвон ширкат бувад,
Чун бадонат дар бадӣ ширкат бувад.
Некмард ар ғолиб аст, ар нозил аст,
Ғолибон раҳмат ба фарқаш нозил аст.
Он кӣ ӯ гардид бо бад пойбаст,
Дар бадихоҳ он бадӣ буд пой баст.
Нек шав, бо некӯвон хилват нишин,
Рағми бад бо некӯвон хилватнишин.
В-ар масал хоҳӣ аз ин ширинсухан,
Оварам то оядат ширин сухан.



* * *

Буд дарвеше азизи хорбар,
Дошт ҳамчун хорбун пурхор бар.
Мекашидӣ рӯзу шаб он хор хор,
Баҳри хораш буд доим хор хор.
Шаҳри пири хоркаш Фархор буд,
Ҷоҳи ӯ бо давлату фархор буд.
Дошт дар хорафканӣ сад ифтихор,
Ифтихораш буд доим з-афти хор.
Рӯзу шаб чун уштурони хоркан,
Чархи гардон гуфтӣ ӯро, «Хор кан!»
Аз даруни гарми ӯ ҳар дам бухор,
Сар задию дарзадӣ оташ ба хор.
Рӯзе он меҳнатзада бар хор пушт,
Гашти саҳро дошт ҳамчун хорпушт.
Дид шахсе ғарқи хуну бастатан,
Ҳамчу сар бишкаста ӯро баста тан.
Рафт, банди душманон з-ӯ баргирифт,
В-он гаҳаш чун дӯстон дар бар гирифт.
Буд он беобро нонпорае,
Пеши ӯ бинҳод з-он нон порае.
Нон чу хӯрд он хомтабъи тирабахт,
Хост то бинад чу аввал тира бахт.
Пирро гуфто: «Чӣ дорӣ дар миён?
Ҳар чӣ дорӣ бо ман овар дар миён».
Пир гуфто: «Нест чизе ҳамраҳам,
Фикрате бояд, ки ман з-ин ҳам раҳам».
Дид сӯрохе, бад-он ҷо рӯ ниҳод,
То раҳад аз панҷаи он бадниҳод.
Чун дарун омад дар ин сӯрохи танг,
Дид рахту зар ниҳода танг-танг.
«З-ин қазо,— гуфт,— ар маро бахшад қадар,
Бас бувад то мурданам мол ин қадар»
Соате биншаст ларзон бар паяш,
Лекин н-омад душмани ӯ дар паяш.
Дам ба дам он хун дарун-берун шудӣ,
То магар пайдо кунад берун шудӣ.
Дид ногаҳ бар бурун дар хун яке,
Аз ду пои худ танаш дар хун яке.
Гуфт: «Эй бадкор, ҳолат чист? «Гӯй!»
Қ-ат будан чун кони меҳнат чист? «Гӯй!»
Гуфт: «Бад кардам мани бенексанг,

З-он даромад, чун бидонам, по ба санг».
Ин ҳикоят гуфту он гаҳ тан бизад,
Ҷони ӯ кӯси раҳил аз тан бизад.
Монд бо он муфлиси авбош ганҷ
В-он тани бад чун дили ӯ бо шиканҷ.
Он кӣ некӯ кошӣ шуд некӯ дарав,
Ҳам ту неку кору ҳам некӯ дарав.
Ҳеҷ неке дар замона бад накард,
Рав накӯӣ кун, ки бад ҷуз бад накард.
Аз бадӣ некӣ раҳи некон бувад,
Он ки дур аст аз бадӣ, нек он бувад.
Ҷуз накӯёнро набошад бархурӣ,
Қотибӣ, гар нек бошӣ, бархурӣ.

* * *

Эй дили мискин, бадандешӣ бад аст,
Нек андеш, ар бад андешӣ, бад аст.
Некӯӣ ҷуз бад надорад дур бош,
Некӯӣ гар хоҳӣ, аз бад дур бош.
Бадниҳодон аз бадӣ доранд даст,
Лек некон аз бадӣ доранд даст.
Нек аз нек асту бад аз баднажод,
Гар намонад беҳ бувад аз бад нажод.
Нек шав, пайваста в-аз бад рӯйпӯш,
В-ар на некатро шавад бад рӯйпӯш.
Дур медор аз бадӣ ҳар шаш ҷиҳат,
То расад некит аз ҳар шаш ҷиҳат.
Ҳеҷ некиро ба олам бад мабод,
Нек бодо дар ҷаҳону бад мабод!
В-ар ҳаме гӯӣ назар овар равон,
Сад назир орам, назировар равон.

* * *

Буд дар Мағрибзамин афтодае,
Хоксоре дар замин афтодае.
Ғайри санге зери сар болиш набуд,
Сад гудозиш будашу нолиш набуд.
Тири оҳаш буд чун маҳ чархсайр,
Мезанад оҳаш зи моҳу чарх сайр.



Дил намеандохт ҳеҷ ӯ бар ҷигар,
Гарчи аз хун буд ӯро бар ҷигар.
Нола кардӣ, чашм ларзон чун нафир,
В-аз фиғонаш халқ будӣ дар нафир.
Гуфт шахсеш аз азизони ҷаҳон:
«Чист пешат он азизони ҷаҳон?»
Гуфт: «Ман будам яке пурнеъмате,
Доштам чун мунъимон пур неъмате.
Бо танаъум дар санину шаҳрҳо.
Гашт мекардам ба олам шаҳрҳо
Рӯзе ин ҷо даргузар будам савор,
Даст бахтам дошт аз давлатсавор.
Буд ин ҷо нотавоне дасттанг,
Пояи фақраш васеъу даст танг.
Гуфт бо ман: к-«Эй маҳи ноҳидайш,
Бодат афзун аз Маҳу Ноҳид айш.
Ҳаст дастат рашки меҳри зарфишон,
Муфлисам, аз меҳр бар ман зар фишон».
Гуфтам: «Эй беҳосили томеъҳунар,
Томеи дорӣ ту чун томеъ ҳунар,
Чун на некаст аз халоиқ зар барӣ,
Аз халоиқ чанд симу зар барӣ?»
Чун шунид аз банда ин гуфтор, гуфт:
К:— Аз накӯён нест ин гуфтору гуфт».
З-ӯ дарунам гашт хотиркӯфта,
В-аз хати дил шуд чу хотир кӯфта.
Рафтаму шоҳи ғазабро сар задам,
В-он гаҳ он дарвешро бар сар задам.
З-он замон саргаштаву ҳайрондилам,
Монда дар саргаштагӣ ҳайрон дилам.
Як бадӣ кардам, ҳазор омад бадам,
Ин ҳама бори бадиро чун барам!?.
Ин замон менолам аз худкардаам,
Инчунин бад карда бо худ кардаам.
Қотибӣ, ар дар нишеб, ар дар фароз
Кам шавад бар рӯи некон дар фароз.

* * *

Эй дили мискин, шунав панди мубин,
Нек кун бо неку рӯи нек бин.
Қиссаи Юсуф шунудӣ борҳо,
В-он ҳама ғам, к-омадаш бо борҳо.

Гарчи бад буданд бадхоҳони ӯ,
Гашт охир нек бадхоҳони ӯ.
Дар раҳи меҳнат бад-он хоки раҳанд,
3-ин тариқи пурбадӣ некон раҳанд.
Некмардонро чу бошад саршумор,
Он ки бад бинӣ варои сар шумор.
Соғаре, к-он некувонат дардиҳанд,
Хуш бувад в-ар ҷумла хоки дар диҳанд.
Котибӣ, ҳар кас ки бо бад хӯ гирифт,
Некмард ӯро баду бадхӯ гирифт.

* * *

Чун Сикандар шуд ба Чин оинасоз,
Муддате бигзашту шуд оина соз.
Ёфт з-он оинааш гетӣ намо,
Номи он оина шуд Гетинамо.
Чун Сикандар хусрави оинаро
Дид равшан гашта он оинаро.
Бо ҳакимон гуфт он некӯмақол:
Қ:-«Эй шуморо дилкашу некӯ мақол.
Буд қасд оинаи равшандилам,
То аз он гардад чу ҷон равшан дилам.
Оқибат бинмуд он оина рӯй.
Бар мисоли маҳваши оинарӯй.
Қардам он оинаро ҳар сӯ нигоҳ,
Гарчи бардорам тани худро нигоҳ.
Ҷони ман чун ғам дилозоре биёфт,
Қист, к-аш аз ғам дил озоре биёфт.
Хуррам он кас, к-ӯ дар ин ишратбисот,
Рӯзу шаб андозад аз ишрат бисот.
Мулки танро банд, шаҳроини айш,
Хуш бувад дар мулку шаҳр оини айш».
Котибӣ, шодон бувад ишратдалел,
Шод шав чун шуд туро ишрат далел.

* * *

Зод дар саҳро яке оҳу бара,
Шуд равон дунболи ӯ оҳубара.
Оҳуяш гуфт: «Эй зи наслам тоза шох,
Дорам аз фикрат дарунӣ шох-шох,



Гӯшае гир, аз паи ман бозгард,
Қ-аз вуҷудат барнаёяд боз гард.
Аз камони новакафкан, гӯша гир,
Гарна дар қайд уфтӣ чун гӯшагир».
Барра мерафт аз паи ӯ дар чаро,
Ҳусни ӯ ғофил аз ин чуну чаро.
Буд дар наҳҷир шохе шерсайд,
Гоҳ кардӣ бабру гоҳе шер сайд.
Дид он оҳуву оҳубачаро,
Сохт сайди худ ба оҳу бачаро.
Бо худ оҳу гуфт: «То будам фарид,
Бахти ман бо соҳибӣ фар мефарид.
Қош ин барра намебудӣ маро,
То алам бар ҷон намебудӣ маро.
Ин замон бо он ки зору ғам хӯрам,
Аз барои барра ё худ ғам хӯрам.
Марди касрат чун набошад шодмон,
Чун муваҳҳид фард бошу шод мон.
Котибӣ, аз ҳарду олам фард бош,
Чун сухандон пайрави ин мард бош.

* * *

Эй ту фарзанди ба ҷон пайванди ман,
Ҳаст чун бо ту ба ҷон пайванди ман.
Табъи ту айни иноят омада,
З-осмон номат Иноят омада.
Ҳаст оламро низом аз назм варз,
Назм хону назм дону назм варз.
Бо фараҳ бошад суханпарвар мудом,
Гар фараҳ хоҳӣ, сухан парвар мудом.
Ҳамчу ҳаззолон нагардӣ ҳазлтабъ,
Қ-ат ба ҳад абтар шавад аз ҳазл табъ...
Бош доим ҳамдами некӯсияр,
То шавад рағми бадат некӯ сияр.
Ҳеҷ дида чун надида ғайри ҷинс,
Дида бардӯзад ба бар аз ғайри ҷинс.
Оҳуи саргаштаи саҳроватан,
Қ-аш шабу рӯз аст дар саҳро ватан.
Чун бубинад ғайри ҷинс аз дурҷо,
Меҳилад бо он ки дид аз дур ҷо.

Гар туро ҳис кам аз он оху бувад,
Шердил донад, ки он оху бувад.
Қотибӣ, ҳар панди ту дурдонаест,
Балки дар қиммат беҳ аз дурдонаест.

## АЗ МАСНАВИИ «ДИЛРАБОЙ»

«Дилрабой» хурдтарин маснавии Қотибӣ мебошад. Ҳаҷми он тақрибан 665 байт аст. Мавзӯи достон як афсонаи ҳиндӣ буда, шоир онро дар вақти навбати дуввум ба Гелон рафтани худ, бо амри ҳукмрони он ҷо ба риштаи назм кашидааст.

Мазмуни достон чунин аст:

Қубод ном подшоҳи Яман аз як мутафаккири ҳиндие, ки ба хузури ӯ омада чанд рӯз истода рафта буд, ҳунареро меомӯзад, ки ба воситаи он ӯ метавонад ба ҷасади дигар даромада боз ба ҷасади худ баргардад. Вазир аз ин сир хабардор шуда, шабе дар ҳолати мастии Қубод ин ҳунарро аз вай меомӯзад. Қубод бо ҳамроҳии вазир ва аҳли дарбори худ рӯзе ба шикор меравад ва охуи зебоеро бо тир зада мекушад. Вазир аз Қубод хоҳиш мекунад, ки барои хурсандӣ ҳамон ҳунарро ба кор барад. Ӯ он ҳунарро ба кор бурда, ба ҷасади оху дохил мешавад, оху зинда шуда ба ҷастухез сар мекунад. Вазир, ки дар қасди подшоҳ шудан ва Қубодро аз тахт барандохтан буд, фавран, аз ҷасади худ хориҷ шуда ба ҷасади Қубод медарояд ва сагҳои шикориро аз паи охуи зиндашуда равона месозад. Сагҳо оҳуро дастгир намуда, пора-пора мекунанд. Ҷони Қубод баъд аз хеле оворагиҳо ба мурдаи як тӯтӣ даромада ба гурӯҳи тӯтиён ҳамроҳ мешавад. Тӯтиён барои об хӯрдан ба сари чашмае мефуроянд ва ба доми сайёде гирифтор мешаванд. Сайёд домро бо тӯтиён бардошта ба дарбори подшоҳи Яман мебарад.

Вазир баъд аз ба ҷасади Қубод дохил шудан ба Яман омада, ба тахт нишаста буд ва ҳукмронӣ мекард. Аҳли дарбор аз муомилаи ӯ чизе пай намебурданд, вале малика — зани Қубод аз овоз, рафтор ва муомилаҳои вай ба хубӣ пай мебурд, ки ин шавҳари ӯ нест.

Вазир хоҳиш мекунад, ки малика бо ӯ машғули айшу ишрат шавад, малика илтиҷо мекунад, ки узре дорад. Ӯ ба вай як сол мӯҳлат диҳад... Ҳангоме, ки сайёд тӯтиёнро оварда буд, вазир як тӯтии зебоеро ба ҳарам гирифта бурда, ба малика медиҳад, ки ба ин восита низ муҳаббати ӯро ба тарафи худ равона гардонад.



Баъд аз чанд рӯзе тӯтӣ аз даруни қафас ба сухан даромада ба малика мегӯяд, ки «шавҳари ту манам: ва ҳақиқати масъаларо чи навъе ки буд, гуфта медиҳад. Малика аз тӯтӣ маслиҳат мепурсад. Тӯтӣ мегӯяд, ки «ба вай гӯй, ки шумо дар вактҳои дилгириам аз як ҷасад ба ҷасади ҳайвони дигар даромада маро хурсанд мекардед, чаро онро ҳоло барҳам додаед?» Ҳамин, ки ӯ ин амалро кард, натиҷаашро хоҳӣ дид. Вақте ки вазир ба ҳарам меояд, малика маслиҳати тӯтиро ба ҷо меорад. Вазир дарҳол қабул намуда, ба ҷасади хачире, ки дар рӯи ҳавлӣ ҳоло афтода мурда буд, дохил мешавад ва хачир ба ҳаракат медарояд. Қубод, фавран, ба ҷасади худ бармегардад ва ба вазири хиёнаткор, ки ба сурати хачир афтода буд, ҷазо медиҳад.

Дар ҷараёни тасвири воқеа Қотибӣ гоҳ-гоҳ ба мавзӯъҳои ахлоқӣ низ рӯй оварда, як миқдор масъалаҳои муҳимми ахлоқиро ҳам тасвир менамояд.

### ҲИКОЯТ

Шаҳе дар Яман буд бо тахту хайл,
Яман аз маи ӯ чу тобонсуҳайл.
Чунон буд аҳли Яманро шафиқ,
Ки буданд аз-ӯ сурхрӯ чун ақиқ.
На дар даври ӯ кас ба ғам майл дошт,
На аз дӯзахи фитна кас вайл дошт.
Аз ӯ буд чун осмон зарнигор,
Замини Яманро ямину ясор.
Яман буд дар даври ӯ ончунон,
Ки дар арсаи арзи боғи Чинон.
Маҳаш машъали қасри заркор буд,
Сипеҳри баландаш ҳаводор буд.
На касро фиғон буд аз ҷаври ӯ,
На аз чарх андеша дар дагри ӯ.
Намо дошт аз номаи ӯ билод,
Ба номи накӯ буд султон Қубод.
Амире бағоят накӯкор буд,
Ба амри аморат сазовор буд.
Аз ӯ тахтро буд сад беғамӣ,
В-аз ӯ бахтро буд сад хуррамӣ.
Чунон шаҳри ӯ пур шуд аз адлу суд,
Ки зулму миёнро дар ӯ раҳ набуд.

Ба ҳангоми тадбиру раъйи савоб,
Зи табъи хушаш ҳоҷибон дар ҳиҷоб.
Яке рӯз, алқисса, он шаҳриёр,
Чу хур буд дар ғурфаи зарнигор.
Зи як сӯ амирони тақрирҳол,
Дигар сӯ вазирони тадбирфол.
Ба ҳам чун нишастанд хайлу сипоҳ,
Саҳаргоҳ диданд дидори шоҳ.
Пуранҷум шуд он қасри гардунҳарам,
Зи курсинишинони собитқадам.
Яке тахт чун хур зи шамшер дошт,
Ту гуфтӣ, ки сарпанҷаи шер дошт.
Яке гуфт аз муддаое, ки буд,
Вуҷудаш зи теғам ба андӯҳ буд.
Яке гуфт аз торами атлас аст,
Ки як нӯгаш аз новаки мунбас аст.
Яке фикрати ханҷару тир дошт,
Яке баҳси тафсиру таъбир дошт.
Яке фикри айшу тараб доштӣ,
Яке баҳси илму адаб доштӣ.
Баногаҳ бузурге даромад зи дар,
Ки гаштанд аз ӯ хӯрдадонон дигар.
Чу кайвон баландахтару пильёл.
Сияҳчашмаву ҳиндию дерсол.
Чу гардун куҳан хирқае дар бараш,
Бар он бахьяҳо бештар з-ахтараш.
Чу фонус будаш тани нотавон,
Вале дошт дил равшан аз шамъи ҷон.
Шаҳаншаҳ чу дидаш бар он табъ рост,
Чу сарв аз сари тахт озод хост.
Расонид аз меҳр ӯро ба моҳ,
Қаноре гирифташ миёни сипоҳ.
Чу дарвешро шаҳ каноре гирифт,
Қаноре гирифту қароре гирифт.
Шаҳаш гуфт: к-«Эй пири ҳиндӣ бигӯй,
Зи таърихи пешина чанде бигӯй.
Туй офтоби сипеҳри мақол,
Чарой зи даврон фурӯрафта ҳол».
Чу аз шаҳ шунид ин сухан пиркор,
Ба шаҳ зери лаб гуфт: Қ-«Эй комкор.
Зи бисьёр гуфтан батар кор нест,
Зи гуфтори бисьёр гуфтор нест.
Сияҳдил бувад марди бисьёргӯй,
Вале хомӯшонро бувад сурх рӯй.
Падар гуфт бо ман, ки ҳушьёр бош,
На пурхуфту пургӯю пурхор бош.
Зи бисьёр гуфтан бувад сар ба геҷ,
Зи бисьёр хӯрдан бувад сар ба печ.
Зи бисьёр гуфтан бувад тан ба дард,
Зи бисьёр хуфтан шавад рӯй зард.
Зи бисьёр хӯрдан бувад ранҷи тан,
Чарой ба дард аз тани ганҷи тан.
Чу гуфту хӯру хоб омад азоб,
Чӣ ҳосил аз ин гуфтану хӯрду хоб?
Аз ин корҳо дил шавад зери бор,
Чӣ ҳосил зи коре, ки н-ояд ба кор».
Хуш омад шаҳаншоҳро қавли пир,
Ки некуамал буду равшанзамир.
Паи пир кохи тараб барфарохт,
Ба наздики қасри худаш ҷой сохт.
Ба ҳар ҷо, ки ҳастӣ, сухан рост гӯй,
Ки ҳаргиз набинад каҷӣ ростгӯй.
Ба маҷлис касе, к-ӯ сухан рост гуфт,
Ба рағми кажон ҳар чӣ мехост гуфт.
Шавад беҳ ба гетӣ, ки аз ростӣ,
Надидем чизе беҳ аз ростӣ.
Чӣ айб аз сухан, пир оҳиста гуфт,
Ба оҳистагӣ гуфту дониста гуфт.
Сухан ҳар кӣ дониста гӯяд хуш аст,
Ва гар з-он, ки пайваста гӯяд хуш аст.
Вале нест бадгӯй кам, к-ӯ басе
Мабодо, гирифтори онҳо касе.
Ту хоҳ аз малак, хоҳ аз хок гӯй,
Сухан пок бояд, сухан пок гӯй.
Биё Қотибӣ тарки ин гуфта гир,
Бигӯ, то чӣ шуд ҳоли султони пир.
Мутаввал макун беш аз ин қилу қол,
Ки набвад дили сомеъонро малол.

* * *

Дигар рӯз чун турки нилиқабо,
Ба майдон фиристод зарринливо,
Ба ёрони анҷум саҳоби саҳар
Фурӯ шуст гарди шаб аз баҳру бар.

Чами анчум омад ба майдони чарх,
Пур аз бода шуд ҷоми гардони чарх...
Чу бар ҳиндувон кард хур турктоз,
Шаҳаншаҳ ба тахти шаҳӣ рафт боз.
Ба хидмат вазирони бисьёрдон,
Ҳама комилу корию кордон.
Амирони лашкаргаҳу хосу ом,
Бирафтанду гуфтанд шаҳро салом.
Чу хайлу амирон дур аз қарор,
Гирифтанд ҳар як ба ҷое қарор.
Амири ҷавонбахти равшанзамир
Қасонро фиристод дунболи пир.
Ба ҳазрат равон ҳозираш сохтанд,
Ҳузуре зи нав тарҳ андохтанд.
Шаҳаншаҳ аз он пири фархундафол,
Ҳамекард ҳолӣ ҷавоби савол.
Саволе, ки кардӣ аз ӯ комьёб,
Равон гуфт ӯро ҷавоне ҷавоб.
Шаҳаншоҳ ӯро накӯкор ёфт,
Зи ҳар санъаташ мояи бор ёфт.
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй пири хуршедрой,
Танат бод чун осмон дер пой.
Яқин асту дар гуфт иғроқ нест,
Ки мисли ту баҳре дар офоқ нест.
Яқин ҳастӣ аз сад муайян фузун,
Фунуни ҷаҳонро туӣ зуфунун.
Ҳам аз туст коми дили кимиё,
Ҳам аз туст сими кафи симиё.
Дили реши моро қароре бидеҳ,
В-аз онҳо ба мо ёдгоре бидеҳ.
Зи ҳар раҳраве тӯшае хуш бувад,
Зи ҳар хирмане хӯшае хуш бувад.
Чу бишнуд ин қисса аз подшоҳ,
Бад-ӯ гуфт, к-«Эй шоҳи олампаноҳ.
Яке санъатам ёд ҳаст аз падар,
Ки сунъи худояст он, на ҳунар.
Зи хуршеди ӯ дидаҳо хира аст,
В-аз ӯ чашми диди хирад хира аст.
Ғубори дараш кӯҳли сад симиёст,
Қаминкардаш иксири сад кимиёст.
Маро санъате ончунон нофеъ аст.
Ки сар то ба по қудрати сонеъ аст,
Чу дил хоҳадам, оям аз тан бурун,



Ба ҳар тан, ки хоҳам дароям дарун.
Ҳар он тан, ки ӯ дур бошад зи ҷон,
Дар ӯ чун равам, рӯҳ ёбад равон.
Чу гардад дили ман зи бегона тан,
Аз он тан ниҳам боз рӯ дар ватан.
На ин накдтан накси судам шавад,
На он тан ҳиҷоби вуҷудам шавад.
В-агар гӯш гаштаст гарон з-ин сухун,
Кушо чашму некӯ нигоҳе бикун.
Дар он анҷуман гардиши ҷом буд,
Расули суроҳӣ Ҷами Ҷом буд.
Зи ҳар сӯй мурғони бисмилшуда,
Тани хок аз хунашон гил шуда.
Куҳанчашми худро биандохт пир,
Ки буд сӯи як мурғи бисмил чу тир.
Тани мурғи бисмилравон ёфт ҷон,
Ба парвоз омад дар он ошьён.
Баровард монанди мурғон нафир,
Дар ин кори мурғӣ аҷаб буд пир.
Чу шуд кори ӯ шоҳиди гуфтугӯй,
Сӯи ҷисми худ боз овард рӯй.
Аз он анҷуманро таҳайюр фузуд,
Муҳаббат бад-ӯ шоҳро барфузуд.
Чу шаҳро талабгори он кор дид,
Ба сад кор аз онаш сазовор дид.
Аён сохташ ҳикмати хештан,
Биомӯхташ санъати хештан.
Шаҳаншаҳ аз он кор дилшод гашт,
Зи нав тахту бахташ танобод гашт...
Надонист, к-охир чӣ пеш оядаш,
В-аз он кӯши санъат чӣ неш оядаш.
Ба ҳар кор, к-ат фикр раҳбар шавад,
Ки гар сим дорӣ ба гавҳар шавад.
Бигардӣ дар ин кӯҳнабозор хок
Ки савдои судаш зиён аст пок...
Чу аз мавҷи дарьёш омад ҳалок,
Ба сад ранҷу талхӣ диҳад ҷони пок.
Яке дар чаман баҳри насрин шунуд,
Дар ӯ ҷомааш хору чӯбин суд,
Хаёл аст умру бақояш маҳол,
Хаёлат маҳол аст, оҳ аз хаёл!
Кӣ донад, ки дар зимни ҳар қисса чист?
Кӣ донад, ки мазмуни ҳар ғусса чист?

Дар ин хонаи дард, ҷуз ранҷ нест,
Мақоми саҳеҳи шифосанҷ нест.
Чу бод, ар ба гирдӣ ҷаҳон то шумор,
Наёбӣ аз ин хокдон ҷуз ғубор...
Кушо чашми маънӣ, чарой ба хоб,
Ҳасаб кор н-ояд ба рӯзи ҳисоб.
Зи кишти маонӣ биҷӯ хӯшае,
Агар марди роҳӣ бубар тӯшае.

* * *

Чунин гуфт он ҳамдами хушнафас,
Ки макшой сирри дарун пеши кас.
Чу худ рози худ мекунӣ ошкор,
Нагӯӣ, ки хоҳад шудат дор-дор.
Накӯномӣ ар хоҳадат роз пӯш,
Ки бадном камтар бувад розпӯш.
Чу хуш фош бошад, ҳама рози ту,
Набошад хуши ҳеҷ кас рози ту.
Зи сар гӯш дорӣ бувад сарварӣ,
Агар сар надорӣ наёбӣ сарӣ.
Магӯ рози гарми дарун бо касон,
Ки оташ напӯшанд ҳаргиз хасон.
Зи ман бовар, ар нестат ин назир,
Шунав қиссаи подшоҳу вазир.
Дигар рӯз чун шоҳи нилиравоқ,
Бизад хайма болои ин сабзтоқ.
Чу хай хумчакон буд гардун саҳар,
Ба хишти заминаш гирифтанд сар.
Чу ҳур мамлакат шарқи маъво гирифт,
Шаҳаншоҳ бар шарқи худ ҷо гирифт.
Даромад зи дар пири саргаштаҳол,
Ба шаҳ гуфт: к-«Эй меҳри чархи камол.
Ба ҳиммат чу ту нест бо давлате,
Аз ин ҷо равон мешавам, ҳиммате».
Басе гуфт шоҳаш, к-аз ин ҷо марав,
Туро ташнаем, аз бари мо марав.
Нашуд коргар гуфтаи Шаҳқубод,
Равон гашту гуфташ равон хайр бод.
Чу ӯ рафту гуфташ вазире ба шоҳ,
Ки-«Эй чархи иқболро меҳру моҳ.
Чи ояд аз ин чархи деринасол,



Ки доим чу гардун бувад тираҳол.
Дилатро бад-ин тавф қонеъ макун,
Бад-ин тоифа умр зоеъ макун.
Чу бишнид шаҳ гуфт боҳуш бош,
Вазорат на ин аст хомӯш бош.
Бари шаҳсаворон зи аспи ҳунар,
Ҳунар ҳаст хуштар зи касби ҳунар.
Зи ҳар соғаре ҷуръае нӯш кун,
Зи ҳар дафтаре нуктае гӯш кун.
Ғаму фикру савдои дӯкону мол,
Накӯтар набошад зи касбу камол.
Ҳунарманд ҷӯю ҳунардӯст бош,
Гар аҳлӣ ба аҳли ҳунар дӯст бош.
Ҳунар беш бо санъат осоиш аст,
Бари беҳунар санъат олоиш аст.
Аз ин пири соҳибҳунарвар куҷост,
Ҳунарҳои ӯ боз гӯ то кирост.
Чу з-ӯ ор дорам ба гуфтушунуд
Чу ӯ оре аз ҳеҷ қисме набуд.
Ман аз вай басе санъат омӯхтам,
К-аз он машъали давлат афрӯхтам.
Аз он санъатам дил ба сад шодӣ аст,
В-аз он пирмандам сад озодӣ аст.
Чу бишнид ин нукта аз шаҳ вазир,
Пушаймон шуд аз гуфтаҳои амир.
Набудам дил огоҳ аз кори ӯ,
Надидам ҳунарҳои бисьёри ӯ.
Надониста гуфтам сухан пеши шоҳ,
Шаҳо, муҷримам, афв гардон гуноҳ.
Замоне чу бигзашт аз ин қилуқол,
Ба шаҳ гуфт ҳоҷиб, ки-«Эй некфол,
Бигӯ к-ат чӣ омӯхт он пурҳунар,
Ки ман низ гардам аз он баҳравар».
Басе ҷуст тақрири санъат зи шоҳ,
Намегуфташ ин қисса то дергоҳ.
Яке рӯз маҷлис зи май гарм буд,
Май хира чодиркани шарм буд.
Шаҳаншоҳ буд аз май маст маст,
Вазирони ҳушьёр паҳлӯи даст.
Чу он бадгуҳар шоҳро маст дид,
Қабои хирад дар бараш паст дид.
Зи нав кард оғоз деринсухан,
Зи раҳ бурд шаҳро ба тазвиру фан.

Чу омӯхт аз шоҳ санъат вазир,
Ҳавас кард ӯро, ки гардад амир.
Шабу рӯз мебуд дар қасди шоҳ,
Ки билқасд созад варо хоки роҳ.
Чи хуш гуфт он пурҳунар пешавар,
Ки санъат маёмӯз бар беҳунар.
Ҳунармандро сад ҳунар гар бувад,
Фурӯтан чу нахли мусаммар бувад.
Маёмӯз санъат ба ҳар бадгуҳар,
Бувад беҳунар душмани пурҳунар.
Гарат дӯстӣ ҳаст бо ҷону сар,
Ба душман маёмӯз илму ҳунар.

## МЕҲРӢ

*Меҳрии Ҳиротӣ аз шоираҳои хуштабъи нимаи аввали асри XV-и тоҷику форс аст, ки дар Ҳирот мезистааст. Шавҳари ӯ Хоҷа Абдулазиз табиби шахсии ҳокими Хуросон Шоҳрух (807/1405—851/1447) будааст. Мувофиқи ахбороти сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ Меҳрӣ ҳам муддате бо дарбори Шоҳрух робита пайдо мекунад. Вале билохира Шоҳрух ӯро ба зиндон мепартояд ва шоира аз зиндон халос шуда, алоқаашро тамоман аз дарбор меканад ва дар ашъори худ зулму ҷаврро бештар мазаммат мекунад.*

*Аз шоира ғазалу байтҳои пароканда ва маснавии хурди ишқие боқӣ мондааст, ки қариб пурра ин ҷо оварда мешавад. Нусхаҳои ин маснавӣ дар китобхонаҳо зиёданд.*

*Меҳрӣ шоираи соҳибдевон будааст, аммо девони ӯ нопайдост.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Ҳалли ҳар нукта, ки бар пири хирад мушкил буд,
Озмудем ба як ҷуръаи май ҳосил буд.
Гуфтам аз мадраса пурсам сабаби ҳурмати май,
Дари ҳар кас ки задам бехуду лояъқил буд.
Дӯш то субҳдам аз гирьяву аз нолаи ман
Лолаи сӯхта хун дар дилу по дар гил буд.
Хостам сӯзи дили хеш бигӯям бо шамъ,
Буд ӯро ба забон он чи маро дар дил буд.
Он чи аз Бобулу Ҳорут ривоят карданд,
Сеҳри чашми ту бидидам ҳамаро шомил буд.
Давлате буд тамошои рухат, Меҳриро,
Ҳайфу сад ҳайф, ки он давлати мустаъҷил буд.

* * *

Имшаб, ки бӯса аз лаби худ боз медиҳад,
Ҷони дубора он бути танноз медиҳад.

Нозам ба наргисат, ки зи майхонаи нигоҳ
Аҳли ниёзро қадаҳи ноз медиҳад.
Дарди фироқи ёр, висоли ту аз ду сӯ
Бо мурғи нолаам пари парвоз медиҳад.
Воиз ба вақти мавъиза, гӯ...д аҷаб мадор,
Ин ҳар чаро ки зӯр ба овоз медиҳад.
Гардад забон бурида, ки дар мастии ҷунун
Меҳрӣ, суроғи анҷумани роз медиҳад.

## АЗ ДУБАЙТИҲО

Маро бо ту сари ёрӣ намондаст,
Дили меҳру вафодорӣ намондаст.
Туро аз заъфи пирӣ қуввату зӯр
Чунон ки пой бардорӣ, намондаст.

* * *

Дар хонаи ту он чӣ маро шояд, нест,
Банде зи дили рамида бикшояд, нест.
Гӯӣ, ҳама чиз дорам аз молу манол,
Оре, ҳама ҳаст, он чӣ мебояд, нест.

* * *

Шӯи зани навҷавон агар шер бувад,
Чун пир шавад, ҳамеша дилгир бувад.
Оре, масал аст, он ки гӯянд занон
Дар паҳлуи зан тир беҳ аз пир бувад.

## МАСНАВӢ

Эй бути ҷобуки ширинҳаракот,
Ҷилваи нози ту чун оби ҳаёт.
Ваҳ чӣ ҷилва? — Рами оҳуи Хутан,
Мавҷи май, шаҳпари товуси чаман.
Дил зи каф додай, сарват шамшод,
Бандаи қадди ту сарви озод.



Ваҳ чӣ қад? — Ҳиммати арбоби карам,
Шохи гул, сарви равон, нахли ирам.
Уфуқойин зи сарат мӯи сиёх,
Рухи ӯ гашта намудор чу моҳ.
Шона бар фарқи ту аз оби ҳаёт,
Ҷадвале парда ниҳон бар зуламот.
Фарқ чӣ? — Рехта килки тақдир,
Ҷадвали нуқраи анбартаҳрир.
Омада то камарат зулфи нажанд,
Ҳам ба ҳам, ҳалқа ба ҳалқа чу каманд.
Ваҳ чӣ ҳалқа, чӣ сари зулф, чӣ ҳам?
Ҳама сарриштаи пурдарду ситам.
Дар раҳат аз хами гесӯи расо
Ҳар қадам хокнишин силсилаҳо.
Ваҳ чӣ гесӯ, бути ман, оҳ чӣ мӯ?
Мавҷи анбаршуда,— номаш гесӯ.
Гул ба рухсори ту афрӯхтае,
Булбул аз оташи ту сӯхтае.
Ваҳ, чӣ рухсор? — Маҳи ҷонафрӯз,
Меҳрпоянд, сабоҳи Наврӯз.
Ҷоми пешониат аз ҳусну ҷамол
Гашта лабрези маи ғанҷу далол.
Ваҳ чӣ ҷому, чӣ ҷабин?— Матлаи фаҷр,
Лавҳи симин, дами субҳу шаби қадр.
Мавҷи ҳуснат ба Ҳусайн дӯш ба дӯш,
Ҷавҳари ҳусни ту ин ҷо зада ҷӯш.
Ваҳ, чӣ чин?— Сӯи чаман ҷодуҳо,
Обшори арақу шарму ҳаё.
Аз ду абрӯи сиёх бар хуршед
Нигаҳи масти ту шамшер кашид.
Ваҳ, чӣ абрӯ? Ба кафи ноз камон,
Ки бар он баста зеҳ аз риштаи ҷон.
Чашми бемори ту хоҳад ба дуо,
Аз «Ишорот» ду абрӯи туро.
Чӣ «Ишорот»?— Сухан гуфтани ноз,
Шарҳи байтулғазали «Гулшани роз».
Қарда дунболаи абрӯи расо
Бо баногӯши ту саргӯшиҳо.
Ваҳ, чӣ дунбола? — Сари теғи ситам,
Сурмаи чашми ғизолони ҳарам.
Чун кашӣ вусма ба абрӯи дуто,
Тӯтии ноз шавад болкушо.
Ваҳ, чӣ вусма? — Ба гаҳи разму масоф,

Баста шамшери качи сабзғилоф.
Чашми масти ту ба ҳангоми хиром
Сарвро карда ниҳоли бодом.
Ваҳ, чӣ чашм? — Офати дил, доми ғизол,
Ваҳшӣ охуй нигаҳе дар дунбол.
Нигаҳат бо рами хайли оху
Мекунад кори забони чоду.
Чӣ нигоҳ? — Нашъаи саҳбои Фаранг,
Чазбаи меҳри бутон, тири ходанг.
Гардиши чашми ту чун даври сипеҳр,
Гаҳ ба кин бингараду гоҳ ба меҳр.
Ваҳ, чӣ гардиш? — Сӯи ҳуҷлаи ноз
Чилвагар хайли арӯсони Тироз.
Мехӯрад турки нигоҳи ту қасам,
Ки занад он сафи мижгон барҳам.
Чӣ мижа? — Ҳомаи тасвири Ҳарӣ,
Боли мурғи нигаҳи ишкгарӣ,
Мижаи шӯхи ту гирост, чунон
Ки нигаҳ тезу гарон хезад аз он.
Хаст баргаштани мижгони сиёҳ,
Асари ручъати афсуни нигоҳ.
Ваҳ, чӣ гирандагӣ? — Афсуни фусун,
Ками ҳаққи намак, шӯри чунун.
Ваҳ, чӣ баргаштамижа? — Чангали боз,
Наъли вожуну нигоҳи ҳама ноз.
Бинам аз чунбиши мижгони дароз,
Задани болу паре дар парвоз.
Чӣ мижа? Ғамзаи ошӯби ситам,
Аз ду сӯ рехтани саф барҳам.
Чашмат аз сурма дарояд ба назар,
Мағзи бодоми бунафшапарвар.
Ваҳ, чӣ сурма? Зи саводи хати ёр
Мижаҳон ту гирифтаст ғубор.
Пеши гулгунаат, эй мояи ноз,
Ранги май бо бати каш дар парвоз.
Ваҳ, чӣ гулгуна? Баҳори гули ноз,
Соф саҳбои шафақ дар парвоз.
Хол рамзест бар он чеҳраи ол,
Ки интихобӣ ту, зи девони чамол.
Ваҳ, чӣ хол? — Ахтари мо сӯхтагон,
Нуқтаи мардумаки чашми бутон.
На ҳамин ҳусни сабоҳат дорӣ,
Як намакро зи малоҳат дорӣ.



Чӣ намак? — Маънии ширинии чон,
Шӯри девонагии ҳусни бутон.
Ваҳ, чи гӯшу чӣ баногӯш? — Нигар,
Дар суман руста ду барги гули тар.
Аз шаби тираи ушшоқ дамид
Аз баногӯши ту субҳи уммед.
Чӣ баногӯш? — Ба гулзори сухан
Баргрезон-ст шукуфа ба чаман.
Бинӣ аз ғунчаи занбақ рақаме,
Бор оварда ду наргис қаламе.
Ваҳ, чӣ бинӣ? — Зи ду токи абрӯ
Сарнагун барги гули анбарбӯ.
Ғунча пеши даҳанат бод ба танг,
Дамад аз шоху равад ранг ба ранг.
Ваҳ чӣ ғунча? Чӣ даҳан? — Ҳалқаи мим,
Дили ошиқ садафи дурри ятим.
Лаби ширини ту дар шаккарханд
Дилу дин бурда муқаррар аз қанд.
Ваҳ, чӣ лаб? — Лаъли Бадахшон, гули тар,
Машриқи субҳ дамид, ҳам шаккар.
Аз забонат чу насими гулшан,
Резад имрӯз ба сад ранг сухан.
Чӣ забон? — Шӯълаи чавволаи чон,
Барги лола шуда дар ғунча ниҳон.
Лабу дандони ту ояд ба назар,
Дурчи лаъле, ки бувад пур зи гуҳар.
Ваҳ, чӣ дандону чӣ лаб? Гашта падид,
Дар шафақ субҳдами рӯзи умед.
Сухани он лаби пур шаккарханд,
Резаи қанд, ки резад аз қанд.
Чӣ сухан?— Гавҳари ғалтон-ғалтон,
Дар чаман мавсими гул гулрезон.
Аз азал гардаи овози ту буд,
Нолаи булбулу лаҳни Довуд.
Чӣ садо? Нашъаи паймонаи роз,
Қути чон, чошнии умри дароз.
Намакин хандаат, эй ҳурсиришт
Хуштар аз қаҳқаҳаи кабки биҳишт.
Чун кунӣ лаб ба табассум ширин,
Қанд борад зи сурайё ба замин.
Ваҳ, чӣ ханда? Асари савти ҳазин,
Ғулғули шишаи май, лаб(и) ширин.
Чӣ табассум? — Ба илочи дили зор

Шуд табошир ба унноб нисор.
Бўсаат чаҳчаҳи мурғи чаман аст,
Дар саҳар вошудани ёсуман аст.
Ваҳ, чӣ бўса? — Маи чўшида ба қанд,
Гули шафтолу ба насрин пайванд.
Зақанат — боди сафо афсурда,
Аз миён гўи латофат бурда.
Чӣ зақан? — Қатра, ки хоҳад бичакад,
Қош, Меҳрӣ ба лаб ўро бимакад.
Қатраи об дар он чоҳи зақан
Менамояд чу Суҳайле зи Яман.
Ваҳ, чӣ чоҳу чӣ зақан? Аз дандон
Монда бар себи таре хулднишон.
Ду зақан, ғабғабат аз мавчи зулол
Бар сари якдигар афганда ҳилол.
Ваҳ, чӣ ғабғаб? — Ба ҳавои бару дўш
Боз кардаст ба назокат оғўш.
Аз хами тори ду зулфат чу расан
Бар чалипост баёзи гардан.
Ваҳ, чӣ гардан? — Сари фаввораи нур,
Дастаи ойинаи дастабулўр.
Чун ту аз лутф кушоӣ оғўш,
Тоқи меҳроб шавад сачдаи дўш.
Ваҳ, чӣ оғўш? — Висоли аҳбоб,
Ошиқиҳои дар айёми шубоб.
Нозукӣ баски туро дар бадан аст,
Пираҳан бори гулу дўши тан аст.
Ваҳ, чӣ тан? — Бехтаи бўи гулоб,
Симтан, ранги баҳори маҳтоб.
Нармӣ азбаски ба тан-т ёфта роҳ,
Лағжад аз нимаи раҳ пои нигоҳ.
Баски бошад ба тароват баданат,
Мечакад оби латофат зи танат.
Чӣ тароват? — Гули шабнамдида,
Мағзи бодоми ба май ғалтида.
Гар насим аз ту кунад истишмом,
Бўи гулбехта ояд ба машом.
Ваҳ, чӣ бўй аст, чӣ мушку чӣ Хутан?
Нафхаи боди сабо дар гулшан.
Ба тан аз акси рухи чун шафақат
Лаъл шуд дона дар оби арақат.
Чӣ арақ? — Баски надоранд қарор,
Ахтаронро шуда собит сайёр.



Лавҳа пок аз ғами ҳичрон дорӣ,
Субҳ дар чоки гиребон дорӣ.
Ваҳ, чӣ чок? Ойинаи субҳи баҳор,
Рахнабанди гули боғу гулзор.
Аз ғами синаат, эй рашки баҳор,
Бадри ҳар моҳ ҳилолест ду бор.
Ваҳ, чӣ сина? Ба зулоли кавсар
Лаъл ҳал гаштаву гашта мармар.
Сарв гўянд намеорад бор,
Қадат оварда зи пистон ду анор.
Ваҳ, чӣ пистон? Ду турунчи сероб,
Зада сар чўши латофат, ду ҳубоб.
Соидат моҳии дарёи сафоб,
Бар сари мавчи латофат ба шитоб.
Ваҳ, чӣ соид? Ба шабистони сурур
Ҳусн афрўхта шамъи кофур...
Ваҳ, чӣ соқ? — Аз гули насрин баста
Дасти гулчини сабо гулдаста.
Соят ҳамнафаси боли ҳумост,
Гарчи аз чо натавонад бархост.
Ваҳ, чӣ соя? — Рақами сарви равон
Қолаби чашм мисоли Сурьён.
Маъдани ҳусни ту аз по то сар,
Узв-узват бувад аз ҳам хуштар...
Чӣ ғалат, чумла саропот, нақўст,
Кай тавон гуфт, ки ҳамин беҳтар аз ўст.
Рўзу шаб Меҳрии бетобу тавон
Карда номи хуши ту вирди забон.

# ЯҲЁИ СЕБАК

*Хоҷа Муҳаммад Яҳёи Себак, ки дар аввал Таффоҳӣ тахаллус мекард ва баъд онро ба Фаттоҳӣ бадал намуд, бо тахаллусҳои Асрорӣ ва Хуморӣ ҳам шеър мегуфтааст. Вай дар охирҳои асри XIV дар Нишопур ба дунъё омада, баъди гирифтани маълумоти ибтидоӣ ба Самарқанд меояд ва дар ин ҷо касби камол карда, муддати зиёде он ҷо мемонад. Вай чандин навъи хатро хуб навишта, дар арӯзу бадоеъи шеърӣ ва илмҳои дигар хеле моҳир будааст. Бо Улуғбек дӯст буда, дар Самарқанд «Ҳусн ва Дил»-ро, ки аввалан ба наср навишта буд, ба назм мекашад ва баъди итмоми он ба ватани худ баргашта, соли 852/1449 дар Нишопур вафот мекунад.*

*Яҳёи Себак ба ғайр аз ду «Ҳусн ва Дил» девони ғазалиёте иборат аз се ҳазор байт, маснавиҳои «Даҳнома», «Таъбири хоб» низ доштааст. Китоби мансури ахлоқии ӯ «Шабистони хаёл» (соли таълифаш 843/1439—40), хеле машҳур аст. Бо номи «Асрорӣ ва Хуморӣ» ҳам асаре ба услуби «Канз-ул-иштиҳо»-и Абӯисҳоқи Атъима доштааст.*

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй, ки вақти лола соғар холӣ аз май мекунӣ,
Рафт умру доғи ҳасратро даво кай мекунӣ?
Сабзаву гул ҳуллаи фирдавс дар поят кашанд,
Чанд рӯзе гар бисоти умрро тай мекунӣ.
Аз кафои таънаву боди насиҳат ғам махӯр,
Майпарастӣ гар ба овози дафу най мекунӣ.
Ҳамчу булбул ҳою ҳуе кун, ки бархоҳад парид
Мурғи рӯҳ аз шохсори умр то ҳай мекунӣ.
Соқиё, кардӣ ба махмурӣ диламро нотавон,
Ё раб ояд пеши чашмат ҳар чӣ бо вай мекунӣ.
Менихӣ аз каф ба қавли сарди воиз май, чаро,
Худ ба дасти худ баҳори айшро дай мекунӣ?
Бар ҳисори даҳр, Фаттоҳӣ, ҷаве буньёд нест,
Бораи ҳиммат дар ин вайрон чаро пай мекунӣ.



## АЗ МУҚАТТАОТ

Ҳамсӯҳбати арбоби шараф бош, ки хуршед
Аз партави сӯҳбат гуҳар аз санг барорад.
Он об, ки зангор диҳад теғи ҳабалро
Ойина шавад ҳамдами ӯ, занг барорад.
Сӯҳбат асари худ бикунад, гарчи хирадманд
Бар худ дари тадбир ба сад ранг барорад.
Ҳамсӯҳбати беҳ ҷӯй дар ин боғ, ки охир
Олу, ки ба олу нигарад ранг барорад.

## АЗ «ҲУСН ВА ДИЛ»

Ин асар, ки аз рӯи қаҳрамонҳои асосии он Ҳусн ва Дил бо ин ном машҳур аст, аслан «Дастури ушшоқ» ном дошта соли 840/1436 дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур навишта шуда, тақрибан панҷ ҳазор байтро фаро мегирад. Баъди навишта шудани достони Яҳёи Себак ин мавзӯъ дар адабиёти халқҳои Шарқ шӯҳрат ёфта, дар пайравии он Оҳӣ (ваф. 920/1517) ва Ломеӣ (ваф. 938/1531), ба забони туркӣ, Мушфиқӣ (947—996/1538—1588) соли 979/1571 ба тоҷикӣ ва Нишотӣ соли 1190/1776 ба ӯзбекӣ достонҳои ҷавобия навишта, аксар мазмун ва таъбироти Фаттоҳиро истифода кардаанд. Ҳамчунин «Ҳусн ва Дил»-и мансури Яҳёи Себак ду бор ба англисӣ (солҳои 1801 ва 1828) ва як бор ба немисӣ (соли 1889) тарҷима ва чоп шудааст.

Матни достони Фаттоҳиро соли 1926 дар Лондон Р. С. Гриншилдез нашр кардааст.

Достони «Ҳусн ва Дил»-и Фаттоҳӣ достони рамзӣ буда, эҳсосоти инсонӣ ва сифатҳои маънавии он чун қаҳрамонҳо баромад мекунанд. Мазмуни достон чунин аст:

Дар шаҳри Юнон подшоҳе буд, ки Ақл ном дошт ва тамоми диёри Мағриб зери қаламрави ӯ буд. Ақл дар зиндагӣ ҳеҷ камбудӣ надошт, ба ҷуз фарзанд. Аз ӯ писаре таваллуд мешавад, ки номи ӯро Дил мениҳанд.

Дил баъди тарбияти чандинсола дар кишваре, ки бо номи Бадан машҳур буд, ба тахти подшоҳӣ менишинад. Дуртар аз Бадан қасре буд, ки Дил онро барои худ ибодатгоҳ сохт. Дил дар умури давлат адлу адолатро пеш гирифта, бештар ба илму дониш диққат медод. Рӯзе олимон дар маҳфиле доир ба «Оби ҳаёт» мубодилаи афкор мекунанд. Ба ақидаи онҳо ҳар касе ин

обро хӯрад, то қиёмат дар замин зиндаву ҷовид мемонад. Дил аз паси ҷустуҷӯи оби ҳаёт мешавад, ва ҷосусашро, ки бо номи Назар машҳур буд, ба кофтукови он мефиристад.

Назар пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд ба Офият ном шаҳре мерасад, ки подшоҳаш Номус ном дошт. Назар мақсади сафари худро ба Номус мефаҳмонад.

Номус дар ҷавоби Назар мегӯяд, ки ҳикояти оби ҳаёт дар ҷаҳон тамсилест ва мурод аз оби ҳаёт ин оби рӯй (обрӯй) аст, ки воситаи ҳаёти ҳар номҷӯест. Пас ҳар киро дар ин олам аз ин об (обрӯ) бархурдорист, номи ӯ то қиёмат бар забонҳо ҷорист.

Назар боз ба умеди ҷустуҷӯи оби ҳаёт аз ин шаҳр берун меояд ва ба як кӯҳе наздик мешавад, ки дар болои он Савмиае ҷойгир буда, шахсе бо номи Мақом он ҷо манзил дорад. Мақом Назарро пеши роҳиби он Савмиа, ки Ризқ ном дошт, мефиристад. Ризқ низ оби ҳаётро ба ӯ як чизи ҳаётӣ тавсиф мекунад.

Назар аз ин кӯҳ рӯ ба шаҳр мениҳад ва ба ҳисоре, ки Ҳидоят ном дошт, дохил мешавад. Ҳикмат ном подшоҳи он шаҳр Назарро қабул карда, аз хусуси оби ҳаёт ба ӯ нақлҳо мекунад. Ҳиммат ба ӯ мегӯяд, ки дар диёри Машриқ подшоҳе аст. Ишқ ном ва ӯро Ҳусн ном духтари соҳибҷамол аст, ки падараш махсусан ба номи ӯ шаҳре сохтааст ва онро Дидор ном мениҳад. Ҳар касе ба ин шаҳр дохил шавад, ҳамеша оби ҳаётро бо ҷоми шодмонӣ нӯш хоҳад кард. Азбаски дар роҳи шаҳри Дидор монеаҳои зиёд аст, аз ин ҷиҳат то ҳол касе ба он ворид нашудааст. Чун шаҳри Дидор аз тарафи Рақиб ном дев ва Қомат ном сипаҳсолор нигаҳдорӣ мешуд, ҳадди ҳеҷ касе набуд, ки ба он шаҳр қадам гузорад.

Назар бо Ҳидоят ва мактуби Ҳиммат ки ба бародараш навишта буд, роҳи шаҳри Дидорро пеш мегирад. Пас аз муддате ба шаҳри Сагсор, ки дар ҳамсоягии Дидор буд, мерасад. Аммо лашкари Рақиб ӯро асир мегирад ва Назар ба баҳонаи он ки ӯ кимьёгар аст, аз шаҳри Сагсор бо ҳамроҳии Рақиб дохили шаҳри Дидор мешаванд ва мактуби Ҳимматро ба Қомат месупоранд. Ниҳоят Назар вориди шаҳри Дидор мешавад ва баъди чанд рӯзе бо Зулф ном тарбиятгари Ҳусн шиносоӣ пайдо мекунад.

Зулф аз сари сеҳру ҷоду ба Назар як тори мӯи худро тақдим мекунад, ки агар ба ягон мушкилӣ дучор ояд, он мӯйро дар оташ андозад, даррав Зулф ба ёрии ӯ мешитобад. Аз қазо бародари Назар Ғамза, ки як вақтҳо бо гуноҳе гурехта буд, дар ин шаҳр сардори тирандозон таъин мегардад. Ғамза бо теғ ба сари Назар ҳуҷум карда мехоҳад, ки ӯро кушад, вале Назар бародарашро шинохта, бозубанди худро ба ӯ нишон медиҳад. Ғамза



даррав ӯро ба хонааш мебарад. Пас аз муддате Ҳусн дар боран ҷавҳаршиносиву кимьёкории Назар қиссаҳои зиёд шунида, ӯро ба қасри худ даъват мекунад.

Ҳусн суратеро, ки аз санг сохта шуда, дар хазинаи ӯ нигоҳ дошта мешуд, ба Назар нишон медиҳад. Назар даррав он пайкарро шинохта, ба Ҳусн мегӯяд, ки ин сурати подшоҳи Мағриб ва Шом, Дил мебошад. Ҳусн пас аз шунидани ин гап ба он подшоҳ, яъне Дил дил мебандад.

Ҳусн, Хаёл ном ғуломи худро бо ҳамроҳии Назар ба кофтукови Дил мефиристад. Ниҳоят Хаёл ва Назар ба шаҳри Шом расида, дохили қалъаи Бадан мешаванд. Хаёл аз фурсат истифода карда худро бо Дил мешиносонад. Дил кӣ будани ӯро мепурсад. Хаёл мегӯяд, ки марди наққош аст ва бо ин ҳунар машҳури дуньё шудааст. Дил барои санҷидани ҳунари Хаёл ба ӯ кашидани суратеро мефармояд.

Хаёл даррав сурати зебои Ҳуснро мекашад ва ба Дил нишон медиҳад. Дил суратро дида ба ӯ ошиқ мешавад ва кӣ будани ӯро аз Хаёл мепурсад. Хаёл дар ҷавоб мегӯяд, ки сурате, ки ҳоло дар даст доред, маликаи шаҳри Дидор аст, ки номаш Ҳусн мебошад.

Дил чун ин гапро мешунавад, дар ҳолату тараддуди дидани Ҳусн мешавад.

Вазири падари Дил ин хабарро шунида ба Ақл мегӯяд, ки Дил баъди дидани сурати Ҳусн шаҳри Баданро тарк карда, ба тарафи шаҳри Дидор равона шудааст, ки ин амали ӯ барои ҷанги байни ду мамлакат сабаб хоҳад шуд.

Ақл, Хаёл ва Дилро зиндонӣ мекунад. Назар, ки аслан қосиди Дил буд, ин хабарро ба Ҳусн мерасонад. Ҳусн сарлашкари худ Ғамзаро ба назди худ чеғ зада, барои халос кардани Хаёл ва Дил онҳоро ба шаҳри Бадан мефиристонад. Назар ва Ғамза бо лашкари зиёд ба тарафи шаҳри Бадан ҳуҷум мекунанд.

Лашкари Назар ва Ғамза ба сипоҳи Тавба, ки сарлашкари Ақл буд, ғолиб мешавад ва шаҳри Баданро дар муҳосира мегиранд. Ақл ба писари худ Дил мефармояд, ки лашкаре бо сардории Сабр ҷамъ карда, ба муқобили лашкари Ғамза ҷанг пайвандад. Лашкари Ғамза аз ин тадбири подшоҳи Машриқ хабар ёфта, ба ақибнишинӣ рӯ мениҳад. Дар охир бо фиребу найранг сипоҳи Дил ва Сабрро то шаҳри Дидор мерасонад.

Пас аз ҷангу ҷидолҳои зиёд лашкари Дил шикаст мехӯрад ва Дил захмдор шуда, асир меафтад. Дилро дар ҳолати беҳушӣ ба ҷоҳи Зақан мепартоянд. Ишқ ва Ҳусн ба Меҳр ном қосиди худ мефармоянд, ки хабари асир афтодани Дилро ба падараш расонад.

Ҳусн аз фурсат истифода намуда бар сари болини Дил меояд ва ӯро дар канор мегирад. Ҳусн аз ишқи зиёде, ки ба Дил дошт, яку якбора ба гирья меояд. Қатраи ашке ба рӯи Дил меафтад ва ин воқеа, ӯро аз хоб бедор мекунад.

Ҳар ду дилдода пас аз изҳори зиёди муҳаббат ба қасри Висол рафта як шабонарӯз ба айшу тараб дар он қаср зиндагӣ ба сар мебаранд.

Рӯзе, канизаки Ҳусн, ки Ғайр ном дошт, аз ин воқеа иттилоъ ёфта, дохили қасри Висол мешавад, ки Дил дар он ҷо ба танҳоӣ хоб рафтааст. Ғайр аз ин фурсат истифода карда, ҳамроҳи Дил дар он ҷо хоб меравад.

Ҳусн аз бадахлоқии Ғайр пай бурда, ба пеши Дил рафта хардуи онҳоро дар як бистари хоб мебинад. Ғайр ба ин кори ношоистаи худ тоқат наёварда, аз мамлакат мегурезад. Дил бошад ба ҳукми Ҳусн аз сари нав дар қалъаи Ҳиҷрон ба зиндон партофта мешавад.

Баъди чанд муддат Ғайр аз шаҳри Сагсорон ба Ҳусн мактубе мефиристонад, ки дар он айбдор будани худро иқрор мекунад. Гарчанде Ҳусн аз ин кораш пушаймон шуда бошад ҳам, аз тарси падараш Дилро аз зиндон озод намекунад.

Ҳангоме ки падари Дил хабари асир афтодани писарашро мешунавад, аз сари нав бо сардории Ҳиммат ном сипаҳсолор лашкар ҷамъ карда, барои озод кардани Дил ба тарафи шаҳри Дидор равона мешавад. Вақте ки ба сарҳади шаҳри мазкур мерасад, Ҳиммат аз ҷанг кардан бо Ишқ худдорӣ намуда, фақат бо роҳи сулҳу маслиҳат пеши ӯ меравад. Ҳиммат бо ақлу заковати худ Ишқро аз ҳар ҷиҳат ба сулҳ кардан розӣ кунонда, Дилро аз зиндон халос мекунад.

Ишқ аз тадбир ва андешаҳои Ҳиммат дар ҳайрат монда, аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ягон қосиде ба тарафи Машриқ ба талаби Ақл равад. Ҳиммат даррав қосидро ба тарафи Машриқ мефиристонад, ки Ақлро ба ҳузури онҳо биёварад.

Бо талаби Ишқ Ақлро ба ҳарду мамлакат подшоҳ эълон менамоянд. Ҳусн ва Дил низ дар ин асно ба ақди никоҳи якдигар даромада то охири умр дар кишвари Ақл хушу хурсандона зиндагӣ бар сар мебаранд.

## ОҒОЗИ ДОСТОН
## ДАР ВАСФИ АҚЛ

Маро фикри сухансози сарафроз
Аз ин сар достон зад, ин сар овоз,



Ки дар Юнон шаҳе олимакон буд,
Сару сарайлу сардори ҷаҳон буд.
Ба фармон арсаи Мағриб тамомаш,
Ниҳода даври гардун Ақл номаш.
Ба моҳи рояташ серӯза айём
Ба Мағриб иди нусрат дошт то Шом.
Паноҳаш оламе дар сар ниҳода,
Сарон дар пои ӯ афсар ниҳода.
Зи баҳри ҷуд, к-он бар бар равон дошт,
Ба Мағриб Қирвон то Қирвон дошт.
Риёзи илми ӯ дода гувоҳӣ
Ба ҳикмат бар риёзиву илоҳӣ.
Фалотун буд шогирди баёнаш,
Арасту ходиме бар остонаш.
Ҳаким ӯ буд аҳли гуфтугӯро,
Мумайиз буд ҳар бад, ҳар накӯро.
Ҷаҳонро зиндагӣ аз зиндагияш,
Саронро бандагӣ аз бандагияш.
Касе к-аз файзи ӯ бегона будӣ,
Яқин аст ҷоҳилу девона будӣ.
Шараф з-ӯ буд айни мардумиро,
Сафо з-ӯ буд саъйи ҳар дамеро.
Зи ҳар коме, ки дар айёми ӯ буд,
Ба ҷуз як орзу дар доми ӯ буд,
Ки силки мулки ӯ пайванд меҷуст,
Насабро гавҳари пайванд меҷуст.
Аз ин боғаш ҳама гул буд ҳосил,
Вале бебарг буд аз меваи дил.
Чу бурд ашки ниёз аз дил қарораш,
Дуре омад зи дарьё дар канораш.
Яке фарзанд додаш модари хок,
Ба меҳраш зинда Дил-обои афлок.
Баромад қатрае аз чашмаи айн,
Ки аз вай ғарқи ҳайрат гашт қавнайн.

## СИФАТИ ДИЛ

Аҷоиб қатрае, к-аз покии ҷон
Ба ҷон лабташна будаш оби ҳайвон.
Намуд аз боғи ҷон гулдастае рӯй,
Ки чун гул хор аз ӯ шуд дастаи гӯй.

Чу он гулдаста дид аз равза бартар,
Малак гуфташ ба гӯш: Оллоҳу акбар.
Фалак гарчи ба меҳри Дил давида,
Ба чашми сар писар чун ӯ надида.
Гуландоме, ки зери ҳафт парда,
Чу гул бар дида будӣ ҷой карда.
Аҷаб тифле, ки буд аз оби дандон
Лаби ӯ ширхори бодаи ҷон.
Ба тифлӣ з-он балоғат дастрас дошт,
Ки файзи ҷони Исо ҳамнафас дошт.
Биёвард офтоби ӯ хур аз меҳр,
Ки то дар ташти гардун шӯядаш чеҳр.
Чу тан дар оби ҳайвон соф гашташ,
Чу оҳу нофаи Чин ноф гашташ.
Тани чун ғунча печид аз нишоташ,
Зи гулбарги биҳиштӣ дар қимоташ.
Чу садри маснади маҳдаш макон шуд,
Чу Маҳдӣ ояти охирзамон шуд.
Фалак сӯзан зи Исо кард дархост,
Ки то сармаҳди он Маҳдӣ биёрост.
Ҳамечунбид шохи бед аз ҷой,
Ки ёбад пояи он маҳди волой.
Зи рашки маҳди он маҳ дошт оҳанг,
Ки меҳр аз маҳди гардун баркашад танг.
Паи таъвиди он маҳди тарабзо
Ҳамоил дар миён овард ҷавзо.
Қашад то нил бар рӯяш чу лола,
Қамарро нилдон пур шуд зи ҳола.
Барои хоби он Юсуфрух аз ноз
Ба Исо шуд дами доду дами соз.
Чу ҳадди толеаш бар Хес бишнохт,
Дили Баҳрому ҷони Зӯҳра бигдохт.
Давоти Моҳу килки Тир бардошт,
Рақам бар саҳфаи Хуршед бингошт.
Шаҳ аз шодии он гулчеҳра фарзанд
Кулаҳ бар осмон чун лола афганд.
Ба дил оромаш омад з-он дилором
Ниҳод аз рӯи дилдори Дилаш ном.
Нишони толеаш ҷуст аз замона,
Ба некӯахтарӣ омад нишона.
Зи ҳақ дар ҳаққи он хуршедрухсор
Назарҳои саодат дид бисьёр.
Зи роҳи мақдами Дил шодмон шуд,



Дилаш доданду дилдори ҷаҳон шуд.
Ба шукри он ду ҳафта моҳи тобон
Сипаҳро кард чандин сол тархон.
Чу ахтар зар ба гардун рехт дар роҳ,
Ба рӯяш даври ишрат сохт як моҳ.
Чу наврӯз аз барои борнома
Басе бебаргро пӯшид ҷома.
Ҳарамро гуфт то дар пардаи роз
Бипарваранд он гулро ба эъзоз.
Чу омад нури чашми Ақл пираш,
Бипарваранд чун Юсуф ба шираш.
Ба меҳри иҷтимои зинату фар
Маҳе медошт хуршеде ба бар-дар.
Гуле бардошта нахле ба оғӯш,
Рутаб ширин бар ӯ чун чашмаи нӯш.
Ба сина норпистоне нигаҳдор,
Ба зери шурб заркаш донаи нор.
Барорад то зи шамъи ҷон-ш тобе,
Ҳамебахшид нори ҷон ба обӣ.
Муфарраҳ дилкушой дар ҳам омехт,
Дури муҷвал бари ёқут мерехт.
Аз он дур то шавад силке сиришта,
Ба сӯзан мекашид аз сим ришта.
Чу марҷон аз булӯри тан ҷило дод,
Зи лаъли дилкашаш сивуду дур зод.
Ба се моҳ офтоби ширхора
Намуд аз бурҷи Моҳӣ сӣ ситора.
Кунад то аз шаҳоб он бурҷро Наср,
Замона бар шакар мехонд «в-ал-аср».

## СИФАТИ ШОҲЗОДАИ ҶАҲОН ВА НУРИ ЧАШМИ МАРДУМОН ҲУСНИ ДИЛСИТОН

Парирӯе, ки ҷон девонаи ӯст,
Чароғи осмон парвонаи ӯст.
Суманбӯе, ки гулрӯёни гардун
Ба рӯяш чун парӣ мастанду маҷнун,
Зиреҳмӯе, ки ҳар ҷо дар фунунест,
Аз ӯ сарҳалқаи қайди зунунест.
Ҷафоҷӯе, ки аз мӯи миёнаш

Сари мӯ ҳаст сад олам равонаш.
Сухангӯе, ки лаъли ӯ зи гавҳар
Шикофад оби хушк аз оташи тар.
Ҷаҳонсӯзе, ки чун шамъ аз сари тоб
Барорад об аз оташ ба сад об.
Нигорине, ки хуршеди қавидаст
Ба хун шӯяд зи дасташ рӯй пайваст.
Дилафрӯзе, ки дар мишкоти кавнайн,
Зи рӯи ӯст равшан партави айн.
Сиҳӣ-сарве, ки дорад оби қавсар
Равон бар лаб, ки дар пояш кашад сар.
Зи рӯяш тоби дида шоми пайдо,
Зи тобаш дар сари хуршед савдо.
Ба рӯяш то фалак дида кушода,
Бар ӯ меҳраш ҳар дам рӯй дода.
Қади ӯ, к-аз алиф омад нишонаш,
Надорад ҳеҷ алиф, илло миёнаш.
Даҳони ӯ, ки миме аз набот аст,
Ба болои алиф моъал-ҳаёт аст.
Чу нун зери ҷабин абрӯш пайдо,
Ҳилоли айни идаш зери туғро.
Миёнаш з-он нишон мӯй аст, з-он рӯ
Чу дар қалби ҳамӯши ҷой чун мӯ.
Ба хубӣ ҷуз миёневу даҳоне
Надорад ҳеҷ кам дар ҳеҷ оне.
Чу шаҳ дида ба некӯй тамомаш.
Ба некӯй ниҳода Ҳусн номаш.
Яке шаҳрест дилкаш паҳлуи Қоф,
Ҳавои ӯ чу оби зиндагӣ соф.
Биҳиште номи ӯ Дидори машҳур
Ба ҳар кунҷ аз саводаш хонаи ҳур.
Дар ӯ беҳад сипоҳи инсу ҷон аст,
Миёни инсу ҷон сарҳад ҳамон аст.
Равон кардаст Ишқи лоязолӣ
Ба ҳукми Ҳусн он шаҳру ҳаволӣ.
Дар он шаҳр аст гулзоре муваҷҷаҳ,
Зи хокаш обрӯ дида дили Маҳ.
Гули фирдавс аз сад рӯ ғуломаш,
Ниҳода Гулшани Рухсор номаш.
Чунин гулшан, к-аз арвоҳанд гулбӯй?
Бувад бӯстонсарои Ҳусни гулрӯ».
Дар ӯ як чашмаи об аст аз осор,
Зи файзи ҷаннату кавсар намудор.



Чу об аз хоки олониш гузар кун,
Ҳавоҳоро чу оташ бе сипар кун.
Ҷаҳоне рав, ки рӯ дар об дорад,
Ба бод ар сар равад сар дарнаёрад.
Аз ин ҷо то канори оби ҳайвон
Паёпай беканор асту биёбон.
Басе дар раҳ тилисмот аст бар ганҷ,
Баре з-ин боғ натвон чид бе ранҷ.
Дар ин раҳ деву дад ҳастанд бисьёр,
Ҳама сагсиратони одамихор.
Бар эшон подшаҳ деве маҳиб аст,
Нишонаш нохушу номаш Рақиб аст.
Турушрӯе, к-аз ӯ зангор гирад.
Агар ойина бар рухсор гирад.
Чу кӯҳе ғайри теғаш дар миён нест,
Чу абре рӯи меҳр аз вай аён нест.
Чунон озори мардум шуд хисолаш,
Ки мехонанд саг аҳли камолаш.
Ба ҳукми Ишқ ин деви ҷафокор
Бувад дарбони дорулмулки Дидор.
Нигаҳбон аст мулку кишварашро,
Ки ноаҳле набинад лашкарашро.
Чу бигзаштӣ аз он девони бадкеш,
Бубинӣ кишвари рухсор дар пеш.
Бар он сарҳад нигаҳбон аст шоҳе,
Ки дорад дар баландӣ қадру ҷоҳе.
Бародар мешавад бо ман ба хешӣ,
Ба поя аз сарон ӯрост бешӣ.
Зи сад фитна қиёмат ром дорад,
Миёни қавм Қомат ном дорад.
Сипаҳсолори Ҳусн аст он қадамдор,
Зи қавми Од дорад ҳайли бисьёр.
Бувад рояш баланду номи ӯ рост,
Сифоти ӯ зи тӯли шарҳ болост.
Саробӯстони ӯ боғест хуррам,
Ҷанору сарв дода даст бо ҳам.
Чу раҳ берун барӣ з-он боғ бе ранҷ,
Қашандат морпоён бар сари ганҷ.
Бубинӣ дар ҳавои шаҳри дидор
Зи меҳру маҳрухон гармии бозор.
Чу рӯ дар гулшани Рухсор кардӣ,
Зи обурӯй бархурдор гардӣ.
Шавад ҳар сабзае з-он боғи ризвон

Туро хизре ба сӯи оби ҳайвон.
Бишӯй, эй марди хонанда зи худ даст,
Ки аз файзи ҳақ он обат диҳад даст.
Ду олам гарчи з-ин чашма заҳобанд,
Валекин дар раҳи солик ҳиҷобанд.
Ба дунъё раҳ намудат банди номус,
Ба укбӣ низ кардат зӯҳд маҳбус.
Қадам берун неҳ аз дуньёву уқбӣ,
Ки ин давлат кунад бар ту ба ҳусбе.
Сухан гуфтам туро дар роҳи беҳбуд,
Сухан дар роҳ мегиру бирав зуд.

### ОГОҲ ШУДАНИ ҲУСНИ МОҲМАНЗАР АЗ АҲВОЛИ ҒАМЗАИ ПУРЧИГАР ВА ТАЛАБ КАРДАН ӮРО ПЕШИ НАЗАР ВА АРЗ КАРДАН БАР ЛАШКАР

Маро фикре, к-аз оҳу бехатар бод,
Нишон аз турктозии Назар дод,
Ки дар сарҳадди Туркистону Ховар
Назарро як бародар ҳаст кеҳтар.
Аҷаб мардумшикоре тезчашме,
Балое, Ғамза номе, тезхашме.
Ҷавоне пур сару чашм аз шуҷоат,
Кашида гӯшагиронро ба тоат.
Ваҷеҳе дар миёни турку ҳинду
Балоангезу тирандозу ҷоду.
Агар дар чашми мардум он ягона
Зи як мӯи мижа кардӣ нишона.
Чунон бишкофтӣ он мӯ ба пайкон,
К-аз ӯ огаҳ нагаштӣ чашми инсон.
Ба тезӣ тираш аз оҳу гузаштӣ,
Ба сеҳр аз айнаи ҷоду гузаштӣ.
Задӣ гар чашми худ дар сеҳр бар ҳам,
Дамидӣ оташ аз наргис ба як дам.
Зи бас, к-аз майпарастӣ саргарон буд,
Мудом аз хоби мастӣ нотавон буд.
Хаёлаш буд сархуш бо маи ноб,
Ки будӣ маст, агар рафтӣ ба меҳроб.
Чу турконро бад-ӯ шуд дидаҳо боз,



Зи ҳар гӯша бадар рафтанд ғаммоз,
Парирӯён ба чашмаш даргирифтанд,
В-аз ӯ бо Ҳусн рамзе бозгуфтанд.
Намудандаш ба чашми Ҳусн дидор,
Ба рӯяш фитнаро карданд бедор.
Ба лашкар гуфт то дуздида рафтанд,
Ба кунҷе маст дар хобаш гирифтанд.
Чу дидаш Ҳусн тирандозу бадкеш,
Нишон додаш ба тирандозии хеш.
Қабои кӯҳлаӣ пӯшид ӯро,
Ба меҳри меҳрубонӣ дид ӯро.
Ба меҳр аз чокаронаш беш медошт,
Мудомаш пеши чашми хеш медошт.
Падарро нури дида чун табаҳ шуд,
Саводи Турк бар чашмаш сияҳ шуд.
Басе гардид дар ҳар гӯша ҷӯён,
Зи чашми мардумонаш дошт пинҳон.
Шунудам модари эшон ниҳонӣ,
Ду мӯҳра дошт аз ҷазъи ямонӣ,
Ба хосият зи шакли он ду гавҳар
Балои чашми мардум дошт аз сар.
Ду нури чашми худро гавҳаре дид,
Ба ҳар фарзанд аз он як мӯҳра бахшид.
Барои чашмбанд аз рӯи эшон
Бибаст он мӯҳра бар бозуи эшон.
Назарро чун бародар аз назар шуд,
Ҷаҳон аз чашми туркон тангтар шуд.
Чу гаштанд он ду тифл аз якдигар дур,
Зи дурӣ дурҳо монданд ранҷур.
Баромад солҳо аз ҳаҷру ғамшон,
Чунон-к аз дида гум шуд нафси ҳамшон.
Қазоро чун назар мегашт пинҳон,
Ба гирди гулшани рухсори ҷонон.
Миёни Наргису Гул Ғамза аз дур
Фитода буд хоболуда, махмур.
Хаёли мардуми бегонае дид,
Зи ҷон хеш чун оҳу биҷунбид.
Биҷаст аз ҷой бо теғи кашида,
Бизад бонгеаю гуфт: «Эй шӯх, дида,
Чи шахсӣ, к-он чунон бо рои тира
Бад-ин манзил кушодӣ чашм хира?
Магар кӯрӣ, ки нофармон ба худсар
Ниҳодӣ сар дар ин гулшан чу абҳар?

Шавад дар шиша аҳвал чашми хуршед
Зи саҳми мардуми ин чашмноҳид.
Фалак дида бар ин манзил ниҳодаст,
Ки меҳри ӯ бад-ин хок уфтодаст.
Туро то чашм дардид, эй ҷаҳонгард,
Ки дар чашмат наёмад з-ин макон гард.
Бигуфт ину кашида теғ, сармаст,
Чу бедаш пою чун гил дастҳо баст.
Назар ҳайрон шуда в-аз ҷони худ сер,
Ҷигархун ҳамчу дуд андар дами шер,
Ба мижгон хоки раҳ мебехт аз чашм,
Зи саҳми Ғамза хун мерехт аз чашм.
Ҳамегуфт: «Эй ҷавон, аз саргаронӣ
Ҷавононро макуш, охир, ҷавонӣ!
Машав нодида, к-аз мастони охир,
Агар бераҳматӣ, инсони охир!
Ғарибам ман, зи мардум дар ҳама кор
Ғарибонро набошад чашми озор.
Ғарибе, к-аз саводи хеш дур аст,
Бувад бар дидаҳо равшан, ки кӯр аст.
Чу ашки худ гар аз по уфтодам,
Ба саргардонӣ ин ҷо уфтодам.
Чу пайкон ғарчи бас тез омадам ман,
Ту ҳамчун тир аз чашмам маяфган.
Бад-ин боғ ар аён афтод роҳам,
На аз чашми хиёнат кун нигоҳам.
Аз ин гулшан нахӯрдам обе акнун,
Макун аз оби теғам ғарқа дар хун».
Назар чандон ки зорӣ кард, аз хашм
Наёмад Ғамзаро з-он ҳеҷ дар чашм.
Ҷигар аз туркхӯӣ хушк кардаш,
Хитоибанд ҳамчун мушк кардаш.
Бишуд наздики тахти Ҳусни олӣ,
Ба чашму сар замин бӯсид ҳолӣ.
Бигуфт: «Эй чашми душман поймолат,
Чилои дидаи давлат ҷамолат.
Дар ин гулшан, ки чашми бад мабинод,
Ба бадчашмӣ даромад дузде устод.
Гирифтам бастамаш чун чашми бемор,
Бифармо, то бирезам хуни ӯ зор».
Маҳаш гуфт: «Эй зи теғат ҳамчу хуршед,
Маро дида шуда ҳар гуна уммед.
Хасе, к-ояд ба чашми бад бад-ин дар,



Чу наргис чашми ӯро баркан аз сар.
Қасе, к-аз мо бувад чашми зиёнаш,
Чу мижгон дида, дар дида нишонаш.
В-агар бинӣ, ки бадбинӣ дар ӯ нест,
Чу бинӣ, гар кашӣ теғаш, накӯ нест».
Чу Ғамза аз паи хуни нишонгир,
Ки вақти кина худро дидаи тир.
Қашида теғ шуд сӯи Назар тез
Кушод, он гаҳ кашон бурдаш ба хунрез,
Назарро чашм аз ғам бозҷаста,
Ба гирди ӯ назора ҳалқа баста.
Дур аз алмос меафшонду мегуфт,
Ба зери теғ хун меронду мегуфт:
...Мабодо ҳеҷ бедил дар замона,
Ки дар ғурбат бимирад дил ба хона!

## НАМУДАНИ ҲУСН ГАВҲАРИ ДИЛИ САНГИНИ ХУДРО БА НАЗАР ВА ГУФТАНИ НАЗАР СИФАТИ ДИЛИ ОДИЛ ВА ОШИҚ ШУДАНИ ҲУСН БА ДИЛ

Назар дар айни афсуну фасона
Бизад тири фасоҳат бар нишона.
Ба гуфтори мусалсал ҳамчун занҷир
Ба дом овард хуш-хуш пои нахҷир.
Бигуфт аз Дил дигар чандон далоил,
Ки омад Ҳуснро сад фикр дар дил.
Назарро гуфт: «Эй марди сухангӯй,
Ки бурдӣ пеши мардум аз сухан гӯй,
Шунидам, к-аз ҷавоҳир нукта донӣ,
Ба алмоси сухан гавҳар фишонӣ.
Маро шуд даврҳо, к-аз санги хора,
Ба чанг афтода нақше ошкора.
Зи гавҳар сохта суратнигоре
Нигоре, сурате, гавҳарнигоре.
Маро савдои ӯ дар синаи танг
Гирифта ҷой ҳамчун нақш бар санг.
Чунон дорам ба зери санги ӯ даст,
Ки дорам санги ӯ бар сина пайваст.

Аз он бут то даромад по ба сангам,
Бирафт аз бутпарастӣ сангу нангам.
Надонам гавҳари он сурат аз чист,
Бад-ин сон покгавҳар сурати кист.
Маро ояд ба дил з-он шакли дилбар,
Ки ҳаст он санги қалбу нест гавҳар.
Маро бурдаст он сурат дил аз даст,
Намедонам бад-ин сурат касе ҳаст.
Ту гар маънӣ аз ин сурат бидонӣ,
Ба ҳар сурат зи маънӣ бо нишоне.
Гар орӣ гавҳари он санг бар сар,
Қашам ҳамсанги он дарьёт гавҳар.
Чу зад бар санг аз он сурат Назарро
Зи хозан ҷуст он шакли замарро.
Равон шуд симбар, зебо, ғуломе.
Ба пайванд аз изомӣ Садр номе.
Зи сандуқаш даровард он санамро,
Ба санг андохт оҳуи ҳарамро.
Назар, к-он сангро пеши назар дид,
Равон аз дида гавҳарҳои тар дид,
Ки нақши он мисоли покгавҳар
Саропо буд шакли Дил мусаввар.
Бад-он сурат зи мижгон дур ҳамесуфт,
Ба лафзи дурфишон ҳар лаҳза мегуфт,
Кӣ мегӯяд, ки ҳаст ин сурат аз гил?
Ҳама лутфу ҳама ҷону ҳама дил.
Санамро гуфт: «Нақши дилкаш аст ин,
Ба Дил монанду наздике, х(в)аш аст ин.
Ба гавҳар лаъли бекон аст ин санг,
Сазои дасти султон аст ин санг.
Ту, к-аз гавҳар чунин ширинниҳодӣ,
Чаро дил бар Дили сангин ниҳодӣ?
Манеҳ дил бар Дили сангину бигзор,
Диле, к-ӯро бувад ҷоне, ба дастор.
Бурид оташ чу Фарҳод аз дили санг,
Ки Ширине чу шамъ овард дар ҷанг.
Туро чун ҷоми Ҷам зери нигин аст,
Чу хотам аз Дили сангин бикаш даст.
Дили сангин зи хотам ҷуст кофад,
Сияҳрӯ шуд зи дил тарни тари х(в)ад.
Диле, к-аш инчунин сурат бувад х(в)аш,
Бубин то чун бувад маънеш дилкаш».
Чу Ҳусн огоҳ гашт аз сурати ҳол,



Ки ҳаст он сураташ бар ҳоли Дил дол,
Аз он сурат ба маънӣ раҳбарӣ ёфт.
Зи санги худ нишони гавҳарӣ ёфт.
Бидид аз ҳусни Дил чандин далоил,
Ба сад дил Ҳусн ошиқ гашт бар Дил.
Чу ғунча дар ниҳон сад хуни дил х(в)ард,
Вале он хӯрдро бар рӯ наёвард.
Назарро хилъате гулранг бахшид,
Чу жола гавҳараш ҳамсанг бахшид.
Расид ин мансабаш дар кишвари Ҳусн,
Ки нозир бошад ӯ бар кишвари Ҳусн.

**ҶАНГ КАРДАНИ ЛАШКАРИ ИШҚИ ХУНХОР БО ЛАШКАРИ ДИЛИ БЕҚАРОР**

Маро фикре, ки бо теғи забонаш
Гирифт иқлими дилхоро баёнаш.
Чунин дам зад зи хайли Меҳри хунрез,
Ки чун дар қасди Дил шуд теғашон тез.
Ба рӯзе ҳамчу рӯзи ҳашр дилсӯз
Чу рӯзи соате ҳар соати рӯз.
Саҳаргаҳ чашми Ҳусн аз хоб шуд боз,
Ба хунрезӣ харобӣ кард оғоз.
Сипаҳро гуфт то дар хонаи зин
Барандозанд буньёди дилу дин.
Сипаҳ филфавр гаштанд оташинпой,
Чу хуни худ биҷӯшиданд аз ҷой.
Сипаҳдорони Ҳусн аз лашкари меҳр,
Синон афрохта, афрӯхта чеҳр.
Гурӯҳе новакандоз аз Хато ҳам
Заданд аз ғамза бо ҳам кори олам.
Сипоҳи Қомат аз қадҳои шамшод
Ба бар ҳам боғ оварданд, ҳам Од.
Саводи хайли зулф аз теғи ҳиндӣ
Қамар бастанд чун кӯҳе ба тундӣ.
Баромад тоҷи Меҳр аз қалби лашкар
Чу дар қалби фалак хуршеди анвар.
Ба болодаст рафт аз ҷониби рост
Равони Қомату лашкар биёрост.

Ба рӯи рӯз зулфи тира то чошт
Зи гап чун турра сардорон ба по дошт.
Зи парри тири Ғамза чун чаноҳаш
Ҳумоюнфол шуд мурғи ниҷоҳаш.
Сипоҳи акл ҳам чунбид аз ҷой,
Кушоданд аз икол оромро пой.
Ду лашкар саф дар он саф саф кашиданд.
Зи баҳри сина ҷой бар каф кашиданд.
Баромад таблро нола ба майдон,
Ки натвон беш аз ин зад табл пинҳон.
Алам з-овози табл афтод дар бод,
Ки кори Ишқ бо таблу алам бод!

## МАКТУБ АЗ ЗАБОНИ ҲУСН БА ДИЛ ВА ОН МУШТАМИЛ АСТ БАР САНОЕЪИ МАЪНАВӢ

### ТАШБЕҲИ МУТЛАҚ

Саломе ҳамчу ҳусни аҳди ёрон,
Саломе чун дили уммедворон.

### ТАШБЕҲИ МАШРУТ

Саломе ҳамчу умру зиндагонӣ,
Вале гар умр бошад ҷовидонӣ.

### ТАШБЕҲИ АКС

Саломе чун паёми ҷон ба ҷонон,
Паёме чун саломи тан сӯи ҷон.

### ТАШБЕҲИ ТАФЗИЛ

Зи муштоқе чу оташ, балки афзун,
Ки оташро набошад ашки гулгун.

### ТАШБЕҲИ ИЗМОР

Ман ар чун оташам аз ашки ташвир,
Дами сард аз чӣ шуд чун боди шабгир?



### ТАШБЕҲИ ТАВСИЯ

Манам чун оташу мактуби ман ҳам,
Ки мепечем бо ҳам аз таби ғам.

### КИНОЯТ

Ба дуди дил саводе аз сувайдо
Мураккаб бо баёзи чашми шайдо.

### ИСТИОРА БИЛ-КИНОЯТ

Бад-он дармони ҷон в-озодии дил,
Ҷилои дидаву ободии дил.

### НАҚС-УС-СИФОТ

Фалаққадру малаксадру парирӯ,
Бунафшахатту гулхадду суманбӯ.

### ТАЗОД ВА НАВЪ

Ало, эй рӯзу шаб дар ҷон нуҳуфта,
Бирафта аз назар, аз ҷон бируфта.

### ИБҲОМ, ТАЗОД ВА НАВЪ

Зи меҳри рӯи ту то сар кашида,
Ба ҷуз кин аз фалак дида надида.

### ИБҲОМ, ТАЗОД, НАВЪ НАЗДИ ҚУДАМО

Ба хунам то ғаматро сурх шуд чашм,
Чу шамъам рӯйзард аз оташи чашм.

### МУШОКИЛАИ ТАҚДИРӢ

Дилам то ғунчаи лаъли ту хун кард,
Зи наргис лола корам бар рухи зард.

### АКС ВА ТАБДИЛ

Ба меҳрат муштариам, гарчи ногоҳ
Чу тир афтодаам дур аз ту, эй моҳ!

#### МУШОКИЛАИ ҲАҚИҚӢ

Барам гуфтам зи айни оразат нур,
Саводи ғайни ғам ораз шуд аз дур.

#### ИБҲОМИ МУҶАРРАД ВА ТАВРИЯ

Чу нақди қалб рафт аз каф ба савдо,
Ба ваҷҳи айн ҷӯям хоки он по.

#### АКС ВА ТАБДИЛ

Рақибам арчи бар дил менихад панд,
Бигӯ бар ҳаҷр банде неҳ ба пайванд.

#### ИБҲОМ

Чӣ созад Ғайри дигар сурати хеш?
Бигӯ, ҳамчун вафо каш сурате пеш!

#### ТАРД ВА АКС

Зи дилбар дидаам дида гули тар,
Гули тар дидаам дида зи дилбар.

#### ИБҲОМИ КОМИЛ

Шудам дар ғам ман аз Дил дуру шайдо,
Ки Дил дар иштиёқам нест бодо!

#### ИБҲОМ

Диле дорам ба зорӣ-дар мутолиф,
Ба чанг оварда аз дастон мухолиф.

#### ИБҲОМИ КОМИЛ БА ЧАҲОР МАЪНӢ

Дилам бигрифта шуд дар банди ҳирмон,
Раҳон, ё раб, дилам аз банди ҳиҷрон.

#### ИБҲОМ МАА ТАНОСУБ

Баҳоре тоза буд аз меҳри чеҳраш,
Қунун баргам намонд аз тоби меҳраш.



#### ЛАФФУНАШР

Ба кӯяш бо фиғон ҳарза дароям,
Бувад аз дарди дил он ҷо сароям.

#### ҶАМЪ, ТАНҲО

Тану ҷону дилу чашмам зи ҳиҷрон
Низору зору бирьён асту гирьён.

#### ҶАМЪ, ТАНҲО

Тану ҷону дилу чашманд аз он х(в)аш,
Ки дар кори ту бошанд, эй париваш.

#### ТАФРИҚ, ТАНҲО

Нагӯям ҳамчу умрию чу ҷонӣ,
Ки аҳдат боқиву умр аст фонӣ.

#### ҶАМЪ ВА ТАҚСИМ

Тану ҷонам зи ҳаҷрат, эй ҷаҳонбин,
Бувад доми бало он, сайди ғамгин.

#### ҶАМЪУ ТАҚСИМ ВА ТАФРИҚ

Ману чашми ту мастему сарандоз,
Ман аз дарди ниёз, ӯ аз маи ноз.

#### ҶАМЪУ ТАҚСИМ МААЛ ТАҚСИМ

Тану рӯю дамам шамъанд ҳар шаб,
Рух аз ашку дам аз дуду тан аз таб.

#### ИДМОҲ ВА ҚУРҚА

Ба меҳри субҳи рухсори ту, эй моҳ,
Ману шамъем сӯзон то саҳаргоҳ.

#### АЙЗАН

Вай аз афрӯхтан, ман аз дилафрӯз,
Маро дар дил таф, ӯро дар ҷигар сӯз.

ТАБЛИҒ

Шуморам шаб ба ашки дона-дона
Балои дом, офоти замона.

ИҒРОҚ

Зи бас к-аз оташи дил чора ҷӯям,
Зи оби ашк шуд рухсора ҷӯям.
Чунон гирьям ба хоки роҳат аз ашк,
Ки гардад хоки поят ғарқаи ашк.

ИҒЛОҚ

Бухори оҳам аз ашки чу дарьё
Шавад абре, ки хун борад ба саҳро.

ТАЪКИД-АЛ-МАДҲ БИМОЯШБЕҲА БИЗ-ЗАМ

Танам ҳар шаб чу шамъ аз ашк зор аст,
Вале чашмам ба ашк ахтаршумор аст.

МАДҲИ МУВАҶҶАҲ

Ҳавоят дар танам бо ҷон ҳамон кард,
Ки ғам бо дида бо ашки равон кард.

ЛУҒЗ ФИД-ДАМЪ

Чӣ бошад он мусофир, к-ӯ дар ақтор
Ба сар гаштаст аз ҳар гуна бисьёр.
Чу дарьё баски шӯру талх дида,
Ба ҳар кӯе парешонӣ кашида.
Бибӯсад остин гоҳ аз тараҳҳум,
Гаҳе гирад ба хун домони мардум.
Зи мардумзодагӣ шуд гавҳараш пок,
Вале ҳар дам нишинад бо хасу хок.
Бувад гаҳ ҷавҳарӣ, гаҳ симполо,
Гаҳе фаррош ҳар даргоҳи саққо.
Зи бас к-ояд ба кӯи нозанинон,
Ҳам ӯ афтад зи чашми покбинон.
Ҷигар хун бошадаш аз лаъли дилҷӯй,
Бувад ҳамхонаи чашмам аз ин рӯй.



ИРСОЛ-УЛ-МАСАЛ

Наёрад ёд Дил з-ин чашми бенур,
Равад аз дил, ҳар он-ч аз дида шуд дур.

ИСТИХДОМ

Зи Хизри хаттат, эй Дил, ку суботе,
Ки созам шарбати оби ҳаёте?

ТАҶОҲУФ-АЛ-ОРИФ

Туй ин, ё раб, аз ман рафта ногоҳ,
Манам ин аз ту бо сад «ё раб»-у оҳ.

ИСТИДЛОЛ

Қади сарват намехоҳам, ки бинам,
Магар дар ҷӯи чашмам рост бинам.

ИЛТИФОТ

Ту дар ҷонию тан бе ту мушавваш,
Баро, эй ҷон, ба меҳри рӯи ӯ х(в)аш.

МАЗДУҶ

Чу бо ғайр орамидӣ, рафт тобам,
Рамидӣ аз хаёлу рафт хобам.

ТАРТИБИ КАЛОМ

Нагардад то рухат толеъ чу хуршед,
Маро равшан нагардад рӯзи уммед.

ҲУС-АЛ-ТАЪТИЛ

Аз он хобам зи чашми тира бигрехт,
Ки шӯри хандаат бар вай намак рехт.

ТААҶҶУБ

Ба ширинӣ лабаш гар марҳам овард,
Чаро аз шӯр бар решам намак кард?

МУЛАММАЪ

Кунун аз ходисотам дар мухолик,
Лааллуллоҳа яҳдас баъда молик.

МУТАҲАММИЛ-АЗ-ЗИДАЙН

Маро шаб бод аз рухсори ту рӯз,
Хазони меҳнат аз меҳри ту наврӯз.

ҲУСНИ МАҚТАЪ

Ба васлат Ҳусн ғамро мункатеъ бод,
Дилаш з-ин ҳусни матлаъ хурраму шод.

## ҶАВОБИ НОМА АЗ ЗАБОНИ ДИЛ

САҶЪИ МУТАРРАФ

Муборакпай расуле, к-аз диёре
Ба ёре мебарад пайғоми ёре.
Мураввах бод он хуррамравоне,
Ки сӯи дил паём орад зи ҷоне.

ТАРСЕЪ

Саломе аз вафо, сармояи ноз,
Саломе аз сафо, пирояи роз.
Зи унвонаш зуҳури субҳи уммед,
Зи поёнаш ҳузури бахти ҷовид.

САҶЪИ МУТАВОЗИ

Гулистон хонаи ҷон аз саводаш,
Чун он вайронаи ҳиҷрон зи ёдаш.

САҶЪИ МУТАВОЗИМ

Димоғи ҷон аз он райҳон муанбар,
Гули хушбӯ на ҳамчун ӯ муаттар.

ҲАМОИЛ

Баёзаш ғурраи рӯзи наҷот аст,
Саводаш манбаи оби ҳаёт аст.



ТАҶНИСИ МУКАРРАР

Зи мушки хушк бар кофури қайсур,
Ба доми шом меҳри чеҳр пурнур.

ТАҶНИСИ ТОМ

Нишаста хатту ӯ, лекин равон аст,
Мураккаб ҷисми ӯ, аммо равон аст.

ТАҶНИСИ МУЗОРЕЪ

Чу омад, дидаи мардумниҳодаш,
Чу мардум дида бар дида ниҳодаш.

ТАҶНИСИ ТУҲАРРАФ

Сабо файзи Масеҳо дар дам овард,
Ҳаме мурдам, давои дардам овард.

ТАҶНИСИ ЗОИД

Бубанд, эй ҳар ду чашми ман ду рӯдат,
Қ-аз он сарви равон бодо дурудат.

ТАҶНИСИ МУҲАРРАФ

Ниям корат зиёдат бод дардам,
Наям корат зиёдат бод дардам.

ТАҶНИСИ НОҚИС

Зи бас к-аз ҷоми дурӣ ғусса хӯрдам,
Набудам марди дард, аз дард мурдам.

ИШТИҚОҚ

Мудом аз доми меҳрам сайд дарьёб,
Зи мавҷам чашмҳо дарьёст, дарьёб.

ТАҶНИСИ МУТАРРАФ

Чунон ин дом домонам гирифта,
Ки ҷасти ғам ба дастонам гирифта.

### иштиқоқ

Зи сайри сели оби чашми бехоб
Танам дар қаъри қаҳр афтод, биштоб.
Чу шамъ аз дамъ корам нек зор аст,
Ки дар ҷон ғарқи ишқ аз ёди ёр аст.

### таҷниси муносил

Зи лаълат то ҷудой дида дида,
Зи соқии надам дам даркашида.

### саҷъи муздавиҷ

Зи хуни чашм чашми ман аён аст,
Ки дил аз заҳмати заҳмат ба ҷон аст.

### қалби баъз

Зиҳӣ васли туам асли каромат,
Ғамат қоиммақоми сад қиёмат.

### иштиқоқ

Маро аз роҳи лаълат рӯҳ рӯҳ аст,
Маҳи рӯи ту мисбоҳи сабӯҳ аст.

### мақлуби муставӣ

На зӯри барги хиҷрони ту дорам,
На барги кӯби хирмони ту дорам.

### мақлуби баъз

Чу аз васлат ҷудоям, савлатам нест,
Ба ғурбат зиндагиро рағбатам нест.

### мақлуби муставӣ

Маро, к-аз исми Дида рой дорам,
Муроди ёр дидам, соз корам.

### радул-аҷза ало-садр:
### навъи аввал

Фироқатро надорам беш тоқат,
Бигӯ, пеши кӣ нолам аз фироқат?



Бар онам ман, ки айше гар тавонам,
Зи ашки гарм дар кӯят биронам.

### навъи соні

Хуш он рӯзе, ки бе ранҷею сӯзе,
Ба рӯят доштам фархунда рӯзе.

### навъи солис

Хуш он соат, ки аз чандин шаноат
Набуда ҳар дамам ғавғои соат.

### қисми аввал

Гирифторам ба дасти сад асире,
Ки аз як кас надорам дастгирӣ.

### қисми дуюм

Рақибам дур кард аз ту зарурӣ,
Ки дур аз ту зи ҷонаш бод дурӣ.

### зуқофиятайн

Нигоро, меравад ҷонам ба зорӣ,
Чунин дар қайди хиҷронам чӣ дорӣ?
Манам аз бахт коме нокашида,
Зи лаъли дӯст ҷоме ночашида.

### лузуми молоялзами кабир

Зи рӯи васли Дил сурат куҷо баст,
Ки гесӯи фироқаш дар қафо баст?

### лузуми молоялзами сағир

Зи сӯзи сина чун мехри ҷаҳонгард
Ба хок афтод ҷоне аз ҷаҳон фард.

### зуқофиятайн

Чӣ будӣ, меҳнати даврон набудӣ,
В-агар будӣ, ғами хиҷрон набудӣ.

МУВАШШАХ

Хуруфи силки назмам дурфишон аст,
Даруни лафз ҳар ҷоне ниҳон аст.

ХИФО

Надидӣ, к-аз азоби ҳаҷр чунам?
Зи оби ашк ғарқи сели хунам.

РАҚТО

Ҳалоки бахти маҳрумам яқин кард,
Тафи дил пуштии маргам чунин кард.

ҒАЙРИ МУВАССАЛ

Дами зор аз давоми дард дорам,
Дили дардову рӯи зард дорам.

МУВАССАЛ

Шаби айшам ба зилли ғам сияҳ гашт,
Тани пастам ба таффи таб табаҳ гашт.

МУВАССАЛ

Ба пеши таб тани пайсуст биншаст,
Бишин, бин паи сусташ паси баст.

ТАЛВИН

Рухи зардам зи дуди хирқаи туст,
Тани зорам намуди фирқаи туст.

САВОЛУ ҶАВОБ

Ғаматро гуфтам, аз ҷонам биҳиҷрон,
Чӣ хоҳӣ гуфт, гӯ охир туро ҷон.

МУАММО

Шуд аз номи туам ҳосил дар оғоз,
Нишони ҳусни анҷом аз сари ноз.



МУЛАММАЪ

Раги ҷон карда сад пора ҷудой,
Ва-мин маънока лам яқтаъ риҷой.

ТАРДУ АКС

Надорам марҳами сина, фигорам,
Фигорам синаву марҳам надорам.

ТАЗМИН

Парирӯе, ки ман ҳайрони ӯям,
Ба ҷон омад дил аз ҳиҷрони ӯям.

ҲАШВИ ҚАБЕҲ

Ба қайди банди гесӯят зи савдо,
Манам девонаву маҷнуну шайдо.

ҲАШВИ МУНАВВАТ

Зи ҳаҷрат, эй нигорини парирӯй,
Тане дорам ба ҷанги мӯя чун мӯй.

ҲАШВИ МАЛЕҲ

Ҳавои шамъи рӯят, эй дилафрӯз,
Зад оташ дар ниҳодам аз сари сӯз.

ҲУСНИ ТАХАЛЛУС

Футӯҳи васл дарҳоҳам, ки довар
Ба Фаттоҳии худ бикшояд ин дар.

МУЗАЛЗАЛАТ

Ҷамолат, боғи ҷонро меҳри ҷон бод,
Баҳору ёсуман аз вай аён бод.

МУСОҚАТ-АЛ-АЪДОД

Ба хубӣ бод пешат ошкора
Маҳу хуршеду афлоку ситора.

## СИФАТИ БАҲОР
## ВА ТӮЙ КАШИДАНИ АМИРОНИ ҲУСНИ ДИЛДОРИ ДИЛИ ҒАМХОР ДАР БОҒИ РУХСОР

Дар он мавсим, ки бар лавҳи табоеъ
Қазо зад нақши алвони бадоеъ,
Ғубори хонаи реги биёбон
Аён кард аз ҳавошӣ хатти райҳон.
Лаби гулҳо ба маъниҳои рангин
Рамузи сабғатуллаҳ кард талқин
Ба зери ноира Меҳри дилафрӯз
Равон кард аблаҳӣ аз фарри наврӯз
Зи субҳ, ӯро қабои офтобӣ,
Кулаҳ-борониаш ҳамраҳ саҳобе.
Чу туркон тоҷи наврӯзиш бар сар,
Чу ҳинду аз баҳоре курта дар бар.
Ба зар бинвишта ҳукми оли тамғо,
Ба ақди васлати гулҳои раъно.
Дарахти норро пистон дамида,
Гулӯғи нори бӯстон норасида.
Паи таҷдиди ақди мева — гулшан
Кушодӣ пои об аз иқди баҳман.
Сабо бикшода рӯи бикри лола,
Зи ғайрат сангрезаш карда жола.
Арӯси гул ба наврӯзи ҳумоюн
Зи маҳди ғунча рӯй оварда берун.
Чу туркон лолаву наргис ба ҳам рӯй
Ба роҳаш косаҳо чида паи тӯй.
Амири номия аз тарфи қишлоғ
Мақоми ёйлоғ оварда дар боғ.
Ба сури наварӯсони раёҳин
Зи ҳикмат сури бӯстон баста ойин.
Ба қатра пеши рӯ фаррош борон,
Зи абраш асб бӯзе дар таҳи рон.
Аҷӯзи барф то бархезад аз роҳ,
Нишаста бар сари сабза саҳаргоҳ.
Ба сури мақдами шоҳ аз паи тӯй
Гули сурӣ кашида барг садтӯй.
Қазо дар рӯзи бозори саноеъ
Ниҳода чортоке аз бадоеъ.
Мурассаъ карда шабнам аз таҷаммул
Ба марвориди гавҳар хиргаҳи гул.



Равон шуд Дил ба боғи ошноӣ
Чу гул хандон пас аз доғи ҷудоӣ.
Зи наъли ӯ Сурайё раҳ гирифта,
Инон Меҳру рикобаш маҳ гирифта.
Амирон чун кавокиб дар рикобаш,
Ситорасон зиреҳпӯш Офтобаш.
Зи Ғамза дид нуроӣ Назарро,
Ду дида боздида якдигарро.
Ба ҳиммат Сарви Қомат даррасида,
Зи давлат кори Дил боло кашида.
Самам фармуд то ҳар рӯз аз аркон
Яке Дилро ба меҳмонӣ кашад хон.

## СИФАТИ АҚДИ ҲУСНИ ДИЛБАНД БО ДИЛИ НИЁЗМАНД

Саҳаргоҳон, ки бар курсии афлок
Арӯси рӯз шуд дар ҷилва чолок.
Табақҳои лаъолӣ дар нисораш
Зи анҷум рехт бар сар рӯзгораш.
Вакилони Қазо аз ҳазрати шоҳ
Хати туғро расониданд бар моҳ.
Биёварданд ҳукми мабрами ишқ,
Ки гардад дар Ҳарам дил маҳрами Ишқ.
Ба Меҳр аз меҳри ҷон оранд нақде,
Миёни Ҳусну Дил банданд ақде.
Вафоро ҳам кашад Ҳиммат дар оғӯш
Ки ӯ омад вафодору вафокӯш.
Назар, к-омад ҷигарҳун аз ниёзаш,
Шавад пайванд аз неъмат ба нозаш.
Чу холи Ҳусн хатти Ишқ бархонд,
Бар он хат ҳамчу нукта анбар афшонд.
Ба ҳар хайл аз саводи шаҳри Дидор
Амири дудаиро шуд талабгор.
Зи ҷамъи кофиёни кишвари Қоф
Замин шуд чашми мим аз айни ашроф.
Ба чашми мардум аз дасторбандон
Чу наргис зор шуд бар боғу майдон.
Зи бисьёрии ҷавҳар бар табақҳо,
Ба шабнам кард чун гул ӯ варақҳо.
Чу гоҳи ақд шуд бо иқди гавҳар

Сипеҳр овард аз хур болиши зар.
Зи ҷавзо маҳ миён баста ба уммед,
Нигоҳи Зӯҳра бар таслиси Хуршед
Ба вақте дилкушою соате х(в)аш,
Замонро Ҳусни толеъ гашт дилкаш.
Нисори оби гавҳар бар сари фавҷ
Чу дарьё зад зи кафҳо мавҷ бар мавҷ.
Бухури ӯди тар дар миҷмари зар
Димоғи меҳр кард аз нозукӣ тар.
Аз он баҳр одамӣ ғаввос гашта,
В-аз ин бӯ ҷинниён раққос гашта.
Фалак мегуфт бар хур, эй маҳи нав,
Ки афгандӣ ба фарқи меҳр партав.
Замин гуфтӣ зарафшон шуд ба комат,
Ки шуд ҳам сикка ҳам хутба ба номат
Малак мегуфт чун одам сарафроз,
Ки дорӣ ҷаннати дидори дамсоз.
Парӣ гуфтӣ чу Ҷам ҷоми вафо нӯш,
Ки дорӣ хотами давлат дар оғӯш.
Чу Дили ақди васлат гашт баста,
Бинои дилкушой шуд хуҷаста.
Шуд аз асбобу асвоби арӯсӣ
Гулистон маъдани чиниву русӣ.

## БАДРИ ШЕРВОНӢ

*Бадри Шервонӣ дар Шӯш, ки аз тавобеи Шамохии Шервон аст, ба дуньё омадааст. Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии шоир асосан дар Шервон гузашта, ба Табрез ва Макка сафарҳо карда будааст.*

*Бадр шахси боилму фазл, бадеҳагӯ ва дар шеър тавоно буда, аз худ куллиёте боқӣ гузоштааст, ки аз қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, тарҷеъбанд ва мустазод иборат аст.*

*Бадр шогирди Камоли Хуҷандӣ буд. Дар Шервон бо Котибӣ мулоқот ва баҳс карда будааст.*

*Бадр қариб 80 сол умр ёфта, соли 854/1450 дар Шервон вафот мекунад. Қабраш дар он ҷост.*

### АЗ ҚАСОИД

Омад шаҳи Чин субҳдам аз рух ниқоб андохта,
Бо машъали зарриналам бар мулк тоб андохта.
Бар мушк сандал бехта, мино ба зар омехта,
Ёқути асфар рехта лаъли музоб андохта.
Дар шарқ шориқро нигар, бар вай машориқро назар,
Шамшери Бориқро ба бар, акси фазоб андохта.
Шабҳо, зи машриқ рӯ ба раҳ, карда ҳавои сайдгаҳ,
Анқои мағрибро ба чаҳ ҳамчун ғуроб андохта.
Карда уқоби шаб макон дар гӯша чун зоғи камон,
Бо чангали боз осмон парри уқоб андохта.
Дар рӯи тӯтӣ аз мақар бо ҷилва бин, товуси зар,
Афшонда заррин парру бол, зарҳои ноб андохта.
Рафта зи рӯи моҳтоб ҳатто таворат билҳиҷоб,
Ӯро ба ҳуш ваҷҳ офтоб андар ҳиҷоб андохта.
Як маҳ гар оҳуи Хито бо Ҷадду Миррих дошт по,
Имрӯз, бингар, дар чаро пай бар сароб андохта.
Фардо гавазнонро аз ӯ бинӣ ба ҳар ҷо масти бӯ,
Афганда бар саҳро сурув бар сар луоб андохта.
Гар Юсуфи гулпираҳан дар далв шуд ларзонбадан,
В-он далв бо зарринрасан дар чоҳи об андохта.

Дар Миср ҳуснаш ин замон шоҳи ҷаҳонафрӯз хон,
Баҳри Зулайхои ҷаҳон аз рух ниқоб андохта.
Дар хатти ин лавҳи нагун айн аз мураккаб шуд нагун,
Сифраш зи нун бардеҳ бурун, з-он иртикоб андохта.
Аз байни Ҳут омад ба дар чун Юнуси пайғомбар,
Қ-аш буд дарьёи хатар, дар изтироб андохта.
Омад зи кохи Муштарӣ дар бар либоси Шуштарӣ,
Дар тоси чархи ҷанбарӣ зар беҳисоб андохта.
Гӯсола, к-аш оху нигар, рӯй аз Бара сӯи Бақар,
Бузғоларо дар оби ҳавз бе зӯру тоб андохта.
Омад баҳору сад фараҳ дар шайху шоб андохта,
Наргис чу лола бар қадаҳ акси шароб андохта.

* * *

Хусраво, дорам як асбе бас аҷоиб номвар,
Ончунон асбе, ки набвад дар ҷаҳон з-он хубтар.
Арза хоҳам кардан аз авсофи ӯ якчанд байт,
Лутф фармо, гӯш кун, эй хусрави некусияр.
Гашт ҳайрон ҳамчу ман бар ҳайати маҷмӯияш,
Ҳар кӣ аз айни тааҷҷуб кард дар вай як назар.
Сурате дорад ҷавон, аммо ба маънӣ ҳаст пир,
Фахр меорад аз ин маънӣ бар асбони дигар.
Шабрав аст ӯ, лек чун қутб аст бар як ҷо муқим,
Субҳхез аст ӯ, вале чизе набинад дар саҳар.
Боядаш як сол то як дона ҷавро бишканад,
З-он ки бар хоиданаш дандон набошад коргар.
Ногаҳон гар пешаш ояд ҷӯи обе дар раҳе,
Меравад хуш дар миён, аммо намеояд бадар,
Рози гетӣ нек медонад, гараш пурсӣ нишон,
Медиҳад аз даври Нӯҳу обу тӯфонаш хабар.
Аз бузургӣ Рахши Рустамро намегирад ба ҳеҷ,
З-он ки ҳаст он кордида пиртар аз Золи Зар.
Осмон бо оташи Намрудияш кардаст доғ,
Гар зи ман бовар надорӣ, ҳаст бар ронаш асар.
Хосият бисьёр дорад, ростӣ, дар таъври хеш,
Нест з-он як хосият дар сад ҳазорон ҷонвар
Несташ ҳоҷот бо афсору шаклу пойбанд,
Эмину осуда дорад хасмро вақти сафар.
Дар маҳи шаъбон агар бигзорияш дар манзиле,
Ҳам дар он манзил барад осуда то моҳи сафар.
Қам нагардад ҳеҷ агар гардад тавонаш ёфтан,
З-он ки бар як ҷойгаҳ ҳамчун замин дорад мақар.



Гар бубинад гурбае аз саҳми ӯ бехуд шавад,
Пурдил аст ӯ, лек ҳаст аз сояи худ барҳазар.
Гар занад аз заъфу сустӣ сад лагад ӡар пашшае,
Як сари мӯ пашшаро набвад аз ин маънӣ хабар.
Ҳамчу гардаш даррабояд гар биҷунбад бодаке,
Ончунон к-аз гарди ӯ дигар набинад кас асар.
Ним газ раҳро намеёрад ба поён бурд рост,
То зи заъфи хеш сад раҳ дарнамеояд ба сар.
Боядаш сӣ тозиёна ҳар замоне то ниҳад,
Як қадам, он низ бо сад ваҳму бо чандин хатар.
Дӯш гуфтандам бубин асбат парешонхотир аст,
Гар тамаъ дорӣ саворӣ, ҷораи корат бибар.
Рафтаму дидам бағоят дар тафаккур монда буд,
Гуфтамаш: «Баҳри чӣ хастадилу хунинҷигар?»
Гуфт: «Дар фикрам, ки чун хоҳам сӯи Шервон шудан,
Роҳ душвор асту ман аз ту заъифу сусттар?»
Гуфтамаш: «Ман худ нахоҳам шуд пиёда, лоҷарам,
Бар ту хоҳам шуд савора, нест ҷуз ту роҳбар»
Гуфт: «Бечора аз ин навъам, ки мебинӣ кунун,
Фикре андар боби худ кун, ё ба ҳоли ман нигар.
Дар вуҷуди ман зи қувват заррае боқӣ намонд,
Баъд аз ин бар айри ман хоҳӣ нишастан ту магар?»
Гуфтамаш: «Пас чун кунам, ин корро тадбир чист,
Бо кӣ гӯям қиссаи худ?» Гуфт: «Хон, ғусса мах(в)ар.
Гар ҳамехоҳӣ, ки ёбӣ аз ҷафои ман халос,
Холи худро арза кун бар подшоҳи баҳру бар...»
Маркабе хоҳам, ки то Шервон маро раҳбар шавад,
Ҳар чӣ бошад, бош гӯ, охир набошад, кам зи хар.

**АЗ ҒАЗАЛИЁТ**

Чанд гардад зулф гирди орази ҷонони мо,
Лутф кун, ё раб, бигардон ин бало аз ҷони мо.
Сунбулаш ошуфта шуд аз бод, к-он имони мост,
Бингаред охир, ки чун барбод рафт имони мо.
Дидаи гирьёни мо баҳри нисори мақдамаш
Ҳар дам аз дурру гуҳар пур мекунад домони мо
Моҳазар орем пешаш, дурри ашки худ ба чашм,
Гар шабе хайли хаёли ӯ шавад меҳмони мо.
Гар биҳонад айб набвад, в-ар биронад ҳоким аст,
Мо гадои даргаҳи ӯему ӯ султони мо.

То чи дар баҳри ғамаш бинҳодам, об аз сар гузашт,
Гуфт: «Мискин ғарқа шуд дар баҳри бепоёни мо»
Гуфтамаш: «Хуршеди рӯятро ҳаводор аст Бадр»,
Гуфт: «Хоҳад гашт ҳамчун зарра саргардони мо».

* * *

Дӯст ҳамин ҷост, куҷой куҷо?
Дур машав, эй дили ҳайрон, биё!
Баҳри ғамаш мавҷзану мо дар ӯ
Ҷон ба лаб оварда, ки ку ошно?
Мо ҳама ҷӯё шуда, ӯ дар назар,
Мо ҳама саргаштаю ӯ пеши мо.
Дар раҳи ӯ бори гарон аст сар,
Саркашӣ ин ҷо макун, эй носазо.
Қавну маконро шамару донаӣ,
Мурғи дили мо чу бигирад ҳаво.
Эй, ки зи тавҳид нафас мезанӣ,
Чист бигӯ маънии илло ва ло.
Бадр сухан аз фалаки ишқ гуфт,
Ҳаст тафовут зи шумо то шумо.

* * *

Соди чашму доли зулфу қомати дилкаш намо,
З-он ки аз овозаи инҳост олам пурсадо.
Абрую зулфу қадат нун асту дол асту алиф,
Ҳар замон бар қасди дилҳо з-ин се ҳарф оянд нидо.
Ҳаст он лаб ҳамчу бе в-он зулф лому қад алиф,
Монда ҷони ошиқон з-он ҳар се дар қайди бало.
То даҳонаш ҳаст миму зулфу қад лому алиф,
Мондаам ошуфтаву афтода ишқам бо мало.
Он даҳону қомату абруву чашми дилфиреб
Монеи ақланду ман аз ишқи онҳо мубтало.
Баҳри он мими даҳону доли зулфу чашму қад
Сар ҳамебозему ҷон в-инҳост моро муддао.
Чашми шӯхат айни сунъу турра лому қад алиф,
Меҳр варзад Бадр бо онҳо ки то ёбад уло.

* * *

Як раҳ, эй сарви равон, бар сари мо неҳ поро,
Пеш аз он дам, ки биҷӯию наёбӣ моро.
Умр меҳмони азиз аст, ғанимат шуморем,
Ба каф орем даме бодаи рӯҳафзоро.



Гарчи савдои ғарибӣ ба сарам бори ғам аст,
Ба ҳавои ту ба сар мебарам ин савдоро.
Боз аз чангали зоғи меҳан андохтааст,
Қаргаси пири фалак тӯтии шаккархоро.
Тарсам аз ғуссаи имрӯз ба фардо нарасам,
Қомам имрӯз бидеҳ, ваъда мадеҳ фардоро.
Пеш аз он рӯз, ки аз Бадр намонад асаре,
Бинамо талъати хуршеди ҷаҳонороро.

* * *

Эй ҳусни сафобахши ту нури назари мо,
Бе миннати машшота рухи хуби ту зебо.
Гар бигзарӣ, эй шӯх, бад-ин ҳусн ба бозор,
Фарьёд барояд, ки таборак ва таъоло.
Дар зулфи ту ёбем парешонию ошӯб,
В-аз чашми ту бинем ҳама фитнаю ғавғо.
Баъд аз мани дилхаста ба хокам гузаре кун,
То зинда шавам дигар аз он рӯи дилоро.
Дар даври фалак Бадр ҳаводори рухи туст,
Меҳре бинамо з-он рухи чун моҳ, худоро.

* * *

Эй гашта аз тоби рухат ҳар заррае сад офтоб,
В-эй дидаи ақли назар, дида туро аз сад ниқоб,
Эй аз ҳавои рӯи ту дар ҳар саре сад шӯру шар,
В-эй з-оташи савдои ту дар ҳар диле сад сӯзу тоб.
Эй дар дили аҳли сафо аз ҳар ғами ту сад фараҳ,
В-эй з-ашки чашми ошиқат ҳар қатра сад дурри хушоб,
Эй солики роҳи туро дар ҳар мақоме сад сафар,
В-эй муфтии ишқи туро дар ҳар саволе сад ҷавоб.
Эй дар китоби ишқи ту аз бехудӣ чандин сухан,
В-эй дар миёни мову ту аз мову ман чандин ҳиҷоб.
Эй сӯфии софӣ, биё андар сафи мастон даро,
То бинӣ аз як ҷоми мо афтода сад муршид хароб.
Ҳон, дар муҳити мо нигар, сад мавҷ дар ҳар қатра бин,
Гар ғарқи ин маънӣ шавӣ, ҳар қатра ёбӣ сад саҳоб.
Эй зоҳиди бемаърифат, к-андар ҳисобе нестӣ,
Чун Бадр равшан кун дарун, бошад дарое дар ҳисоб.
Ёбӣ зи назми поки ӯ дар ҳар сухан чандин Камол,
Бархонӣ аз девони ӯ дар ҳар варақ чандин китоб.

* * *

Кӣ дид ҷуз гули рӯят мусаввар оташу об?
Кӣ ёфт ҷуз маи лаълат мухаммар оташу об?
Дар обу оташ аз ин рӯ ниҳодаам дилу чашм,
Ки акси шамъи рухат дидаам дар оташу об.
Чу рангу рӯи ту дидам, ниёзам аз ту гузашт,
Куҷо равам, ки бувад дар баробар оташу об?
Дилам зи оташи ғам сӯхт, дида об гирифт,
Бубин, чӣ кард ба ман, ин суманбар оташу об.
Ҳадиси лаъли ту мехостам, ки бинюшам,
Баромад аз вараку килку дафтар оташу об.
Ба фикри оташи рухсору оби оразн ту
Бино ниҳодаам ин як ғазал бар оташу об.
Зи тоби меҳри рухат Бадр гашт ғарқи арақ,
Гирифтааст вуҷудаш саросар оташу об.

* * *

Гуфтам: «Ту бурдӣ дил зи мо». Гуфто: «Чӣ дил, гӯ, кай, куҷо?»
Гуфтам: «Гувоҳ аст он даҳон». Гуфто, ки ҳеҷ аст он гуво.
Гуфтам, ки дар баҳри ғамат, беошноям, чун кунам?
Гуфто: «Зи худ бегона шав, то бо ту гардам ошно».
Гуфтам: «Вафое нестат, охир чароӣ инчунин?»
Гуфто: «Зиҳӣ савдозада, аз умр меҷӯӣ вафо?»
Гуфтам, ки шаҳд аст он даҳан, гуфто: «Зиҳӣ ширинсухан»,
Гуфтам, ки ҳастӣ дини ман, гуфто: «Ба динӣ мубтало?»
Гуфтам, ки мепечад ба ҳам ҷон дар балои зулфи ту,
Гуфто: «Бирав, эй беҷигар, ошиқ напечад аз бало».
Гуфтам: «Гадои туст дил, бар хони васлаш хон даме»,
Гуфто, ки маншинад гадо бар хони васли подшо.
Гуфтам: «Ҳилоле гашт Бадр аз меҳри рӯе чун биҳишт»,
Гуфто: «Аз он рӯ равшанӣ ёбад дилаш дар меҳри мо».

* * *

Гуфт: «Аз ин дар ҷуз ҷафо набвад насибат, эй ғариб»,
Рӯ ба он дар карда дарвешона гуфтам: «Ё насиб».
Дӣ бар он дар хост то гирад рақибат пои ман,
Пои инсонро куҷо гирад, чӣ саг бошад рақиб?
Бастам аз савдои зулфаш дар миён зуннори куфр,
Чунки кофар шуд мусулмон, бар миён бандад салиб.



Гуфтам: «Эй чун бе лабат, комам деҳ аз мими даҳан»,
Гуфт: «Агар ту бонасабӣ, комьёбӣ аз ҳабиб».
Моҳи ман бар ҷайб агар зар дӯхт баҳри зеби ҳусн,
Ман бар он ҷо чашм медӯзам, бубин нақши аҷиб.
Ман ғарибам, гуфтаҳои ман ғариб омад чу ман,
Эй азизон, бишнавед аз ман суханҳои ғариб.
Бадр дар даври фалак аз ғам ҳилоле гаштааст,
То бубинад офтоби талъатеро анқариб.

* * *

Ҷабину оразу рухсори ӯ ду-се моҳ аст,
Ки ин ҳақири ҳазинро азим дилхоҳ аст.
Бар асби ҳусн савор асту маҳ пиёдаи ӯст,
Бутам, ки бар ҳама хубон ба ҳар ду рух шоҳ аст.
Азизи мисри ҷамолӣ, чаҳ аст дар зақанат,
Ҳазор Юсуфи гумгашта андар он чоҳ аст.
Гирифт зулфи туро дил, ки то рухат бинад,
Шаби дароз дар андешаи саҳаргоҳ аст.
Назар зи тунги даҳонат наёфт ҳеҷ нишон,
Аз он хаёли ниҳонӣ лаби ту огоҳ аст.
Ба Бадр кун назар, эй офтоби олами ҳусн,
Агар туро назари меҳр ҷониби моҳ аст.

* * *

Дорам диле ба доми ғамат хоҳамаш фиганд.
Барбандаш аз карам, ки туӣ ёри дилписанд.
Ҷуз сарви қоматат набувад дар хаёли мо,
Ин табъи рост бингарад ин ҳиммати баланд.
Шеърам чу мадҳи шеъри ту хушбӯ бувад чу мушк,
Комам ба зикри лаъли ту ширин шавад чу қанд.
Дар хайли ҳусн чашми ту туркест ҷангҷӯ,
Зулфи ту ҳиндуест зиреҳпӯш бокаманд.
Бикшо ниқоб аз он руху бар мо фиган назар,
Бо ошиқони бедил аз ин беш рӯ мебанд,
Чунат расад газанд зи чашми бадон, ки ҳаст
Рӯи ту ҳамчу оташу холи ту чун сипанд?
Чун офтоби Бадр зи аҳли Камол шуд,
То ёфт партави назар аз муршиди Хуҷанд.

* * *

Дилбар чу зулму саркашй оғоз мекунад,
Он зулфи тобдода зи ҳам боз мекунад.
Пайваста мекашад кačаки тундабрувон,
Бас нест, тири ғамзааш анбоз мекунад.
Гуфтам: «Бикун ниёзи мани дилшикастаро»,
Он нозанин ба куштани ман ноз мекунад.
То дид дида чун маҳи нав абруи туро,
Бо талъати ту ишқи нав оғоз мекунад.
Як дам ту низ бо дили ушшоқ соз кун,
Он бенаво чу бо ғами ту соз мекунад.
Шуд Бадр заррае ба ҳавоят, вале ҳанӯз
Мурғи дилаш ба меҳри ту парвоз мекунад.

* * *

Дилам дар банди ҷонон асту медонам, ки медонад,
Чу зулфи ӯ парешон асту медонам, ки медонад.
Шаби ҳиҷрону танҳой мани маҳҷури бедилро
Ҷанобаш мӯниси ҷон асту медонам, ки медонад.
Маро мегӯяд он дилбар, ки ҳолатро намедонам,
Латифу шӯху пурдон асту медонам, ки медонад
Ба тири ғамзаи шӯхаш, ба абруи камондораш,
Ҳазорон ҷон ба қурбон асту медонам, ки медонад.
Ба ғайр аз саркашй ойин-ст он сарви суманбарро,
Дили мо моили он асту медонам, ки медонад.
Хаёли лаъли ӯ бошад даруни чашми ман сокин,
Сиришки ман чу марҷон асту медонам, ки медонад.
Зи меҳру моҳи рухсораш ҳама шаб Бадр саргардон,
Чу ахтар ашкрезон асту медонам, ки медонад.

* * *

Бар хоки ман гар бигзарй баъд аз ман, эй соҳибназар,
Бинй ба ёди чашми ӯ наргис шукуфта сарбасар.
Дар ҳасрати чашму лабаш он дам, ки ҷон орам ба лаб,
Резанд бар болини ман чун ашк бодому шакар.
Дар ҳашр агар он симтан ҳоли дарун пурсад зи ман,
Ман лоласон хунинкафан бинмоямаш хуни ҷигар.
З-иксири хоки даргаҳаш ман рӯи худ зар кардаам,
Оре ба юмни кимиё аз рӯ тавонй сохт зар.



Чашми рақибаш чор шуд, то бинаду хунам хӯрад,
З-он саг, ки бошад чорчашм, албатта мебояд ҳазар.
Эй соқии паймоншикан, паймона деҳ, паймон шикан,
З-он пештар к-аз хоки ман паймона созад кӯзагар.
Гуфтам, ки аз меҳри рухат шуд Бадр саргардони давр,
Гуфто: «Биёбад равшанй, к-аз меҳри мо дорад асар».

* * *

Рафтем ашкбору парешон аз ин диёр,
Бо хотири шикастаю бо чашми ашкбор.
Будем мо ду якдили ҳамдард дар сафар,
Он ҳам гузоштем бар ин дар ба ёдгор.
Пурзавқ буд хонаи дил аз рухат, вале
Зулфи чу тору мори туаш кард торумор.
Дар банди зулфи саркаши ту бастадил шудем,
Ё раб, мабод ҳеҷ кас ошуфтарӯзгор!
Ишқи ту гар ба бод диҳад хоки ман чу гард,
Наншинад аз ҳавои ту бар хотирам ғубор.
Гуфтй, ки ҳаргизаш нагузорам зи ёди хеш,
Аз ёди ман намеравад ин қавл, ёд дор!
Бадр аз ҳавои меҳри ту саргашта меравад,
Зарду низор дар ғами даврон ҳилолвор.

* * *

Чашм, ё сайёди дил, ё шергир оҳуст он?
Турк, ё айни бало, ё наргиси ҷодуст он?
Ё ҳилоли маҳҷабин, ё ҳоҷиби гӯшанишин,
Ё хати некӯи туғроест, ё абрӯст он?
Сурати ҷон аст ё оинаи маънинамо,
Нури имон, ё чароғи ошиқон, ё рӯст он?
Оби рангин аст, ё худ оташи тар, ё узор,
Барги насрин, ё суман, ё лолаи худрӯст он.
Зулф ё раъсу занаб, ё бурҷи Ақраб, ё Қамар,
Зангии мушкинрасан, ё кофари ҳиндуст он?
Дар қафояш дуди дил, ё риштаи ҷонҳои мост,
Ҳалқа карда бар камар морест, ё гесӯст он.
Нуқтаи мавҳум, ё мими муаммо, ё даҳан,
Ғунча, ё тунги шакар, ё ҳалқаи лӯълӯст он?
Сарви бӯстони равон, ё тӯбй, ё боғи биҳишт,
Ё миёни ҷон алиф, ё қомати дилҷӯст он?

Он ядп бойзост, ё дар остин сими сафед,
Ё рухоми хом, ё оҷ асту ё бозуст он?
Гуфтаи Бадр аст бар лавҳи фалак хонад малак,
Ё ҳадиси меҳр, ё васфи рухи некӯст он.

* * *

Ҷон медиҳам дар дарди ту, ту бехабар аз дарди ман,
Бе дард як дам хуш баро бо ҷони ғампарварди ман.
Афтодаам чун хоки раҳ, имрӯз бар ман кун гузар,
Гарна нахоҳӣ ёфтан фардо нишон аз гарди ман.
Баъд аз вафоти ман биё, бар хоки ман биншин даме,
Гулҳои хунин раста бин, бар синаи пурдарди ман.
Дур аз ту селоби фироқ аз дидаҳо кардам равон,
Шуд хонаи мардум хароб аз ашки лойоварди ман.
То кай нигорин дастҳо дар хуни ман гулгун кунӣ,
Боре зи айни марҳамат бингар ба рӯи зарди ман.
Мебохтам нарди ҳавас чун Бадр бо меҳри рухат,
Толеъ нигар омад бадар аз шашдари ғам нарди ман.

* * *

Дар миёни дурҷу гавҳар лӯълӯи лолош бин,
Яъне он дандон нигар в-он лаъли шаккархош бин.
Аз рақибонаш матарс, ар коми дил ҷӯӣ аз ӯ,
Хор бо хурмо бувад, хораш мабин, хурмош бин...
Гӯяд ар ушшоқи мой, шав харидори рақиб,
Муштариро тез месозад, вале колош бин.
Гуфтамаш савдои бӯсе дорам аз лабҳои ту,
Лаб газиду гашт хандон, гуфт: «Ин савдош бин».
Даст бармолид, он гесӯ кушуду дил рабуд,
Нори фиръавнӣ нигар, он гаҳ яди байзош бин.
Чашми шӯхаш меҳӯрад ҳар лаҳза хуни бедилон,
Шӯхию хунхории он наргиси шаҳлош бин.
Бадрро аз меҳр кушту гуфт: «Хоҳемаш навохт»,
Заррае нанвохташ ошиқнавозиҳош бин.

* * *

Гуфтам: «Андар Мисри хубонат чӣ хонам?»— Гуфт: «Шоҳ»,
Гуфтам: «Эй Юсуф, чӣ гӯям з-он занахдон?»— Гуфт: «Чоҳ».



Гуфтам: «Андар оразат он чист рахшон?»— Гуфт: «Меҳр»,
Гуфтам: «Андар ҷабҳаат он чист тобон?»— Гуфт: «Моҳ».
Гуфтам: «Эй ҷон, аз ту дил, доно чӣ хоҳад?»— Гуфт: «Васл»,
Гуфтам: «Андар кӯи ту бедил чӣ ҷӯяд?»— Гуфт: «Роҳ».
Гуфтам: «Он қадд аст алиф, сифр аст он фам?»—Гуфт: «Нағз»,
Гуфтам: «Он нақш ар ба дил бандам чӣ бошад?« Гуфт: «Оҳ»,
Гуфтам: «Оҳи оташинамро чӣ гӯӣ?»— Гуфт: «Бод»,
Гуфтам: «Андар хирмани уммед чӣ-бвад?»— Гуфт: «Коҳ».
Гуфтам: «Аз ишқат чӣ бошад суди ошиқ?»— Гуфт: «Дард»,
Гуфтам: «Аз хидмат бар он дар кас, чӣ ёбад?—Гуфт: «Ҷоҳ»
Гуфтам: «Эй хуршед, бо Бадр аст меҳрат?»— Гуфт: «Ҳаст»,
Гуфтам: «Ӯро, рӯзу шаб меҳри ту хоҳам»— Гуфт: «Хоҳ».

* * *

Меравам дур аз ту бо ҳайфу дареғу дарду оҳ,
Чашми пуробу диле пуроташу ҳоле табоҳ.
Хирмани умрам ба ҳиҷрон ҷав ба ҷав барбод рафт,
Коҳ шуд рӯи ман аз ҷаври фироқи умркоҳ.
Остонат дарди сар бисьёр дид аз ман, вале
Гар бимонам зинда боз оям ба ин дар узрхоҳ.
Кай бувад, ё раб, ки ту бо остини марҳамат
Пок созӣ рӯи гардолуди ман аз хоки роҳ.
Эй, ки аз ёдам нахоҳӣ рафт то рӯзи қиём,
Ёд мекун аз вафову хидмати ман гоҳ-гоҳ.
Ёд овар пеш аз он рӯзе, ки гӯяндам, намонд
Он вафодори ғариби хастаҳоли бегуноҳ.
Бадрро ҳар шаб ҷаҳон медид бо сад равшанӣ,
Ин дамаш ҳамчун ҳилоле бинад он ҳам моҳ-моҳ.

* * *

Эй роҳрави ишқи ту ҳар дам ба ҳавое,
Бемори ту ҳар лаҳза гирифтори балое.
Маҳҷури туро нест ба ҷуз номи ту зикре,
Ушшоқи туро нест ба ҷуз кӯи ту ҷое.
Ҳар каҷназаре маҳрами рози ту нагардад,
Давлат надиҳад даст ба ҳар бе сару пое.
Рӯи ту сафобахши дили ғамзадагон аст,
Бинмой, ки дорем дар он ваҷҳ сафое.
То кай ҷу ту аз сӯзи дарун нола барорем,
Охир расид ин нолаву фарьёд ба ҷое.

Сиррест дар овози даро каъбаравонро,
Гар бехабараш мешумарад ҳарзадарое.
Чун дида ҳаводори ту гаштаст дили Бадр,
Мурғест, ки бо чеҳри туаш ҳаст ҳавое.

* * *

Бо чунин нозукию саркашию раъной,
Охир, эй сарви хиромон, зи куҷо меой?
Ҷон кунам пешкаши мақдами ту бо дили реш,
Ҳар ду аз баҳри ту дорам, ту чӣ мефармой?
Инчунин ишвагариҳо, ки ту дорӣ имрӯз,
Сад ҳазорон дили асҳоби назар бар мой.
Зулфи ту ҳиндуи шӯх аст, фурӯ магзораш,
Ки аз ӯ шуд дили мо шефтаву савдой.
Аз даҳони ту чу коми дили худ металабам,
Мегазӣ он лаби ширину шакар мехой.
Аз дили ман наравад нақши хаёлат, ки мудом
Бо хаёли ту кунам дафъи ғами танҳой.
Қори Бадр аз назари меҳри ту равшан гардад.
Рӯй бинмой, ки хуршеди ҷаҳонорой.

* * *

Эй дили пурдард нолон оҳу зорӣ то ба кай?
Сабр кун дар номуродӣ, беқарорӣ то ба кай?
Ҳамчу гесӯи бутон то чанд фикри печ-печ,
Ҳамчу зулфи дилбарон ошуфтакорӣ то ба кай?
Вусъат аз ҷон шуставу овора хоҳам шуд, бигӯ,
Меравӣ дар интизорам, мегузорӣ то ба кай?
Боғбоно, чун бичидам аз гулистонат гуле,
Шарм бодат, бо мани дилхаста хорӣ то ба кай?
Булбуло, чун дар гули худрӯ намеёбӣ вафо,
Дар ҳавояш ин ҳама фарьёду зорӣ то ба кай?
То ба кай бо рағму меҳнат бурриям аз рӯзгор,
Меҳнати айём чанду бурдборӣ то ба кай?
Чунки бемеҳр аст, эй Бадр, он маҳи абрухилол,
Дар ғами ӯ чун ситора ашкборӣ то ба кай?

* * *

Эй он ки мани ғамзадаро мӯниси ҷонӣ,
Чун аст, ки бо ман ба иноят на чунонӣ?



То чанд давам хомасифат дар раҳи савдо,
Чун нома чӣ бошад, агарам пеш нахонӣ?
Дил мебарӣ аз ман ба суханҳои диловез,
Бо ман ба забонию ба дил бори гаронӣ.
То кай кунӣ инкори ман, эй зоҳиди худбин,
Инкор макун з-он ки ту ин кор надонӣ.
Дӣ пири харобот ба ман гуфт, ки хуш бош,
Манъат накунам аз маю шоҳид, ки ҷавонӣ.
Бигрифт ҷаҳон шеъри ту, эй Бадр, чу хуршед,
Чун зарра ҷаро шефта дар гирди ҷаҳонӣ?

## МУСАММАТ

Ошиқам бар талъати он моҳрӯй,
Гар намояд рӯ, бигӯям рӯ ба рӯй.
Чашми ӯ туркест шӯху тундхӯй,
Хештан чун ғамзаи худ фитнаҷӯй.
Меравам саргашта аз вай кӯ ба кӯй,
Гаштаам девона з-он занҷири мӯй.
Хоҳам андар пояш афтодан чу гӯй,
В-ар ба чавгонам занад, ҳеҷаш магӯй.

* * *

Эй дили реши парешонрӯзгор,
Чанд бошӣ ҳамчу зулфаш беқарор?
Гар кашад теғи сиёсат он нигор,
Сар макаш в-аз ҳукми ӯ сар бармадор.
Ошиқонро бо сару бо ҷон чӣ кор?
Ишқ чун зад оташ андар кору бор.
Бар сари ушшоқ тӯфон, гӯ, бибор,
Дар раҳи муштоқ пайкон, гӯ, бирӯй.

* * *

Турки ман бар мӯй мебандад камар,
Дар сухан аз писта мерезад шакар.
Мекунад сад хастаро дар як назар,
Тири мижгонаш зи ҷон дорад гузар.

Эй ки дорӣ доғи ишкаш бар ҷигар,
Дар раҳи ӯ аз сару ҷон даргузар.
Гар ба дорат мекашад, фармон бибар,
В-ар ба дардат мекушад, дармон маҷӯй.

* * *

То ниҳодам пой дар майдони ишқ,
Шуд сарам чун гӯй саргардони ишқ.
Сар ниҳодам бар хати фармони ишқ,
Оқибат хоҳам шудан қурбони ишқ.
Хастаам аз дард бе дармони ишқ,
Новадони чашми ранҷурони ишқ,
Ошиқам бар ҳусни ҷовидони ишқ,
Гар фурӯ резанд, хун ояд ба ҷӯй.

* * *

Ҳар кӣ дорад маҷлисе бо дилбарон,
Мебарад хулди барин ғайрат бар он.
Хуш бувад дар кунҷи боғу гулситон,
Бо даҳони нозукон айши ниҳон.
Маҷлиси унс асту шоҳид дар миён,
Аз сабукрӯҳӣ бикаш ратли гарон.
Шод бош, эй маҷлиси рӯҳониён,
То кӣ хӯрд ин май, ки ман мастам ба бӯй?

* * *

Хоки ман гардун ба хуни дил сиришт,
Ғайри тухми меҳр дар хокам накишт.
Фориғам дар ишқи ӯ аз хубу зишт,
Бехабар нашносад аз масҷид куништ.
Нест ҷонро бе рухаш майли биҳишт,
Бадри меҳраш заррае аз дил наҳишт.
Ҳар кӣ савдономаи Саъдӣ навишт,
Дафтари парҳезгорӣ, гӯ, бишӯй.

* * *

Мешудам бехуд шабе дар кӯи ишқ,
Оламе дидам ба гуфтугӯи ишқ.



Ишқ султон асту дил ҳиндуи ишқ,
Нест касро қуввати бозуи ишқ
Ҷони мо зад хайма дар паҳлӯи ишқ,
Бишнав аз ман бонги ҳою ҳӯи ишқ.
Ҳар кӣ нашнидаст рӯзе бӯи ишқ,
Гӯ, ба Шероз ову хоки мо бибӯй.

### АЗ МУҚАТТАОТ

Аё шоҳе, ки ҳаргиз бедилонро
Чу алтофи ту дилҷӯй надидам.
Ба ман дӯш аз карам мӯина гуфтӣ,
Вале з-он мӯина мӯе надидам.

* * *

Дӯст гар тоҳир бувад, некӯст бо ӯ дӯстӣ,
Некувонро дӯст дору бош душман бо бадон.
Бо бадон маншину нопокон, к-аз он ёбӣ малол,
Сӯҳбати тоҳир ҳамеша бо фараҳ бошад, бидон.

# ОРИФИИ ҲАРАВӢ

*Маҳмуд Орифии Ҳаравӣ аз шоирони асри XIV—XV Ҳирот буда, соли 1388 (791 ҳиҷрӣ) таваллуд шудааст. Доир ба ҷараёни зиндагии ӯ маълумоти кофӣ дар даст нест.*

*Шоир дар қасидасарой табъи баланд дошта, ғазал ва рубоӣ низ мегуфтааст. Азбаски дар сабки Салмони Соваҷӣ шеър месурудааст, ӯро Салмони Сонӣ мегуфтаанд.*

*Орифӣ маснавие дорад, ки тақрибан 500 байт буда, соли 1446 (842 ҳиҷрӣ) дар муддати ду ҳафта дар Шероз таълиф гардидааст ва онро шоир «Ҳолнома» ном гузошта бошад ҳам, бо «Гӯю чавгон» иштиҳор дорад. Ин маснавӣ дар Лондон чоп шудааст. Маснавии «Шоҳу дарвеш»-и Бадриддин Ҳилолӣ аз ҷиҳати мазмун ба он наздикӣ дорад.*

*Орифӣ дар соли 1449 (853 ҳиҷрӣ) вафот кардааст. Марқадаш дар Ҳирот аст.*

## ҒАЗАЛ

Аз ғамзаи ҷодуи ту чун дид ишорат,
Нақди дилу дин чашми ту бирбуд ба ғорат.
Эй хусрави хубон, ба гадоён назаре кун,
Дарвешнавозист гули нахли аморат.
Деринасароест ҷаҳон — дур зи шодӣ,
Ин кӯҳна работест мубарро зи иморат.
Гулгунаи рухсор зи хуноби ҷигар соз,
Дар мазҳаби ушшоқ ҷуз ин нест таҳорат.
Гар Орифии дилшударо банда шуморӣ,
Аз сидқ дуогӯй бувад рӯзи шуморат.

## АЗ «ГӮЮ ЧАВГОН»

*«Ҳолнома» ё «Гӯю чавгон» аз муносибати дарвеше бо шоҳзодае нақл мекунад. Аммо таваҷҷӯҳи Орифӣ бештар ба тавсифи гӯю чавгон ҷалб шудааст.*



Рӯзе, ки зи мавсими баҳорон
Буд абр, вале набуд борон.
Хуршед зи абр парда баста,
Дар хиргаҳи ғунча гул нишаста.
Фарроши сабо бисотрӯфта,
Ҳар сӯй шукуфае шукуфта.
Гул ғарра ба хубрӯии хеш,
Булбул ба сурудгӯии хеш.
Дар об фитода изтиробе,
Гӯӣ шуда рост ҳар ҳубобе.
Об аз сари лутфу меҳрҷӯӣ,
Булбул ба ҳазор тозагӯӣ,
К-эй омада, дар баробари ман,
Биншин, ки наӣ ту дархури ман.
Бо ман ту баробарӣ чӣ ҷӯӣ,
К-аз давлати ман ба обрӯӣ?
Фатҳи ту бувад зи ман ба ҳар боб,
Дар ҷайби ту ман кунам дури ноб.
Ту пастраву ман баландпоя,
Бар фарқи ту аз ман аст соя...
Фарқе ба туам, ки дар миён аст,
Мобайни замину осмон аст.
Ман доираам зи гавҳари пок,
Ту нуқта, вале зи нуқтаи хок.
Бозори ман аз чароғи кавкаб,
Ҳам рӯз музайян асту ҳам шаб.
Фирӯзии ман зи меҳру моҳ аст,
З-онам шабу рӯз қадру ҷоҳ аст...
Об аз сари лутфу меҳрҷӯӣ,
Булбул ба ҳазор тозагӯӣ.
Ин рӯй ба пои гул ниҳода,
В-он дар қадами суман фитода...
Саҳро хушу дилкашу ҳаво х(в)аш,
Аз хубии он ҳавои дилкаш.
Андешаи гашт дар сараш гашт,
Рафтам чу сабо ба азми гулгашт.
Ногаҳ гузарам фитода ҷое,
Чун боғи биҳишт дилкушое.
Ҳар сӯ сумaневу ёсамине,
Чун гулшани осмон замине.
Гардун чу назар дар он замин кард,
Аз меҳр гузашту қасди кин кард.
Гардид кабуду пас барошуфт,

В-аз ғояти кибр бо замин гуфт:
«Ман, к-аз ту ба дил ғубор дорам,
Не рӯзу на шаб карор дорам».
Инҳо ба замин чу осмон гуфт,
Ларзид замону дарзамон гуфт.
«Ё, сангдилию тирарой,
Дар маърази ман ту чун дарой.
Аз кавкаб агар музайянӣ ту,
Ё аз маҳу меҳр, равшанӣ ту».
Ман низ ба даври лолаву гул,
Дорам зи ту бештар таҷаммул...
Чун чашмаи меҳр медурахшанд,
Обе, ки ҳаёти Хизр бахшанд.

Гар ҳаст туро нуҷум зоҳир,
Оростаам, ман аз ҷавоҳир.
Гар кавкабаи ту аз баландист,
Дар пастии ман сад арҷумандист.
Ман гӯям агар ту савлаҷонӣ
Бар ман зи чӣ хинг медавонӣ?
Ҳарчанд туроcт худнамой,
Боре ҳама гирди ман барой.
Ин ҷо чӣ мақоми худнамоист,
Пайдост, ки ин сухан ҳавоист?

Гар фаррухият зи моҳу меҳр аст,
Фахрам зи бутони моҳчеҳр аст.
Ман сурмаи чашми меҳру моҳам,
З-он рӯй ки хоки пои шоҳам.
Ин бас бувадам, ки абраши шоҳ,
Чун об кунад ба рӯи ман роҳ.
Чун ҳаст сад обрӯ аз инам,
Рӯи ту равост бар заминам.
Чун гуфт замин ҷавоби гардун,
Дидам, ки чу офтоби гардун.
Аз ҳар тарафе савори дигар,
Гулрӯи суманузори дигар.
Ҷавлон дода саманди тозӣ,
Машғул ба шуғли гӯйбозӣ.
Дар дасти чу сим, ҳар ҷавоне
Буд аз зари ноб савлҷоне.
Он сар ба фалак чу сарви суда,
Ин майл чу шохи гул ниҳода.
Он ҷониби кӯй рӯй карда,
Қасди задубурдӣ гӯй карда.



Ин чобукии дигар намуда,
Дар гӯй задан ҳунар намуда.
Он гӯй зи пеши ин рабуда,
Ин лаъби дигар ба ӯ намуда.
Ҳар гӯй, ки ин зи роҳ бурда,
Он бар сари ҷойгоҳ бурда.
Баҳри задану рабудани гӯй
Дидам, ки ду савлҷон зи ҳар сӯй.
Қуллобсифат фитода дарҳам,
Андохта хаме чу зулф бар хам.
Чавгон шуда ҳамчу сояворе,
Девона зи дасти ҳар саворе.
Дар тоби ҳар офтобрӯе
Гӯй аз сари ҳол карда ҳӯе.
Алқисса чу он бисот дидам,
Ҷамъе ҳама дар нишот дидам.
Сад гуна хаёл дод дастам,
Дарҳол миён ба фикр бастам.
Чун гӯй ба гӯшае давидам,
Чун ташна забони худ кашидам.

То гӯи сухан тарошам аз ҷон,
Дар хидмати шаҳ барам ба майдон.
Шоҳе, ки чу баргирифт чавгон,
Маҳ гӯй шаваду сипеҳр майдон.
Чавгони шаҳ, ки дар такопӯй,
Аз тавсани чарх мебарад гӯй.
Дар ҷастанаш ар зи сар кашидӣ,
Бар гӯи сипеҳр бардавидӣ.
Чун гӯи сипеҳр кард пастӣ,
Майдон, майдон чу гӯй ҷастӣ.
Ҳар гоҳ, ки дар арақ шудӣ ғарқ,
Борон будию дар миён барқ...
Шоҳзодаи Чин зи хоб бархост,
Чун моҳ ба рух ҷаҳон биёрост.
Пӯшида яке қабои чинӣ,
Дар ғояти лутфу нозанинӣ.
Бар фарқ ниҳода тоҷи заррин,
Барбаст камар зи рӯи тамкин...
В-он рӯй будӣ чу офтобаш,
Он рӯз ба рафтан изтиробаш.
Зин гуфт ниҳанд бар самандаш,
Қ-аш буд сипеҳр наълбандаш...
З-ин гармравӣ фаррохгомӣ

Ороста аз зарраш лаҷоме.
Гардун кардӣ заминнавардӣ,
К̣-аш чашмаи меҳр обх(в)ардӣ.
Чун бод агар набуд қарораш,
Шаҳзода чу бод шуд савораш...
Пешу пасаш аз бутони шоҳӣ,
Ҳар як чу ситораеву моҳе.
Бар дӯш гирифта ҳар чавоне,
Монанди ҳилол савлаҷоне.
Дар ҳусн зи маҳ зиёда буданд,
Ҳамбозии шоҳзода буданд.
Ин ҳалқаи зар кашида дар гӯш,
Он ҳалқаи зулф бар баногӯш.
Ин зулфи сиёҳ тоб дода,
Он ханҷари ғамза об дода.
Ин тарфи кулоҳ баршикаста,
Он бар гули тар кулола баста.
Ин даст зи сим тоб бурда,
Он гӯй зи офтоб бурда.
Ин гӯй намуд аз занахдон,
Он аз сари зулф карда чавгон.
Ин карда ба зеҳ камони абрӯ,
Он карда гиреҳ каманди гесӯ.
Ин сафшикани бутони чинӣ;
Он ғайрати лӯъбатони чинӣ...
Ин бурда ба кӯи сим ғабғаб,
Сад нақш, к-аз ӯ ба Моҳи Нахшаб,
Ин бурда зи лӯъбати хитоӣ,
Сад бори дигар ба дилрабоӣ.
Шаҳзодаву он бутон, ки буданд,
Чун моҳу ситора менамуданд.
Шаҳзода чу аз канори майдон,
Андохт назар ба гӯю чавгон.
Чавгон сари худ ниход бар даст,
Гӯй аз шодӣ зи ҷой барҷаст.
Дар хидмати ин бутони маҳрӯй,
Ором надошт бар замин гӯй,
Гӯе, ки шаҳ аз миён рабудӣ,
Андар хами савлҷон намудӣ.
Чавгон ҳилолу гӯй гардун,
Бо сурати нуну нуқтаи нун...
Шаҳзодаву тоби гӯйбозӣ,
Дарвешу чу шамъ ҷонгудозӣ.



Шоҳзодаву гӯй ҳол кардан,
Дарвешу самову ҳол кардан.
Шоҳзода ба кӯи ҳусн маъзур,
Дарвеш ба ишқбозӣ аз дур.
Шаҳ гӯй задиву ҳол гуфтӣ,
Дарвеш ба сад хаёл гуфтӣ:
«Қошам сару дида гӯй будӣ,
То шоҳ ба савлаҷон рабудӣ».
Ногоҳ нигоҳи шоҳзода,
Афтод бар он зи по фитода.
Сад шӯхиву дилбарӣ намудаш,
Аз ғояти чобукӣ, ки будаш.
Гӯе зи карашма сӯяш андохт.
Онгоҳ ба ноз бар сараш тохт.
Бар хок нишаста буд дарвеш,
Андохт сипар чу савлаҷон пеш.
Оташзада буду музтарибҳол,
Афтода чу лола бар замин лол...

## ШОҲИИ САБЗАВОРӢ

*Оқомалик бинни Ҷамолиддин Амиршоҳӣ ё Шоҳӣ аз шоирони ғазалсарои бомаҳорати тоҷик буда, тақрибан соли 1385 (787 ҳиҷрӣ) дар Фирӯзкӯҳи Сабзавор таваллуд ёфтааст. Падари ӯ аз сулолаи Сарбадорон буд, ки дар ҷануби Хуросон ҳукумат меронданд. Вай баъди андӯхтани дониш ва ҳунар муддате дар Ҳирот зиста, баъдан ҳокими Астаробод таъин гардида будааст. Шоҳӣ хаттоту рассом ва мусиқидон низ будааст.*

*Шоҳӣ соли 145? (857 ҳиҷрӣ) дар Астаробод фавтидааст, аммо ҷасади ӯро ба Сабзавор оварда дафн кардаанд.*

*Аз Шоҳӣ то ба замони мо як девон омада расидааст, ки дорои ғазалиёту қитъаот ва рубоиёт мебошад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Хат бар лолаи тар мушки Чин рехт,
Бунафша бар канори ёсумин рехт.
Сабо гарде, ки бурд аз остонат
Арӯси ғунчаро дар остин рехт.
Ба шӯхӣ абрӯят зебокамонест,
Ки чашмат хуни халқе аз камин рехт.
Гул аз шӯхӣ ҳамезад бо рухат лоф,
Чу дид аз шарми рӯят бар замин рехт.
Шароби ошиқӣ то хӯрд Шоҳӣ,
Ба ҳиммат ҷуръа бар чархи барин рехт.

* * *

Бо турраи ту сунбули шӯридаҳол чист,
Ҷое ки абрӯят бинамояд ҳилол чист?
То бар дараш тариқи гадоӣ гузидаам,
Донистаам, ки салтанати безавол чист.
Ҳоло ба васли ту фалаке ишва медиҳад,
То бахти хобноки маро дар хаёл чист?



Мурғони боғро чу насиме кифоят аст,
Бо гул бигӯй, к-ин ҳама ғанҷу далол чист?
Бо он ки рафт умри гаронмоя дар ғамаш
Рӯзе нагуфт Шоҳии шӯрида, ҳол чист?

* * *

Сарве аз боғи ирам соя бар ин хок андохт,
Ки ба теғи мижа дар ҳар ҷигаре чок андохт.
Чанд гоҳе дилам аз доғи бутон эмин буд,
Боз ишқ омаду ин шӯъла ба хошок андохт.
Ақлам аз бодияи ишқи ту биме дорад,
Ҳимматам рахт дар ин роҳи хатарнок андохт...
Шоҳӣ, он захми саодат, ки нишон медоданд
Новаке буд, ки он ғамзаи бебок андохт.

* * *

Имрӯз насими саҳарӣ бӯи дигар дошт,
Гӯӣ гузар аз хоки сари кӯи дигар дошт.
Мо як дилу як рӯй чунин в-он гули раъно
Афсӯс, ки аз ҳар тарафе рӯи дигар дошт.
Дӣ мардум аз он завқ, ки дар гуфтани дашном
Бо мо-ш сухан буду назар сӯи дигар дошт.
Хушвақт касе мавсими наврӯз, ки чун гул
Ҳар рӯз сари обу лаби ҷӯи дигар дошт.
Шоҳӣ, он захми саодат, ки нишон медоданд
Бечора назар дар ҳами абрӯи дигар дошт.

* * *

Вақте дили овора дар он кӯ гузаре дошт,
Бо ғамзаи ҷодуи ту пинҳон назаре дошт.
Гуфтӣ хабари дӯст шунидӣ чӣ шудаст ҳол?
Инро зи касе пурс, ки аз худ хабаре дошт.
Дил новаки мижгони туро сина сипар кард,
Пайкони ту чун бо дили озурда саре дошт.
Зоҳид ба ҳавои ҳарам аз кӯи ту шуд дур,
Худ кӯи ту дар равзаи фирдавс даре дошт.
Сад чок шуд аз дасти фироқат дили Шоҳӣ,
Чун лола, ки бо доғи ту хунинҷигаре дошт.

* * *

Зулфи ту саросар шикану тоб намояд,
Лаъли ту лаболаб шакари ноб намояд.
Чашми ту маҳол аст, ки бар ҳоли ман афтад,
Бахтам магар он воқеа дар хоб намояд.
Дар шишаи софӣ бинигар, бодаи рангин
Чун акси гулу лола, ки дар об намояд.
Тарроріи оч турра зи рухсори ту пайдост,
Ҳарчо ки равад дузд ба маҳтоб намояд.
Шабҳо, ки биғалтад ба сари кӯи ту, Шоҳӣ,
Хору хасакаш бистари санҷоб намояд.

* * *

Умре даҳони танги туам дар хаёл буд,
Чони рамидаро ҳама фикри маҳол буд.
Рафт он, ки дар масоили ишқу рамузи ишқ
З-абрӯву ғамза бо ту ҷавобу суол буд.
Гуфтам: «Расад миёни туам боз дар канор»,
Гуфто: «Бирав, ки он чи ту дидӣ, хаёл буд».
Шарм оядаш ки саҷда барад пеши пои кас,
Он сар, ки солҳо ба раҳат поймол буд.
Ошуфта рафт нуктаи Шоҳӣ, дар ин ғазал,
Оре, ба фикри зулфи ту шӯридаҳол буд.

* * *

Сарви ту магар зи по нишинад,
К-ин дил нафасе ба ҷо нишинад.
Ман будаму дил ту бурдӣ он низ,
Худ гӯ, ки ғамат куҷо нишинад.
Ҳар дил, ки нашуд ҳазор пора,
Дар вуслаи мо куҷо нишинад.
Гар даст диҳад висоли чонон,
Бе дӯст касе чаро нишинад.
Ҳар кас, ки шабе нишаст бо ту,
Бисьёр ба рӯзи мо нишинад.
Хоҳӣ, ки даме рафиқ бошӣ,
Қай шоҳ бари гадо нишинад.



Гарде ки зи кӯи дӯст хезад,
Дар дида чу тӯтиё нишинад.
Шоҳӣ, чӣ тамаъ кунӣ висолаш,
Кас бо чу туе чаро нишинад.

* * *

Рафт он ки ба васли ту маро дастрасе буд,
В-ин дилшуда дар хайли сагони ту касе буд.
Он ғамза ба хуни дили мо чашм сияҳ кард,
В-арна ба каманди ту гирифтор басе буд.
Омад гулу бар мурғ навои чамане кард,
Озод нагашт он ки асири қафасе буд.
Вақте ба ҳавас ёфтаме бӯи ту аз бод,
Онҳо ҳама гӯй, ки ҳавову ҳавасе буд.
Дар ишқи туам ашк ба хун дод гувоҳӣ,
Ҳам нола ки дар воқеа, фарьёдрасе буд.
Шоҳӣ, ки ба ҳиҷрони ту аз нола фурӯ монд,
Бечора саги кӯи туро ҳамнафасе буд.

* * *

Чу шамшоди қадат дар гулшан омад,
Халал дар кори сарву савсан омад.
Ба ёдат чашм аз он бар гул ниҳодам,
Ки бӯи Юсуф аз пироҳан омад.
Зи тираш саҳм додандӣ маро халқ,
Сухан нашнидам акнун бар ман омад.
Пушаймон буд ёр аз хуни ушшоқ,
Вале баҳри манаш дар гардан омад.
Сазои дӯстӣ донист, Шоҳӣ,
Ки аз кӯят ба коми душман омад.

* * *

Фасли наврӯз асту халқе сӯи саҳро меравванд,
Бенасиб онон,
ки дар май қавли мутриб нашнаванд.
Меравад халқе ба истиқбол, к-омад гул ба боғ,
Ту бимон боқӣ,
к-аз ин бисьёр оянду раванд.

Ман ки дар шабҳои ҳиҷрон сӯхтам з-онам чи суд,
К-ин бутон хуршедрухсоранд ё маҳпайкаранд.
Пандгӯён, Шоҳии дармондаро дил медиҳанд,
Ҳоли ӯ донанд агар рӯзе чу ӯ бедил шаванд.

* * *

Чу сарви қади ту дар ҷӯйбори дида расад,
Маро хаданги бало дар дили рамида расад.
Зи дидани ту балое, ки мекашад дили ман,
Умедвор чунонам, ки пеши дида расад.
Ба гирди он хати мушкин кучо расад нофа,
Магар сабо, ки ба он турраи хамида расад.
Сабо ба бӯи ту ороми ҷони мардум шуд,
Бале, хуш аст насиме, ки оромида расад.
Агарчи бар рухи бӯстон дамид сабза, валек
Гумон мабар, ки бад-он хатти нав дамида расад.
Зи ёди он лаб агар як нафас ба ком расам,
Хаёли гашти ту теғи балокашида расад.
Агар сабо зи сари кӯи ӯ расад, Шоҳӣ,
Насими равза ба ҷони ситамрасида расад.

* * *

То зи шаб бар маҳат ниқоб афтод,
Соя болои офтоб афтод.
Дар рухам то ба ноз ханда задӣ,
Намаке бар дили кабоб афтод.
Мардуми дидаро зи мижгонат
Хор дар ҷойгоҳи хоб афтод.
Дар чаманҳо бунафша бетоб аст,
То ба зулфи ту печутоб афтод.
Гирди рӯи ту хатти зангорӣ,
Сабзае бар канори об афтод.
Шиша з-он сар ниҳад ба пои қадаҳ,
Ки ҳарифе тунук шароб афтод.
Ҳоҷати бода нест Шоҳиро,
Ки зи ҷоми лабат хароб афтод.

* * *

Дил бе рухи ту ҷониби гулшан намекашад,
Хотир ба сӯи лолаву савсан намекашад.



Бихром сӯи боғ, ки гул бо вуҷуди ту
Хубӣ намефурӯшаду доман намекашад.
Онро, ки дар фироқи касе тира гашт рӯз,
Дар базми айш бодаи равшан намекашад.
Эй бахти хобрафта кучой, ки дар фироқ
Он мекашам зи дӯст, ки душман намекашад.
Гар дасти раҳмат аст вагар ханҷари ситам,
Шоҳӣ, зи ихтиёри ту гардан намекашад.

* * *

Чаман сарсабз шуд соқӣ, гулу наргис ба боғ омад,
Бидеҳ ҷоме, ки дигар боғро чашму чароғ омад.
Чу булбул бо фиғон, чун лола дар хуни дилам, оре
Аз ин гулшан насиби ишқбозон дарду доғ омад.
Ту, к-андар пои дил хоре надорӣ, гашти бӯстон кун,
Ману кӯяш, ки натвон бо дили ғамгин ба боғ омад.
Дилам ошуфтатар гашт аз хати навхези ӯ, гӯй,
Дигар девонаро бӯи баҳор андар димоғ омад.
Ба ишқи некӯвон осуда натвон зистан, Шоҳӣ,
Мабош эмин, ки чашми бад бар айёми фароғ омад.

* * *

Боғро боз магар муждаи гулрез омад,
Ки насими саҳар аз тарфи чаман тез омад.
Гӯиё ранги ғуборе зи раҳаш пайдо шуд,
Ки сабо мушкфишон ғолияомез омад.
Ту нав асбоби тараб сохта, кун, к-андар боғ
Гули навхоставу сунбули зархез омад.
Боз ишқи туам аз сабр ҷудой фармуд,
Боз бемори маро навбати парҳез омад.
Ҷоми Шоҳӣ, ки зи хуни ҷигараш пур карданд,
Хор мангар, ки зулоле тарабангез омад.

* * *

Бе лабат ҳар дам зи чашми дурфишон хун меравад,
Пораҳои дил зи роҳи дида берун меравад.
Як шаб, эй шамъи бутон, дар кунҷи торики ман о,
То бубинӣ ҳоли танҳомондагон чун меравад.

**Хун** ки аз захме равад доғаш ниҳӣ, боз истад,
**Дил** ба сад ҷо доғ кардам ҳамчунон хун меравад.
**Боғбон** аз гуфтугӯи ғунча, гӯ, лаб баста дор,
**Булбулонро** чун сухан аз лаъли майгун меравад.
**Гуфтаӣ** фарьёди Шоҳӣ, кам нагашт аз кӯи мо,
**Оре**, оре, дил ба кори ишқ акнун меравад.

* * *

Ҳар касе мавсими гул гӯшаи боғе дорад,
Сокини кӯи ту аз равза фароғе дорад.
Ман дар ин кӯй хушам, гарчи ба ҳуснат ризвон
Маҷлисе хурраму ороста боғе дорад.
Лола бин, чок зада пираҳани хунолуд,
Магар ӯ низ зи савдои ту доғе дорад.
Дили ман дар шаби гесӯи ту раҳ гум кардаст,
Магараш рӯи ту дар пеш чароғе дорад.
Фикри савдои сари зулфи ту дорад, Шоҳӣ,
Зоҳир он аст, ки ошуфта димоғе дорад.

* * *

Сарви моро ҳар замон дил мекашад сӯи дигар,
Чун гули раъно, ки дорад ҳар тараф рӯи дигар.
Ҳар кӣ дорад рӯи дил дар қиблаи дидори ӯ
Саҳв бошад саҷда дар меҳроби абрӯи дигар.
Дар тариқи дӯстӣ собитқадам чун хок бош,
Чун сабо то чанд ҳар дам бар сари кӯи дигар.
Ҷони бемори маро тоби шикебоӣ намонд,
Эй табиб, ар оқилӣ, ҷӯз сабр доруе дигар.
Панд гӯй, беш аз инам дар сафи тоат махон,
Зишт бошад рӯй дар меҳробу дил сӯи дигар.
Мавсими наврӯзу ман дар кунҷи танҳоӣ асир,
Ҳар касе дар сояи сарву лаби ҷӯи дигар.
Гар дили Шоҳӣ, ба дашноме биҷӯӣ дур нест,
З-он ки ҳамчун ӯ намебинам дуогӯи дигар.

* * *

**Ман, ки чун шамъ аз ғамат бо сӯзи дил дар хандаам.**
**Нест тадбире ба ғайр аз сӯхтан то зиндаам.**



Ҳамчу миҷмар синаи пуроташу анфоси хуш,
Ҳамчу соғар бо дили пурхуну лаб пурхандаам.
Гар ба шамшери сиёсат менавозӣ, ҳокимӣ,
В-ар ба ташрифи ғуломӣ мепазирӣ, бандаам:
Дар ҳавояат барги айшам ҳамчу гул барбод шуд
В-ин замон умрест то аз хонумон баркандаам.
Теғи ту сар дарнамеорад бо хунам, лек ман
Ҳамчунон худро миёни куштагон афкандаам...
Гуфтаӣ Шоҳӣ, намирад ҳамчу шамъ аз тоби ишқ,
Ман ба сӯзи ишқ бирьёнам, аз он тобандаам.

* * *

Бар бӯи ту ҳар рӯз ба гашти чаман оям,
Ҳайрон ба тамошогаҳи сарву суман оям.
Чун ғунча диле дорам аз андӯҳи ту пурхун,
Айбам макун аз чокзада пираҳан оям.
Дармонда шуд аз нолаи ман, халқ, ки ҳар рӯз
Гӯянд маё, бар сар ин кӯю ман оям.
Ишқи ту ба девонагиям ном баровард,
То дар хами он силсилаи пуршикан оям.
Ё раб, зи чунин бодаи пурзавқ, ки хӯрдам,
Рӯзе макун он рӯз, ки бо хештан оям.
Ман тӯтии қудсам, ба қафас монда гирифтор,
Ку ойинаи рӯи ту, то дар сухан оям.
Дигар ба ғарибӣ наравам ҳамраҳи Шоҳӣ,
Аз бодияи ишқи ту гар бар ватан оям.

* * *

Парда бикшой зи рӯи чу маҳи хеш,
Ки ба ҷонам зи бахти гумраҳи хеш.
Мекашад сарв пешу болоят,
Шармсорӣ зи дасти кӯтаҳи хеш.
Менавозам чу чанг дар бари худ,
Гар фаромӯш мекунам раҳи хеш.
Воизо, мову нолаву дафу най
Туву гуфтори номуваҷҷаҳи хеш.
Шоҳӣ, аз бандагони туст, аз ӯ
Вомагир илтифот гаҳ-гаҳи хеш!

* * *

Ҳар шаб ба дил ҳикояти худ дар миён ниҳам,
Дилро зи сӯзи ишқи ту доғи ниҳон ниҳам.
Рӯзам чу роҳ нест дар он кӯй ҳар шабе
Оям рухи ниёз бар он остон ниҳам.
На қуввате, ки оям аз ин варта бар канор,
На маҳраме, ки рози диле дар миён ниҳам.
Бикшой лаб ба пурсиши ман, к-аз ғамат маро
Наздик шуд, ки муҳри абад бар даҳон ниҳам.
Бо ошиқе, ки шарҳ диҳам достони хеш
Сад доғи тоза бар дили ин нотавон ниҳам.
Чун гул маҳанд бар рухи ҳар кас, ки ногаҳон
Ҳамчун сабо зи дасти ту сар дар ҷаҳон ниҳам.
Шоҳӣ ҳикоят аз лаби лаъли ту мекунад,
Тӯтӣ куҷост то шаккараш дар даҳон ниҳам.

* * *

Исодам аст ёру дилам нотавон аз ӯ,
Он беҳ, ки дарди хеш надорам ниҳон аз ӯ.
Бар роҳ чу дид чеҳраи зардам ба ноз гуфт:
«То чанд дарди сар кашад ин остон аз ӯ...
Қумрӣ зи бас, ки нолаву фарьёд кард дӯш,
То субҳдам ба хоб нашуд боғбон аз ӯ.
Дилбар шикаст аҳду зи ёрон битофт рӯй,
Моро ба ҳеҷ рӯй набувад ин гумон аз ӯ.
Вақте ба ноз болиши гул такьягоҳ дошт,
Булбул, ки ёд менакунад ин замон аз ӯ.
Шоҳӣ, ки бе ту сӯхт, бубин доғ бар дилаш,
Худ солҳо равад, ки набинӣ нишон аз ӯ.

* * *

Эй гули нав ба сафар рафтаву соле монда,
Мо зи андӯҳи миёни ту хаёле монда.
Дили маҳҷури ман аз мӯя чу мӯе гашта,
Тани ранҷури ман аз нола чу ноле монда.
Ба таманнои даҳони ту ҳама умр гузашт,
В-аз ту моро ҳамин фикри маҳоле монда.



Лаълат аз гавҳари конест нишоне дода,
Рӯят аз нусхаи Монист мисоле монда.
Ронда, Шоҳӣ, зи ғамат ашк чу парвин ҳар шаб,
Ҳар куҷо аз суми аспи ту ҳилоле монда.

* * *

Эй зи ишқат оламеро рӯй дар оворагӣ,
Дидамат як бор аз он шуд кори дил якборагӣ.
Мунисам шабҳои танҳой чуз андӯҳи ту нест,
Вой бар ҳоли касе, к-аш ғам кунад ғамхорагӣ.
Эй табиби дардмандон, раҳмате фармо, ки ман
Чораи дигар намедонам ба ҷуз бечорагӣ.
Кас нишоне з-ӯ намегӯяд, ки дар аввал нигоҳ
Мешавад ҳайрони рӯяш дидаи наззорагӣ.
Шоҳӣ аз кӯяш бирав ё эҳтимоли ҷӯр кун,
Чора дар ишқи бутон сабр аст ё оворагӣ.

* * *

Маро гарчи бубинию рӯ бигардонӣ,
Дилам чигуна аз ин орзу бигардонӣ.
Ба дӯстӣ, ки нагардонам аз вафои ту сар
Агар ба хок сарамро чу кӯ бигардонӣ.
Маро ба силсилаи зулф чун кашӣ дар банд,
Ба ҷурми ошиқиям кӯ ба кӯ бигардонӣ.
Зи дӯст гар ҳама теғи бало расад, эй дил,
Тариқи ишқ набошад, ки рӯ бигардонӣ.
Сиёҳнома шудӣ, Шоҳӣ, аз сухан он беҳ,
Ки баъд аз ин вараҷи гуфтугӯ бигардонӣ.

* * *

Гар ман аз хони дарат рафтам, дили шайдо бимонд,
Тан равон шуд бар тариқи азму ҷон он ҷо бимонд.
Ман худ овора шудам, лекин дили дармондаро
Пурсише мекун, ки дар кӯят тани танҳо бимонд.
Ошиқонро дар ғамат дил рафту дарди дил нарафт,
Хастагонро дар фироқат сар шуду савдо намонд.
Сорбон бар қасди дурӣ мезанад табли раҳил,
Гӯ, бирон маҳмил, ки моро хоре андар по бимонд.
Эй сабо, аз рӯи ёрӣ бо рафиқи мо бигӯй,
Рав, ки Шоҳиро назар бар сурати зебо намонд.

## АЗ ҚИТЪАОТ

Дар он кӯш минбаъд, Шоҳӣ ба даҳр,
Ки рӯзӣ ба инсоф аз ин хон хӯрӣ.
Гарат ними нон чу афтад ба даст
Ба рағбат беҳ аз мурғи бирьён хӯрӣ.
На з-он сон, ки ҳарчанд мақдури туст,
Зи ифроти шаҳват дучандон хӯрӣ.
Зи бисьёр хӯрдан машав мурдадил,
Худ андак хӯрӣ, гар ғами ҷон хӯрӣ.
Чу шуд з-имтило табъи носозгор
Бувад заҳр гар оби ҳайвон хӯрӣ.
Чу Исо ба қурсе бисоз аз фалак,
Ки ҳар бошӣ ар деги полон хӯрӣ.
Ба пои худат рафт бояд ба гӯр,
Чу бар иштиҳои касон нон хӯрӣ.

* * *

Аз ҷамъи моҳрӯён ҳамсӯҳбат аст моро,
Асбоби хуррамиро сад гуна соз карда.
Аз бодаҳои васлаш ҳар кас гирифта ҷоме,
Чун даври мо расида, оҳанги соз карда.
Лаб бар лабаш чу соғар халқе ба кому, Шоҳӣ
Аз дур чун сурoҳӣ гардан дароз карда.

## ТАМСИЛ

Шабе бо сурoҳӣ ҳамегуфт шамъ,
Ки эй ҳар шабе маҷлисорои дӯст,
Туро бо чунин қадр пеши қадаҳ
Суҷуди дамодам бигӯ, аз чӣ рӯст?
Сурoҳӣ бад-ӯ гуфт: «Нашнудаӣ?
Тавозеъ зи гарданфарозон накӯст».

## АЗ РУБОИЁТ

Шодам, ки зи ман бар дили кас боре нест,
Қасро зи ману кори ман озоре нест.



Гар нек шуморанду гарам бад гӯянд
Бо неку бади ҳеҷ касам коре нест.

* * *

Дар мотами ту даҳр басе шеван кард,
Лола ҳама хуни дида дар доман кард.
Гул ҷайби қабои арғувонӣ бидарид,
Қумрӣ намади сиёҳ дар гардан кард.

* * *

Аз лолаву сабза нақшбандони баҳор
Шангарф барангехта андар зангор.
Дар оби равон шукуфа андохта акс
Чун анҷуми собиту сипеҳри сайёр.

* * *

Роҳат талабӣ ба додаи даҳр бисоз,
Озурда машав дар талаби неъмату ноз.
Лаълу дурру зар чи суд дар рӯзи бақо
Чун сарви тиҳидаст хушо умри дароз.

## АЗ МУФРАДОТ

Ёр бигзашту набудаш сари ҳоли дили мо,
Гуфтам инсоф на ин аст, ҳамон дам баргашт.

* * *

Сухан то чанд гӯям печ бар печ,
Туро ман дӯст медорам дигар ҳеҷ.

## ОЗАРӢ

*Мавлоно Ҷамолиддин Ҳамза бинни Алӣ Озарӣ соли 1382 (784 ҳиҷрӣ) дар Исфароини Марв (Хуросон) таваллуд шуда, соли 1462 (866 ҳиҷрӣ) дар ҳамон ҷо аз олам гузаштааст. Алӣ Озарӣ бисьёр шаҳрҳои Хуросон, Эрон, Арабистон ва Ҳиндустонро саёҳат карда будааст.*

*Аз осори шоир девони мукаммал, ки қариб аз сӣ ҳазор байт иборат аст, маснавиҳои «Баҳманнома», «Имомия», «Аҷоиб-ул-ғароиб» ва китобҳои «Самарот», «Ҷавоҳир-ул-асрор» ва «Саъй-ус-сафо» то ба замони мо омада расидаанд.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй рӯи ту, бар сафҳаи маҳ, ронда рақамро,
Хат дарзада хубони араброву аҷамро.
Раҳ ҷонибӣ ҳастии даҳонат натавон бурд,
Кас боз наёбад ба талаб роҳи адамро.
Дӣ лаъли ту медод ба мо ваъдаи дашном,
Ҳоҷат ба тақозо набувад аҳли карамро,
Дар комату абрӯи бути мо назаре кун,
Таъвил чи ҳоҷат, ки кунӣ нуну қаламро.
Устоди азал расми муҳаббат чу бино кард,
Дар кӯчаи мо сохт магар хонаи ғамро.
Лаълаш ба табассум чу дарояд, натавон шуст
Аз хотами дил, Озариё, нақши ситамро.

* * *

Эй оби зиндагӣ, зи лабат рафта аз хаёт,
Сарве нахост мисли ту аз боғи коинот.
Қанди лаби ту то чӣ кунад бо лаби заиф,
Хоса, ки гашт қанди ту олуда бо набот.
Ин риштаҳои дур, ки миёни ду лаъли ӯст,
Дурдонаҳост рехта дар чашмаи ҳаёт.



То он каманди зулф наёяд ба дасти ту,
Эй дил, маҷӯ зи ҷоҳи занахдони ӯ наҷот.
Дар ғурбат Озарӣ зи ҷафои ту мурда буд,
Ҷоне дигар биёфт ба овозаи вафот.

* * *

Эй шӯх, сари зулфи туро тоб кӣ додаст?
В-он наргиси махмури туро хоб кӣ додаст?
Серобтар аз рӯи ту дар боғ гуле нест,
То ғунчаи хандони туро об, кӣ додаст?
Бемории мо аз лаби лаъли ту кӣ пурсад?
Маҷрӯҳдилонро шакари ноб кӣ додаст?
Норехта хунам, чӣ диҳӣ ваъда аз он лаб,
Бе заҳмати хун шарбати унноб кӣ додаст?
Гуфтӣ наравад Озарӣ аз хони дари мо,
Ӯро хабари васл аз ин боб кӣ додаст?

* * *

Дар дори мулки ишқ азал бо абад якест,
Хуш оламест он ки дар ӯ неку бад якест.
Он кас, ки дар ҳисоб якиро адад надошт
Гӯй хабар надошт, ки асли адад якест.
Чандин ҳазор дар сафи ҷанг истодаанд
Лекин касе, ки пой ба майдон ниҳад якест.
Хубон агарчи ҳар тараф саф кашидаанд,
Лекин бад-он, ки хотири мо мекашад якест.
Гар хасм бешумор шавад, Озарӣ, матарс
Он кас ки ҷон ситонаду ҷон медиҳад якест.

* * *

Рӯзе, ки бамеҳр аз дарам он моҳ барояд,
Он рӯз маро тозаҳаёте дигар ояд.
Дар дидаи мо ой, ки акси маҳи рӯят
Хуб асту чу дар об фитад, хубтар ояд.
Аҳдест, ки ширинии лабҳои ту дар дил
Бо шир фурӯд ояду бо ҷон бадар ояд.
Дорад ҳаваси лаззати теғи ту сарам, лек
Ин лаззат аз он нест, ки аз ҷон ба сар ояд.
Ояд ҳама захми сари мижгони ту бар дил,
Ҳар захм, ки бар дил расад он коргар ояд.

Дил хун кунам аз ғуссаву аз рашк бимирам,
Гар тир занӣ бар ман аз он бар сипар ояд.
Навмед машав, Озарӣ, аз ёру дуо кун,
Як рӯз фаришта сӯи мо даргузар ояд.

* * *

Эй карда зи аҳди мо фаромӯш
Дар аҳди ту шуд вафо фаромӯш.
Эй он ки намеравӣ зи ёдам,
Якбора макун маро фаромӯш.
Дар дори шифои ишқ кардем,
Бо дарди ту аз даво фаромӯш.
То дарди туам гирифт, кардам
Аз ҷумлаи доруҳо фаромӯш.
Ҳаргиз накунӣ зи Озарӣ ёд,
Шоҳо, макун аз гадо фаромӯш.

* * *

Навбаҳор он беҳ, ки азми ишратободе кунем,
Бигзарем аз бӯстон в-аз дӯстон ёде кунем.
Булбулон аз бӯи наврӯзӣ ба фарьёд омаданд,
Кам наем аз булбуле, мо низ фарьёде кунем.
Хаймаи султони гул бар сабзаву саҳро заданд,
Хез, то он ҷо равем, аз дасти ғам доде кунем.
Даҳр буньёди ҷавонӣ мекунад, соқӣ куҷост?
Мавсими айш аст то мо низ буньёде кунем.
Озарӣ, чун об дар занҷир будан то ба кай?
Чун сабо як раҳ ҳавои сарви озоде кунем.

* * *

Гуфтамаш: «Чашми ту бадмаст асту шӯху ҷангҷӯӣ»,
Гуфт: «Агар бо чашми ман дорӣ сухан мастона гӯӣ».
Гуфтамаш: «Ойина дар рӯи ту лофи ҳусн зад»,
Гуфт: «Лофи ҳусн натвонад задан ҳар содарӯӣ».
Гуфтамаш: «Умре қадатро бо миён нисбат бувад»,
Гуфт: «Яъне умри мо нисбат бувад бо тори мӯӣ».
Гуфтамаш: «Сар бар сари кӯи ту чун бояд фиганд?»
Гуфт: «Бо чавгони зулфам гар саре дорӣ чу гӯӣ».
Гуфтам: «Эй ашк, аз чӣ рӯ ой ба чашми Озарӣ?»
Гуфт: «Мехоҳам, ки оби рафта боз ояд ба ҷӯӣ».



* * *

Эй зи шукуфа тозатар, гулбуни боғи кистӣ?
Нури ду чашми равшанӣ, чашму чароғи кистӣ?
Дар дилу ҷон нишастаӣ, қуввати ҷони хастаӣ,
Қути дили шикастаӣ, марҳами доғи кистӣ?
Рӯй чу гул кушудаӣ, мушк бар ӯ фузудаӣ,
Бӯи хушӣ, ки меравӣ, атри димоғи кистӣ?
Эй ба фиреби наргисон рехта хуни ошиқон,
Рух ба чӣ сурх кардаӣ, лолаи боғи кистӣ?
Бар қади ёр, Озарӣ, хуш бисурудӣ ин ғазал,
Мурғи баланднағмаӣ, булбули боғи кистӣ?

## АЗ МУҚАТТАОТ

Маро ҳавои Самарқанд беш аз ин мебуд,
Бағояте, ки дил аз фикри хӯрду хоб гузашт.
Қунун хазони тавaққуф бирехт барги ҳавас,
Баҳори умр фаромӯшаму шитоб гузашт.
Агарчӣ худ нашудам сӯи Мовароуннаҳр
Вале сафинаи шеъри тарам зи об гузашт.

* * *

Озариро ба хоб дидам дӯш,
Ки дар оташ бисӯхтӣ ӯ низ.
Мутаҳайир шудам, ки дар дӯзах
Аз чӣ рӯ уфтода шайхи азиз.
Ҳотифе ин ҳадис бо ман гуфт:
«Бозгардад ба асли худ ҳама чиз».

* * *

Зи каҷбинист, гар чизе ба чашмат зишт меояд,
Ту вақте ростбин бошӣ, ки бинӣ зиштро зебо.
Ман онро одамӣ донам, ки дорад сирати некӯ,
Маро чӣ маслиҳат бо он ки он габр аст ё тарсо.

## АЗ РУБОИЁТ

Гирам чу мани ошиқи дарх(в)ар ёбӣ,
Ё беҳ зи мане ба неъмату зебоӣ.

Лекин ба вафодории ман дар олам
Ҳарчанд талаб кунӣ ту, камтар ёбӣ.

* * *

Эй аз ту вафову меҳрубонӣ ноёфт,
Бе васли ту лаззати ҷавонӣ ноёфт.
Васли ту чу оби зиндагонист, вале
Монандаи оби зиндагонӣ ноёфт.

* * *

Эй рафтаву баргузида бар мо дигарон,
Ман мустаҳиқи васли туям ё дигарон!
Инсоф бидеҳ равост дар мазҳаби ишқ
Дил бо туву ман бе туву ту бо дигарон?

* * *

Он бодаи лаъли ноби ҷамшедӣ ку?
В-он рӯй, ки гуфтамаш, ки хуршедӣ, ку?
Чун рафт маҳи рӯзаву ид омад пеш,
Эй ҷони ман, аз ту бӯсаи идӣ ку?

* * *

Гар лоф занам, ки ёр хушхӯст, най,
Бо ӯ ба вафову аҳд некӯст, най.
В-ин нодиратар, ки аз барои ту маро
Халқе ҳама душмананду ту дӯст най.

* * *

Онҳо, ки вафову аҳду паймон доранд,
Бо дӯст вафо кунанд то ҷон доранд.
Гар гӯш ба қавли ҳар касе хоҳӣ кард,
Соҳибғаразон сухан фаровон доранд.

* * *

Хуршедию бар тарфи чаман мегузарӣ,
Бар лолаву насрину суман мегузарӣ.
Ҷонию зи тан муфорақатхоҳӣ кард,
Умрию на бар муроди ман мегузарӣ.



## ҶОМӢ

*Нуриддин Абдураҳмон ибни Аҳмад, ки бо тахаллуси Ҷомӣ машҳур аст, аз бузургтарин шоирон, олимон, файласуфон ва мусиқашиносони тоҷик буда, 7 ноябри соли 1414 (23 шаъбони 817 ҳиҷрӣ) дар деҳаи Харҷарди тобеи шаҳри Ҷом (аз тавобеи Афғонистони имрӯза) таваллуд шудааст. Падараш Низомиддин Аҳмад, ки аз фақеҳони замон буд, дар 8—9-солагии Ҷомӣ аз Ҷом ба Ҳирот меқӯчад ва дар он ҷо Ҷомӣ дар назди падар ва дар мадрасаи «Низомия» аз Мавлоно Ҷунайди Усулӣ, Мавлоно Хоҷа Алии Самарқандӣ, Шаҳобиддин Муҳаммади Ҷоҷармӣ ва дигарон забони арабӣ, мантиқ, баён, муқаддамоти ҳисоб ва амсоли инро омӯхта, барои давом додани таҳсил тақрибан дар 22—23-солагиаш ба Самарқанд меояд ва дар мадрасаи Улуғбек аз Қозизодаи Румӣ, Улуғбек, Фазлуллоҳи Абӯлайсӣ ва дигарон ҳандасаву табиеёт, нуҷуму фиқҳ ва ғайра омӯхта, ба Ҳирот бармегардад ва бақияи ӯмрро дар он ҷо мегузаронад.*

*Ҷомӣ адабиёти форсӣ ва арабиро амиқ омӯхта, дар осори худ ба Рӯдакиву Фирдавсӣ, Низомиву Саъдӣ, Амир Хисраву Ҷалолиддини Румӣ ва Ҳофизу Қамоли Хуҷандӣ пайравӣ мекунад.*

*Ҷомӣ баъди тамом кардани таҳсил ва иқомат дар Ҳирот боз се бор ба шаҳрҳои Марв, Самарқанд, Тошкент ва ғайра сафар карда, соли 1472 (877/878 ҳиҷрӣ) ба воситаи Нишопуру Сабзавор, Бастому Домуғон, Қазвину Ҳамадон, Бағдоду Карбало, Наҷафу Мадина, Маккаву Димишқ, Ҳалабу Табрез саёҳати тӯлоние карда ба Ҳирот баргаштааст.*

*Аз Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҳудуди 50 асари адабӣ ва илмӣ боқӣ мондааст, ки машҳуртарини онҳо се девони ӯ бо номҳои «Фотиҳат-уш-шубоб», «Васитат-ул-иқд», «Хотимат-ул-ҳаёт», достонҳои «Ҳафт авранг»-«Силсилат-уз-заҳаб», «Саломону Абсол», «Тӯҳфат-ул-аҳрор», «Сабҳат-ул-аброр», «Юсуфу Зулайхо», «Лайливу Маҷнун» ва «Хирадномаи Искандарӣ» дар назм, «Баҳористон» ва «Нафаҳот-ал-унс» дар наср аст. Асари ӯ «Фавоид-уз Зиёия», ки бо номи «Шарҳи Мулло» машҳур аст, дар давоми 500 сол китоби асосии дарсии мадрасаҳои Бухоро оид ба сарфи арабӣ буд.*

*Ҷомӣ устоди устодони замон буд. Навоӣ, Беҳзод, Ҳотифӣ, Осафӣ, Суҳайлӣ ва дигарон аз шогирдони ӯ ва подшоҳони Хуросону Мовароуннаҳр, Эрону Озарбойҷон ва Туркияву Ҳиндустон дар он замон аз мухлисони вай будаанд.*

*Ҷомӣ 8 ноябри соли 1492 (17 муҳаррами 898 ҳиҷрӣ) вафот кардааст. Мадфанаш дар Ҳирот аст.*

## АЗ «ФОТИҲАТ-УШ-ШУБОБ»

### «ЛУҶҶАТ-УЛ-АСРОР»

#### (ДАР ҶАВОБИ ХУСРАВ)

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.
Чун саломат монд аз тороҷ нақди ин ҳисор?
Посбон дар хобу бар ҳар рахна дузде дигар аст.
Чист зарри ноб?— Рангин гашта хоке з-офтоб,
Ҳар кӣ кард афсар зи зарри ноб, хокаш бар сар аст.
Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дон баҳри дониш в-ӯ шаҳи баҳру бар аст.
Зан най, мардӣ куну дасти карам бикшо, ки зар
Мардро баҳри карам, занро барои зевар аст...
Кисахолӣ бош баҳри рафъати явмулҳисоб.
Сифр чун холист, з-арқоми адад болотар аст.
Ошиқи ҳамьён шудӣ, лоғар миёнаш кун зи базл,
Ҳусни маъшуқони раъно дар миёни лоғар аст.
Нест сурх аз асли гавҳар тангаи зар гӯиё,
Баҳри доғи бухлкешон карда сурх аз озар аст.
Зар бувад дар ҷайб молу майли ӯ дар ҷон вубол,
Лаъли оташранг бар каф лаълу дар дил ахгар аст.
Бигзар аз вайронаи гетӣ саломат, гарчи ҳаст
Ганҷҳо дар вай, ки бар ҳар як тилисме мункар аст.
Ҳар куҷо бинӣ дари ганҷеву бар дар ҳалқае,
Ҳалқа-ҳалқа карда море дар даҳони аждар аст.
Ҳирс кори мӯр бошад, гар равӣ бо ӯ ба гӯр
Ҳашви гӯри хештан бинӣ, ки мӯри бемар аст.
Шуд даҳони ҳирси Санҷар пур, вале аз хоки Марв
Ин сухан бишнав, ки марвӣ аз даҳони Санҷар аст.
Маънии зар атрак омад, муқбиле, к-ӯ бурд бӯ,
З-имтисоли амри зар дар тарки дуньё Бӯзар аст.



Зар бидеҳ в-аз фаҳш авлоди зиноро лаб бибанд,
Дида бошӣ қуфли зар, к-аз баҳри фарҷи астар аст?
Гарчи бошад зар хуш, ибро кун зи зар, к-«ибра»-ст тоҷ,
Баҳри Иброҳиму зар наълайни пои Озар аст.
Аз риёпеша маҷӯ ҳоҷат, ки ҷудаш оразист,
Мева кай орад дарахти хушк, к-аз борон тар аст?
Лаб наёлоянд аҳли ҳиммат аз хони хасон,
Дархури дандони анҷум гирдаи моху х(в)ар аст.
Томеон аз баҳри луқма пеши ҳар хас сар ниҳанд.
Қонеонро ханда бар шоҳу вазири кишвар аст.
Мокиён аз баҳри дона мебарад сар зери коҳ,
Қаҳқаҳа бар кӯҳу бар дар шеваи кабки нар аст.
Нафъи омма оммаро авлост, оре думми хар
Хуш магасро нест, лекин куни харро дарх(в)ар аст.
Марди косиб, к-аз машаққат мекунад кафро дурушт,
Баҳри ноҳамвории нафси дағал сӯҳонгар аст.
Соғари роҳат бувад аз касб бар каф обила,
Вақти он кас хуш, ки роҳатьёфта з-ин соғар аст.
Фарҷро банд аз гулӯ кун, к-аз занони саътарӣ
Фориғ аст он кас, ки қути ӯ зи нону саътар аст.
Ҳар киро хар сохт шаҳват ним хардил ӯ ба ақл,
Худ ба фаҳми хӯрдабинон ним хардил ҳам хар аст.
Сифларо манзур натвон сохтан, к-ӯ хубрӯст,
Мехро дар дида натвон кӯфтан, к-он аз зар аст.
Шоҳидони зарталабро орази пурхатту хол
Дар кафи томеъ ба қасди моли мардум маҳзар аст.
Рӯзгорат тира, дастат холиву дил пурҳавас,
Шаб дарозу нохунон афтода, аъзо пургар аст.
Даст деҳ бо ростон, дар қатъи пастиҳои табъ
Бе асо магзар, ки дар роҳи ту сад ҷӯю ҷар аст.
Некӣ омӯз аз ҳама, ар кам зи худ, охир чӣ айб?
Ростӣ дар ҷадвали заргар зи чӯбин мистар аст.
Нест қадри оливу дун ҷуз ба миқдори ҳунар,
Қасри шаҳро посбон бар бому дарбон бар дар аст.
Ҳикмат андар ранҷи тан таҳҷиби ақлу ҷони туст,
Қасди воиз заҷри асҳобу лагад бар минбар аст.
Комилу ноқис на яксонанд дар қатъи умур,
Он чӣ аз шамшер меояд на ҳадди ханҷар аст.
Чун кунанд аҳли ҳасад тӯфон, тариқи ҳилм гир,
Гоҳи мавҷ ороми киштиро зи сақли лангар аст.
Бо ҳасудон лутф хуш бошад, вале натвон ба об
Куштан он оташ, ки андар санги оташмузмар аст.
Гар най ҳамкор бо некон, зи ҳамномӣ чӣ суд?

Як Масеҳ иброи акма карду дигар аъвар аст.
Хӯи некӯ гирад он, к-аз нек ёбад тарбият,
Шири ҳикмат нӯшад он, к-уммулкитобаш модар аст.
Феъли нек аз некхӯён ҷӯ, ки дар тасрифи даҳр
Машқ андар сурату маънӣ ба вифқи масдар аст.
Хор-хори шак даруни дил бувад ҷонро чу кар,
Маънии «ин» к-аз барои шак бувад з-он рӯ кар аст.
Ҳаст марди тирадил дар сурати аҳли сафо
Он зани ҳинду, ки аз ҷинси сафедаш ҷодар аст.
Ҳар халал, к-андар амал бинӣ, зи нуқсони дил аст,
Рахна, к-андар қаср ёбӣ, аз қусури қайсар аст.
Бегуноҳеро ба ҷурми дигаре аз рӯи ҷаҳл
Сарзаниш кардан на расми оқили донишвар аст.
Қармро, к-аш метавон айни карам хондан чӣ айб,
Гар ба рағми мардумаш уммулхабоис духтар аст.
Ҳар чӣ меёбӣ зи вай он хосият, к-аш мумкин аст,
Таъни ӯ бар фақди ҳар номумкине мустанкар аст.

Нест кӯҳ аз баҳри ҳамроҳӣ, ки гӯӣ музмин аст,
Нест шер аз баҳри ҳамхобӣ, ки гӯӣ абҳар аст.
Сифла гар хиҷлат кашад, з-осори феъли худ кашад,
Гулханиро рӯсиёҳ аз дуд ё хокистар аст.
Гӯши ҳикмат каш талаб, не дидаи суратпараст,
Хатти кӯр аз шоҳидони хушнаво беш аз хар аст.
Чун фитад з-оҳанги сиҳҳат тори раг бар ӯди тан,
Захма баҳри сози он оҳанг захми наштар аст.
Нақши паҳлу нусхаи тафсили ранҷи шаб бас аст,
Ҷомачокеро, ки то субҳ аз ҳасираш бистар аст.
Хуш бувад хушхӯ ба ҳар сурат, ки бошад чун абир,
К-аш ба саҳв ар ғофиле тасҳиф хонад анбар аст,
Қӯси номус ар занӣ, аз чарху анҷум баргузар,
Чун дафи расвоият ин пур ҷалоҷил ҷанбар аст.

Кам нишин з-амсоли худ эмин ки бошад дар рақам
Мисли ханҷар ҳанҷар, аммо баҳри қатъ ӯ ханҷар аст.
Таъна аз кас хуш набошад, гарчи ширингӯ бувад,
Захми най бар дида сахт аст, ар ҳама найшаккар аст.
Кандани буньёди давлатро бувад селе азим
Рашҳаи килки авонон, гарчи бас мустаҳқар аст.
Гар урӯҷи нафс хоҳӣ, боли ҳиммат баркушой,
Қ-он чӣ дар парвоз дорад эътибор, аввал пар аст.
Нест аз мардӣ аҷузи даҳрро гаштан забун,
Зан, ки фоиқ гашт бар шавҳар, ба маънӣ шавҳар аст.
Роҳи узлат пӯю хуррам зӣ, ки чандин қаҳқаҳа
Қабк аз он дорад, ки дур аз халқ бар кӯҳу дар аст...



Нописандӣ гар расад аз ёри равшандил чӣ бок,
Нест айбе оби соферо, ки хошоковар аст.
Дил бипарвар баҳри файзи нав ба нав, к-аз нахли хушк
Меҳӯрад хурмои тар Марьям, ки Исопарвар аст.
Кофаре дон нафси саркашро, ки лозим ёбияш
Сар кашӣ чун саркаши кофе, ки андар кофар аст.
Соғари ишрат мазан бо зан, ки гар ҳаст аз нахуст
Роздори сатри иффат, охир аз соғар ғар аст.
Баҳра аз ҷинсият афзояд, ки чун дар фасли дай
Меҳр урьён бошад, аз вай хатти урьён уфар аст.
Дил макун бо ҷандапӯшон бад, ки ҷосуси диланд,
Баҳри ҷосусист шаҳ, к-андар либоси ҷокар аст.
Ҷора дар дафъи хавотир сӯҳбати пир асту бас,
Рахна бар Яъҷуҷ бастан хосаи Искандар аст.
Ҷони пажмурда зи файзи пир ёбад зиндагӣ,
Хизр аз хизр аст, к-аз вай сабзаи хушк ахзар аст.
Бӯи дарвешӣ надорӣ, хирқаи пашмин чӣ суд?
Чанд печӣ пушк дар нафсе, ки мушки азфар аст.

Нозпарварди ҳаво бо нафс натвонад ғазо,
Зан, ки бошад лоиқи маъзар, чу марди миғфар аст.
Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.
Олими олимақом аз баҳри чӣ хоҳад улув,
Чун «ало», к-аш маънӣ истеълову кори ӯ ҷар аст.
Муфтии тардоман аз мастӣ навозад ҳамчу даф
Дафтари худро, дафи тардоман, оре, дафтар аст.
Фалсафа — чун аксараш омад сафа, пас кулли он
Ҳам сафа бошад, ки дорад ҳукми кул, он-чаксар аст.
Фалсафӣ аз ганҷи ҳикмат чун ба фулсе раҳ наёфт,
Менадонам, дигареро сӯи он чун раҳбар аст?
Ҳукми ҳоли мантиқӣ хоҳӣ, зи ҳоли фалсафӣ
Кун қиёс онро, ки асғар мундариҷ дар ахбар аст.
Он бадахтар, к-аш мунаҷҷим гуфтай, чун ҳар асар
Пеши ӯ маснад ба ахтар шуд, худояш ахтар аст...
Ҷомӣ, аҳсант, ин на шеър, аз боғи ризвон равзаест,
К-андар ӯ ҳар ҳарф зарфе пуршароби кавсар аст.
Дар саводи хатти он анвори ҳикмат мухтафист,
Чун шаби торик обистан ба субҳи анвар аст.
Ҳамчу бикри фикри Хусрав зодааст аз лутфи табъ,
Дар камоли хубӣ ин як хоҳар он як хоҳар аст.
Эй басо хоҳар, ки бо хоҳар чу гардад ҷилвагар,
Дар ҷамол акбар бувад, ҳарчанд дар сол асғар аст.
«Луҷҷат-ул-асрор» агар созам лақаб онро сазост,

З-он ки аз асрори дин баҳре лаболаб гавҳар аст.
«Ҳуҷҷат-ул-аҳрор» агар бо он кунам зам ҳам равост,
З-он ки бар матлуби ҳар озода ҳуҷҷатгустар аст.
Мар бувад панҷоҳу чун омад ду мар абьёти он,
Дар сафову маҳкамӣ шояд,
ки гӯям мармар аст.
Соли таърихаш агар «фаррух»[1] нависам дур нест,
З-он ки сол аз давлати таърихи ӯ фаррухфар аст.

## ҚАСИДАИ ШАЙБИЯ

Сафед шуд чу дарахти шукуфадор сарам,
В-аз ин дарахт ҳамин меваи ғам аст барам.
Ба ҳам шукуфаю мева кӣ дид, турфа, ки ман
Шукуфаро нигарам бар дарахту мева х(в)арам.
Шукуфа дер напояд, шигифт аз он дорам,
Ки дам ба дам зи замона шукуфаноктарам.
Зи шири модари даҳрам зарар расид, на нафъ,
Кунун шукуфакунон баҳри дафъи он зарарам.
Зи баски ойинаам айби шайб мӯй ба мӯй
Ба рӯй дошт, наҳоҳам,
ки рӯи ӯ нигарам.
Чи гуна бинамаш охир, ки гоҳи дидани ӯ
Баёз гирад яксар сиёҳии басарам.
Баёзи мӯй бувад офати басар, чӣ аҷаб,
Агар бувад зи назар дар баёзи мӯ ҳазарам.
Агарчи нест маро дар қусури даҳр назар,
Кунун зи даҳр бувад сад қусур дар назарам.
Тиловате, ки ба шаб кардаме ба партави моҳ,
Ба рӯз менадиҳад даст дар фурӯғи х(в)арам.
Ду чашм кардаам аз шишаи фаранг чаҳор,
Ҳанӯз бас набувад дар тиловати суварам.
Бирафт гавҳари биниш зи чашму тифлисифат
Диҳад фиреб ба шиша сипеҳри ишвагарам.
Фишондаме чу гуҳар ҳарфро зи махраҷи он,
Чу буд сию ду гавҳар ниҳон ба ҳуққа-дарам.
Гуҳарфишониям имрӯз мушкил аст, ки дод
Ҷафои чарх ба тороҷи ҳуққаи гуҳарам.

[1] *Фаррух* — ба ҳисоби абҷад 880 мешавад, ки ба соли 1475 мелодӣ баробар аст.



Зи тезгӯиӣ будам чунон ки аз раҳи самъ
Ҳадиси нафси касон доштӣ ба дил гузарам.
Зи даст рафта кунун гӯшу беишорати даст.
Намешавад зи мақолоти ҳамдамон хабарам.
Раҳи ҳавос агарчанд баста шуд, ҳошо,
Ки дар сафои дироят аз он шавад гузарам.
Чӣ эҳтиёҷ ба имдоди ҳис, чу роҳ намуд,
Арӯси маънӣ бурун зи ҳаҷлаи суварам.
Нахоҳам аз қаи занбӯр кому лаб ширин,
Чу бо ҳаловати худ руста ҳамчу найшакарам.
Ҳамида гашт қадам ҳамчу «лом» то чу «алиф»,
Асо нагираму суст аст пои раҳсипарам.
Чу лои нафс бувад ин ду ҳарф, донистам,
Ки нафй мешавад аз тахтаи бақо асарам.
Зи заъфи тан шудаамончунон ки гар ба масал
Гарон шавад сарам аз хоб, бишканад камарам.
Агарна даст шавад ёри пой мумкин нест,
Ки бар нишастану бар хостан бувад зафарам.
Чу сабҳа сохт маро ҳалқа, даҳр гар хоҳам
Зи пушти ҳалқашуда мӯҳра мӯҳраро шумарам.
Ба ҳам бувад сару по ҳалқаро, аз ин сари худ
Ниҳода бар сари зону зи шом то саҳарам.
Ҷудо чи гуна кунам чеҳраи худ аз зону,
Ки баста ҳар ду ба ҳам аз таровиши ҷигарам.
Агарчи ҳалқа шудам, он гумон мабар зинҳор,
Ки ҳамчу ҳалқа бувад дар даруни дар мақарам.
Чу ҳалқа бар сари хилватсарои унс занам,
Ба сони ҳалқа бимонад фалак буруни дарам.
Муҳити кавн намояд, ки-ҳалқатин би-фулот,
Ба ҷанби арсаи ҳиммат ҳақиру мӯхтақарам.
Фарози кунгури ваҳдат нишаста он мурғам,
Ки боз раста зи доми табиати башарам.
Чу дар ҳавои қидам пар занам равад ба адам,
Ғубори олами имкон зи боди болу парам.
Агар зи хӯшаи парвин диҳанд дона маро,
В-агар зи чашмаи хуршед бошад обх(в)арам.
Ман он наям, ки кунам бол суст зи авҷи баланд,
Сӯи ҳазиз, к-аз ин обу дона баҳра барам.
Ба қасди касби ғино ганҷи зар талаб чӣ кунам,
Чу бо тавонгарии дил ғанӣ зи ганҷи зарам.
Фурӯғёфта сангест зар зи тобиши хур,
Агар ба санг кунам рӯй, обид-ул-ҳаҷарам.
Аҷузаест ҷаҳон сеҳрсозу афсунгар,

Ки сохт сехри вай аз сирри кор кӯру карам.
Натичае надиҳад чуз хасорат, арчи шавад
Казо ба фарзи маҳол аз зифофи ӯ ватарам.
Чу мокиён паи дона забуни ӯ чи шавам,
Бар ӯ чу қаҳқаҳазан рӯзу шаб чу кабки нарам.
Чу теғи тӯҳмату тири чафо расад зи ҳасуд,
Бас аст тарки худӣ хӯди нестӣ сипарам.
Чунин ки маҳбати хайру камол шуд дили ман,
Чи мунқасит расад аз таъни аҳли шуру шарам.
Пур аст гӯши ман аз сабҳаи малак чу Масеҳ,
Кучо мушавваши хотир шавад наҳики харам.
Шуд аз ҳақоиқи ирфон дилам хазинаи роз,
Газофи фалсафиён кай ба ним фулус харам?
Пари фаришта магасрони ман шавад чу ниҳанд,
Зи хони илми ладуннӣ чу Хизр моҳазарам.
Ба баҳри шеър агар фикри ман шавад ғаввос,
Бақои як гуҳар ояд хирочи баҳру барам.
Ба боғи наср агар килки ман кунад чунбиш,
Зи нахли хушк диҳад бор меваҳои тарам.
Ба бӯстони иродат агар бувад шачаре,
Ки оварад самари маърифат,
ман он шачарам.
Вале чи суд, ки дар коми завқи тирадилон,
Ҳамеша чошнии талх медиҳад самарам.
Хамуш кунам,
ки ба даъвӣ кашид савқи калом,
Ба ғайри маъни худ нест маънии дигарам.
Чу нест лофи ҳунар чуз далели беҳунарӣ,
Чаро далели иқомат кунам, ки беҳунарам?
Забон забония омад, бибуррамаш, варна,
Кашад зи ҳарзадарой ба чониби сақарам.
Чу кард бар дилам абвоби файзро мисмор,
Чӣ суд аз ин ки кунад дар суханварӣ самарам?
Бузургвор худоё, ба ҳурмати нафаре,
Ки дил нафиркаш омад зи шавқи он нафарам.
Ба ҳаққи гармравоне ки пой карда зи сар,
Тариқи пайравии пайравоншон сипарам.
Ки бош ёвари ман, то ба нерӯи ҳиммат
Либоси ҳастии мавҳуми хештан бидарам.
Раҳе намой, ки чун Чомӣ аз мазиқи вучуд
Ғалтад ба фусҳати иқлими нестӣ сафарам.
Дар он сафар хатаре чуз хаёли ҳастӣ нест,
Ба фазли шомили худ дур дор аз он хатарам!



## АЗ ТАРКИББАНДҲО

### ДАР МАРСИЯИ БАРОДАР

То кай замона доғи ғамам бар чигар ниҳад?
Як доғ нек ношуда, доғи дигар ниҳад?
Ҳар доғ, к-оварад қадаре рӯ ба беҳтарӣ,
Он доғро гузораду доғе батар ниҳад.
Зери ҳазор кӯҳи ғамам басту гар диҳад
Дасташ, ҳазор кӯҳи дигар бар забар ниҳад.
Бар хони меҳмонии ӯ ҳозир ар шавам,
Пеши ман аз кабоби чигар моҳазар ниҳад.
Сад захри ноб таъбия бошад дар ин миён,
Дар коми айши ман ба масал гар шакар ниҳад.
Чун дарнаёяд аз дари эҳсону лутф, кош,
Рахтам аз ин сарочаи эҳсон бадар ниҳад.
Донӣ, ки чист болиши роҳат аз ӯ маро?
Хиште, ки рӯзи воқеаам зери сар ниҳад.

Аз бими марг агарчӣ дилу чон чароҳат аст,
Дар вай умедворни сад гуна роҳат аст.

Мурғе ба тангнои қафас буд пойбаст,
Дасти қазо ба лутф қафасро ба ҳам шикаст.
Бикшод боли сидқу сафо дар фазои қудс,
Чавлонкунон ба кунгури қасри бақо нишаст.
Нодон, ки чуз мазиқи қафас чо надида буд,
Дар мотамаш ба нохуни андӯҳ чеҳра хаст.
Доно, ки дошт огаҳӣ аз фасҳати чаман,
Шукри худой гуфт, ки мурғ аз қафас бираст.
Мурғ аст чони поку қафас ин тилисми хок,
Он мурғ бас баланду қафас нек тангу паст.
Мурғи ту гарна бастапар аст, ин қафас чаро
Бар хештан намешиканӣ, эй қафаспараст?
Чомӣ, шикастани қафас осон бувад туро,
Гар чилвагоҳи мурғ бубинӣ чунон, ки ҳаст.

Берун аз ин қафас ҳама боғ асту навбаҳор,
Мурғон сафирзан, ки гузашт аз ҳад интизор.

Хуррам диле, ки равзаи қудсаш нишеман аст,
Фориғ зи ранчу меҳнати ин тирагулхан аст.
Маншин дар ин сарои мусаддас, ки оқибат
Чои иқомати ту сарои мусамман аст.

Равшандиле кучо, ки бувад рӯшиноси гул,
В-озодае кучо, ки забондони савсан аст?
То бингарад, ки ҳаст гули сарзада зи гил
Гулчеҳрае, ки дар таҳи гил карда маскан аст.
То бишнавад, ки савсани озоди даҳзабон,
Пурфан суханварест, к-аш аз хок мадфан аст.
Ҷомӣ, назар сӯи чаман афган бубин, ки гул
З-ин сон чаро ба хуни дил олудадоман аст?
Гулро бирафт домани ҳамсӯҳбате зи даст,
Гӯё ғалат ҳамекунам, он домани ман аст.

Гулҳо шукуфту гулрухи мо зери хок хуфт,
Моро дар ин баҳор гуле бас аҷаб шукуфт.

Хез, эй насиму рав ба ҳарими чаман, бипурс,
В-аз ҳар гулу гиёҳи чаман як сухан бипурс.
З-он гул, ки мерасад кафани сабз карда ҷок,
Ҳоли ҳарифи хуфта даруни кафан бипурс.
Бингар ба тозарӯии наврастагони боғ,
Пажмурдагии оразаш аз настаран бипурс,
Чун шамъи лола базмфурӯзи чаман шавад,
З-он шамъи нурбахш ба ҳар анҷуман бипурс.
Сарве биҷӯй бар лаби оби равону з-ӯ
Аҳволи норавонии он норван бипурс.
Фарши ҳарими сабза чу орӣ ба зери пой,
Чун аст зери хораю хор он бадан, бипурс.
Савсан чу бо забони наботӣ кунад ҳадис,
Аз хомӯшии он лаби шаккаршикан бипурс.

Ояд пас аз баҳор чаманро хазон падид,
Фасли баҳор боғи маро чун хазон расид?

Ман будам аз ҷаҳону киромӣ бародаре,
Дар силки назм ҷамъи гаронмоя гавҳаре.
З-он сон бародаре, ки дар атвори фазлу илм
Чун ӯ назод модари айём дигаре.
Дар бӯстони фазл сароянда булбуле,
Бар осмони илм дурахшанда ахтаре.
Хуршеди авҷи фазл, Муҳаммад, ки бардавом
Пеши қадам зи нури қидам дошт раҳбаре.
Як шамма аз фазоили ӯ гар кунам баён,
Ҷамъ ояд аз макорими ахлоқ дафтаре.



Дардою ҳасрато, ки зи боғи ҷаҳон бирафт,
Ноxӯрда аз ниҳоли камолоти худ баре.
Чун ӯ надид дидаи айём қарнҳо,
Равшандиле, дақиқашиносе, суханваре.

Ин нукта гӯш дор, ки дурри гаронбаҳост,
Назми бадеъи ӯст, вале ҳасби ҳоли мост:

Рафтию дарду доғи туам ёдгор монд,
Сад ҳасрат аз ту дар дили уммедвор монд.
Булбул кашида ранҷи гулистону оқибат
Гулро сабо рабуду аз ӯ баҳра хор монд.
Дарьё шуд аз сиришк канорам, вале чи суд
К-он гавҳари ягонаи ман бар канор монд?
Эй ёри меҳрубон, ба карам дастгирие,
К-аз даст рафт корamu дастам зи кор монд.
Дар ҳайратам, ки аз дили решам асар намонд,
В-ин сӯзу беқарории ман барқарор монд.
Он кас, ки буд орзӯи ҷон, зи даст шуд,
В-ин ҷони зор монда, надонам, чи кор монд.
Хоре ҳамехалид маро бар дил аз гуле,
Он гул намонду дар дилам ин хор — хор монд.

Ҳарфе, ки ёбам аз қалами мушкбори ӯ,
Созам ҳамоили дилу ҷон ёдгори ӯ.

**ҲАМ ДАР МАРСИЯ**

Он лоларух, ки бошад аз доғи мо фароғаш,
Аз дида рафт, лекин бар сина монд доғаш.
Сарве ба тозагӣ буд аз боғи лутф раста,
Зад сели қаҳр мавҷе канд аз ҳарими боғаш,
Хуррам гуле ба бӯстон бишкуфт баъди умре,
Нодида сер булбул, тороҷ кард зоғаш.
Онро, ки ин шамома даврон рабояд аз каф,
Мушкил, ки ҳеҷ атре мушкин кунад димоғаш.
З-он гумшуда, надонам, бо ман нишон кӣ гӯяд,
Ҷое нарафт, к-аз кас кардан тавон суроғаш.
Дилро раҳи бурун шуд кай бошад аз шаби ғам,
К-аз боди бениёзӣ бенур шуд чароғаш.
З-ин сон ки шуғли ҳиҷрон шуд ранҷбахши Ҷомӣ.
Кай хоби роҳат ояд бар бистари фароғаш.

## ДАР МАРСИЯИ ФАРЗАНД

Ин кӯҳанбоғ, ки гул паҳлӯи хор аст дар ӯ,
Нест як дил, ки на з-он хор фигор аст дар ӯ.
Барги роҳат маталаб, меваи мақсуд маҷӯй,
Барг бебаргию мева ғаму бор аст дар ӯ.
Нофаи мушк, ки бо ин ҳама атрафшонист,
Хуни афсурдаи оҳуи татор аст дар ӯ.
Бар раги ӯд, ки дар домани мутриб хуфтаст,
Манеҳ ангушт, ки сад нолаи зор аст дар ӯ.
Дафтари ғунча, к-аш авроқ чунин рангин аст,
Нақши камумрии гул карда нигор аст дар ӯ.
Баҳри ибрат бикушо нофи замин чун нофа,
Хатти мушкини бутон бин, ки ғубор аст дар ӯ.
Чун ҷаҳон дар ғами чавгони қазогӯи сифат
Беқарор аст, чи имкони қарор аст дар ӯ.

Беқарории ҷаҳон сабру қарорам бирабуд,
Коми дил в-орзӯи ҷон зи канорам бирабуд.

Бинигар гардиши ин чархи ҷафоойинро,
Ки чи сон зеру забар кард мани мискинро.
Рехт сад гавҳарам аз чашм чу дар силки вуҷуд,
Бурд чун дар садафи лутф Сафиуддинро.
Аз ҳарими чаманам шохи гули тоза шикаст,
То биёрояд аз ин равзаи ҳурулъинро.
Сим дар хок шавад суда, надонам, зи чи рӯ
Сохт дар пок ниҳон ин бадани симинро.
Бе рухаш дидани олам чу нахоҳад дили ман,
Бастам аз хуни ҷигар дидаи оламбинро.
Мояи шодиям он буд, надонам ба чи чиз
Шод созам ғами ин хотири андӯҳгинро.
Ҳирқати фурқати ӯ мезанад аз сина алам,
Мекашам дам ба дам оҳе зи паи таскинро.

Ҳамдами оҳ, дило, роҳ ба уллиюн ҷӯй,
Бишнав ин нуктаю дар гӯши Сафиуддин гӯй.

Рафтию сер надида рухи ту дида ҳанӯз,
Гӯш як нукта зи лабҳои ту нашнида ҳанӯз.
Чид дасти азал, эй ғунчаи навруста туро,
Як гул аз шохи амал дасти ту ночида ҳанӯз.



Бар тани очизи ту баҳри чи буд ин ҳама ранҷ?
Зери по мӯрчае аз ту наранҷида ҳанӯз?
Ҳар сари мӯй ба фарқат зи бало шуд теғе,
Фарқат аз мӯи валодат натарошида ҳанӯз.
Ин ҳама заҳр чаро рехт фалак дар комат?
Шарбати шаҳде аз ин коса нанӯшида ҳанӯз?
То туро луқма кунад, хок кушодаст даҳон,
Даҳани танги ту як луқма нахоида ҳанӯз.
Бар сари даст хиромон сӯи хокат бурданд,
Нозанин пои ту гоме нахиромида ҳанӯз.

Умр наздик шуд аз шаст ба ҳафтод маро,
Ҳаргиз ин воқеаи саъб наяфтод маро.

Рехти хуни дил аз дидаи гирьёни падар,
Раҳм бар ҷони падар н-омадат, эй ҷони падар!
Сад раҳ аз дасти қазо сина ба нохун кандӣ,
Гар наяфтодӣ аз ин рахна дар имони падар.
Навбаҳор омаду гулҳо ҳама рустанд зи хок,
Ту ҳам аз хок баро, эй гули хандони падар.
Ҷони худ бидҳаму ҷони ту иваз бистонам,
Гар бувад қобизи арвоҳ ба фармони падар.
Шуд маро дида чу Яъқуб, худоро, бифирист,
Бӯи пироҳанат, эй Юсуфи канъони падар.
Ҳамчу гул гар бизанад чок гиребони ҳаёт,
Даст хори сари хоки тую домони падар.
Хоб дидам, ки дили ҷамъ парешон кардӣ,
Рост шуд оқибати хоби парешони падар.

Чун касе нест, к-аз ӯ сурати ҳолат пурсам,
Баҳри таскини дили худ зи хаёлат пурсам.

Зери гил тангдил, эй ғунчаи раъно, чунӣ?
Бе ту мо ғарқа ба хунем, ту бе мо чунӣ?
Силки ҷамъияти мо бе ту гусастаст зи ҳам,
Мо, ки ҷамъем, чунинем, ту танҳо чунӣ?
Бар сари хоки туам, эй ки аз ин пеш маро
Будаӣ тоҷи сар, имрӯз таҳи по чунӣ?
Бе ту дар рӯи замин танг шуда бар ман ҷой,
Ту, ки дар зери замин сохтаӣ ҷо, чунӣ?
Мешавад дидаи бино зи ғуборе тира,
Зери хок омада, эй дидаи бино, чунӣ?

Хӯрд ғамҳои туам, ваҳ, ки хаёли ту гаҳе
Менапурсад, ки дар ин хӯрдани ғамҳо чунӣ?
Рӯ ба саҳрои адам тофтӣ аз шаҳри вуҷуд,
Ман аз ин шаҳр малулам, ту ба саҳро чунӣ?

Гарчи ҷону дилам аз новаки ҳиҷрон ҳастӣ,
Ба сабукрӯҳӣ аз ин вартаи ҳирмон растӣ?

Ҳайф будӣ ту чу дурре ба кафи бадгуҳарон,
Ё чу ту ойинае дар назари каҷназарон.
Ҳайф будӣ чу ту шамъе зи саропардаи қудс,
Рух бирафрӯхта дар анҷумани бебасарон.
Ҳайф будӣ чу ту моҳе ҳамагӣ дархӯри меҳр,
Теғи кин хӯрда дар ин маъракаи кинаварон.
Омадӣ поку шудӣ пок паси пардаи ғайб,
Даст ноёфта бар тӯҳмати ту пардадарон.
Эй хуш он дилбари гулчеҳраи хушлаҳҷа,
ки рахт
Зуд барбаст зи ҳангомаи кӯрону карон.
Нест дар кори фалак маҳкамие, кош, қазо
Афганад санг дар ин коргаҳи шишагарон.
Чу кунад пири ҷаҳондида таманнои бақо,
Бори рафтан чу бубанданд аз ӯ хурдтарон.

Ҷомӣ, он беҳ,
ки дар ин марҳила он пеша кунӣ,
Ки зи марги дигарон марги худ андеша кунӣ.

Шарбати талх расад охир аз ин ҷом туро,
Ком нохуш кунад ин ҷуръа ба ноком туро.
Доми талбис бувад, ҳарчи дар ин сайдгаҳ аст,
Ҷуз фано во нараҳонад кас аз ин дом туро.
Хок шав, хок зи оғоз, ки даврони сипеҳр
Хок созад ба таҳи пой саранҷом туро.
Рақами номӣ худ аз тахтаи ҳастӣ битарош,
К-охир аз лавҳи бақо маҳв шавад ном туро.
Ба фаромӯшии худ ном баровар з-ин пас,
Ки фаромӯш кунад гардиши айём туро.
Мекунӣ орзӯи пухтагӣ аз ҳар хоме,
Чанд дил ранҷа бувад з-ин тамаъи хом туро?

Рӯ ба девор куну сар ба гиребон даркаш,
Ҳар чӣ ҷуз ҳастии ҳақ домани худ з-он даркаш.



## МУРАББАЪ

Ало эй моҳи авҷи дилрабоӣ,
Ки хели некувонро подшоӣ.
Макун, то метавонӣ, бевафоӣ,
Ки дур аст аз тариқи ошноӣ.

Зиҳӣ дар дилрабоӣ шӯху ҷолок
Ҳазорон ҷони покат сайди фитрок.
Ба роҳи тавсанат халқе шавад хок,
Савора ҳаргаҳ аз роҳе дароӣ.

Шабе хоҳам ниҳон аз посбонат
Бимолам рух ба хоки остонат.
Нагӯям ҳастам аз хели сагонат,
Ки чандин хуш набошад худситоӣ.

Макун тарки раҳил, эй турки сармаст,
Ки хоҳад шуд инони ақлам аз даст.
Маро чун риштаи ҷон бо ту пайваст,
Набошад тоқати рӯзи ҷудоӣ.

Чу гул, к-ӯро барад боди баҳорӣ,
Ба сад таъҷил меронӣ иморӣ.
Ман аз пай чун ҷарас нолон ба зорӣ,
Бувад раҳме кунӣ, лутфе намоӣ.

Ба ҷон омад зи дарди дурият дил,
Ғами ҳиҷрон аҷаб корест мушкил.
Ба сурат гарчӣ рафтӣ аз муқобил,
Ҳанӯз андар миёни ҷони моӣ.

На дардамро даво пайдо, на марҳам,
Сазад гар набвадам парвои олам,
Ману кунҷи фироқу гӯшаи ғам,
Ту бо сад ишрат акнун, то куҷоӣ?

Гаҳ аз дил нола бар гардун расонам,
Гаҳе аз дида сели хун фишонам.
Чу донӣ ошкорову ниҳонам,
Зи ҳоли ман чунин ғофил чароӣ?

Бирав Ҷомӣ, ба сӯзи дард месоз,
Макун чун ӯд ҳар дам нола оғоз.
Касе, к-ӯ монад аз дилдори худ боз,
Зи дарду ғам куҷо ёбад раҳоӣ?

## АЗ «ВОСИТАТ-УЛ-ИҚД»

### ҒАЗАЛҲО

Эй карда ниҳон шарми ҷамоли ту париро,
Рӯи ту хиҷил сохта гулбарги тареро.
Бе ту ба чаман рехтам аз дида басе хун,
Ин аст сабаб сурхии беди табариро.
Олам ҳама дарҳам шуд аз он рӯз, ки доданд
Машшотагии зулфи ту боди саҳариро.
Ҳар гаҳ ки хиромон шудаӣ барзада доман
По омада дар санг зи ту кабки дариро.
Азбаски зи ту шаҳр пур аз доми бало шуд
Имкони гузаштан набувад раҳгузареро...
Якрангии Ҷомӣ чӣ шиносӣ, чу надидӣ
Бар чеҳраи коҳаш ту сиришки ҷигареро.

* * *

То дидаам чу гул ба таҳи пираҳан туро,
Гулбарги тоза хондаам аз лутфи тан туро.
Аз тору пуд ранҷа шавад нозанин танат,
Беҳ гар кунанд ҷома зи барги суман туро.
Ту он бутӣ, ки ҳеҷ бараҳман ба буткада
Бутро надошт дӯст бад-ин сон, ки ман туро.
Он турки нофарӣ ту, ки баҳри ҳалоки ман
Карданд номзад зи Хитову Хутан туро.
Мужда диҳӣ, ки ҷони ту бас нархи бӯсаам,
Пеш ор сар, ки бӯса занам бар даҳан туро...
Ҷонон ки ҷони туст, зи ту соя баргирифт,
Ҷомӣ, чӣ мумкин аст дигар зистан туро?

* * *

Абри тунук занад ба замин нарм-нарм об,
Не гарду не гил аст, на соя, на офтоб.



Дар кӯҳ ҷоми лола пур аз шабнами саҳар,
Дар дашт фарши сабза тар аз рашҳаи саҳоб.
Вақт аст агар пиёда ба саҳро бурун равем.
Даст аз инон надида ано пой аз рикоб.
Ҳамраҳ барем рағми сафеҳони шаҳрро
З-асбоби айш ҳар чӣ шуморад хирад савоб.
Бо чанд ёри поксамири латифтабъ
Софидилу латифашиносу дақиқаёб.
Омезгортар ба ҳам аз шир бо шакар,
Пайвандҷӯтар ба ҳам аз нуқл бо шароб.
Не талх ронда бар лаби ширинашон мизоҷ,
Не чин фиганда дар хами абрӯяшон итоб.
В-ар дилбаре латиф намояд зи ғайб рӯй,
Чун моҳ бе ниқобу чу хуршед бе ҳиҷоб.
Гоҳе ба он зи ғамзаи хунрез дар ҷадал,
Гоҳе ба ин зи лаъли шакарбор дар хитоб.
Он худ атийяест, ки дар фаслҳо сухан
Натвон адои шукри висолаш ба ҳеҷ боб.
Ҷомӣ, даҳонубанд, ки сардояд ин нафас
Акнун ки субҳи шайб дамид аз шаби шубоб.

* * *

Лола бин дар Бесутун чун ғарқи хун афтодааст,
Гӯӣ аз кон оташин лаъле бурун афтодааст.
Не ғалат кардам, ки аз сӯзи даруни Кӯҳкан
Шӯъла дар домони кӯҳи Бесутун афтодааст.
Чун раҳам аз зулфи мушкинат, ки дар ҳар ҳалқааш
Сад дили доно ба занҷири ҷунун афтодааст.
Рӯзам аз бемеҳрият шаб гашту он шабро шафақ
Бар рухи зардам сиришки лолагун афтодааст.
Бори ҳиҷрони ту чун санҷам, ки ин бори гарон
Аз тарозӯи қиёси ман фузун афтодааст.
Дил, ки метобад ба рӯ, рӯят зи роҳи дида хаст
Хонае, к-аз равзани он моҳ дарун афтодааст.
Тавқдорони ғамат гарданкашони оламанд,
Дар миёни он ҳама Ҷомӣ забун афтодааст.

* * *

Бе ҷамолат савти мутриб мояи дарду ғам аст,
Бе рухи гул нағмаи булбул нафири мотам аст.

Кай ба қонуни тараб гардад маро оҳанг рост,
Инчунин к-аз бори дил чун чанг пушти ман хам аст.
Бар рухат х(в)ай ҳаст акси қатраҳои ашки ман,
Ё чакида бар суман борону бар гул шабнам аст.
Дарди ҳиҷронро набошад нисбате бо ранҷи марг,
Дарди ҳиҷрон рӯзгорон, ранҷи мурдан як дам аст.
Ҳар табиберо, ки пурсидам илоҷи ишқ, гуфт:
Дарди ошиқ бемудавво, доғи ӯ бемарҳам аст.
Хонаамро сақф ғам, девор меҳнат, дар балост,
Кас чунин хона надида то бинои олам аст.
Ошиқон бисьёр дорӣ гарчи, Ҷомӣ аз ҳама
Кам бувад дар доми ту, чун ӯ гирифторе кам аст.

* * *

Бирафт ёру маро дар фироқи хеш гузошт,
Дарунфигору ҷигарчоку синареш гузошт.
Надонам аз ғами ҳаҷраш паноҳ бар кӣ барам,
Чу ишқи ӯ на маро ошно, на хеш гузошт.
Ҳазор қофила ошиқ, равонаш аз пасу пеш,
Маро зи мавкаби хосон на пас, на пеш гузошт.
Зи бахти худ чӣ умедам бувад, ки маро
Ба ёри арбадакӯши ситезакеш гузошт.
Гузошт баҳри ҳама ошиқон басе ғаму дард,
Вале насиби мани бенасиб беш гузошт.
Хуш он табиб, ки нешаш аз реши дил чу кашид
Барои марҳами он порае зи неш гузошт.
Гирифт гирьяи Ҷомӣ бар ӯ чу Ому роҳ,
Чу кард азми Самарқанду дар Ҳари-ш гузошт.

* * *

Ҳанӯз як гули ту аз ҳазор нашкуфтаст,
Ба боғи ишқ чу булбул ҳазор ошуфтаст.
Қабои танг кушодӣ зи пираҳан, ҳаргиз
Ба лутфи ту гуле аз боғи ҳусн нашкуфтаст.
Даҳони хомӯши ту гавҳарест носуфта,
Зиҳӣ латофати табъе, ки ин гуҳар суфтаст.
Куҷо зи меҳнати бехобиям хабар ёбад
Қасе, к-аз аввали шаб то дами саҳар хуфтаст.
Дилам нишемани ғайр, аз хаёли ту ҳиҷилам,
Ки меҳмон азиз асту хона норӯфтаст.



Сиришкам аз мижа берун ба хуну хок афтод,
Бад-ин сазост, бале, ҳар ки роз нанҳуфтаст.
Чарост мояи шӯридахотирӣ ин шеър?
Агарна Ҷомии шӯридахотираш гуфтаст.

* * *

Ёр рафту хайрбоде ҳам накард,
З-ин фаромӯшкарда ёде ҳам накард.
Бар муроди хеш рӯ дар раҳ ниҳод,
Рӯ ба сӯи номуроде ҳам накард.
Бандае будам ба кӯяш хоназод,
Фикри ҳоли хоназоде ҳам накард.
Дар қафои ӯ давидам ҳамчу ашк,
Марҳаматро истоде ҳам накард.
В-аз паси рафтан мани ғамдидаро
Шодӣ чӣ-бвад, нимшоде ҳам накард.
Номае бар боли мурғе ҳам набаст,
Пурсише ҳамроҳи боде ҳам накард.
Ҷомӣ аз бедоди он ҷони ҷаҳон
Дод ҷон сад бору доде ҳам накард.

* * *

Гар ҳамчу ӯд чо диҳадам дар канор ёр,
Аз дасти ӯ кунам бари ӯ нолаҳои зор.
Гӯям бад-ӯ, ки эй, ба сарангушти марҳамат
Бигрифта набзи музтарибамро табибвор,
Дар изтироб набзи маро ихтиёр нест,
Ишқи ту бурдааст зи дасти ман ихтиёр.
Аз гӯшмоли ҳаҷри ту чун нола баркашам,
Гӯше ба нолаҳои мани ҳаҷрдида дор.
Ошиқ, ки нолад аз ғами ҳиҷрон бад-он хуш аст,
К-овози ноларо бирасонад ба гӯши ёр.
Булбул шавад дароззабон дар навои ишқ,
Чун гӯши хеш паҳн кунад гул зи шохсор.
Гӯянд баҳри чист чунин беқарорият,
Чун дар канори ёр бувад ҳар дамат қарор.
Гӯям, ки то ғубори дуӣ дар миёна ҳаст,
Бошад нуҳуфта чеҳраи ваҳдат дар ғубор.
Ҷомӣ, ба оби дида нишон он ғуборро,
То бе ғубор ёр шавад бар ту ошкор.

* * *

Эй карда зи ҳоли ман фаромӯш,
Чун ҷон, ки кунад зи тан фаромӯш.
Гуфтам, ки бари ту қисса гӯям,
К-ин гуна макун зи ман фаромӯш.
Дидам рухи ту зи дуру кардам
Аз қиссаи хештан фаромӯш.
Бо ҷонканиям замона кардаст
Аз меҳнати Кӯҳкан фаромӯш.
Харҷо ки мусофирест, карда
Дар кӯи ту аз ватан фаромӯш.
Бо бӯи ту карда ҷони Яъқуб
Аз Юсуфу пираҳан фаромӯш.
Карда ба ҳавои тарфи бомат
Мурғи чаман аз чаман фаромӯш.
Ҷомӣ, суханат шуниду бар вай
Шуд қоидаи сухан фаромӯш.

* * *

Маро то кай ҷигархун дорӣ, эй дил,
Сиришкамро ҷигаргун дорӣ, эй дил.
Шудӣ ҳамдам даруни дида бо ашк,
Ҳамоно азми берун дорӣ, эй дил?
Маро саргашта дорӣ гирди олам,
Ту ҳам ойини гардун дорӣ, эй дил.
Ба Лайлизулф моҳе майл кардӣ,
Қадам дар роҳи Маҷнун дорӣ, эй дил.
Зи асрори муҳаббат шуд ҷаҳон пур,
Чӣ гавҳарҳои макнун дорӣ, эй дил.
Ба афсун ром кардӣ сад парирo,
Ба зери лаб чӣ афсун дорӣ, эй дил?
Зи ҷанду чун гузашт андӯҳи Ҷомӣ,
Зи ҳоли ӯ хабар чун дорӣ, эй дил?

* * *

Хуш он ки рӯи ту бинам, дар изтироб шавам,
Чун зарра рақскунон маҳви офтоб шавам.
Зи рух ниқоб барафган, худойро, з-он пеш,
Ки зери хок зи ҳаҷри ту дар ниқоб шавам.



Ба ранги ҷомаи ту кас мабод, чанд зи дур
Ба дидани дигаре баҳри ту хароб шавам.
Лаби ту ҳаст бирахшанда лаъл, чун нигарам,
Ба каф зулол, ҷаро ташна дар сароб шавам.
Чу хайма гар накунӣ соя бар сарам, ин бас
Ки тавқдори ту аз ҳалқаи таноб шавам.
Зи хоби марг шавад ҷони ошиқ осуда,
Биё, ки дар қадамат сар ниҳам, ба хоб шавам.
Ба гирья гуфтаи Ҷомӣ чу хонам аз ғами ту,
Канору ҷайб пур аз гавҳари хушоб шавам.

* * *

Маҳи туркизабони ман надонад форсӣ чандон,
Чу гӯям бӯса деҳ, мушкил ниҳад бар форсӣ дандон.
Парерам буд дар дил шавқи ӯ чандон ки мемурдам,
Чу омад дӣ, дучандон гашту ҳаст имрӯз сад чандон.
Зи ғайраш дида дарбастам, макун, гӯ, ҷо ба дил ҳар бут,
Ки ин шаҳрест аз омадшуди бегона дарбандон.
Чи ҳосил гар шуд аз сандони дилҳояш танам ҳалқа,
Чу накшояд даре бар рӯи ман з-ин ҳалқаву сандон.
На Юсуф дошт танҳо меҳнати зиндон, ки чун Юсуф
Ба зиндон рафт, бе ӯ бар Зулайхо шуд ҷаҳон зиндон.
Ман абри навбаҳорам, ӯ гули хандон, аҷаб набвад
Агар бошам ба боғи даҳр ман гирьёну ӯ хандон.
Бутон фарзанду Ҷомӣ нест ҷуз Яъқуби ғамдида,
Ки машъуфи ҷамоли Юсуф аст аз ҷумла фарзандон.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Ранҷи бегона дар сафар бурдан
З-ошнои ватан басе беҳтар.
Зистан чун ба коми хасм бувад,
Мурдан аз зистан басе беҳтар.

* * *

Эй ки дар тоҷу нигин дорӣ рӯй,
То ба кай тоҷу нигин хоҳад монд?

Мулки ҳастӣ ҳама тай хоҳад шуд,
На замону на замин хоҳад монд.
То тавонӣ ба ҷаҳон неки кун,
Қ-аз ҷаҳон бо ту ҳамин хоҳад монд.

* * *

Кунам ҳарфе зи ҳикмат бар ту имло,
Ки шояд гар ба оби зар нависӣ,
Ба заҳри хеш агар даст оварӣ беҳ,
Ки аз шаҳди касон ангушт лесӣ.

* * *

Ба саҳро дид море он муханнас,
Ки аз мардӣ набудаш ҳеҷ ранге.
Зи бими мор меларзиду мегуфт,
Ки инак мор, ку мардею санге?

## АЗ РУБОИЁТ

Бастӣ камари видоъу з-ин шева маро
Ҳам даст зи кор рафту ҳам пой зи ҷо.
Не даст, ки домани ту гирам, ки марав,
Не пой, ки дар паи ту оям, ки биё.

* * *

Як нима зи умр дар батолат бигузашт,
Як нима ба ташвиру хиҷолат бигузашт.
Умре, ки даме аз ӯ ҷаҳоне арзад,
Бингар, ба чу ҳилату чи ҳолат бигузашт.

* * *

Дар дида зи ту абре баҳорӣ дорам,
Бар чеҳра шукуфта лолазоре дорам.
Лутфе бинамову парда аз талъати хеш
Бикшо, ки азим интизорӣ дорам.



* * *

Хастам зи алоиқи ҷаҳон озода,
Дорам ҳама асбоби тараб омода.
Ашъор надиму касби дониш — маъшуқ,
Дафтар дафу килк — най, сиёҳӣ — бода.

* * *

Навбоваи бӯстони латоиф сухан аст,
Дебочаи девони маориф сухан аст.
Сирре, ки муқаддасон аз он маҳруманд,
Сар барзада аз забони ориф сухан аст.

## АЗ «ХОТИМАТ-УЛ-ҲАЁТ

### ҒАЗАЛҲО

Ҷуз ҳавои васли ту дар сар ҳавас набвад маро,
Гар кунӣ парвои ман, парвои кас набвад маро.
Баста ҷон эҳроми кӯи туст, қолаб маҳмилаш,
Ҷуз дили нолон дар ин маҳмил ҷарас набвад маро.
Маст мегардам ба даври лаъли ту дар шаҳру кӯй,
Ҳеҷ бок аз шаҳнаву бим аз асас набвад маро,
Даст мехоҳам ба поят соям молам ба рӯй,
Беш аз ин чизе зи лутфат мултамас набвад маро.
Як нафас мехоҳам аз лаъли лабат дар кори хеш,
Лек ҳаргиз бо ту ҳадди ин нафас набвад маро.
Баъди дерам кардаӣ дашном, ҳолӣ бас макун,
З-он ки сад чандин ба ҳар дам аз ту бас набвад маро.
Гуфтаӣ: Ҳар дам расад аз Ҷомиям шеъре ба даст
Чун кунам, з-ин хидмате беҳ дастрас набвад маро.

* * *

То кард ҷо ба гӯшам овозаи ҷамолат,
Хилватсарои дил шуд ҷавлонгаҳи хаёлат.
Дар ҳаҷри ту бимурдам, нашнида бӯи васлат,
Дар дом дарфитодам, нодида зулфу холат.

Ту шоҳи мулки ҳуснӣ, ман тангдил гадое,
Дар хотирам нагунҷад андешаи висолат.
Шарҳи малолати хеш аз ҳаҷри ту чӣ гӯям,
Тарсам, ки табъи нозук гирад аз он мулолат.
Дар осмон натобад моҳе ба эҳтиромат,
Дар бӯстон нарӯяд сарве ба эътидолат.
Аз осмон маҳ афтад дар саҷда бар заминат,
Гар бар замин битобад як гӯша аз ҳилолат.
Гуфтӣ, ки сурхрӯ шуд Ҷомӣ зи назми рангин,
Оре, зи гуфтаи худ дорад басе хиҷолат.

* * *

Маҳ, ки аз хиҷлати он шамъи шакарлаб бигурехт,
То ки расво нашавад зуд шабошаб бигурехт.
Монеи мурғи дил аз тавфи дараш қолаб буд,
Боли ҳиммат заду аз сӯҳбати қолаб бигурехт.
Доман аз мо ба мулоқоти рақибон дарчид,
Беадаб буд зи ёрони муаддаб бигурехт.
З-он табибам шуда бемор, ки беморонро
Дарди сар рафт зи дидори вою таб бигурехт.
Ном дар Миср и муҳаббат ба Азизеш нарафт,
Ҳар киро Юсуфи дил з-он чаҳи ғабғаб бигурехт.
Тоби хуршеди ҷаҳонтоб кай орад деве,
Ки шаби тира зи рахшидани кавкаб бигурехт.
Шаб ки «ёраб» задам аз ҳаҷри ту то кунгури арш,
Мурғи боми фалак аз наваки «ёраб» бигурехт.
Буд бар рӯи мусаббиб зи мусаббаб парда,
Ҷомӣ аз завқи мусаббиб зи мусаббаб бигурехт.

* * *

Бар офтоб силсилаи пурщикан мапеч,
Мушкин таноб бар вараҳи ёсуман мапеч.
Захмам задӣ ҳазор зи як нукта, эй рақиб,
Монанди мор ин ҳама бар хештан мапеч.
Бар тан шаҳиди ишқи туро хун либос бас,
Чун мурдаи фусурдааш андар кафан мапеч.
Хоҳам, ки сар ниҳӣ ба канорам ба вақти хоб
Имшаб, худойро, ки сар аз ҳукми ман мапеч.
Бошад, дило, фасонаи он зулф бас дароз,
Тӯморвор дар сифаташ бар сухан мапеч.



Бӯяш ба ҳар машом дареғ ояд, эй насим,
Мағзар бар он қабову дар он пираҳан мапеч.
Ҷомӣ туро камол бас аст ин тариқи хос,
Дар таври шеъри Хисраву назми Ҳасан мапеч.

* * *

Саҳаргоҳон, ки аз боди сабо бӯи баҳорон зад
Ба гулгашти чаман булбул салои майгусорон зад.
Бино шуд ҷуз барои майгусорон арсаи бӯстон,
Ки ҷорӯбаш насими субҳ, обаш рашҳи борон зад.
Зи гул ҳар гулбун омад гулъузори хурраму хандон,
Хуш он кас гавҳари гулкӯб ба рӯи гулъузорон зад.
Ба айби орифон бикшод лаб шайхи дағопеша,
Бубин қаллобро чун таъна бар соҳибъиёрон зад.
Бад-ӯ кардам рухи уммед, ҷаст аз кӯи ӯ боде,
Ғубори ноумедӣ дар рухи уммедворон зад.
Мунаққаш гашт девораш зи хуни ошиқи бедил
Бар он ҷо баски сар чун хомаи суратнигорон зад.
Нарафт аз ҷо дили ман бо хаёли хеле мижгонаш,
Чу султони диловар бар сафи ханҷаргудозон зад.
Дуои давлати ӯ дошт Ҷомӣ гӯи истидъо,
Ки дасти масъалат дар домани парҳезгорон зад.

* * *

Лабат дилдузду ман аз вай шакардузд,
Қам афтодаст ин сон дузд бар дузд.
Зи чашмам шуст чашмат сурмаи хоб,
Ба айёрӣ барад кӯҳл аз басар дузд.
Танатро бингарам дуздида з-он сон
Ки бар сими касон дӯзад назар дузд.
Агар дуздидаат бинам, макун айб,
Ки дуздиро надонад ҷуз ҳунар дузд.
Ғамат бар дил зи ҳар сӯ ғорат овард,
Даромад хонаро аз бому дар дузд.
Ҳаросам шаб ба кӯят аз рақибон,
Ба шабҳо аз сагон дорад, хатар дузд.
Сари дурҷи сухан макшой Ҷомӣ,
Мабодо дар камин бошад гуҳардузд.

* * *

Моҳе чу рухат фалак надорад,
Курси маҳи ӯ намак надорад.
Лутфе, ки ту дар сиришт дорӣ,
Инсон чӣ бувад, малак надорад.
Холе ба рухат бизан, ки бе хол
Чашмест, ки мардумак надорад.
Аз бода бувад нуфури зоҳид,
Қалб орзӯи маҳак надорад.
Ҳар кас даҳани ту дид хандон,
Дар қисмати нукта шак надорад.
Шаб бе ту маро ба зери паҳлу
Гул ҷуз халиши хасак надорад.
Ҷомӣ, ки ҳазор хоб донад
Ҷуз ту сари ҳеҷ як надорад.

* * *

Нозанино, як шабе бо ошиқон дамсоз бош,
Тоҷи раъной ба сар, султони тахти ноз бош.
Шамъи маҷлис шав-ба он рухсора к-ӯ ушшоқро
Мурғи ҷон гирад, ту чун парвона дар парвоз бош.
З-абрувон зеҳ кун камон, к-аз баҳри қатли ошиқон
Аз мижа навак фиган в-аз ғамза тирандоз бош.
Бо лаби лаълу хати навхезу зулфи мушкбез
Ҳар балоро аввалу ҳар фитнаро оғоз бош.
Пой то сар раҳматӣ ҳардам мабанд аз ноз чашм
Ин дари раҳмат ба рӯи бедилон, гӯ, боз бош.
То ба кай бошӣ, дило, маҳрум аз он мӯи миён,
Чун камар гирдаш дароӣ в-аз маҳрамон бо роз бош.
Хоҳадат рӯзе ба базми васл хондан лутфи дӯст,
Ҷомиё, гар ҳушмандӣ, гӯш бар овоз бош!

* * *

Надидам аз ду чашмат шӯхтар чашм,
Баранд аз мардумон дил чашм дар чашм.
Бувад хоки дарат кӯҳли саодат,
Макун он сурмаро зоеъ ба ҳар чашм.
Маро бо гирьяву андӯҳ кор аст,
Зи ашки шодиям кам гашта бар чашм.



Гули раънои он боғӣ, чӣ дорӣ
Чу наргис аз хасон аз симу зар чашм.
Ба хилватгоҳи дил чун мекунӣ ҷой,
Зи мижгон мекунад мисмор дар чашм.
Ба уммеди нисори мақдами туст,
Ки дорад доманамро пургуҳар чашм.
Агар як чашми Ҷомиро ба тире
Бидӯзӣ, беш аз он дорад дигар чашм.

* * *

Ҳама як сӯ вувад нодидани он гулбадан як сӯ,
Фироқи бекасӣ як сӯ бувад, доғи ватан як сӯ.
Саҳар бар ҷониби гулзор рафтам баҳри гул чидан,
Фиғони булбулон як сӯ бувад, сайри чаман як сӯ.
Ки ҳайфи одамизод аст дар ин умри ду-серӯза
Ба зери хок меафтад кафан як сӯву тан як сӯ.
Зи кӯҳи Бестутун ногаҳ садо омад ба гӯши ман,
Ки зарби теша як сӯ, зарби дасти Кӯҳкан як сӯ.
Тамоми шоиронро ҷамъ агар созанд дар маҳшар,
Ҳама як сӯ бувад, ин Ҷомии ширинсухан як сӯ.

* * *

Ҳалқаи зулфро кушод мадеҳ,
Умри савдонён ба бод мадеҳ.
Кушта бодо ба ханҷари бедод
Ҳар кӣ омӯзадат, ки дод мадеҳ.
Ноқаи азми тезпои маро
Ҷуз ба кӯи худ истод мадеҳ.
Биништин хуш даруни дидаи ман,
Ҷои мардум дар ин савод мадеҳ.
Чун диҳӣ зоди раҳравон ғаму дард,
Ҳеҷ касро зи ман зиёд мадеҳ.
Ёди ман кун ба лутф, лек маро
Он чӣ ман кардаам, ба бод мадеҳ.
Номуродӣ муроди Ҷомӣ бас,
Роҳи ӯ ҷуз бад-ин мурод мадеҳ.

* * *

Ёр зулфи дуто ба ҳам баста,
Сад каманди бало ба ҳам баста.

Чаъди мушкини ӯ ба ҳар ҳалқа
Сад дили мубтало ба ҳам баста.
Ду лабаш баста шуд ба мо ба сухан,
Ду шакар, гӯиё, ба ҳам баста.
Пеши он рӯй чист дастаи гул?
Чанд шохи гиё ба ҳам баста.
Чун ду зулфаш аз ӯ ду дасти рақиб
Хуш бувад аз қафо ба ҳам баста.
Номаи мо ба ӯ бувад сӯи шоҳ
Ду-се ҳарф аз гадо ба ҳам баста.
Шеъри Ҷомӣ шуниду гуфт назир,
Ин ҳама аз куҷо ба ҳам баста?!

* * *

Эй шӯҳра дар замона ба ширинишамоилӣ,
Таъвизбанди ҳусни ту чархи ҳамоилӣ.
Ҳоҷат ба қиблаи дигарам нест дар намоз,
Ҳар ҷо, ки меравам ту маро дар муқобилӣ.
Бо истиқомате, ки қадат дошт муттасил,
Чун абрувон ба куштани ушшоқ моилӣ.
Хубон чу моҳ аз ту кунанд иқтибоси нур.
Бе оби иқтибос ту хуршеди комилӣ.
Эй ошно, чӣ ғаҳӣ аз ҳоли мо туро?
Мо ғарқу ту назоракунон гирди соҳилӣ.
Риндию ошиқӣ ҳама ранҷ асту меҳнат аст,
Хушвақт порсоии аз ишқ ғофиле.
Ҷомӣ зи захми теғи ту медод ҷону буд
Вирди забони ӯ «Раҳам-аллоҳу қотилӣ».

**АЗ МУҚАТТАОТ**

Дар ин нишемани идбор, Ҷомиё, коре
Агар кунӣ, на чунон кун, ки шармсор шавӣ.
Ниҳоди чархи фалак чун зумуррадин кӯҳест,
Ки ҳар садо, ки бад-ӯ дардиҳӣ, ҳамон шунавӣ.
Басити рӯи замин мазраъи мукофот аст,
Ки дона, ки дар ӯ афганӣ, ҳамон даравӣ.

* * *

Зи бас ки аз ошноён захм хӯрдам,
Занад гар ҳалқа гирдам аждаҳое,



Наёяд бар дили ман сахттар з-он,
Ки кӯбад ҳалқа бар дар ошное.

* * *

Аблаҳеро чу бахт баргардад,
Умр дар кори батну фарҷ кунад.
Аз заифон ба зулм бистонад,
Бо ҳарифон ба фисқ харҷ кунад.

* * *

Ба фасли дай аз барфҳои паёпай
Фитодаст дар хонаам қаҳтсоле.
На аз гӯшт чандон, ки ояд ба дандон,
На аз ҳима чандон, ки созам хилоле.

**АЗ РУБОИЁТ**

Эй ишқ, ки бо ҳазор чун бечунӣ,
Аз ҳар чӣ гумон баранд, аз он берунӣ.
Ҳафтоду ду миллат он чӣ гуфтанд туро,
Ҳастӣ ҳамаву аз ҳама ҳам афзунӣ.

* * *

Гар бӯи ту аз боди саҳар ёфтаме,
Аз давлати ҷовидон хабар ёфтаме.
В-ар бар дарат имкони гузар ёфтаме,
Асбоби саодат ҳама дарёфтаме.

* * *

З-он гуна к-аз абр омадӣ барф ба бор,
Имрӯз кунад шукуфаро бод нисор.
Бин, барфу шукуфа чӣ ба ҳам монананд,
Он ҳаст шукуфаи дай, ин барфи баҳор.

* * *

Хоча, ки надида чашми кас хонашро,
Нашкаста ба дандони тамаъ нонашро.
Дарьюзагаре хост зи вай муште орд,
Қард орд ба захми мушт дандонашро.

* * *

Даврони фалак нест ба мо рост ҳанӯз,
Бо мо дар банди шӯру ғавост ҳанӯз.
Бе чурм бирехт хуни мо хастадилон,
В-ин турфа, ки чурм аз тарафи мост ҳанӯз.

* * *

Эй маҳ зи фурӯғи роят афрӯхта чеҳр,
Бар расми фадӣ гирди сарат гашта сипеҳр.
Афшон зи саҳоби карам обе, ки дамад
Аз шӯразамини аҳли кин сабзаи меҳр.

* * *

То бар сари худ пот набинам, наравам,
То бар дари худ чот набинам, наравам.
Баҳри ту зи дида манзаре сохтаам,
Дар манзари худ тот набинам, наравам.

* * *

Рафтӣ сӯи гашту н-омадӣ, чун аст ин,
Як ҳафта гузашту н-омадӣ, чун аст ин.
Гуфтӣ, ки чу ҳафтае шавад, боз оям,
Шуд ҳафти ту ҳашту н-омадӣ чун аст ин.

* * *

Роҳи талабам зи пою пай холӣ чанд?
Базми тарабам зи ною най холӣ чанд?



Паймонаи ман замона пур хоҳад кард,
Дастам зи қадаҳ, қадаҳ зи май холӣ чанд?

* * *

Дар роҳи талаб толибу матлуб намонд,
Дар базми тараб роғибу марғуб намонд.
Нили фалак аз мавчи қазо туғьён кард,
Дар Мисри бақо Юсуфу Яъқуб намонд.

* * *

Эй рашки шакар лаби ту аз лутфи сухун,
Ҳар дам ба ту нав умеди ёрони куҳун.
Қомам зи лабат ҳамеша ширин будаст,
З-абрӯи туруш коми маро талх макун.

### ФАРД

Ҳар кас ки аз ин чаҳони дилгир бичаст,
Аз нанги вазиру миннати мир бираст.

## АЗ «САЛОМОН ВА АБСОЛ»

Достони «Саломон ва Абсол» мувофиқи чопи тошкандии «Ҳафт авранг» (1913) аз 1108 байт иборат буда, дар баҳри рамали мусаддас (фоилотун, фоилотун, фоилун) навишта шудааст. Соли таълифи достон маълум нест. Вале чун он ба Султон Яъқуби Оққуюнлу (соли чулусаш 884 ҳичрӣ — 1479 милодӣ) бахшида шуда, пеш аз «Тӯҳфат-ул-аҳрор» (соли таълифаш 886 ҳичрӣ— 1482) танзим гардидааст, мӯҳлати мобайни ин ду санаро замони суруда шудани он пиндоштан мумкин аст. Дар чопи ҳозир асосан қисматҳои ба асли достон беалоқа ва ҳикоёти тамсилии дохили он партофта шуд. Бинобар он ба нақли мазмуни он, ки пурра нигоҳ дошта шудааст, ҳочате нест.

## ОҒОЗИ МАҚОЛ ДАР ШАРҲИ СУРАТИ ҲОЛИ САЛОМОН ВА АБСОЛ

Шаҳриёре буд дар Юнонзамин,
Чун Сикандар соҳиби тоҷу нигин.
Буд дар аҳдаш яке ҳикматшинос,
Кохи ҳикматро қавӣ карда асос.
Аҳли ҳикмат як ба як шогирди ӯ,
Ҳалқа баста ҷумла гирдогирди ӯ.
Шоҳ чун донист қадрашро шариф,
Сохташ дар хилвати сӯҳбат ҳариф.
Ҷуз ба тадбираш нарафтӣ ним гом,
Ҷуз ба талқинаш наҷустӣ ҳеч ком.
Дар ҷаҳонгирӣ зи бас тадбир кард,
Қоф то қофаш ҳама тасхир кард.
Шоҳ чун набвад ба нафси худ ҳаким,
Ё ҳакиме набвадаш ёру надим,
Қасри мулкашро бувад буньёд суст,
Кам фитад қонуни ҳукми ӯ дуруст.
Холӣ аз наъту нишони адлу зулм,
Фарқ натвонад миёни адлу зулм.
Зулмро бандад ба ҷои адл кор,
Адлро донад ба сони зулм ор.
Олам аз бедоди ӯ гардад хароб,
Чашмасори мулку дин аз вай сароб.
Нуқтае хуш гуфтааст он дурбин,
Адл дорад мулкро қоим, на дин.
Куфркеше, к-ӯ ба адл ояд фиреҳ,
Мулкро аз золими диндор беҳ.

## ДАР МАЗАММАТИ ФАРЗАНДИ НОХАЛАФ

Он ки гуфтам, баҳри фарзанди накӯст,
К-ин ба асли хеш пайванди накӯст.
Он ки бошад бадсиголу бадсиришт,
Дар сар аст ӯро ҳазорон хӯи зишт.
Беҳ бувад, к-аз силки дурон дорияш,
Пеш гирӣ шеваи безорияш.



Нӯҳро фарзанд чун ноаҳл буд,
Фитрати ӯ пурғуруру ҷаҳл буд.
Доғи радди «лайса мин аҳлик» — кашид,
Рӯи беруи рафтан аз тӯфон надид.
Чун набошад ҳоли ҳар фарзанд нек,
Аз худо мекун талаб фарзанди нек.
Ончунон фарзанд,
к-охир дар дуо
Марги ӯ ҷустан набояд аз худо.

## ДАР МАЗАММАТ КАРДАНИ ҲАКИМ ШАҲВАТРО, КИ ВАЛОДАТИ ФАРЗАНД БЕ ОН МАЪҲУД НЕСТ

Аз шаҳи Юнон ҳакими тезҳуш,
Кард чун афсонаи фарзанд гӯш.
Гуфт: «Шоҳо
ҳар ки ӯ шаҳват наронд,
Дар ғами маҳрумӣ аз фарзанд монд.
Чашми ақлу илм кӯр аз шаҳват аст,
Дев пеши дида ҳур аз шаҳват аст.
Ҳар куҷо ғавғои шаҳват кард зӯр,
Мебарад аз дил хирад,
аз дида нур.
Сели шаҳват ҳар куҷо тӯфон кунад,
Хонаи иқболро вайрон кунад.
Роҳи шаҳват бар гилу лои балост,
Ҳар кӣ афтод андар ин гил,
барнахост.
Ҳар кӣ як ҷуръа маи шаҳват чашид,
То абад рӯи халосӣ з-он надид.
З-он маи андак ба ҳурмат хор шуд,
Қ-андакаш мустадъии бисьёр шуд.
Аз маи шаҳват чу як ҷуръа кашӣ,
Дар мазоқи ту нишинад з-он х(в)ашӣ.
Он хушӣ дар бинsocial гардад миҳор,
Дар кашокаш дорадат лайлу наҳор.
То набозӣ ҷон ба роҳи нестӣ,
Набвадат мумкин, к-аз он бозистӣ.

### ТАДБИР КАРДАНИ ҲАКИМ ДАР ВАЛОДАТИ ФАРЗАНД БЕМУВОФИҚАТИ ЗАНОН ВА ДОЯ ГИРИФТАН АЗ БАРОИ ТАРБИЯТИ ВАЙ

Кард чун доно ҳакими некхоҳ
Шаҳвату занро накӯҳиш пеши шоҳ.
Сохт тадбире ба дониш, к-андарон
Монд ҳайрон фикрати донишварон.
Нутфаро бе шаҳват аз сулбаш кушод,
Дар маҳалле чуз раҳим ором дод.
Баъди нӯҳ маҳ гашт пайдо з-он маҳал
Кӯдаке беайбу тифле бехалал.
Ғунчае аз гулбуни шоҳӣ дамид,
Нафҳае аз мулки огоҳӣ вазид.
Тоҷ шуд аз гавҳари ӯ сарбаланд,
Тахт гашт аз бахти ӯ фирӯзманд.
Саҳни гетӣ бе ваю чашми фалак —
Буд он бе мардум, ин бемардумак,
З-ӯ ба мардум саҳни он маъмур шуд,
Чашми ин аз мардумак пурнур шуд.
Чун зи ҳар айбаш саломат ёфтанд,
Аз саломат номи ӯ бишкофтанд.
Солим аз офат тану андоми ӯ,
З-осмон омад Саломон номи ӯ.
Чун набуд аз шири модар баҳраманд,
Дояе карданд баҳри ӯ писанд.
Дилбаре дар некӯӣ моҳи тамом,
Солӣ ӯ аз бист кам, Абсол ном.
Нозукандоме, ки аз сар то ба пой,
Ҷузв-ҷузваш хуб буду дилрабой.
Буд бар сар фарқи ӯ хатте зи сим,
Хирмане аз мушкро карда дуним.
Гесӯяш буд аз қафо овехта,
З-ӯ ба ҳар мӯ сад бало овехта.
Қоматаш сарве зи боғи эътидол,
Афсари шоҳон ба роҳаш поймол.
Буд равшан ҷабҳааш оинаранг,
Абрӯи зангорияш бар вай чу занг.
Чун зудуда занг аз ӯ оинавор,
Шакли нуне монда аз вай бар канор.
Чашми ӯ масте, ки карда нимхоб,
Такья бар гул зери чатри мушки ноб.
Гӯшҳои хушнишаш аз ҳар тараф,
Гавҳари гуфторро симин садаф.
Бар узораш нилгун хатте ҷамил,
Равнақи Мисри ҷамолаш ҳамчу Нил.
З-он хат арчи баҳри чашми бад кашид,
Чашми неконро бало беҳад расид.
Растаи дандони ӯ дурри хушоб,
Ҳуққаро дурри хушобаш лаъли ноб.
Дар даҳони ӯ раҳи андеша гум,
Гуфтугӯи ақли фикратпеша гум.
Аз лаби ӯ ҷуз шакар нагрифта ком,
Худ кадом аст он лабу шаккар кадом!
Рашҳе аз чоҳи занахдонаш кушод,
В-аз занахдонаш муаллақ истод.
З-ӯ ҳазорон луфтҳо омад падид,
Ғабғабаш карданд ном арбоби дид.
Ҳамчу симин лӯъбат аз симаш тане,
Чун сурохӣ баркашида гардане.
Бар танаш пистон чу он софӣ ҳубоб,
К-аш насим ангехта аз рӯи об.
Зери пистонаш шикам рахшанда нур,
Дар сафедӣ оҷу дар нармӣ самур.
Дид машшота чу он лутфи шикам,
Гуфт: Ин аз сафҳаи гул нест кам.
Қард чун вай ин ишорат сӯи он,
Аз сари ангушт ишорат шуд нишон.
Он нишонро восифон хонанд ноф,
Нофе аз вай нофаро дар дил шикоф.
Ҳар кӣ дидӣ он миёни кам зи мӯ,
Ҷуз каноре з-ӯ накардӣ орзӯ.
Аз гули насрин суринаш хирмане,
Аз хасон мастур зери домане.
Маҳзани лутф аз ду дасти ӯ дуним,
Остин аз ҳар яке ҳамьёни сим.
Дар кафи ӯ роҳати озурдагон,
Силии ғафлатбар аз афсурдагон.
Орзӯи аҳли дил дар мушти ӯ,
Қуфли дилҳоро калид ангушти ӯ.
Хун зи дасти ӯ даруни ошиқон,
Ранги ҳинноягш зи хуни ошиқон.
Ҳар сарангушташ хизобу нохизоб,
Финдуқи тар буд ё унноби ноб.

Нохунонаш бадрҳои мухталиф,
Бадрҳои ӯ зи ҳинно мунхасиф.
Шакли ӯ машшота чун ороста,
Аз сари ҳар як ҳилоле коста.
Чун сухан бо соқу рони ӯ кашид,
З-он забон дар ком мебояд кашид.
З-он ки метарсам расад ҷое сухан,
К-он сухан ояд гарон бар табъи ман.
Буд он сирре,
ки номаҳрам ниҳон.
Ҳеҷ кас маҳрам на онро дар ҷаҳон,
Балки дузде пай ба он оварда буд,
Ҳар чӣ он ҷо буд,
ғорат карда буд.
Дар бар он симин садаф бишкофта,
Гавҳари коми худ он ҷо ёфта.
Ҳар чӣ бошад дигареро дастзад,
Беҳтар аз чашми қабулаш дасти рад.

## ҲИКОЯТИ ОН МУВАСВАСИ САВДОӢ, КИ БА САБАБИ ОЛОИШИ ҶАНГОВАРОНИ ДАРЬЁИ ДАСТ АЗ ОБИ ДАРЬЁ БИШУСТ ВА ОБЕ ПОКИЗАТАР АЗ ОН ҶУСТ

Он мувасвас бар лаби дарьё нишаст,
То кунад баҳри тақарруб обдаст.
Дид дарьёе пур аз моҳию мор,
Чағзу харчангаш ҳазор андар ҳазор.
Ҳар тараф мурғони обӣ дар шиноҳ,
Ғӯтазан аз қаъри дарьё кутхоҳ.
Гуфт: «Дарьёе, ки чандин ҷонавар
Гардад андар вай ба субҳу шом дар.
Қай сазад, к-аз вай бишӯям дасту рӯй,
Шустам акнун дасти худ з-ин шустушӯй.
Чашмае хоҳам ба сони Замзаме,
Кӯтаҳ аз вай дасти ҳар номаҳраме».
К-он чӣ шуд олуда аз олудагон,
Фориғанд аз вай ҷигарполудагон.



## ҚИЁМ НАМУДАНИ АБСОЛ БА ДОЯГИИ САЛОМОН ВА ДОМАН БАРЗАДАН ДАР ПАРВАРИШИ ОН ПОКИЗАДОМОН

Шоҳ чун доя гирифт Абсолро,
То Саломони ҳумоюнфолро.
Оварад дар домани эҳсони хеш,
Парварад аз рашҳаи пистони хеш.
Чашми ӯ чун бар Саломон уфтод,
З-он назар чокаш ба домон уфтод.
Шуд ба ҷон машъуфи лутфи гавҳараш,
Ҳамчу гавҳар баст дар маҳди зараш.
Дар тамошои рухи он дилфурӯз,
Рафт аз ӯ хоби шабу ороми рӯз.
Рӯз то шаб ҷидди ӯву ҷаҳди ӯ,
Буд дар басту кушоди маҳди ӯ.
Гаҳ танашро шустӣ аз мушку гулоб,
Гаҳ гирифтӣ пайкараш дар шаҳди ноб.
Меҳри он маҳ баски дар ҷонаш нишаст,
Чашми меҳр аз ҳар кӣ, ғайр аз ӯ, бубаст.
Гар муяссар гаштияш, бе ҳеҷ шак,
Кардияш ҷо дар басар чун мардумак.
Баъди чанде чун зи шираш боз кард,
Навъи дигар корубор оғоз кард.
Вақти хуфтан рост кардӣ бистараш,
Сӯхтӣ чун шамъ болои сараш.
Бомдод аз хоб чун бархостӣ,
Ҳамчу заррин лӯъбаташ оростӣ.
Сурма кардӣ наргиси шаҳлои ӯ,
Ҷуст бастӣ ҷома бар болои ӯ.
Каҷ ниҳодӣ бар сараш зарринкулоҳ,
В-аз бараш овехтӣ зулфи сиёҳ.
Бо мурассаъ лаълҳою дурру зар,
Бар миёни нозукаш бастӣ камар.
Кардӣ он сон хидматаш бегоҳу гаҳ,
То шудаш соли ҷавонӣ чордаҳ.
Чордаҳ будаш ба хубӣ моҳи рӯ,
Соли ӯ ҳам чордаҳ чун моҳи ӯ.
Пояи ҳуснаш басе боло гирифт,
Дар ҳама дилҳо ҳавояш ҷо гирифт.
Шуд яке сад ҳусни ӯ в-он сад ҳазор,
Сад ҳазорон дил зи ишқаш беқарор.

Бо қади чун найза буд он дилписанд,
Офтобе гашта як найза баланд.
Найзаворе кадди ӯ чун сар кашид,
Бар дили ҳар кас аз ӯ захме расид.
З-он баландӣ ҳар куҷо афганд тоб,
Сӯхт ҷони оламе з-он офтоб.
Ҷабҳааш бадру аз ӯ ниме ниҳон,
Бо ҳилоли мунхасиф карда қирон.
Бинияш зери ҳилоли мунхасиф,
Дар миёни моҳ кофурӣ алиф.
Ҷашми масташ оҳуи мардумшикор,
Ҷилвагоҳаш дар миёни лолазор.
Мулки хубиро ба рухҳо шоҳ буд,
Шавкати шоҳӣ ба ӯ ҳамроҳ буд.
Хотами шоҳиш лаъли оташин,
Ганҷи дурру гавҳараш дар вай нигин.
Тоза себаш меваи боғи биҳишт,
Офарин бар дасти ӯ, к-ин мева кишт!
Ҷашмасори лутфи себи ғабғабаш,
Ташнагонро омада ҷон бар лабаш.
Гардани ӯ сарфарози маҳвашон,
Дар каманда ш гардани гарданкашон.
Покбозон аз паи дафъи газанд,
Аз дуо бар бозуяш таъвизбанд.
Паст аз ӯ қадри ҳама зӯроварон,
Зери дасташ соиди симинбарон.
Соидашро аз ясору аз ямин,
Ҷонфишонон нақди ҷон дар остин.
Панҷааш дода шикасти сими ноб,
Дасти ҳар фӯлодбозу дода тоб.
Нақди роҳат дар ду каф дар мушти ӯ,
Ҳусни хотам хатм бар ангушти ӯ.
Ҳар чӣ аз васфи ҷамолаш гуфта шуд,
Гавҳаре аз баҳри сурат суфта шуд.
Гӯши ҷонро кун ба сӯи ман гарав,
Шаммае аз дигар аҳволаш шунав.

### ДАР СИФАТИ ҲИДДАТИ ФАҲМ ВА ҶАВДАТИ НАСРУ НАЗМИ ВАЙ

Лутфи табъаш дар сухан мӯ мешикофт,
Лафз нашнида ба маънӣ мешитофт.
Пеш аз он к-аш лафз дар гӯш омадӣ,
Маънияш дар букъаи хуш омадӣ,
Ҳар чӣ назм — аз баҳри табъаш як гуҳар,
Ҳар чӣ наср — аз боғи лутфаш як самар.
Чун сурайё пояи назмаш баланд,
Чун банотуннаъш насраш арҷманд.
Дар латоиф лаъли ӯ ҳозирҷавоб,
Дар дақоиқ фаҳми ӯ софӣ чу об.
Хатти ӯ чун хатти хубон дилфиреб,
Хушнависон з-ӯ чу ошиқ ношикеб.
Чун гирифтӣ хомаи мушкинрақам,
Офарин кардӣ бар ӯ лавҳу қалам.
Ҷонаш аз ҳар ҳикмате маҳзуз буд,
Нуктаҳои ҳикматаш маҳфуз буд.
Дар адои ҳикмати юнониён,
Гуфтияш юнониён: «Неъма-баён!»

### ДАР СИФАТИ БАЗМИ АЙШСОЗӢ ВА СУРУДИ ИШРАТПАРДОЗИИ ВАЙ

Шаб ки аз ҳар кор дил пардохтӣ,
Бо ҳарифон нарди ишрат бохтӣ.
Базмгоҳе чун биҳишт оростӣ,
Мутрибони хурпайкар хостӣ.
Чун димоғи ӯ шудӣ аз бода гарм,
Баргирифтӣ аз миён чилбоби шарм.
Гоҳ бо қаввол дамсоз омадӣ.
Бо муғаннӣ нағмапардоз омадӣ.
Тан-танашро аз лаби шаккаршикан,
Чун Масеҳо ҷон баровардӣ ба тан.
Гаҳ шудӣ ҳамроҳи ной раҳсипар,
Кардӣ аз лабҳо наяшро найшакар.
Бонги найро бо шакар омехтӣ,
Гӯшро шаккар ба домон рехтӣ.
Гоҳ аз чангӣ гирифтӣ чангро,
Тез кардӣ сӯзнок оҳангро.
Финдиқи тар рехтӣ бар хушк тор,
Дар тару дар хушк афгандӣ шарор.
Гоҳе аз барбат чу тифли хурдсол,
Дар канори худ ба захми гӯшмол
Нолаҳои дарднок ангехтӣ,
Болиғонро аз мижа хун рехтӣ.

Гоҳ мешуд булбулово дар ғазал,
Гоҳ мезад даст дар қавлу амал.
Ҳар шаб инаш кор буди то саҳар,
Бо ҳарифон инчунин бурдӣ ба сар.
Чун тан аз хоби саҳар осудияш,
Бомдодон азми майдон будияш.

### СИФАТИ ЧАВГОН БОХТАНИ ВАЙ БО ҲАМСАРОН ВА ГӮЙ БУРДАНИ ВАЙ АЗ ДИГАРОН

Субҳдам чун шоҳи ин нилӣ тутук,
Борагӣ рондӣ ба майдони уфук.
Шаҳ Саломон ниммасту нимхоб
Пой кардӣ сӯи майдон дар рикоб.
Бо гурӯҳе аз нажоди хусравон,
Хурдсолу тозарӯю навҷавон.
Ҳар яке дар хели хубон сарваре,
Офати мулке, балои кишваре.
Савлаҷон бар каф ба майдон тохтӣ,
Гӯи заррин дар миён андохтӣ.
Як ба як чавгонзанон ҷӯёи ҳол,
Гирди як маҳ ҳалқа карда сад ҳилол.
Гарчи будӣ захми чавгон аз ҳама,
Буд чобуктар Саломон аз ҳама.
Гӯй бурдӣ аз ҳама бо сад шитоб,
Гӯй маҳ буду Саломон офтоб.
Бо ҳилоли савлаҷон дунболи моҳ,
Ҳол гӯён мешудӣ то ҳолгоҳ.
Гӯй агар сад бор аз он ҷо боз пас
Омадӣ, ҳар бор ҳол ин буд бас.
Оре, он касро, ки давлат ёр шуд
В-аз ниҳоли бахт бархурдор шуд.
Хеҷ чавгон зери ин чархи кабуд
Гӯй натвонад зи майдонаш рабуд.

### ДАР СИФАТИ КАМОНДОРИ АЗ ТИРАНДОЗИИ ВАЙ

Шаҳ чу гаштӣ гирди чавгон бохтан,
Чун камон моил ба тир андохтан.



Аз камондорони хос андар замон
Хостӣ нокарда зеҳ ҷочикамон.
Бемадад онро ба зеҳ оростӣ,
Бонги «зиҳ» аз гӯшаҳо бархостӣ.
Даст молидӣ бар он ҷолоку чуст,
То буни гӯшаш кашидӣ аз нахуст.
Гоҳ бинҳодӣ сипар мурғе бар он,
Раҳсипар гаштӣ ба хинҷори нишон.
Гар нишон будӣ аз ин фирӯза сифр,
Нуқтаи бешак шудӣ ҳар нуқта сифр.
В-ар кушодӣ тири партобӣ зи шаст,
Будияш хатти уфуқ ҷои нишаст.
Гар на монеъ сахтии гардун шудӣ,
Аз хати дӯри уфуқ берун шудӣ.
Дар сари тираш нарастӣ аз хатар,
Гоҳи сайд оҳу ба по, тиҳу ба пар
Пай сӯи мақсуд бурдӣ рост по,
Ҳамчу табъи рост маҳфуз аз хато.

### БА КАМОЛ РАСИДАНИ АСБОБИ ҶАМОЛИ САЛОМОН ВА ЗОҲИР ШУДАНИ ИШҚИ АБСОЛ БАР ВАЙ ВА ҲИЛА НАМУДАН, ТО ВАЙРО НИЗ ГИРИФТОРИ ХУД ГАРДОНАД

Чун Саломонро шуд асбоби ҷамол
Аз балоғат ҷамъ дар ҳадди камол.
Сарви нозаш нозукӣ аз сар гирифт,
Боғи лутфаш равнақи дигар гирифт.
Норасида мевае буд аз нахуст,
Чун расидан шуд бар он мева дуруст,
Хотири Абсол чидан хосташ,
В-аз паи чидан чашидан хосташ.
Лек буд он мева бар шохи баланд,
Буд кӯтоҳ орзуро з-он каманд.
Шоҳиди пуришва буд Абсол низ,
Кам на з-асбоби ҷамолаш ҳеҷ чиз.
Бо Саломон арзи хубӣ соз кард,
Шеваи ҷавлонгарӣ оғоз кард.
Гоҳ бар расми нағӯла пеши сар
Бофтӣ занҷирае аз мушки тар.

То бад-он занҷираи донописанд
Сохтӣ пои дили шаҳзода банд.
Гоҳ мушкин мӯйро бишкофтӣ,
Фарқ карда з-он ду гесу бофтӣ.
Яъне аз вай коми дил ноёфтан,
То каям хоҳад бад-ин сон тофтан.
Гаҳ ниҳодӣ чун бутони дилфурӯз,
Бар камони абрувон аз вусма туз.
То зи ҷони ӯ ба зангорӣ камон,
Сайд кардӣ мояи амну амон.
Чашми худро кардӣ аз сурма сиёҳ,
То-ш бурдӣ з-он сияҳкорӣ зи роҳ,
Барги гулро додӣ аз гулгуна зеб,
То бад-он ранғаш зи дил бурдӣ шикеб
Донаи мушкин ниҳодӣ бар узор,
То бад-он мурғи дилаш кардӣ шикор.
Гаҳ кушодӣ банд аз тунги шакар,
Гаҳ шикастӣ мӯҳр бар дурҷи гуҳар.
То чу шаккар бар дилаш ширин шудӣ,
В-аз лаби гӯёш гавҳарчин шудӣ.
Гаҳ намудӣ аз гиребон гӯи зар,
Зери он тавқи мурассаъ аз гуҳар.
То кашидӣ бо ҳама фархундагӣ,
Гарданашро зери тавқи бандагӣ.
Гаҳ ба коре дасти симинбар задӣ,
З-он баҳона остинро барзадӣ.
То нигорин соъди ӯ ошкор
Дидию кардӣ ба хун чеҳра нигор.
Гаҳ чу баҳри хидмате кардӣ қиём,
Сахттар бардоштӣ аз ҷой гом.
То зи бонги ҷунбиши халхоли ӯ,
Тоҷ дар фарқаш шудӣ помоли ӯ.
Будӣ, алқисса,
ба сад макру ҳиял,
Ҷилвагар дар чашми ӯ дар ҳар маҳал.
Субҳу шомаш рӯй дар худ доштӣ,
Як дамаш ғофил зи худ нагзоштӣ,
З-он ки медонист,
к-аз роҳи назар
Ишқ дорад дар дили ошиқ асар.
Ҷуз ба дидори бутони дилпазир,
Ишқ дар дилҳо нагардад ҷойгир.



## ТАЪСИР КАРДАНИ ҲИЛАТҲОИ АБСОЛ ДАР САЛОМОН ВА МОИЛ ШУДАН БА СӮИ ВАЙ

Чун Саломон бо ҳама ҳилму виқор,
Кард дар вай ишваи Абсол кор.
Дар дил аз мижгони ӯ хораш халид,
В-аз каманди зулфи ӯ мораш газид.
З-абрувонаш тоқати ӯ гашт тоқ,
В-аз лабаш шуд талх шаҳдаш дар мазоқ.
Наргиси ҷодуи ӯ хобаш бибурд,
Ҳалқаи гесӯи ӯ тобаш бибурд.
Ашки ӯ аз оразаш гулранг шуд,
Айшаш аз ёди даҳонаш танг шуд.
Дид бар рухсори ӯ холи сиёҳ,
Гашт аз он холи сияҳ ҳолаш табоҳ.
Дид ҷаъди беқарораш бар узор,
З-орзӯи васли ӯ шуд беқарор.
Шавқаш аз парда бурун овард, лек
Дар дарун андешае мекард нек.
Ки мабодо гар чашам таъми висол,
Таъми он бар ҷони ман гардад вубол.
Он намонад бо ману умри дароз,
Монам аз ҷоҳу ҷалоли хеш боз.
Давлате, к-он мардро ҷовид нест,
Бихрадонро қиблаи уммед нест.

## РАФТАНИ АБСОЛ ДАР ПЕШИ САЛОМОН ВА ТАМАТТУИ ЭШОН АЗ СӮҲБАТИ ЯКДИГАР

Чун Саломон моили Абсол шуд,
Толеи Абсол фаррухфол шуд.
Ёфт он меҳри қадими ӯ навӣ,
Шуд бад-ӯ пайванди уммедаш қавӣ.
Фурсате меҷуст дар бегоҳу гоҳ,
Ёбад андар хилвати он моҳ роҳ.
Коми дил аз лаъли ӯ ҳосил кунад,
Ҷони ширин бо лабаш восил кунад.

То шабе сӯяш ба хилват рох ёфт,
Накди ҷон бар даст пеши ӯ шитофт.
Ҳамчу соя зери пои ӯ фитод,
В-аз тавозӯъ рӯ ба пои ӯ ниход.
Шаҳ Саломон низ бо сад иззу ноз
Кард дасти марҳамат сӯяш дароз.
Чун қабо танг андар оғӯшаш гирифт,
Коми ҷон аз чашмаи нӯшаш гирифт.
Ҳардуро аз бӯса шуд оғоз кор,
З-он ки бӯс омад қаловузи канор.
Баски месуданд бо ҳам лаб ба лаб,
Шуд лаболаб ҳардуро ҷоми тараб.
Гарчи лабҳошон ба ҳам бисьёр суд,
Монд боқӣ он чӣ асли кор буд.
Баҳри савдое, ки дар сар доштанд,
Пардаи шарм аз миён бардоштанд.
Шуд кушода дар миён банде, ки буд,
Сахттар шуд майли пайванде, ки буд.
Дошт шаккар он яке, ширин дигар —
Шуд баҳам омехта ширу шакар.
Коми ҷон бар ширу шакар будашон,
То шакархоби саҳар бирбудашон.

### БЕДОР ШУДАНИ САЛОМОН АЗ ХОБИ ШАБ ВА ТАЛАБ ДОШТАН АБСОЛРО БА МАҶЛИСИ ТАРАБ

Субҳдам, к-ин шоҳиди мушкинниқоб,
Баҳри хоболудагон аз зарри ноб.
Милҳо з-ин тоқи зангорӣ кашид.
Дидаҳоро кӯҳли бедорӣ кашид.
Хост шаҳзода зи бистар комьёб,
Чашме аз бедории шаб нимхоб.
Хор-хоре аз хумори шаб дар ӯ,
Ҷунбише аз шавқи ёри шаб дар ӯ.
Хотираш аз баҳри табъи он хумор,
Ҷуръае мехост, лек аз лаъли ёр.
Ёрро безаҳмати ағьёр хонд,
Паҳлуи худ бар сари маснад нишонд.
Бурқаъ аз шарми ҷамолаш боз кард,
Ишрати дӯшина бо ӯ соз кард.



Рӯзи дигар бар ҳамин дастур буд,
Чашми захми даҳр аз эшон дур буд.
Рӯз — ҳафта, ҳафта шуд маҳ, моҳ — сол —
Моҳу соли ҳолӣ аз ранҷу малол.
Ҳимматаш он буд, к-он айшу тараб
Не ба рӯз афтад зи якдигар, на шаб.
Лек даври чарх мегуфт аз камин,
Нест даъби ман, ки бугзорам чунин.
Эй басо суҳбат, ки рӯз ангехтам,
Чун шаб омад, силки он бугсехтам.
В-эй басо давлат, ки додам вақти шом,
Субҳдамро навбати ӯ шуд тамом.

### ҲИКОЯТИ ОГОҲ ШУДАНИ ҲАКИМ ВА ПОДШОҲ АЗ КОРИ САЛОМОН ВА АБСОЛ ВА САРЗАНИШ КАРДАН САЛОМОНРО БА ОН ҲОЛ

Чун Саломон шуд ҳариф Абсолро,
Сарфи васлаш кард моҳу солро.
Бозмонд аз хидмати шоҳу ҳаким,
Ҳар дуро дил шуд зи ҳаҷри ӯ дуним.
Чун зи ҳоли ӯ хабар ҷустанд боз,
Маҳрамон кардандашон донои роз.
Баҳри пурсиш пеши хешаш хонданд,
Бо вай аз ҳар ҷо ҳикоят ронданд.
Нуктаҳо гуфтанд аз навву куҳан,
То ба мақсуд аз талаб омад сухан.
Шуд яқин, к-он қисса аз вай рост буд,
Достоне бекаму бекост буд.
Ҳар як андар кори вай рое заданд,
Дар халосаш дастею пое заданд.
Бар насиҳат ёфт кор аввал қарор,
Қ-аз насиҳат нест беҳтар ҳеҷ кор.
Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,
В-аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
Аз насиҳат тоза гардад ҳар диле,
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.
Носеҳон пайғамбаронанд аз нахуст,
Гашта кори ақлу дин з-эшон дуруст.
Ҳар кӣ аз пайғамбарӣ дам зад бар ӯ,
Ҷуз насиҳат з-осмон н-ояд фурӯ.

## НАСИҲАТ КАРДАНИ ПОДШОҲ САЛОМОНРО

Шоҳ бо вай гуфт, к — «Эй ҷони падар,
Шамъи базмафрӯзи айвони падар!
Дидаи иқболи ман равшан ба туст,
Арсаи омоли ман гулшан ба туст.
Солҳо чун ғунча дил хун кардаам,
То гуле чун ту ба даст овардаам.
Ҳамчу гул аз дасти ман доман макаш,
Ханҷари хори ҷафо бар ман макаш.
Дар ҳавои туст тоҷам фарқсой.
В-аз барои туст тахтам зери пой.
Рӯ ба маъшуқони нобихрад манеҳ!
Афсари давлат зи фарқи худ манеҳ!
Дасти дил дар шоҳиди раъно мазан,
Тахти шавкатро ба пушти по мазан.
Мансаби ту чист? Чавгон бохтан,
Рахш зери рон, ба майдон тохтан.
Не гирифтан зулфи чун чавгон ба даст,
Паҳлуи симинбарон кардан нишаст.
Дар шикористон агар тир афганӣ,
Гоҳ оҳушон ба шамшер афганӣ.
Беҳ, к-аз ин оҳувашони шергир,
Бинамат нахҷирвор омоҷи тир.
Дар сафи мардон равӣ шамшерзан.
В-аз тани гурдон шавӣ гарданфиган.
Беҳ, ки аз гурдони мардафган ҷаҳӣ,
Пеши шамшери зане гардан ниҳӣ.
Тарки ин кирдор кун, баҳри худой,
В-ар на хоҳам з-ин ғам афтодан зи пой.
Солҳо баҳри ту наншастам зи по,
Шарм бодат, к-афганӣ аз по маро!

## ҶАВОБ ГУФТАНИ САЛОМОН ПОДШОҲРО

Чун Саломон он насиҳат гӯш кард,
Баҳри табъи ӯ зи гавҳар ҷӯш кард,
Гуфт: «Шоҳо, бандаи рои туам,
Хоки пои тахтфарсои туам.



Ҳар чӣ фармудӣ, ба ҷон кардам қабул,
Лекин аз бесабрии хешам малул.
Нест аз дасти дили ранҷури ман,
Сабр бар фармудаат мақдури ман
Борҳо бо хеш андешидаам,
Дар халосӣ з-ин бало печидаам.
Лек чун ёдам аз он моҳ омадаст,
Ҷони ман дар нолаву оҳ омадаст.
Дарфитода чашми ман бар рӯи ӯ,
Қардаам рӯй аз ду олам сӯи ӯ.
В-аз тамошои рухи он дилписанд
На насиҳат монда бар ёдам, на панд».

## НАСИҲАТ КАРДАНИ ҲАКИМ САЛОМОНРО

Чун шаҳ аз панди Саломон шуд хамӯш,
Шуд ҳаким андар насиҳат сахткӯш,
Гуфт, к-эй навбоваи боғи куҳун,
Охирин нақши бадеи килки кун.
Ҳарфхони дафтари ҳафту чаҳор,
Хатшиноси сафҳаи лайлу наҳор.
Хозини ганҷинаи одам туӣ,
Нусхаи маҷмӯаи олам туӣ.
Қадри худ бишносу машмар сар-сарӣ,
Хешро, к-аз ҳар чӣ гӯям, бартарӣ...

## ҶАВОБ ГУФТАНИ САЛОМОН ҲАКИМРО

Чун Саломон аз ҳаким инҳо шунид,
Бӯи ҳикмат бар машоми ӯ вазид.
Гуфт: «Эй ҷони Фалотун аз ту шод,
Сад Арасту зери фармони ту бод.
Ақлҳо буданд аз оғоз даҳ,
Сохтӣ даҳро ту акнун ёздаҳ.
Ман ниҳода рӯй дар роҳи туам,
Камтарин шогирди даргоҳи туам.

Ҳар чӣ гуфтӣ, айни ҳикмат ёфтам,
Дар қабули он ба ҷон биштофтам.
Лек бар рои мунират равшан аст,
К-ихтиёри кор берун аз ман аст.
Қудрати фоил ба қадри қобил аст,
Қобилият не ба ҷаъли ҷоил аст.
Ҳар чӣ ӯро ман зи аввал қобилам,
Кай тавонам, к-аз вай оҳир бугсилам.
Балки ҳаст аз қудрати фоил бадар,
Бар хилофи он бурун додан асар.

## ТАНГ ШУДАНИ КОР БАР САЛОМОН АЗ МАЛОМАТИ БИСЬЁР, ШОҲ ВА ҲАКИМРО ГУЗОШТАН ВА БО АБСОЛ РОҲИ ГУРЕЗ БАРДОШТАН

Ҳар куҷо аз ишқ ҷоне дарҳам аст,
Меҳнат андар меҳнату ғам дар ғам аст.
Хоса ишқе, к-аш маломат ёр шуд,
Гуфтугӯи носиҳон бисьёр шуд.
Аз маломат сахт гардад кори ишқ,
В-аз маломат шуд фузун тимори ишқ.
Бе маломат ишқ ҷон парвардан аст,
Чун маломат ёр шуд, хун хӯрдан аст.
Чун Саломон он маломатҳо шунид,
Ҷони ширинаш зи ғам бар лаб расид.
Меҳри Абсол аз даруни ӯ наканд,
Лек шӯре дар даруни ӯ фиганд.
Ҷонаш аз тири маломат реш гашт,
Дар дил андӯҳе, ки будаш, беш гашт.
Мебикоҳад аз маломат ҷони мард,
Сабр бар вай кай бувад имкони мард.
Метавон як захм хӯрд аз теғи тез,
Чун паёпай шуд, чӣ чора, ҷуз гурез?
Рӯзҳо андешакорӣ пеша кард,
Борҳо дар кори хеш андеша кард.
Бо ҳазор андеша дар тадбири кор,
Ёфт кораш бар фирор охир қарор.
Кард хотир аз ватан пардохта,
Маҳмиле аз баҳри рафтан сохта.



Ёр бе ағьёр чун дарбар бувад,
Хона ҳарчанд тангтар, беҳтар бувад.
Балки ҳар ҷо ёрро афтад диранг,
Кай бувад бар ошиқи дилхаста танг.

## ДАР ДАРЬЁ НИШАСТАНИ САЛОМОНУ АБСОЛ ВА БА ҶАЗИРАИ ХУРРАМ РАСИДАН ВА ДАР ОН ҶО ОРОМ ГИРИФТАН ВА МУҚИМ ШУДАН

Чун Саломон ҳафтае маҳмил биронд,
Пандгӯёнро бар ӯ дасте намонд.
Аз маломат эмину фориғ зи панд,
Бори худ бар соҳили баҳре фиганд.
Дид баҳре ҳамчу гардун бекарон,
Чашмҳои баҳриён чун ахтарон.
Қоф то қоф имтидоди даври ӯ,
То ба пушти гову моҳӣ ғаври ӯ.
Кӯҳпайкар мавҷҳо дар изтироб,
Гашта кӯҳистон аз онҳо рӯи об.
Ё на бухтӣ уштурон аз ҳар тараф,
Аз сари мастӣ ба лаб оварда каф.
Моҳиён дар вай намоён бедареғ,
Ҳамчу ҷавҳар аз сиқолат дода теғ.
Балки пайдо пеши чашми хурдабин,
Чун хитой нақш бар дебои Чин.
Карда сатҳи обро ҳар ҷо дуним,
Ҳамчу нилӣ дебаро миқрози сим.
Гар бичунбидӣ наҳангаш з-ин нишеб,
Ҷавзаҳар хӯрдӣ бар ин боло ниҳеб.
Чун Саломон баҳрро наззора кард,
Баҳри асбоби гузаштан чора кард.
Кард пайдо завраке чун моҳи нав,
Бар канори баҳри ахзар тезрав.
Ҳарду рафтанд андар ӯ осудаҳол,
Шуд маҳу хуршедро манзил ҳилол,
Шуд равон аз бодбон пар сохта,
Ҳамчу бат сина бар об андохта.
Роҳро бар худ ба сина мешикофт,
Рӯй бар мақсад ба сина мешитофт.

Буд бар шакли камон, лекин зи тир
Тезпартар мегузашт аз обгир.
Аз паси мохе, ки заврак ронданд,
В-аз дами дарьё зи равнақ монданд.

Шуд миёни баҳр пайдо бешае,
Васфи он берун зи ҳар андешае.
Ҳеҷ мурғ андар ҳама олам набуд,
К-андар он ишратгаҳи хуррам набуд.

Як тараф дар чилва боҳам чавк-чавк,
Чун тазарв аз тоҷу чун қумрӣ зи тавқ,
Як тараф саф-саф ҳама дастонсарой.
Сози дастон карда аз минқору ной.

Навдарахтон шох дар шох андар ӯ,
Дар наво мурғони густох андар ӯ.
Мева дар пои дарахтон рехта,
Хушку тар бар якдигар омехта.

Чашмаи обе ба зери ҳар дарахт,
Офтобу соя гирдаш лахт-лахт.
Шох буд аз бод дасти раъшадор,
Мушт пур динор аз баҳри нисор.

Чун набудӣ нек гиро мушти ӯ,
Рехтӣ аз фурҷаи ангушти ӯ.
Гӯиё боғи Ирам чун рӯ нуҳуфт,
Гунчаи пайдоияш он ҷо шукуфт.
Ё биҳишти адн бе рӯзи ҳисоб,
Баргирифт аз рӯи хеш он ҷо ниқоб.
Чун Саломон дид лутфи бешаро,
Аз сафар кӯтоҳ кард андешаро.

Бо дили фориғ зи ҳар уммеду бим,
Гашт бо Абсол дар беша муқим.
Ҳарду шодон ҳамчу ҷону тан ба ҳам,
Ҳарду хуррам чун гулу савсан ба ҳам.

Сӯҳбате з-овезиши ағьёр дур,
Роҳате з-омезиши тимор дур.
Не маломатпеша бо эшон ба ҷанг,
Не нифоқандеша бо эшон дуранг.
Гул дар оғӯшу хароши хор не,
Ганҷ дар паҳлӯву ранҷи мор не.
Ҳар замон дар марғзоре карда хсб,
Ҳар нафас аз чашмасоре хӯрда об.
Гоҳ бо булбул ба гуфтор омада,
Гоҳ бо тӯтӣ шакархор омада,



Гоҳ бо товус дар ҷавлонгарӣ,
Гоҳ дар рафтор бо кабки дарӣ.
Қисса кӯтаҳ, дил пур аз айшу тараб,
Ҳарду мебурданд рӯзи худ ба шаб.
Худ чӣ з-он беҳтар,
ки бошад бо ту ёр,—
Дар миёну айбҷӯён бар канор.
Дар канори ту ба ҷуз мақсуд не,
Монеи мақсуди ту мавҷуд не.

**ҲИКОЯТИ ҶАВОБ ГУФТАНИ ВОМИҚ БО ОН, КИ ПУРСИД АЗ ВАЙ, КИ «МАҚСУДИ ТУ АЗ ИН ҶУСТУҶӮЙ ЧИСТ?»**

Хурдадоне гуфт бо Вомиқ ба роз,
К-«Эй зи доғи ишқи Узро дар гудоз.
Мебарӣ умре ба сар дар ҷустуҷӯй,
Чист мақсудат зи ҷустуҷӯ, бигӯй?»
Гуфт: «Мақсуд он,
ки бо Узро баҳам
Рӯи хеш андар яке саҳро ниҳам.
Дар миёни бодия гирам ватан,
Бар сари як чашма бошам хаймазан.
Дӯст з-он ҷо дуру душман низ ҳам,
Ҷон зи халқ осудаву тан низ ҳам.
Гар равам ҳар сӯ дусад фарсанг беш,
Н-оядам аз одами дайёр пеш.
Дида гардад мӯ ба мӯ аъзои ман,
Қиблаи рӯям шавад Узрои ман.
Бо ҳазорон дида рӯ сӯяш кунам,
То абад наззораи рӯяш кунам.
Балки аз наззора ҳам яксӯ шавам,
В-аз дуӣ озод гардам,
ӯ шавам.
То дуӣ боқӣ бувад,
дурӣ бувад,
Ҷон асири доғи маҳҷурӣ бувад.
Чун ниҳад ошиқ ба кӯи васл гом,
Ҷуз яке медарнагунҷад, вассалом.

## ОГОҲ ШУДАНИ ШОҲ АЗ РАФТАНИ САЛОМОН ВА ХАБАР НАЁФТАН АЗ ҲОЛИ ВАЙ ВА ОИНАИ ГЕТИНАМОЙРО КОР ФАРМУДАН ВА ҲОЛИ ВАЙРО ДОНИСТАН.

Шаҳ чу шуд огоҳ баъд аз чандгоҳ
З-он фироқи ҷонгудозӣ умркоҳ,
Нола бар гардун расонидан гирифт,
В-аз ду дида хун чаконидан гирифт.

Гуфт, к-аз ҳар ҷо хабар ҷустанд бőз,
Қас набуд огоҳ аз он пӯшида роз.
Дошт шоҳ оинаи гетинамой,
Парда з-асрори ҳама гетикушой.

Чун дили ориф набуд аз вай ниҳон
Ҳеҷ ҳоле аз баду неки ҷаҳон.
Гуфт, к — «Он оинаро доред пеш,
То дар он бинам рухи мақсуди хеш».

Чун бар он оина афтодаш назар,
Ёфт аз гумгаштагони худ хабар.
Ҳардуро ишраткунон дар беша дид,
В-аз ғами айём беандеша дид.

Бо ҳам аз фикри ҷаҳон буданд дур,
В-аз ҳама аҳли ҷаҳон яксар нуфур.
Ҳар яке шод аз лиқои дигаре,
Ҳеҷашон ғам не барои дигаре.

Шоҳ чун ҷамъияти эшон бидид,
Раҳмате омад бар эшонаш падид.
Бе маломат кардани хотирхарош,
Ҳар чӣ донистӣ зи асбоби маош.

Як сари мӯе фурӯ нагзоштӣ,
Ҷумларо он ҷо муҳайё доштӣ.
Эй хуш он равшандили покизарой,
Қ-оварад шарти муруввтро ба ҷой.

Ҳар куҷо бинад ду ҳамдамро ба ҳам,
Хӯрда ҷоми шодию ғамро ба ҳам.
Ҷонашон софӣ зи занги тафриқа,
Ҷомашон эмин зи санги тафриқа,

Андар он иқболашон ёрӣ кунад,
В-андар он давлат мададгорӣ кунад.
Не ки аз ҳам бугсилад пайвандашон,
В-афганад бар риштаи ҷон бандашон.



Ҳар чӣ бар арбоби офот омадаст,
Яксар аз баҳри мукофот омадаст.
Нек кун, то нек пеш ояд туро,
Бад макун, то бад нафарсояд туро!

## АНДӮҲГИН ШУДАНИ ШОҲ АЗ ТАМОДИИ ШААФИ САЛОМОН БА СУҲБАТИ АБСОЛ ВА ВАЙРО БА ҚУВВАТИ ҲИММАТ АЗ ТАМАТТУЪ БА ВАЙ БОЗДОШТАН

Шоҳи Юнон чун Саломонро бидид,
Қ-ӯ ба Абсолу висолаш орамид.
Умр рафту з-ин хасорат бас накард,
В-аз залолат рӯи худ вопас накард.
Монд холӣ з-афсари шоҳӣ сараш,
То ки гардад сарбаланд аз афсараш.
Тахтро афганд дар по бахти ӯ,
То кафи пои кӣ бӯсад тахти ӯ.
Дар дарун афтод аз ин ғам оташаш,
Вақт шуд з-ин ҳоли нохуш нох(в)ашаш.
Бар Соломон қуввати ҳиммат гумошт,
То зи Абсолаш ба куллӣ боздошт.
Лаҳза-лаҳза ҷониби ӯ мешитофт,
Лек натвонист аз вай баҳра ёфт.
Рӯи ӯ медиду ҷонаш метапид,
Лек бо васлаш наёрастӣ расид.
З-ин тағобун дар раҳи сахт уфтод,
Ҳар бимурду бар замин рахт уфтод.
Марди муфлисро аз ин бадтар чӣ ғам,
Ганҷ дар паҳлӯву киса бедирам?!
Ташнаро з-ин сахттар чӣ бвад азоб,
Чашма пеши чашму лаб маҳрум аз об?!
Аҳли дӯзахро чӣ меҳнат з-он батар,
Оташ андар ҷону ҷаннат дар назар?!
Бар Саломон чун шуд ин меҳнат дароз,
Шуд дари роҳат ба рӯи вай фароз.
Шуд бар ӯ равшан, ки он ҳаст аз падар,
То магар з-он вартааш орад бадар.
Тарс-тарсон дар падар оварад рӯй,
Тавбакору узрхоҳу афвҷӯй.
Оре, он мурғе, ки бошад некбахт,
Охир орад сӯи асли хеш рахт.

### ҲИКОЯИ СУОЛИ ҶАВОБИ ОН ҲАКИМ, КИ ҲАЛОЛЗОДА КИСТ ВА ҲАЛОЛЗОДАГӢ ЧИСТ?

Аз ҳакиме кард шогирде суол,
К-эй муҳандис кист фарзанди ҳалол?
Гуфт он, к-ӯ оқибат гардад шабеҳ,
Бо падар, гар бихрад аст ӯ, гар сафеҳ.
Чанд рӯзе гар намонад бо падар,
Оқибат худро расонад бо падар.
В-ар на ҳоли ӯ бар ин маънӣ гувост,
Даст аз ӯ бигсил, ки фарзанди зиност.
Он гиё, к-аз ҳайди гандум хостаст,
Ҳайди гандумро ба худ оростаст.
Гарчи мемонад ҳаме з-оғози кор,
Чун расад вақти дарав дар киштзор.
Донааш гӯяд, ки ӯ не гандум аст,
Наъту номи гандумӣ аз вай гум аст.

### РАСИДАНИ САЛОМОН ПЕШИ ПОДШОҲ ВА ИЗҲОРИ ШААФ НАМУДАНИ ШОҲ БА ВАЙ

Чун падар рӯи Саломонро бидид,
В-аз фироқи умркоҳи ӯ раҳид.
Бӯсаҳои раҳматаш бар фарқ дод,
Дасти меҳр аз лутф бар дӯшаш ниҳод.
К-эй вуҷудат хони эҳсонро намак,
Чашми инсонро ҷамолат мардумак.
Равзаи ҷонро ниҳоли навбарӣ,
Осмонро офтоби дигарӣ.
Боғи давлатро гули навхоста,
Бурҷи шоҳиро маҳи нокоста.
Арсаи офоқ лашкаргоҳи туст,
Саркашонро рӯй дар даргоҳи туст.
Пой то сар лоиқи тахтию тоҷ,
Нест тоҷу тахтро бе ту ривоҷ.
Тоҷро мапсанд бар фарқи хасон,
Тахтро дар зери пои нокасон.
Мулк мулки туст, бистон мулки хеш,
Мулкро берун макун аз силки хеш.



Даст аз ин шоҳидпарастӣ бозкаш,
Шоҳию шоҳидпарастӣ нест х(в)аш.
Дур кун ҳиннои ин шоҳид зи даст,
Шоҳ бояд буд ё шоҳидпараст.

### ДАР БАЁНИ ЧОР ХИСЛАТ, КИ АЗ ШАРОИТИ САЛТАНАТ АСТ

Ҳаст шарти подшоҳӣ чор чиз:
Ҳикмату иффат, шуҷоат, ҷуд низ.
Нест ҳикмат, к-аз паи нафси лаим,
Сухраи ҳукми зане гардад карим.
Нест аз иффат, ки марди ҳушманд
Доман олояд ба ёри нописанд.
Аз шуҷоат нест, к-аш созад забун
Қаҳбае аз рибқаи мардӣ бурун.
Нест аз ҷӯд он, ки натавонад гузашт
З-он чӣ кард ону чуз ӯ хиссат нагашт.
Ҳар кӣ бо ин чор хислат ёр нест,
Аз арӯси мулк бархурдор нест.
Он чӣ дар ҳар чор аз ӯ афтад халал,
Дар дили худ кай диҳад шоҳаш маҳал,
Ҳарфи ҳикматро бар ин кардам тамом,
В-он чӣ мебоист, гуфтам, вассалом.

### ТАНГДИЛ ШУДАНИ САЛОМОН АЗ МАЛОМАТИ ПАДАР ВА РӮЙ ДАР САҲРО НИҲОДАН ВА ОТАШ АФРӮХТАН ВА БО АБСОЛ ВА ҲАМ БА ОТАШ ДАРОМАДАН ВА СӮХТАНИ АБСОЛ ВА СОЛИМ МОНДАНИ САЛОМОН

Қист дар олам зи ошиқ хортар?
Нест кор аз кори ӯ душвортар.
Не ғами ёр аз дилаш зоил шавад.
Не таманнои дилаш ҳосил шавад.
Мояи озорӣ ӯ бегоҳу гоҳ,
Таънаи бадхоҳу панди некхоҳ.

Чун Саломон он насиҳатҳо шунид,
Ҷомаи осудагӣ бар худ дарид.
Хотираш аз зиндагонӣ танг шуд,
Сӯи нобуди худаш оҳанг шуд.
Чун ҳаёти мурданӣ дарх(в)ар бувад,
Мурдагӣ аз зиндагӣ хуштар бувад.
Рӯй бо Абсол дар саҳро ниҳод,
Дар фазои ҷонфишонӣ по ниҳод.
Пушта-пушта ҳезум аз ҳар ҷо бурид,
Ҷумларо як ҷо фароҳам оварид.
Ҷамъ шуд з-он пуштаҳо кӯҳи баланд,
Оташе дар пуштаи кӯҳ уфганд.
Ҳар ду аз дидори оташ х(в)аш шуданд,
Дасти ҳам бигрифта дар оташ шуданд.
Шаҳ ниҳонӣ воқифи он ҳол буд,
Ҳимматаш бар куштани Абсол буд.
Бар муроди хештан ҳиммат гумошт,
Сӯхт ӯрову Саломонро гузошт.
Буд он ғаш бар зару ин зарри хаш,
Зарри хуш холис бимонду сӯхт ғаш.
Чун зари мағшуш дар оташ фитад,
Гар шикастан уфтад, бар ғаш фитад.
Кори мардон дорад аз мардон насиб,
Нест ин аз ҳиммати мардон ғариб.
Пеши соҳибҳиммат ин зоҳир бувад,
Ҳар кӣ беҳиммат бувад, мункир бувад.

### БОЗМОНДАНИ САЛОМОН АЗ АБСОЛ ВА ЗОРӢ КАРДАН БАР МУФОРИҚАТИ ВАЙ

Бошад андар доругири рӯзу шаб,
Ошиқи бечораро ҳоли аҷаб.
Ҳар чӣ аз тири бало бар вай расад,
Аз камони чарх пай дар пай расад.
Ногузашта аз гулӯяш ханҷаре,
Аз қафои ӯ дарояд дигаре.
Гар бидорад дӯст аз бедод даст,
Бар вай аз санги рақиб ояд шикаст.
В-ар бигардад аз сараш санги рақиб,
Ёбад аз таъни маломатгар насиб.



В-ар раҳад з-инҳо, бирезад хун ба тег,
Шаҳнаи ҳаҷраш ба сад дарду дарег.
Чун Саломон кӯҳи оташ барфурӯхт,
В-андар ӯ Абсолро чун хас бисӯхт.
Рафт ҳамтои ваю якто бимонд,
Чун тани беҷон аз ӯ танҳо бимонд.
Нолаи ҷонсӯз бар гардун кашид,
Домани мижгон зи дил дар хун кашид.
Дуди оҳаш хайма бар афлок зад,
Субҳ аз андӯҳаш гиребон чок зад.
Баски аз ғам сина кандан кард соз,
Сина нохун, нохунаш шуд ҳамчу боз.
Бар вай аз нохун зи бас озор ҷуст,
Як сари нохун намонд аз вай дуруст.
Санг мезад бар дилу бе ҳеҷ шак,
Буд он нақди вафояшро маҳак.
Чун ба дил наншаст аз он сангаш ғубор,
Нақди ӯ омад бурун комилъиёр.
Чун аз ӯ дасти тиҳӣ кардӣ нишаст,
Қандӣ аз ҳасрат ба дандон пушти даст.
Чун надидӣ панҷа андар панҷа ёр,
Панҷаи худ кардӣ аз дандон фигор.
З-он гуҳар дидӣ чу холӣ мушти хеш,
Қандӣ аз дандон сари ангушти хеш.
Он шакарлаброх надидӣ чун ба ҷой,
Найшакарро ин шудӣ ангуштхой.
Рӯзу шаб бе он ки ҳамзонӯш буд,
Аз тапонча бадияш зонӯ кабуд.
Ҳар шаб овардӣ ба кунҷи хона рӯй,
Бо хаёли ёри хеш афсонагӯй.
К: — Эй зи ҳаҷри хеш ҷонам сӯхта,
В-аз ҷамоли хеш чашмам дӯхта!
Умрҳо будӣ аниси ҷони ман,
Нурбахши дидаи гирьёни ман.
Хона дар кӯи висолат доштам,
Дида бар шамъи ҷамолат доштам.
Ҳарду аз дидори ҳам будем шод,
В-аз ҷамоли якдигар дар сад кушод.
Ҳарду мо бо якдигар будему бас,
Кор не касро ба мо, моро ба кас.
Дасти бедоди фалак кӯтоҳ буд,
Кори мо бар муҷиби дилхоҳ буд.
Шаб ҳамехуфтем дар оғӯши ҳам,

Розгӯён рӯз сар дар гӯши ҳам.
Дар миёни мо касеро роҳ не,
Нокасе аз ҳоли мо огоҳ не.
Қош чун оташ ҳамеафрӯхтам,
Ту ҳаме мондию ман месӯхтам.
Сӯхтӣ, ту, ман бимондам, ин чӣ буд?
Ин бад оин бо мани мискин чӣ буд?
Кошкӣ ман низ бо ту будаме,
Бо ту роҳи нестӣ паймудаме.
Аз вуҷуди нохуши худ растаме.
Ишрати ҷовид дарпайвастаме!

**ҲИКОЯТИ ОН АЪРОБИИ УШТУРГУМКАРДА, КИ МЕГУФТ, КОШКӢ МАН НИЗ БА УШТУРИ ХУД ГУМ ГАШТАМЕ ТО КИ ҲАР КИ ВАЙРО ЁФТӢ, МАРО НИЗ БО ВАЙ ЁФТӢ**

Он аробӣ чун бар уштур дар шитоб
Аз шутур афтод чашме масти хоб.
Аз сабукборӣ шутур чун борие —
Дид, кард оғози хушрафторие.
Чун аробӣ бомдод аз хоб хост,
Пай набурд асло, ки он уштур куҷост.
Гуфт: «Вовайло, ки гум гашт уштурам,
Монд хотир аз хаёли ӯ барам.
Қош бо ӯ гаштаме ман низ гум,
То нарафтӣ бар сарам он уштулум.
Ҳар куҷо ӯ рафт, бо ӯ рафтаме,
То аз ин дурӣ ба як сӯ рафтаме.
Ҳар кӣ он гумгаштаро во ёфтӣ,
Бо мани овора якҷоя ёфтӣ».

**ШУНИДАНИ ПОДШОҲ ҲОЛИ САЛОМОНРО ВА ОҶИЗ ШУДАН АЗ ТАДБИРИ КОРИ ВАЙ ВА ДАР ТАДБИРИ ОН БА ҲАКИМ МАШВАРАТ КАРДАН**

Чун Саломон монд аз Абсол инчунин,
Буд дар рӯзу шабаш ҳол инчунин.



Маҳрамон он пеши шаҳ гуфтанд боз,
Ҷони ӯ афтод аз он ғам дар гудоз.
Бо вайяш ғам буду бе вай низ ҳам,
Аз замири ӯ нашуд ночиз ғам...
Шаҳ Саломонро дар он мотам чу дид,
Бар дилаш сад захми ранҷу ғам расид.
Чораи он кор натвонист ҳеҷ,
Бар раги ҷон уфтодаш тобу печ.
Қард арзи раъйи он доно ҳаким,
К-эй ҷаҳонро қиблаи уммеду бим!
Ҳар куҷо дармондаеро мушкилест,
Ҳалли он андешаи равшандилест.
Дар ҷаҳон имрӯз равшандил туӣ,
Бандсои қуфли ҳар мушкил туӣ.
Сӯхт Абсолу Саломон аз ғамаш —
Қарда вакти хеш вақфи мотамаш.
Не тавон Абсолро овард боз,
Не Саломонро тавон шуд чорасоз.
Гуфтам инак мушкили худ пеши ту,
Чораҷӯй аз ақли дурандеши ту.
Раҳмате фармо, ки бас дармондаам,
Дар кафи сад ғусса музтар мондаам.
Дод он доно ҳаким ӯро ҷавоб,
К-эй нагашта роят аз рои савоб!
Гар Саломон нашканад паймони ман
В-ояд андар рибқаи фармони ман,
Зуд боз орам ба вай Абсолро,
Қашф гардонам ба вай ин ҳолро.
Чанд рӯзе чораи ҳолаш кунам,
Ҷовидон дамсози Абсолаш кунам.
Аз ҳаким инро Саломон чун шунид,
Зери фармони вай аз ҷон орамид.
Хору хошоки дараш руфтан гирифт,
Ҳар чӣ гуфт,
аз ҷон пазируфтан гирифт.
Хуш бувад хоки дари комил шудан,
Бандаи фармони соҳибдил шудан.
Бишнав ин нукта, ки доно гуфтааст,
Гавҳаре бас хубу зебо суфтааст:
Бош доно бе луҷоҷу бе ситез,
Ё рав андар сояи доно гурез.
Рахна, к-аз нодонӣ афтад дар мизоҷ,
Ёбад аз донову доной илоҷ.

## МУНҚОД ШУДАНИ САЛОМОН ҲОКИМРО ВА ТАДБИРИ КОРИ Ӯ КАРДАН

Чун Саломон гашт таслими ҳаким,
Зери зилли раъфаташ шуд мустаҳим.
Шуд ҳаким ошуфтаи таслими ӯ,
Сеҳркорӣ кард дар таълими ӯ.
Бодаҳои давлаташ дар ҷом рехт,
Шаҳдҳои ҳикматаш дар ком рехт.
Ҷоми ӯ з-он бода завқангез шуд,
Коми ӯ з-он шаҳд шаккаррез шуд.
Ҳар гаҳ Абсолаш фаро ёд омадӣ,
В-аз фироқӣ ӯ ба фарьёд омадӣ.
Чун бидонистӣ ҳаким он ҳолро,
Офаридӣ сурати Абсолро.
Як-ду соат пеши чашмаш доштӣ,
Дар дили ӯ тухми таскин коштӣ.
Ёфтӣ таскин чу он ранҷу алам,
Рафтӣ он сурат ба сарҳадди адам.
Ҳиммати ориф чу гардад зӯрманд,
Ҳар чӣ хоҳад, офаринад бегазанд.
Лек чун як дам аз ӯ ғофил шавад,
Сурати ҳастӣ аз ӯ зоил шавад.
Гоҳ-гоҳе чун сухан пардохтӣ,
Васфи Зӯҳра дар миён андохтӣ.
Зӯҳра гуфтӣ шамъи ҷамъи анҷум аст,
Пеш ӯ ҳусни ҳама хубон гум аст.
Гар ҷамолаш хешро пайдо кунад,
Офтобу моҳро шайдо кунад.
Нест аз вай дар ғино кас тезтар,
Базми ишратро нишотангезтар.
Гӯши гардун бар навои чанги ӯст,
Дар самои доим аз оҳанги ӯст.
Чун Саломон гӯш кардӣ ин сухан,
Ёфтӣ майле ба вай аз хештан.
Ин сухан чун борҳо такрор ёфт,
Дар дарун он майлро бисьёр ёфт.
Чун зи вай дарьёфт ин маънӣ ҳаким,
Кард андар Зӯҳра таъсири азим.
То ҷамоли худ тамом изҳор кард,
Дар дилу ҷони Саломон кор кард.
Нақши Абсол аз замири ӯ бишуст,
Меҳри рӯи Зӯҳра бар вай шуд дуруст.



Ҳусни боқӣ диду аз фонӣ бурид,
Айши боқиро зи фонӣ баргузид.

## БАЙЪАТ ДОДАНИ ПОДШОҲ АРКОНИ ДАВЛАТИ ХУДРО БО САЛОМОН ВА ТАСЛИМ КАРДАНИ ТАХТУ ТОҶ БАР ВАЙ

Афсари шоҳӣ чӣ хуш сармояест,
Тахти султонӣ чӣ олӣ пояест.
Ҳар саре лоиқ ба он сармоя нест,
Ҳар қадам шоистаи ин поя нест.
Чархсо пое сазад ин пояро,
Аршфарсо фарқе он сармояро.
Чун Саломон аз ғами Абсол раст,
Дил ба маъшуқи ҳумоюнфол баст.
Доманаш з-олудагиҳо пок шуд,
Ҳимматашро рӯй дар афлок шуд.
Тораки ӯ гашт дархур тоҷро,
Пои ӯ тахти фалакмеърочро.
Шоҳи Юнон шаҳриёронро бихонд,
Саркашону тоҷдоронро бихонд.
Ҷашн з-инсон сохт, к-аз шоҳаншаҳон
Нест дар тайи таворихи ҷаҳон.
Буд ҳар лашкаркашу ҳар лашкаре,
Ҳозири он ҷашн аз ҳар кишваре.
З-он ҳама лашкаркашу лашкар, ки буд,
Бо Саломон кард байъат ҳар кӣ буд.
Ҷумла дил аз сарварӣ бардоштанд,
Сар ба тавқи бандагӣ афроштанд.
Шаҳ мурассаъ афсараш бар сар ниҳод,
Тахти мулкаш зери пой аз зар ниҳод.
Ҳафт кишварро ба вай таслим кард.
Расми кишвардорияш таълим кард.
Кард иншо дар чунон ҳангомае,
Аз барои вай васиятномае.
Бар сари ҷамъ ошкорову нуҳуфт,
Сад гуҳар з-алмоси фикрат суфту гуфт:
— Эй писар мулки ҷаҳон ҷовид нест,
Болиғонро ғояти уммед нест.
Пешво кун ақли динандӯзро,
Мазраъи фардо шинос имрӯзро.

Пеш аз он, к-ояд ба сар ин киштзор,
Давлати ҷовидро тухме бикор.
Ҳар амал дорад ба илме эҳтиёҷ,
Кӯшиш аз дониш ҳамегирад ривоҷ.
Он чӣ худ донӣ, равиш мекун бар он,
В-он чӣ не, мепурс аз донишварон.
Ҳар чӣ мегирию берун медиҳӣ,
Бин, ки чун мегирию чун медиҳӣ?...
Кисаи мазлумро холӣ макун!
Пояи золим ба он олӣ макун!
Он фитад дар фоқаву фақри шигарф,
В-ин кунад онро ба фиску зулм сарф.
Оқибат ин шева гардад шеванат,
Хам шавад аз бори харду гарданат.

Рӯ матоб аз роҳҳои мустақим,
К-ин бувад дастури шоҳони қадим...
Ҷаҳд кун, то ҳар хатову ҳар халал
Гардад аз адлат ба зидди худ бадал.
Не, ки аз ту адл гирад ранги зулм,
Хурд гардад ҷоми адл аз санги зулм.
Ту шубонию раият чун рама,
Дар шубонӣ дур бош аз дамдама.
Худ ту мунсиф шав чу некӯмазҳабон,
Чист асли кор — галла ё шубон?

Бояд андар галла сарҳангон туро,
Баҳри забти кор якрангон туро.
Чун саги галла туро сар дар каманд,
Лек саг бар гург не, бар гӯсфанд.
Бар рама бошад балое бас бузург,
Чун саги дарранда бошад ёри гург.
Аз вазирон нест шоҳонро гузир,
Лек донову амин бояд вазир.

Донад аҳволи мамоликро тамом,
То диҳад бар сурати аҳсан низом.
Бошад андар мулку моли шаҳ амин,
Н-оварад бар ғайри ҳаққи ту камин,
З-он чӣ бошад қисмати шоҳу ҳашам,
Аз райият не фузун гирад, на кам.
Меҳрубонӣ бо ҳама халқи худой,
Мушфиқӣ бар ҳоли мискину гадой.
Лутфи ӯ марҳамнеҳи ҳар синареш,
Қаҳри ӯ кинакаш аз ҳар зулмкеш.
Не бадӣ дар сирату сурат бадӣ —



Пеши арбоби хирад нобихрадӣ.
Чун саги маслах ҳама олудагӣ,
Хӯи ӯ з-олудагӣ осудагӣ.
То даҳони худ биёлояд ба хун,
Хоҳад андар забҳ говеро забун.
Мунҳие бояд туро ҳар сӯ ба пой,
Ростбину сидқварзу некрой.
То расонад бо ту пинҳон аз ҳама,
Достони зулму эҳсон аз ҳама.
Он ки бошад аз вазир андар нафир,
Пурсиши ӯро маяфган бо вазир.
Ҳам ба худ тафтиш кун он ҳолро,
Соз олӣ пояи иқболро.
Он ки баҳри ту кифоят мекунад,
Зулм бар шаҳру вилоят мекунад.
Он кифоят не, сиоят кардан аст,
Ҳимаи дӯзах ба ҳам овардан аст.
Кофияст орею аз вай дур нест,
К-ӯ кунад охир даҳи худро дувист.
Ҳифзи кофӣ чун чунин вофир шавад,
Нафси ӯ туғёр кунад, косир шавад.
Ҳаст пеши зиракони арҷманд
Ҳукми кофар бар мусулмон нописанд.
Қисса кӯтаҳ, ҳар кӣ зулм оин кунад,
В-аз паи дуньёт тарки дин кунад.
Нест дар гетӣ зи вай нодонтаре,
Қас нахӯрд аз хислати нодон баре.

### ИШОРАТ БА ОН КИ МУРОД АЗ ИН ҚИССА СУРАТИ ҚИССА НЕСТ, БАЛКИ МАҚСУД АЗ ОН МАЪНИИ ДИГАР АСТ, КИ БАЁН КАРДА ХОҲАД ШУД

Бошад андар сурати ҳар қиссае,
Хурдабинонро зи маънӣ ҳиссае.
Сурати ин қисса чун итмом ёфт,
Боядат аз маънии он ком ёфт.
Вазъи инро роҳдоне кардааст,
К-ӯ ба сирри кор роҳ овардааст.

З-он ғараз не қилу қоли мову туст,
Балки кашфи сирри ҳоли мову туст.
Қист аз шоҳу ҳаким ӯро мурод
В-он Саломон чун зи шаҳ бечуфт зод?
Қист Абсол аз Саломон комьёб?
Чист кӯҳи оташу дарьёи об?
Чист мулке, к-он Саломонро расид,
Чун вай аз Абсол домонро кашид?
Қист Зӯҳра, к-охир аз вай дил рабуд,
Занги Абсолаш зи оина зудуд?
Шарҳи ӯро як ба як аз ман шунав,
Пой то сар гӯш бошу хуш шав.

## АЗ «ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАРӢ»

«Хираднномаи Искандарӣ», ки ҳафтумин достони «Ҳафт авранг» аст, 2315 байтро фаро гирифта, соли 1485 (890 ҳиҷрӣ) дар вазни мутакориб таълиф гардидааст. Достони Искандар дар адабиёти Шарқ мавзӯи анъанавӣ буда, Ҷомӣ на ҷангнома, балки хираднома навиштааст.

Искандар (Александр) ҳангоми солхӯрда будани падараш таваллуд мешавад. Падараш Файлақус (Филипп) ӯро барои тарбия ба ихтиёри Арасту (Аристотель) медиҳад. Арасту ба Искандар илмҳои замонро меомӯзонад. Ӯ махсусан ба омӯхтани асарҳои Уқлидус (Евклид) ва Батламус (Птолемей) аҳамияти калон медиҳад. Дар натиҷа Искандар чун шахси олими тавоно ва хирадманди дурандеш ба камол мерасад. Файлақус наздик шудани марги худро пай бурда, Искандарро бо устодаш ба назди худ даъват мекунад ва аз писараш имтиҳон мегирад. Искандар аз санҷиш хуб мегузарад. Бо супориши падар устод барои Искандар «Хираднома» тартиб медиҳад.

Баъди марги Файлақус Искандар халқро ҷамъ мекунад, ки подшоҳиашро баргузинанд. Халқ ӯро интихоб мекунад. Баъди ин хираднамаҳои Арасту, Афлотун (Платон), Сукрот (Сократ), Букрот (Гиппократ), Файсоғурас (Пифагор), Аскалинус (Аскасниюс), Ҳармис (Гермеси Трисмегист) паиҳам меоянд, ки афкори баланди таълимӣ, сиёсӣ ва фалсафии муаллифро дар бар мегирад.

Искандар баъди ҳокимияти худро мустаҳкам кардан ва дар мамлакат адлу инсофро ҷорӣ намудан ба сӯи ғарб, ба хоки Доро, ба шимолу, шарқ ва ҷануб лашкар кашида, ҷаҳонгирӣ мекунад ва дар ҳама ҷо шаҳрҳои нав бунёд менамояд, кишвари Яъҷуҷу Маъҷуҷро забт карда, онро бо садди азиме мебандад.

Баъд саёҳатҳои Искандар ба баҳрҳо шурӯъ мешавад, ки ба ӯ Хизру Ильёс ва Балинос роҳбарӣ мекунанд.

Баъд хираднамаи Искандар шурӯъ шуда, шоир аз забони ӯ бисьёр афкори пешқадами худро роҷеъ ба давлатдорӣ пеш мегузорад.

Сипас Искандар ба сӯи Чин лашкар мекашад. Хоқони Чин наздик расидани ӯро шунида, ба ӯ як канизак, як ғулом, як даст ҷома ва як хон таъом мефиристад. Искандар аз ин тӯҳфаҳои ночиз ранҷида дар ғазаб мешавад. Вале олимони дарбори ӯ мефаҳмонанд, ки ин тӯҳфаҳо рамзӣ буда, ҷаҳонкушоро ба қаноат даъват менамояд. Искандар бо хоқон сулҳ мебандад.

Дар ин миён Искандар аз модараш нома мегирад. Модар ӯро насиҳат медиҳад, ки аз роҳи аҳли хирад рафта, адлу додро пеша кунад ва фақирпарвар бошад.

Искандари дур аз ватан афтода ба Арасту нома навишта талаби васият мекунад. Арасту дар ҷавобномаи худ ба Искандар насиҳат медиҳад. Шогирдони Арасту дар мактаби ӯ, ки «байт-ул-ҳикмат» ном дошт, илмро равнақ медиҳанд.

Искандар ба Ҳинд сафар карда, бо бараҳманҳо вомехӯрад ва дар назди онҳо аз заъфу нотавонии худ лаб ба шиква мекушояд. Баъд Искандар ба шаҳре меояд, ки на шоҳ дораду на гадо, ҳама дар он баробар буда, аз кизбу дурӯғ, ҷангу ғорат ва истисмор хабар надоранд.

Искандар боз чанд шаҳрро забт карда, аз лашкариёни худ ҷудо мешавад ва дар киштие нишаста ба кӯҳи Қоф мерасад. Аз он ҷо баргашта, дар биёбони сӯзоне ба дарди аҷал гирифтор мешавад. Ӯро ба хок месупоранд. Ҳакимон дар сари қабри ӯ хутбаҳо мегӯянд.

«Хираднномаи Искандарӣ» тамсилу ҳикоятҳои зиёд дорад.

## ХИРАДНОМАИ ИСКАНДАР

Сикандар, ки ганҷинаи роз буд,
Дари ганҷи ҳикмат бад ӯ боз буд.
Зи ҳикмат басо гавҳари шабфурӯз,
Қ-аз ӯ монда пайдост бар рӯи рӯз.
Биё, гӯшро қоиди хуш кун,
В-з он гавҳар овезаи гӯш кун.
Чу дорӣ дилу хуши ҳикматгарав,
Бикаш пунба аз гӯшу ҳикмат шунав.

Арасту, к-аш устоди таълим буд,
Бад-ӯ накди худ карда таслим буд.
Бад-ӯ гуфт рӯзе, ки эй хурдаҷӯй,
Ба дониш зи акрони худ бурда гӯй.
Чу мулки ҷаҳонат мусаллам шавад,
Дар он поя пои ту маҳкам шавад.
Чӣ бошад ба пеши ту микдори ман,
Чӣ равнак пазирад зи ту кори ман?
Бигуфто, ки бошад туро бартарӣ,
Бари ман ба микдори фармонбарӣ.
Ба тоат туро то қадам пештар
Бувад қадри ту пеши ман бештар.
Арасту чу аз вай шунид ин ҷавоб,
Ба меъёри ҳикмат намудаш савоб,
Бигуфто: «Шуд акнун яқинам дуруст,
Ки ин ҷома бар қомати туст чуст.

Ба тоҷи каёнӣ шавӣ сарбаланд,
Зи тахти Ҷаму мулки ӯ баҳраманд».
Ҳаме буд доим ба фарҳангу рой,
Ба таъзими устод кӯшишнамой.
Қасе гуфт: Чунӣ, чунин ранҷбар,
Ба таълими устод беш аз падар?
Бигуфто: Зад ин нақши обу гилам,
В-аз он тарбият ёфт ҷону дилам.
Аз ин шуд тани ман пазирои ҷон,
В-аз он омадам зиндаи ҷовидон.
Аз ин ёфтам як-ду рӯза вуҷуд,
В-аз он як шудам баҳри афзолу ҷуд.
Аз ин баҳри гуфтан забонвар шудам,
В-аз он дар сухан кони гавҳар шудам.

Зи шаҳват шуд ин як замон комьёб,
Паи тухми ман рехт як қатра об.
Зи фикрат шуд он солҳо сеҳркор,
Ки дар илми ҳикмат шудам номдор.
Аз ин по кушодам зи қайди адам,
В-аз он рӯ ниҳодам ба мулки қидам.
Яке рӯз бар тахти шоҳӣ басе
Ба сар бурду бегона н-омад касе.
Бигуфто, ки имрӯзро, к-аз дарам
Наёяд кас, аз умри худ нашмарам.
Дар он рӯз шаҳро чӣ осоиш аст,
Ки аз вай на бахшиш, на бахшоиш аст,
Нарезад ба домони хоҳанда сим,



Нашӯяд зи ҷони паноҳанда бим.
Иноят набинад накӯкор аз ӯ,
Сиёсат наёбад дилозор аз ӯ?!
Чӣ хуш гуфт рӯзе, ки қавли ҳаким
Бувад оина пеши марди карим.
Ки бинад дар ӯ сирату хӯйро,
Бад-он сон ки дар оина рӯйро.
Хирадро асар дар дили оқилон
Фузун бошад аз теғ бар ҷоҳилон.
Бимонад мудом он асар дар замир,
Шавад ин ба якчанд дармонпазир.
Камони аҷал гар хадангафган аст,
Маёзор, к-озор аз он бар тан аст.
Чу солим зияд мурғи ширинсафас,
Чӣ ғам, гар шикасте расад бар қафас?
Чу муҷрим шавад аз гуноҳ узрхоҳ,
Гуноҳ дон тағофул зи узри гуноҳ.

Битарс аз иқоби шадид-ул-иқоб,
Макун дар уқубатгирой шитоб.
Тавон зиндагонро фигандан зи пой,
Вале кушта ҳаргиз нахезад зи ҷой.
Фаровон ҳаме бахшу кам мешумор,
Зи миннат ниҳодан ҳаме кун канор.
Ҳаме гир кам, лек мебин басе,
Қ-аз ин шукр пайванд гардад гусӣ.
Чу Доро ба он рою фарҳанги хеш
Шуд озурдаи теғи сарҳанги хеш.
Аз он захм дар хоку хун уфтод,
Зи мулки саломат бурун уфтод.

Паси парда будаш яке турфа дӯхт,
Зи покизагӣ меваи соянухт.
Васият чунин кард, к-он дурри пок
Зи фарри Сикандар шавад тобнок.
Нагардад ҷуз ӯ ҳеҷ кас ҷуфти ӯ,
Кушояндаи дурҷи носуфти ӯ.
Сикандар чу кард он васият қабул,
Вале аз қабули васият малул.
Бад-ӯ гуфт кас, к-ин маломат зи чист,
Аз ӯ беҳтарат дар ҷаҳон ҷуфт кист?
Бигуфто: Аз он бошад андешаам,
Ки бар по занад ишқи ӯ тешаам,
Зи савдои ишқаш дарафтам зи пой,
Шавад бар сарам шоҳи фармонравой.

Наёрам зи кас кардан онро ниҳон,
Бигӯянд фарзонагони ҷаҳон:
«Сикандар зи Доро ҷаҳонро гирифт,
Вале духтараш аз вай онро гирифт.
Забунсози мардони соҳибнигин
Забун шуд занеро, на ақлу на дин!»
Бад-ӯ хотираш майли бисьёр дошт,
Вале зоҷири ақл бар кор дошт.
Ба вай маҳраме гуфт, к-эй комгор,
Аз ин нӯшлаб коми хотир барор.
Бигуфто, ки тоҷи хилофат ба фарқ,
Ҳама зери фармони ман ғарбу шарқ,
Нашояд, ки дар пеши ин ишвасоз
Дароям ба зонуи аҷзу ниёз.
Зи тифле ҳамоғӯш бистар кунам,
Ба вай хештанро баробар кунам?!
Биё, соқӣ, он талхи маҳлулро,
Ки зирак кунад ғофилу гӯлро.
Бидеҳ, то нишинам зи ҳар ҷуфт тоқ,
Диҳам ҷуфту тоқи ҷаҳонро талоқ.
Биё, мутрибу тоб деҳ гӯши уд,
Ба гӯши ҳарифон расон ин суруд.
Ки риндони озодаро дар никоҳ
Набошад ба ҷуз духтари раз мубоҳ!

## ДОСТОНИ РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА ШАҲРЕ КИ ҲАМАИ МАРДУМ ПОКИЗАРӮЗГОР БУДАНД ВА САВОЛУ ҶАВОБИ ЭШОН

Сикандар чу мегашт гирди ҷаҳон,
Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон.
Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавме писандида дид.
Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,
Фурӯбаста аз носазо чашму гӯш.
Наҷуста ба бад ҳаргиз озори ҳам,
Ба ҳар кори некӯ мададгори ҳам.
На з-эшон тавонгар касе, не фақир,
Бар эшон на султон касе, не амир.



Баробар ба ҳам қисмати молашон.
Мувофиқ ба ҳам сурати ҳолашон.
На аз меҳнати қаҳташон сол танг,
На бар сафҳаи сулҳашон ҳарфи ҷанг.
Зи як хона ҳар як шуда баҳраманд,
На дар бар дари хонаҳошон, на банд.
На ҳар дар фурӯ бурда гӯре мағок,
Ки бинандаро з-он шудӣ сина чок.
Сикандар чу шуд воқифи таврашон,
Шуд аз гуфтугӯ толиби ғаврашон.
Бигуфто зи аввал, ки «дар вақти зист.
Фурӯ бурдани гӯр аз баҳри чист?
Бигуфтанд, к — «аз баҳри он кандаем,
Ки то дар фазои ҷаҳон зиндаем.
Набандад лаби худ зи иршоди мо,
Диҳад ҳар дам аз мурдагӣ ёди мо.
Кушода бад-ин нукта доим даҳон,
Ки мову туем он даҳонро забон,
Зи ҳар ком барканда дандон дар ӯ,
Забонвор афтем урьён дар ӯ.
Забонворамон чун ба зиндон кунанд,
Зи дандонаи хишт дандон кунанд».
Дигар гуфт: «Чун хонаҳо бе дар аст?
Дар боз ҳар дуздро раҳбар аст».
Бигуфтанд: «Дар шаҳри мо нест дузд,
Ки аз касби дуздӣ хӯрад дастмузд.
Ҳама мардуми содиқанду амин,
Чу хоканд аминони рӯи замин.
Ба хок ар супорӣ яке дона ҷав,
Диҳад ҳафсадат боз вақти дарав».
Дигар гуфт: «Чун баҳри молу матоъ
Миёни шумо нест ҷангу низоъ?»
Бигуфтанд: «Мо бандаи сонеъем,
Ба қуту либосе зи вай қонеъем.
Расад бе низоъ он чӣ бошад кифоф,
Аз он дар ғилоф аст теғи хилоф».
Дигар гуфт: «Чун шоҳи фармонравой
Дар ин шаҳри бе шӯр нагрифта ҷой?»
«Паи дафъи зулм аст, — гуфтанд,— шоҳ,
Зи зулм ин вилоят бувад дар паноҳ.
Зари адл аз зулм гирад иёр,
Чу золим набошад, ба одил чӣ кор?!»
Дигар гуфт: «Чун дар диёри шумо

Ғанӣ нест кас дар шумори шумо?»
Бигуфтанд: «Н-ояд зи табъи карим
Харисӣ намудан паи зарру сим.
Насозад дар ин тангнои маҷоз
Зару симро ҷамъ ҷуз ҳирсу оз».
Дигар гуфт: «Чун аз суруфи замон
Зи маҳрумии қаҳт доред амон?»
Бигуфтанд: «Бегоҳу гоҳе, ки ҳаст,
Дар омӯрзишем аз гуноҳе, ки ҳаст.
Шавад одамиро дар ин девлох
Зи омӯрзиш асбоби рӯзӣ фарох».
Дигар гуфт, к-ин шева хоси шумост,
Ки сармоябахши халоси шумост.
Ва ё аз падар бар падар омадаст?
Гуҳарвор аз кон бадар омадаст?
Бигуфтанд, к-ин хоса аз мо нахост,
Або ан ҷад ин гашта мероси мост.
Надорам аз нахлкорӣ хабар,
Зи нахли падар чидаем ин самар.
Сикандар чу пардохт ин гуфтугӯй,
Ба оҳанги баргаштан овард рӯй.
Ба дӯкончаи дарзие баргузашт.
Ки чашм аз фурӯғи ваяш хира гашт.
Ба микрози таҷрид бубрида дил,
Зи пайванди ин олами обу гил.
Фурӯ бурда сар ҳамчу сӯзан ба кор,
Гузашта зи дурроаи айбу ор.
Чу ришта сар аз ҷоҳилон тофта,
Сари риштаи маърифат ёфта.
Сикандар бад-ӯ гуфт, к-эй хирасар,
Чу омад ба гӯши ту аз мо хабар.
Чу ришта сар аз мо чаро тофтӣ?
Чу сӯзан ба сар тез наштофтӣ?
Бигуфто, ки ман марди озодаам,
Ба роҳи ҳавас пой нанҳодаам.
Наёяд хушам фарру иқболи ту,
Чӣ созам сари хеш помоли ту!
Надорам тамаъ ганҷи симу зарат,
Чу мор аз чӣ ҳалқа занам бар дарат?
Аз ин пеш дар шаҳри мо як-ду кас,
Бипарридашон мурғи ҷон аз қафас.
Бурид он умеди худ аз тоҷу рахт,
Кашид ин зи пайғулаи фақр рахт.



Кафан бар тани он зи хаззу ҳарир,
Бар ин аз куҳан далқи дилнопазир
Аз ин бевафо кохи нопойдор,
Ниҳодандашон дар яке кунҷи ғор.
Бар эшон чу бугзашт якчанд рӯз?
Гузаштам бар он ғор бо дарду сӯз.
Зи ҳам дидам он ҳар дуро рехта,
Ба ҳам устухонҳо даромехта.
Нашуд равшанам баъди сад эҳтимом,
Ки он як кадом асту ин як кадом.
Ҳавои ҷаҳон бар дилам сард шуд,
Зи пайванди он хотирам фард шуд.
Бад-ӯ гуфт шаҳ, к-эй ба донишварӣ
Туро аз ҳама пояе бартарӣ,
Зи ҳар кор мебинам огаҳ туро,
Биё, то бар инон кунам шаҳ туро.
Бигуфто, ки шоҳо, ман он дарзиям,
Ки бошад паи худ амалварзиям.
Паи хеш далқи бақо дӯхтан
Беҳ аз атласи фонӣ андӯхтан!
Намехоҳам ин хилъати мустаор,
Ба ури дигар кун ато ин шиор...
Биё, соқиё, з-он маи ровакӣ,
Ки сайди тарабро кунад навакӣ.
Бидеҳ, то дар ин доми дилношикеб,
Бубандем гӯш аз сафири фиреб.
Биё, мутрибо в-он наи форсӣ,
Ки бар рахти ишрат кунад форисӣ,
Бизан то ба ҳамроҳии он савор
Кунем аз биёбони меҳнат гузор.

## БАҲРИ ТАВИЛ

Сақокаллоҳ, эй дайёр, ки аз даври рӯзгор тиҳӣ мондай зи ёр,
ману ҷони беқарор ба гирди ту ашкбор, чӣ пинҳон, чӣ
ошкор чу абре, ки дар баҳор кунад гирья бар чаман.

Ба ҳар манзилу мақом, ки он сарви хушхиром, ба ёрон
нишаста ром, ба ишрат гирифта ҷом в-аз он ҷом шодком,
ба ҷое ниҳода гом, бар он ҷой субҳу шом, ниҳам рӯи хештан.

Дар ин дилкушой маҳал — чу фирдавс бебадал, зи даврони
пурхиял,
Чу бинам басе халал, кунам, то бурад аҷал, сари
риштаи амал, гаҳе нола бар талал, гаҳе гирья бар даман.

Ба ҳар ҷо заминнишин шуд он ёри нозанин, ба чашми мани
гамин,
ки дорад ба теғи кин, ба ҷонам ғамаш камин, хасу кори он
замин беҳ аз сарву ёсимин, беҳ аз сунбулу суман.

Диле дорам, эй насим, зи ҳиҷрони ӯ дуним, чу ҳар базмро
надим, туӣ нокашида бим, гузар кун бар он ҳарим, ки
он моҳ бувад муқим, дар он равзаи наъим бигӯ шарҳи ҳоли
ман.

Чу он ёри дилгусил ба қатлам диҳад сиҷил в-аз он қатл
тангдил, ба рафтор муқтадил, ба хокам расад хиҷил,
ба ҷонаш кунам биқол, зи шавқаш чу гул зи гил занам ҷок
пираҳан.

Дар ин хиттаи хатар, ҳазар, Ҷомиё, ҳазар,
ки бо табъи нуктавар, кунӣ даъвии ҳунар,
ба каф чу набвадат зар, сухан гар шавад
гуҳар, куҷо ёри симбар ниҳад гӯш
бар сухан?!

## ФОНӢ-НАВОӢ

*Фонӣ тахаллуси ашъори тоҷикии сардафтари адабиёти классикии ӯзбек Низомиддин Алишери Навоист, ки 17 рамазони 844 ҳиҷрӣ (9 феврали 1441 милодӣ) дар Ҳирот дар оилаи Ғиёсиддин Кичкина ном амалдори хурди темурӣ ба дуньё омадааст. Вай аз хурдӣ дар Ҳироту Машҳад ва Самарқанд таълими хуб гирифта, дар 15-солагӣ чун шоир ном мебарорад. Навоӣ аз 28-солагиаш ба дарбори Ҳусайни Бойқаро (1469—1506) ҷалб гардида, чун мӯҳрдор, китобхонадор, амиру вазир, ҳокими Ҳироту Астаробод хизмат карда, дар 47-солагӣ аз хизмати дарборӣ ба истеъфо баромада, то охири умр ба кори эҷодӣ машғул шудааст.*

*Навоӣ дар шоирӣ ва маслак шогирди тавонои Ҷомӣ буда, бо Ҳотифӣ, Суҳайлӣ, Осафӣ, Беҳзод ва дигарон дӯстӣ доштааст. Вай сарпарасти аҳли илму адаби Ҳирот буд.*

*Эҷодиёти Навоӣ асосан ба забони ӯзбекӣ буда, қариб 30 номгӯи асарро фаро мегирад, ки достонҳои «Хамса», девонҳои панҷгона, «Маҷолис-ун-нафоис», «Маҳбуб-ул-қулуб», «Хамсат-ул-мутаҳайирин» машҳуртарини онҳост.*

*Навоӣ дар мактаби адабиёти форсу тоҷик тарбия ёфта, на танҳо осори Рӯдакиву Фирдавсӣ, Низомиву Саъдӣ, Амир Хусрави Деҳлавию Ҳофиз, Камолу Ҷомӣ ва ғайраро омӯхтааст ва «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор ва «Нафаҳот-ал-унс»-и Ҷомиро ба ӯзбекӣ тарҷима кардааст, балки дар пайравии бузургони ин адабиёт ба ин забон асарҳо низ навиштааст.*

*Девони форсии Навоӣ қариб чаҳор ҳазор байтро фаро мегирад. Ин девон дар таърихи адабиёти тоҷик аҳамияти хоса дорад, зеро худи муаллиф кадом шеърро дар пайравии кадом шоири гузашта гуфтанаш ва ё ихтироъи худи ӯ буданашро зикр менамояд.*

*Навоӣ соли 906/1501 фавтидааст. Қабраш дар Ҳирот (Афғонистон) аст.*

Қурб мемонад чу шуд айне, ки ақрабро сар аст.
Зар бут омад мард инак он ки аз зархоҳияш
Не зар Иброҳимро тоҷу ба Озар озар аст.
Бармакаш теғи забон ҳар дам,
к-аз ин рӯ шамъро
Сар барандозад аз он аз шӯъла зарринмиғфар аст.
Бегунаҳро сохтан озурда аз захми забон,
Нотавон кардан раги беранҷро аз наштар аст.
Ҳокими норостиро оқибат саргаштагист,
Дур гардонӣ алиф онро, ки гӯӣ довар аст.
Хокиён дар поя болотар зи ҷабборон, ки мӯр
Беҳ хиромад бар манобир гар чӣ аз шер аҳқар аст.
Золиму одил на яксонан дар таъмири мулк,
Хук дигар дар шиёри мулку деҳқон дигар аст.
Эй басо нуқсон,
ки дар зимнаш бувад як навъ суд,
Чун дафи лӯлӣ дарид аз бахри маймун ҷанбар аст.
Раҳ сӯи ҳақ беҳад, аммо ҳаст акриб роҳи фақр,
Бахри он, к-«алфақру фахрӣ» гуфтаи пайғамбар аст.
Андар ин раҳ он ки дорад гом бар гоми расул,
Аршпарвозест, к-ӯ ҳам роҳрав, ҳам раҳбар аст.
Ҳомии дини набӣ, Ҷомӣ, ки ҷоми фақрро
Дошта бар каф лаболаб аз шароби кавсар аст.
Равзаи рои мунираш гулшане дон, к-аш зи лутф
Қатраи рухсораи ҳар барг меҳри анвар аст.
Оҷиз аз теъдоди авсофи камоли ӯст ақл,
Анҷуми гардун шумурдан кай тариқи аъвар аст.
Динпаноҳо, аҳли дӯзахро чу уммеди биҳишт,
Ҷони хокиро ҳавои васли он хоки дар аст.
Жоласон, к-андар даруни ғунча афтад муддатест,
Қ-орзӯи дарди фақрам дар дили ғампарвар аст.
Мулкро аз мавкаби ду шаҳ бувад боди футур,
Чун зи қасри қайсар омад нукта ҳосил сарсар аст.
Дил, ки набвад ҷамъ дар мадди ҳаёташ кӯтаҳист,
Аз парешонӣ қасираш хонӣ он к-ӯ қайсар аст.
Марди косибрози ранҷи даст бар каф обила,
Шуд далели гавҳари мақсуд, к-аш даст андар аст.
Шуд сироти мустақими саҷдасозон ростин,
Шоҳроҳи раҳрави хона хутути мистар аст.
Аз бидоят ҳар чӣ овардӣ ба мурдан ҳамраҳ аст,
Дар туфулият чӣ омӯзӣ, ба пирӣ азбар аст.
Мард аз зан кам на дар гавҳар, чӣ гар бошад ҳақир
Дур зи байза кам на дар қиммат, агарчӣ асғар аст.



Меҳнати ифлоси муфрат дар гаронӣ Қоф дон,
Қоф шуд чун фоқа беҳад гашту ин мустакбар аст.
Аҳли ҳимматро зи ноҳамвории гардун чӣ бок,
Сайри анҷумро чӣ ғам, к-андар замин ҷӯю ҷар аст,
Нест бар хӯрдан зи қавли ҳилагар чун қавли рост,
Турфаи фолезбозӣ гар на чун барзигар аст.
Зиллат омад ҳосили хоин, ки мушон чун кунанд
Байзадуздӣ, ин яке занбар к-аш он як занбар аст.
Чашм бар моли фақиронанд, аъмол ар бувад
Шоҳро ҳар мол мемонад, ки қути лашкар аст.
З-илтифоти хотират ин нуктаи ширин мараст,
Ҳамчунон к-аз партави хуршед найро шаккар аст.
Як назар афган, ки мустағнӣ шавам з-абнои ҷинс,
Саг, ки шуд манзури Наҷмиддин сагонро сарвар аст.
«Тӯҳфат-ул-афкор» агар созам лақаб ӯро сазост,
Тӯҳфа чун наздат зи бахри фикратам ин гавҳар аст.
Гашт явми ошири шаҳри раҷаб таърихи он,
Турфатар, к-ин рӯзу моҳ итмоми онро мазҳар аст,
Толибони рубъи маскунро зи зилли олият,
Файз бодо, то мақоми меҳр ҷорум манзар аст!

## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

### ТАТАББӮЪИ МИР ХУСРАВ

Гар парда андозад маҳам он рӯи оташнокро,
Сӯзам ба оҳи оташин, нӯҳ пардаи афлокро.
Хоҳӣ чу қатл, эй каҷкулоҳ, ҳоҷат ба теғат нест, ваҳ,
Ин бас, ки бишкастӣ ба таҳ ҷоки кулоҳи чокро.
Афтад ба мардум сад хатар, гӯяд малоик алҳазар,
Ҳар сӯ, ки созӣ ҷилвагар он қомати ҷолокро.
Бо ҳар кас, эй симинбадан, манмой рӯи хештан,
Бояд чу чашми поки ман з-он ҷон ҷамоли покро.
Соқӣ зи бедоди ҷаҳон сад ғам ба дил дорам ниҳон,
Ҷоме бидору вораҳон з-онҳо мани ғамнокро.
Бояд, ки масти фан кунӣ, дайри муғон маскан кунӣ,
Гар боядат равшан кунӣ, оинаи идрокро.
Фонӣ дар ин дайри алам чун маҳлакат шуд заҳри ғам,
Чун муршиди ҷон бахшадам з-ӯ нӯш кун тарьёкро.

## ТАТАББӮЪИ ҲАЗРАТИ МАХДУМӢ

Эй аз баҳори ҳусни ту бар чеҳраам гулзорҳо,
Дар сина з-он гулзорҳо дорам калиди хорҳо.
Аз неши ҳачраш муттасил, гӯ, риштаи чонам гусил,
Чун дӯхт натвон чоки дил з-он сӯзану з-ин торҳо.
Дар кулбаи ғам гар барам ой, наёбӣ пайкарам,
Бас хоки хорӣ бар сарам, к-афтода аз деворҳо.
Аз ҳумрати рухсор кай битвон шудан ҳамранги вай,
Моро ба хун ӯро ба май чун ранг шуд рухсорҳо.
Чун з-он бути ошуфтахӯ орам ба сӯи қибла рӯ,
Баста чу аз ҳар тори мӯ бар гарданам зуннорҳо.
Будам ба ақли зӯфунун пири хирад пеш аз чунун,
Тифлон давонандам кунун дар кӯчаву бозорҳо.
З-ин назми нав чархи куҳун якбора, гӯ, ҳайрат макун,
Фонӣ чу таълими сухун дорад зи Чомӣ борҳо.

## ТАТАББӮЪИ МАХДУМӢ

Зи абри тира барқе част тарфи кӯҳсоронро,
Ки равшан кард ҳар сӯ шамъи гулҳои баҳоронро.
Чу наргис чоми зар бигрифту лола соғари ёқут
Салои бода зад мурғи чаман парҳезгоронро.
Ту низ, эй пири дайр, андар чунин фасле ба сармастӣ
Зи кунчи майкада сӯи чаман каш майгусоронро.
Фиған, эй муғбача, аз як муғона чоми мардафган,
Ба рақс ор аввали шаб то саҳар шабзиндадоронро.
Сабӯҳи айш бо ёрон қадаҳ хӯр, нест чун маълум,
Ки ёбандат шаби оянда ёрон бо ту ёронро.
Дар ин саҳро зи боди ҳодиса ҳар сӯй чун лола
Ба хок афтода бин точи ғурури комгоронро.
Ба сар гарди фано, дар зери паҳлу хори навмедӣ,
Зи точу тахти Чам озод дорад хоксоронро.
Сафоли кӯҳна пурмай созу чоми Чам бинеҳ номаш,
Дар ӯ наззора кун аҳволи дайру рӯзгоронро.
Чу охир чуз фанокорӣ нахоҳад буд, эй Фонӣ
Дар ин дайри фано бигзор айби чуръахоронро.

## ТАТАББӮЪИ ХОЧА ҲОФИЗ

Ту хубу хулқи ту хубу такаллумат ҳам хуб,
Набуда чун ту ба хубӣ касе ба олам хуб.



Ба ҳусн беҳ зи парӣ одамигарӣ бартар,
Нагашта мисли ту пайдо зи насли одам хуб.
Кушӣ ба хубиву чонбахшӣ аз сухан, ки чу ту
Набуда, аллаҳ-аллаҳ, Масеҳи Марьям хуб.
Ба дил муҳаббати ту бештар шавад ҳар дам,
Ки бештар бинамоӣ ба чашм ҳардам хуб.
Анису ҳамдам агар ҳаст хуб, хубтар аст,
Ки дар чаҳон ба кас афтад анису ҳамдам хуб.
Ба олам омада хубон басеву лек чу ту
Набуда бар ҳама хубон касе мусаллам хуб.
Зи хайл мачмаъи хубон ба Фонии бедил
Вафову меҳр бувад хубу зулму кин ҳам хуб.

## АЙЗАН

Меравад ёр чудо, з-ӯ кор бар ман мушкил аст,
Доғи ҳачрам бар тану неши фироқам бар дил аст.
Бода дур аз вай кучо орад нишотам, эй рафиқ,
З-он ки оби зиндагӣ бе ӯ чу заҳри қотил аст.
Ё диламро сӯхта, ё даргирифта аз дилам,
Чои оташҳош дар саҳро, ки дар ҳар манзил аст.
Ҳаст он хуршеди зебоӣ маро умри азиз,
Қай ачаб бошад ба рафтан, гар чунин мустаъчил аст.
Гар дусад сабру шикебам нақш гардад дар замир,
Дар замон аз мавчи селоби фироқаш зоил аст.
Менамояд саъй дур аз вай ҳалокамро ачал,
Гӯиё аз гаштани бедори ҳачраш ғофил аст.
Ҳаст ин ғавғои растохез андар қофила,
Аз дили чокам на аз бонги дарои маҳмил аст.
То кадомин маҳфилаш чо гашт, боре дар ғамаш
Достони ишқи ман афсонаи ҳар маҳфил аст.
Рафт чон ҳамроҳи чонон, Фонӣ ар мирад чӣ айб?
Зинда будан чунки бе чонону бе чон мушкил аст.

## ТАТАББӮЪИ ХОЧА

Он кокули мушкин, ки ба рух гашт ҳичобат
Оҳ аст маро кор пай рафъи ниқобат.
Ганчест туро ҳусн, к-аз ӯ даҳр шуд ободд,
Лекин дили девонаи ман гашт харобат.

Соқӣ, маи равшан, ки дили ғамзада тира-ст
Аз гардиши даврон зи сари зулфи батобат.
Гар моҳ най, чун шуда аз дур гузорат,
Гар умр най, дур шудан аз чист шитобат?
Гӯё зи лабам коми ту чӣ буд, ки диҳӣ ҷом,
Ҳам гӯй худ, эй ҷон, ки дар ин чист ҷавобат?
Афсонаи худ чун ба ту гӯям паси умре
Чун бахти ман он лаҳза равад чашм ба хобат.
Фонӣ, зи ғами мугбачагон чанд ваҳу воҳ?
Шуд дар назари пири муғон вақти инобат.

### ТАТАББӮЪИ ХОҶА

Зери нӯҳ тоқи фалак ғайри каҷӣ кор куҷост,
Ростӣ дар хами ин гунбади даввор куҷост?
Дилам аз хонақаву зӯҳди риёӣ бигирифт,
Раҳи майхона куҷо, соқии айёр куҷост?
Масҷиду шайх маро ҷониби уҷб афгананд,
Дайр ку, муғбачаи шӯхи қадаҳхор куҷост?
Сирри тавҳид чу хоҳӣ, бибур аз дарди дилат,
Ҷуз хароботи муғон маҳрами асрор куҷост?
Қаҷиву кӯтаҳии давр малулам доранд,
Рост хоҳам, алифи қомати дилдор куҷост?
Бодаи ишқ чу хӯрдӣ, хабар аз уд маталаб,
Қ-андар ин майкада аз хеш хабардор куҷост?
Дар сари кӯи вафо хок шуд инак сари ман,
То бар ӯ рахши ҷафо ҷилва диҳад, ёр куҷост?
Фонӣ, он рӯ натавон бе мижаву зулфаш ёфт,
Гули бехор куҷо, махзани бе мор куҷост?

### ТАТАББӮЪИ ҲАЗРАТИ МАХДУМӢ

Тира гаштам ҳар кӣ об андар шароби ноб рехт,
Чист ғайри тирагӣ он к-ӯ ба оташ об рехт.
Ваҳ, ки мумкин нест дигар чашмро дидан ба хоб,
Қ-аз хаёли лаб намак он маҳ ба ҷои хоб рехт.
Ёр шуд меҳмони ман в-аз гирьяи шодӣ ду чашм
Дар раҳаш ёқути руммониву лаъли ноб рехт.



Дар ду ҷомаш буд коми ман, хато буд аз табиб
Ин ки аз баҳри даво дар соғарам ҷуллоб рехт.
Он ҷавон, ё раб, ки гардад пир, гарчи беҳисоб
Ханҷари мижгон кашиду хуни шайху шоб рехт.
Аз ҳаётам гар асар набвад чу Фонӣ дур нест,
Хуни беҳад чун зи захм ин пайкари бетоб рехт.

### МУХТАРАЪ

Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шукуфт,
Дилҳо аз он нишот зи гул бештар шукуфт.
Дил аз сабоҳати рухи хубат кушода шуд,
Монанди ғунчае, ки ба вақти саҳар шукуфт.
Меояд аз гули чамани ишқ бӯи хун,
Гӯё, ки ғунчаҳош зи хуни ҷигар шукуфт.
Гар ханда зад зи гирьяи чашмам, аҷаб мадор,
Чун абр ашк рехт, гули тоза баршукуфт.
Соқӣ, баҳор шуд, қадаҳам рез лаб ба лаб,
Хоса, ки аз шукуфа чаман сар ба сар шукуфт.
З-он нахли ноз ханда ба ушшоқу васл не
Ҳамчун гуле, ки аз шаҷари бесамар шукуфт.
Фонӣ, аҷаб мадон, агар он гул шукуфтааст,
Аз ашки абрсони ту бишкуфт, агар шукуфт.

### ТАТАББӮЪИ ХОҶА

Бод бо турраи дилдор ба ҳар тор чӣ кард,
Зери ҳар тор ба дилҳои гирифтор чӣ кард?
Сураташ кард чу ороста машшотаи сунъ,
Ваҳ, ки дар гунаи он оразу рухсор чӣ кард?
Бо ҳама сангдилӣ раҳм кунӣ, гар донӣ,
Ки шаби ҳаҷри ту бо рӯзи мани зор чӣ кард?
Рӯҳбахш аст лабат, хозани ҳикмат, ё раб,
Дурҷ дар ҷавҳари он лаъли шакарбор чӣ кард?
Аксе аз ламъаи лаъли лаби Ширин чу ба кӯҳ,
Партав афганд ба Фарҳоди ҷигархор чӣ кард?
Манъ з-он зулф макун шайх, ки дар гардани ҷон
Пири дайрам ба ҷуз он ҳалқаи зуннор чӣ кард?

Ақл дар вазъи фалак пай набарад бин, ки ҳаким
Ҳалли ин нукта ба андешаи бисьёр чӣ кард?
Ҳама завқ асту сафо, таъбия меъмори қазо,
Ваҳ, ки дар чорҳади кулбаи хаммор чӣ кард?
Фонӣ омад ба сӯи майкада чун аҳли салоҳ,
Гар нашуд раҳн ба май, хирқаву дастор чӣ кард?

## АЙЗАН

Ишқ аҷзои вуҷудамро ба роҳат хок кард,
Санги бедодат аз он хокам бурун овард гард.
Гармиву сардӣ надидам, гарчи андар роҳи ишқ,
Кард аз он айбам мубарро ашки гарму оҳи сард.
Чанд таъвизам нависӣ аз пай дафъи ҷунун,
Ҷоҳид ин афсонаҳои печ-печат дарнавард.
Носеҳи бедард аз дарди дили мо ғофил аст,
З-он ки набвад воқиф аз дарди касе ҷуз аҳли дард.
Дар хаёлаш кори дил беҳушиву ғам хӯрдан аст,
Вой беморӣ, к-аш ин бошад ба олам хобу х(в)ард.
Рӯи зардамро агарчи сурх созад хуни ашк,
Хун шавад зардоб аз таъсири рангу рӯи зард.
Гар ҳавои васли он хуршед дорӣ чун Масеҳ,
Фониё, аз мардуми даврон муҷаррад бошу фард!

## ТАТАББӮЪИ ШАЙХ

Зи хоки кӯи ту бӯи абир меояд,
Ки сӯи дилшудагон дилпазир меояд.
Шаҳе, ки мулки ҷаҳонро ба зулм кардӣ асир,
Ҳанӯз ношуда сӯят асир меояд.
Ҳалол гашт ба чашми ту хуни ман, гарчи
Ҳанӯз аз даҳанат бӯи шир меояд.
Ба кӯи ишқ, ки худ қатлгоҳи ушшоқ аст,
Ки он тараф зи асирон нафир меояд.
Ҳамепарад зи тараб чашмам, эй фалак, ҳуш дор
Магар, ки шоҳ ба сӯи фақир меояд?
Чӣ рӯзгори накӯ буд васл, эй Фонӣ
Ки гаҳ гаҳам ба хаёлу замир меояд.



## ТАТАББӮЪИ ҲАЗРАТИ МАХДУМӢ

Боз теғи зулм бар каф тундхӯи ман расид,
Рехт ҳар сӯе дусад хун то ба сӯи ман расид.
Ҳар чӣ аз тӯфони ашки ман расид андар ғамаш,
Бар ҳама рӯи замин аввал ба рӯи ман расид.
Сангборони фалак сад ҷо сарамро ҳам шикаст.
Санги бедодаш на танҳо бар сабӯи ман расид.
Гарчи ман дидам малолатҳо зи гуфтугӯи халқ,
Халқро ҳам бас малол аз гуфтугӯи ман расид.
Ин ки бар ҳар тори мӯи ман задӣ теғи зулам,
Он ҳама бар пайкари чун тори мӯи ман расид.
Ҳукми куштан ҳар киро фармуд он султони ҳусн,
Шаҳнаи ишқ аз барои ҷустуҷӯи ман расид.
Фониё, дар заъфи ҳиҷрон теғи он бебок буд
Қатраи обе,
ки ногаҳ бар гулӯи ман расид.

## МУХТАРАЪ

Саҳар вазид насими тарабфазои баҳор,
Ки гашт боиси май хӯрданам ҳавои баҳор.
Сипаҳ кашид сӯи боғу бин ба лола, ки шуд
Ба милу шаққаи ёқутгун ливои баҳор.
Беҳ аз баҳор чу фасле барои ишрат нест,
Зи мадҳ фасле созам адо барои баҳор.
Баҳор нақди латофат фидои ёрон кард,
Ки нақди ҷони чу мо бедилон фидои баҳор.
Баҳор гарчӣ зуд ояд ғам аз дил,
аммо ҳаст
Тамавуҷи май сӯҳони ғамзудои баҳор.
Кушод ғунча ба гулбун зи ҳад бурун чу саҳар
Вазид сӯи чаман боди дилкушои баҳор,
Агар ба мурда дамад ҷон, аҷаб мадор,
ки ҳаст
Насими рӯҳ дар анфоси мушксои баҳор.
Ғанимат аст баҳори ҷавонӣ аз паи айш,
Ки то баҳори ҷавонӣ бувад, чӣ ҷои баҳор?
Баҳори умр ғанимат шумор, эй Фонӣ,
Фанош арчи ки зуд аст чун фанои баҳор.

## ТАТАББӮЪИ МАХДУМ

Арақ ҳар сӯ давад аз оташин рухсори зебояш,
Чу он тифле, ки сӯзад дар замини тофта پояш.
Зи мушкинпарда он маҳ дар табистон чун бурун омад,
Чу шабнам анҷум ояд бар замин баҳри тамошояш,
Парӣ ё ҳур бошад, ё малак он маҳ, ки ақли кул
Даме н-ояд ба ҳоли худ зи шакли ҳайратафзояш.
Ту пиндорӣ, ки шӯхони чаманро хушксол омад,
Ба боғи ҳусн чун дар ҷилва омад сарви раънояш.
Ба рӯзи айши ман гӯй, ки гарди шом мебезад,
Ба ораз чун парешон мешавад зулфи сумансояш.
Қадаҳ деҳ, соқиё, к-андешаи гетӣ ҳалокам кард,
Ба зӯҳди офиятомӯзу ақли маслиҳатзояш.
Чу манъи дурднӯшӣ кард зоҳид, соқиё, акнун
Чу дорӣ бода аввал бигзарон аз бодапалояш.
Чӣ ёбам илтифот аз вай мани сар хоки раҳгашта,
Чу сӯи сарбаландон аз такаббур нест парвояш.
Зи сирри бода, эй Фонӣ, чу хоҳӣ аз хати соғар
Намоям як-ду ҳарфат, лек бо ағьёр нанмояш.

## АЙЗАН

Ё раб, чӣ балоест, ки он шӯхи қадаҳнӯш
Ҳар бода, ки бо ғайр хӯрад ман равам аз ҳуш.
Аз баски сабӯи дари майхона кашидам,
Шуд чун кафи дасти шутури маст маро дӯш.
Он чашми сияҳро, ки набуд ҳоҷати сурма,
Дар сӯги қатилони ғамаш гашта сияҳпӯш.
Буд ар чӣ маро ваъдаи васли ту ба бозӣ
Ҳаргиз накунам лаззати он ваъда фаромӯш.
Пинҳон суханам ҳаст ба он шӯх, валекин
Ку заҳраи онам, ки барам лаб сӯи он гӯш?
Фонӣ агарат даъвии оини вафо ҳаст,
Аз рафта таассуф махӯр, аз н-омада махрӯш.

## МУХТАРАЪ

Ба махмурӣ, паёпай метапад дил,
Магар аз муждаи май метапад дил?



Лаболаб соғараш созад магар дафъ,
Чу з-ин сонам паёпай метапад дил.
Магар соқии маҳваш хоҳадам дошт
Қадаҳ, к-аз шодии вай метапад дил.
Тапад дил аз маям, не з-оби ҳайвон,
Напиндорӣ, ки ҳар шай метапад дил.
Ба гул шабнам чӣ таскинам диҳад з-он-к
Аз он рухсори пурх(в)ай метапад дил.
Тапиш дилро аз он маҳваш муғаннист,
Магӯ, к-аз нағмаи най метапад дил.
Дили Фонӣ тапад бе соқиву ҷом,
Зи ҳуру кавсарам кай метапад дил?

## ТАТАББӮЪИ МИР ХУСРАВ

Сайри бӯстон чӣ кунам бе бути гулпираҳанам?
Пираҳанро чу гул аз фурқати ӯ чок занам.
Ёдам он навъи диламро зи худӣ карда халос,
Кӣ гаҳе ёд наояд ба дил аз хештанам.
Ончунон ман зи миён рафта, ҳама ӯ шудаам,
Ки ба худ ҳеҷ таҳайюл накунам ин ки манам.
Гар биҷӯянд зи ман ҳеҷ наёбанд ҷуз ӯ,
Ин тани орият ар з-он ки зи худ барфиканам.
Аллаҳ-аллаҳ чӣ фироқ асту ба заммат чӣ висол?
Ки маро ҷон шуда ҷонон ба ватангоҳи танам.
Соқӣ оинаи май деҳ, ки дар ӯ чун худро
Нигарам, ҷилва кунад гулрухи симинбаданам.
Нест чун анҷумани хилвати ман бе рухи ту,
Чӣ тафовут кунад аз хилвати ман анҷуманам?
Воизо, равза туро, з-он ки зи ёди рухи ӯ
Рашки фирдавс шуда гӯшаи байтулҳазанам.
Фониё, давлати васлам зи ғами ҳаҷр расид,
Марҳами сина бувад хору гили ин чаманам.

## ТАТАББӮЪИ ШАЙХ КАМОЛ

Гуфт: «Роҳамро бирӯб»:— Он симбар. Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Дигар раҳ бизан обаш дигар». Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар рӯзе зи зулфам дур мондиву ҷудо,
Гирья мекун з-аввали шаб то саҳар». Гуфтам: «Ба чашм»

Гуфт: «Агар бар ёди лаълам бодаи гулгун хурӣ,
Косаҳо пур соз аз хуни ҷигар» Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар хоҳӣ ба рӯям чашми худ равшан кунӣ
Аз ҳама хубон бикун қатъи назар» Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Агар ёбад зи шоми ҳаҷр чашмат тирагӣ
Соз аз шамъи рухам нури басар» Гуфтам: «Ба чашм».
Гуфт: «Бо чашмат бигӯ, к-аз хоки роҳи тавсанам
Нур ёбад сурмаро, миннат мабар», Гуфтам: «Ба чашм.
Гуфт: «Фонӣ, чунки аҳли ишқ сӯи маҳвашон
Бингаранд, он дам ту сӯи мо нигар» Гуфтам: «Ба чашм».

## ТАТАББӮЪИ САЙИД ҚОСИМИ АНВОР

Нигори турки тоҷикам кунад сад хона вайрона,
Бад-он мижгони тоҷиконаву чашмони туркона.
Муродам ин бувад, то чашми худ бар зулфи ӯ молам,
Агар хоҳӣ, ки ӯро созам аз мижгони худ шона.
Бихоҳад мурғи дилро сӯхт охир болу пар як шаб,
Зи бас гирди сари он шамъ мегардад чу парвона.
Бинои ишқро дар дил шикофи сина дар бошад,
Алифҳо паҳлӯи ҳам бар дараш хатҳои дандона.
Қашам ҳудро зи баҳри соя ҳар дам зери деворе,
Чу афтад аз нами тафҳои оҳам сақфи кошона.
Ғарат тира-ст хилват, рав сӯи пири муғон, эй шайх,
Ки бошад аз фурӯғи бода равшан кунҷи майхона.
Ба ҷурми дин буте барбаста гардонад ба зуннорам,
Чу бахшад нақди динро, гирадам аз баҳри ҷурмона.
Ба ман паймона деҳ, соқӣ, чу бо риндон диҳӣ соғар,
Хуми майро, вале баҳри дили ман соз, паймона.
Насиҳатгӯй, Фонӣ ҳам зи ойини хирад дур аст,
Касе, к-аш ақл бошад, кай даромезад ба девона?

## ИХТИРОЪ

Рухсори арақноки ту, эй турки таторӣ,
Бар сафҳаи гул рехта борони баҳорӣ.
Оташ ба дарунҳо чу чанор аст фитода,
То ҷилва кунӣ, карда қабо ранги чанорӣ.
Тир ар ба ҳаво афганӣ ин навъ паи сайд,
Захмӣ шуда афтанд малоик чун шикорӣ.



Теғи ту, ки чун оби ҳаёт аст равонбахш,
Ҳоҷат ба ваям нест, чӣ ҳоҷат, ки барорӣ?
Аз новаки он ғамза, ки дар чашм на пайдост
Тире, ки задӣ бар дили ман, омада корӣ.
Соқӣ, мае аз баҳри хуморам, ки кушанда-ст
Андешаи махмуриву он чашми хуморӣ.
Фонӣ, чӣ намой талаби ёри вафоҷӯй?
Қ-абнои замонро набувад шеваи ёрӣ.

## ТАТАББӮЪИ МАХДУМ

Чу хас гум гаштам андар боғи ҳусну нози гулрӯе,
Ки боди бениёзӣ мевазид он ҷо зи ҳар сӯе.
Ба бадхӯй, ки мардум мекушӣ ҳар дам, накӯ набвад,
Бадӣ, эй моҳ, муносиб кай бувад аз чун ту некӯе?
Ба ишқат не тавонам панҷа афгандан, на рӯ хастан,
Ки аз заъфам яке пое намонду зӯри бозуе.
Таку пӯям, ки дар кӯи муғон омад, чӣ айб, эй шайх!
Зарурат гашт соликро давидан чун ба ҳар кӯе.
Кушод аз машъали айнулякин гар хоҳӣ, эй дида,
Зи хоки даргаҳи пири муғон беҳ нест доруе.
Сари соғар мапӯшон, соқиё, з-он рӯ ки бошад нафъ
Ду чашмамро аз ӯ ранге, димоғамро аз ӯ бӯе.
Маҷӯ дар кунҷи хилват, Фониё, он лаб, ки бас бошад,
Агар ёбӣ ба ёдаш кунҷи боғеву лаби ҷӯе.

## МУСАДДАС БАР ҒАЗАЛИ ҶОМӢ

Кардаме дар хоки кӯи дӯст маъво, кошкӣ,
Судаме рухсори худ бар хоки он по, кошкӣ,
Омадӣ берун зи кӯй он сарви боло, кошкӣ,
Бурқаъ афгандӣ зи рӯи оламоро, кошкӣ,
Дидаме дидори он дилдори раъно, кошкӣ,
Дида равшан кардаме з-он рӯи зебо, кошкӣ.

Кӯи он моҳ то бувад, ҷаннат намебояд маро,
То бувад ҷаннат ба дӯзах дил фурӯ н-ояд маро,
Пеши лаълаш кай даҳан бо кавсар олояд маро,
То бувад он сарв, тӯбӣ хуш намеояд маро,
«Хотир андар сояи тӯбӣ наёсояд маро,
Сояд кардӣ бар сарам он сарвболо, кошкӣ».

Дӣ шудам афғонкунон то кӯи он сарви баланд,
То ҷамолаш бингарам, ҳар гаҳ буруи ронад саманд.
Мунтазир мебуд то имрӯз, ҷони мустаманд,
Чун бурун омад, ба рӯи хештан бурқаъ фиганд,
«Гарчи имрӯз аз ҷамоли ӯ нагаштам баҳраманд,
Ваъдаи ин давлат афтодӣ ба фардо, кошкӣ».

Дар дили зорам ҳавас дидори он гулчеҳра буд,
Озими қасраш шудам, чун он ҳавас дар дил фузуд,
Монеъ омад ҳоҷибам в-он гаҳ ба сад гуфтушунуд,
Ҷониби гулзорам аз баҳри тамошо раҳ намуд,
«Ошиқонро рухсати гул чидану дидан чӣ суд,
Будӣ он гулчеҳраро азми тамошо, кошкӣ».

Бо вуҷуди он, ки дилро нест з-он гулрӯ насиб,
Не гули он рӯ, ки хоре аз сари он кӯ насиб,
Не ба ҷон як нукта з-он лабҳои ширингӯ насиб,
Не ба чашмам ҷилвае з-он орази некӯ насиб,
«Кошкӣ гӯям, маро гаштӣ висоли ту насиб,
Бенасибонро насибе нест, илло «кошкӣ».

Нест аҳли ақлро огоҳӣ аз асрори ишқ,
Нақши дин бе қиммат афтодаст дар бозори ишқ,
Аз тариқи оқилӣ безор бошад зори ишқ,
Дин ҳаме барбод бояд дод дар атвори ишқ,
«Бо вуҷуди ақлу дин сомон нагирад кори ишқ,
Дар ҳуҷуми ин шудӣ он ҳарду яғмо, кошкӣ».

Он кӣ шарҳи ҳарфи ҳаҷраш коми ҷонро сохт мур,
Аз забӯри ишқ дон ҳам байноташ ҳам зи бур.
Баски васфи ӯ бувад вирди забони абду хур,
Гаштааст аз дурри назми аҳли табъ офоқ пур,
«Назми Ҷомиро, ки шуд дар васфи лутфи ӯ чу дур,
Ҷо набудӣ ғайри гӯши шоҳи воло, кошкӣ!...»

## ДАР МАРСИЯИ МАВЛАВИ ҶОМӢ

Ҳар дам аз анҷумани чарх ҷафои дигар аст,
Ҳар як аз анҷуми ӯ доғи балои дигар аст.
Рӯзу шабро, ки кабуд асту сиёҳҷома дар ӯ
Шаб азои дигару рӯз азои дигар аст.
Балки ҳар лаҳза азоест, ки аз дашти адам,
Ҳар дам аз хайли аҷал гарди балои дигар аст.



Ҳаст мотамкадае даҳр, ки дар ҳар тарафаш
Дуди оҳи дигару нолаву вои дигар аст.
Оҳи ӯ ҳаст ба дил тирагӣ афзоянда,
Вои ӯ низ ба ҷон яъсфазои дигар аст.
Гули он боғ, ки садпора зи мотамзадагист,
Ҳар яке сӯхтаи ҷома-қабои дигар аст.
Оби ӯ заҳру ҳавояш мутааффин, чӣ аҷаб,
Ки дар ин марҳала ҳар лаҳза вабои дигар аст.
Аҳли дил майл сӯи гулшани қудс оварданд,
Ҳаст аз он рӯ, ки дар ӯ обу ҳавои дигар аст.
Назди арбоби яқин дори фано ҷое нест,
Ватани аслии ин тоифа ҷои дигар аст.

З-он сабаб масти маи ҷоми азал орифи Ҷом,
Сархуш аз дори фано сӯи ватан кард хиром.

Эй ҳарими ҳарами қурби илоҳӣ ҷоят,
Тарафи ҷаннату фирдавс куҷо парвоят?!
Чун шудӣ аз ҳарами мулк ба сӯи малакут,
Буд дар анҷумани хайли-малак ғавғоят.
Тӯтиёни ҳарами қудс ба дил муштоқат,
Булбулони чамани унс ба дил шайдоят.
Қимиёкори қазо меҳри дигар дод тулӯъ,
Чархро аз асари равшании симоят.
Нӯҳ фалак чархзанон омада бар фармонат,
Буда гӯё ба сари ҳар як аз он савдоят.
Шӯр дар олами арвоҳ бияфтод аз он,
Ки нию шанд ба ҷон нуктаи рӯҳафзоят.
Рӯҳи ақтоб расиданд ба истиқболат,
Ҷони аввод фитоданд ба хоки поят.
Даст бар даст бибурданд туро то ҷое,
Ки дар ин ғамкада ҳам хостӣ онро роят.
Ту шудӣ восили мақсуди ҳақиқию бимонд
То қиёмат ба ҷаҳон шевану вовайлоят.

Дар фироқи ту ғамин монд дил ғамзадагон,
Тир аз ин гӯшаи мотамзада мотамзадагон.

Ту бирафтию дили халқи ҷаҳон зор бимонд,
То қиёмат ба фироқи ту гирифтор бимонд.
З-оташи оҳи дили сӯхтагон то ба абад
Дудҳо дар хами ин гунбази даввор бимонд.
Аҳли тавҳид, ки бе муршиди комил гаштанд,
Садашон мушкили ҳалношуда дар кор бимонд.

Соликонро, ки камоли ту расидӣ ба сулук,
Аҷзҳо дар равишу нуқс дар атвор бимонд.
Уламоро, ки шудӣ машъали меҳр аз ту мунир,
Тира шуд машъалу то ҳашр шаби тор бимонд.
Сад ҳалал роҳ ба дин ёфт, ки диндоронро
Сабҳа бишкаст ба каф, риштаи зуннор бимонд.
Сирри ҳақ рафт паси пардаи катмон, ки зи ашк
Ба гил андуда дури махзани асрор бимонд.
На ки сад хори алам дар дили аҳрор халид,
Ки дусад хори ситам бар тани аброр бимонд.
Толибонро равиши роҳи фано рафт зи даст,
Ҳар яке дар паси сад пардаи пиндор бимонд.

Чӣ тазалзул, ки зи фавти ту дар айём фитод,
З-он тазалзул чӣ халалҳо, ки дар ислом фитод.

З-ин азо дар ҳама олам на гадо монд, на шоҳ,
Ки кашиданд ба сӯги ту дусад нолаву оҳ.
Абрсон гирьякунон, наъразанон соя фиганд
Ба сари наъши ту хуршеди карам — зилли илоҳ.
Гар муассар шудияш, наъш кашидӣ бар дӯш,
Чу мани сӯхтадил ҷониби мадфан ҳамроҳ.
Шаҳриёрони ҷаҳон чок зада ҷома ба тан,
Пеши тобути ту пӯянда ба аҳволи табоҳ.
Сарбаландони ҷаҳон дар таҳи наъшат шуда паст,
Ҳама гирьёну кашон бори ту бо пушти дутоҳ.
Шуда ҳар сояи наъши ту ба дӯши як қутб,
Лек ҳар чор шуда нудбагару вовайлоҳ.
Оламеро ба сӯи олами дигар бурдан,
Натавон ҷуз ба чунин боркашони огоҳ.
Ҷазаъи акбаре афтад, ки бо ин ҳама чашм
Чархи гардун натавонист бад-он сӯй нигоҳ.
Гарчи шоми ту шуд аз нур чу маҳтоб сафед,
Ҳеҷ кас лек надидаст чунин рӯзи сиёҳ.

Ба намозат, ки ҳазорон зи башар пайвастанд,
Сад ҳазорон зи малоик ба ҳаво саф бастанд.

Ҳама буданд ба афғону дили чок туро,
Ҷой карданд чу ганҷе ба дили хок туро.
Хайли арбоби иродат ҳамаро чок ба дил,
Ҳар яке хост кашидан ба дили чок туро.
Сари покони ҷаҳон будӣ, аз он эзиди пок,
Пок оварду дигар бурд ҳамон пок туро.



Ғарқаи баҳри висолӣ, ки ба чашми ҳиммат
Равза чун гулхану тӯтист чу хошок туро.
Рӯҳи покат чу ба болои нӯҳум чарх шитофт,
З-ин ки тан зери замин рафт кучо бок туро.
Ҳама покони ҷаҳонро ба тани пок расид,
Он чӣ омад ба тани пок зи афлок туро.
Сайри афлок аз он шуд, ки эзид дархост,
Баҳри ҳамрозии худ ҳоҷаи лавлок туро.
Ақли кул будӣ зи идроки маонӣ, з-он рӯ
Натавонад, ки таъаллуқ кунад идрок туро.
Қисмати ёри ту гар зорию ғамнокӣ шуд,
Лек зоре набувад чун дили ғамнок туро.

Зад саф хайли акобир, ки бароянд Маҳдум,
Мухлисонро макун аз дидани рӯят маҳрум!

Дӯстон дар ҳама фан нодираи олам ку?
Афзалу афсаҳи аҷноси баниодам ку?
Дар биёбони таманнош халоиқ мурданд,
Ба давои ҳама он хизри масеҳодам ку?
Дили аҳбоб шуд аз теғи фироқаш сад захм,
Он ки будӣ ҳамаро хулқи хушаш марҳам ку?
Хома рӯ карда сиёҳ, синаи худро зада чок,
Ки худованди ман, он бар уламо аълам ку?
Ҳуҷра холию парешон шуда авроқи кутуб,
Соҳиби ҳуҷра куҷо, нозими онҳо ҳам ку?
Дар саро нест ба ҷуз худкушии ғамзадагон,
Он кӣ таскин диҳад ин ҳурвашон аз ғам, ку? —
Дар Хуросон натавон гуфт, ки кас хуррам нест,
Он кӣ дар рӯи замин ёфт шавад хуррам ку?
На ки дар хонақаҳи зӯҳд фитад ин мотам,
Дар хароботи фано низ ба ҷуз мотам ку?
Эй ки будан ба фано аҳд кунӣ боқии умр,
Андар ин дасти фано аҳди бақо маҳкам ку?

Ишқбозон зи ғам оташ ба дил афрӯхтаанд,
Ҷонгудозон ҳама з-ин оташи ғам сӯхтаанд.

Эй ки дар пеш гирифтӣ сафари дуру дароз,
Ки бад-ин навъ сафар ҳар кӣ бишуд, н-омад боз.
На ки аз нӯги қалам боз бибастӣ раҳи сеҳр,
Балки аз банди забон бурдӣ аз офоқ эъҷоз.
Нафси қудсият аз кас натавон ёфт дигар,
Ваҳйиро баъди набӣ з-он ки нашуд кас мумтоз.

Шохро монд ба чон з-оташи хичрони ту сӯз,
Бандаро бо дили садпора зи доғи ту гудоз.
На шаҳу банда, ки то рӯзи қиёмат дар даҳр,
Ҳар кӣ бошад, бувад аз мотами ту навҳатироз.
Гарчи рӯ дар тутуқи васл ниҳодӣ, ки шавӣ
То абад чилвакунон дар ҳарами иззату ноз.
Мадад аз рӯҳи пуранвори худат низ расон!
Ки харобанд зи ҳачри ту басе ақли ниёз.
Эй рафиқон, ҳамаро оқибати кор ин аст,
Фикри анчом касе беҳ, ки кунад аз оғоз.
Ҳар кӣ сад қарн бимонад ба чаҳон ҳам ба фусун
Бирабояд зи чаҳонаш фалаки шӯбадабоз.

Шоҳи маъниро агар сурате афтод чунин,
Бод то ҳашр шаҳи сурату маънӣ, омин!

### АЗ МУҚАТТАОТ

Чавонмард аз карам муфлис нагардад,
Сахиро аз ато чин нест дар чеҳр.
Ба пошидан чӣ нукс ояд ба дарьё,
Ба афшондан чӣ кам гардад зари меҳр?

* * *

Эй фалон, сӯхтӣ халоиқро,
Мулкро шиддати ту вайрон кард.
Оташеро, ки чун ту сӯзандаст
Чуз ба куштан илоч натвон кард.

* * *

Чу иззат боядат, тарки тамаъ кун,
Гадоёнро аз ин маънист хорӣ.
Маҳ аз хуршеди равшан чун зиё хост,
Сияҳрӯ гашт аз он беэътиборӣ.
Дурафшон гашт чун бар фарқи мардӣ,
Ба шоҳон чатр шуд абри баҳорӣ.

* * *

Татаббӯъ кардани Фонӣ дар ашъор
На аз даъвиву на аз худнамоист.
Чу арбоби сухан соҳибдилонанд,
Муродаш аз дари дилҳо гадоист.



* * *

Маънии ширину рангинам ба туркӣ беҳад аст,
Форсӣ ҳам лаълу дурҳои самин, гар бингарӣ.
Гӯиё дар рост бозори сухан бикшудаам,
Як тараф дӯкони қаннодиву як сӯ заргарӣ,
З-ин дӯконҳо ҳар гадо коло кучо донад харид,
З-он ки бошанд ағниё ин нақдрҳоро муштарӣ.

### АЗ РУБОИЁТ

Чонам ба ду лаъли чонфазои ту фидо,
Рӯҳам ба насими атрсои ту фидо,
Ошуфта дилам ба ишваҳои ту фидо,
Фарсуда танам ба хоки пои ту фидо.

* * *

Чашмаш, ки тариқи сеҳр аз ӯ ёфт ривоч,
Аз Бобилу Кашмир ҳамегирад боч,
Айёрсифт рабуда гоҳи тороч
Аз танҳо сар, чунонки аз сарҳо точ.

* * *

Рафтиву ба чашмам аз ту тоб аст ҳанӯз,
Чашмам зи хаёли ту пуроб аст ҳанӯз.
Тан з-оташи ишқи ту кабоб аст ҳанӯз,
Боз о, ки дил аз ғамат хароб аст ҳанӯз.

* * *

Эй қатли маро кашида мижгонат саф,
Ҳар тире аз он чони маро карда ҳадаф.
Чуз он ки дар он варта шавад умр талаф;
З-он саф натавон рафт бурун ҳеч тараф.

* * *

Огоҳ нагаштам, ки дар ин дайр киям,
Ё худ чияму в-аз чияму баҳри чиям?
Маълумам не ки одамӣ ё замиям,
Ё хоки замин зи ман, чӣ сон одамиям?

Он хӯйро фидо дилу ҷонам, ки воҷиб аст.
Рафтан ба ҷону дил зи паи хӯи ӯ маро.
Ҳар кас зи дарди худ ба сухан ғайри ман, ки ҳеҷ
Надҳад хуҷуми ишқ маҷоли сухан маро.
Куштӣ маро чунон, ки надорам хабар зи хеш,
Сад бор агар ба теғ бурӣ сар зи ман маро.
Бо худ кунам ҳикояту набвад аҷаб аз он-к
Бегона сохт ишқи ту аз хештан маро.
Ғалтон ба хоки раҳгузараш ҷон диҳам, магар
К-ояд азоби оташи дил з-он кафан маро.
Лаб бастаам чу дил зи сухан бар умеди он,
К-ояд ба гӯши дил сухане з-он даҳан маро.
Исо ба гирья доғи кӯҳан тоза кард аз он
Хуноби тоза рехт зи доғи кӯҳан маро.

* * *

Ба дилат аз дили вайроншуда роҳест маро,
Ҳам дилат боз дар ин нукта гувоҳест маро.
Пеши оинаи рӯят, ки ба дил рӯй ба рӯст,
Он кӣ аз ҳоли дилам дам занад, оҳест маро.
Набарад занг зи ойинаи дил сайқали оҳ,
Баски ойинаи дил рӯи сиёҳест маро.
Бо вуҷуди ту зи худ қатъи назар бояд кард,
Ки ба ғайри ту назар айни гуноҳест маро.
Фарзу айнест, ки дорам тарафи дида нигоҳ,
Ки ҳамин бахра зи рӯи ту нигоҳест маро.
Чун барам лашкари савдои туро бар сари ақл,
Кокулу зулфи ту сархайли сипоҳест маро.
Бигзарон ин ғазали гуфтаи Исо бари шоҳ,
Ки мадад аз назари раҳмати шоҳест маро.

* * *

Чи ширин гӯяд он дилбар суханро,
Бинозам инчунин ширин даҳанро.
Ба худ овардамаш бо худ ба гуфтор,
Ба дасти хеш куштам хештанро.
Аз он лаб мекунад гӯё ҳикоят,
Аз он рӯ ҳаст ҷое ин суханро.



Чу ғунча мурдам аз ғам бӯи ӯ ку?
Ки аз шодӣ дарам бар худ кафанро.
Фидояш кард дар дам ҷони ширин
Чу Исо дид он шириндаҳанро.

* * *

Шакар бошад чу бикшояд даҳанро,
Бинозам инчунин ширин суханро.
Зи рашки лутфи он рухсор бингар,
Ки шуд сад чок пироҳан суманро.
Ту он нурӣ, ки афрӯзанд аз он шамъ,
Агар шамъанд хубон анҷуманро.
Маро ҷон бахри қурбони тани туст,
Барои ҷон нигаҳ доранд танро.
Магӯ ҷон дигар аст, эй тифли нодон,
Ки ман ҷон хонам он симинбаданро.
Гиребон чок хоҳад кард Исо,
Зи пеши сина бикшо пираҳанро.

* * *

Нест дар ҷон раҳ фиғони зоҳиди дамсардро,
Ку тафи гарме, ки аз ҷонам фишонад гардро?
Нест бо маҳбуб соҳибисмат он ошӯби ишқ,
Хуш надорам чун кунам, ҷуз он маҳи шабгардро
Сабр дар ҳиҷрон на бо ту васл ҳам дорам дареғ,
Чун ниҳам бар гунаи сурхи ту рӯи зардро?
Гар нахоҳам марги худ, дар ошиқӣ набвад аҷаб,
Рағбати роҳат набошад ҷони ғампарвардро.
Ишқи ваҳдат, гӯ, рамад аз касрати базми висол,
З-он ба танҳоӣ бувад худ ошиқони фардро.
Даъвии мардӣ макун, ку он кӣ дардаш тоб нест?
Маънии мардонагӣ ҷуз дард надҳад мардро.
Қас надонад ғайри Исо он чи аз дардаш кашид,
Дард бояд то шиносад ҳолати ҳамдардро.

* * *

Гар бароянд зи лаби лаъли ту коми дили мо,
Ин қадар бас бувад аз ҳар ду ҷаҳон ҳосили мо.

Бар сари роҳи ту, эй сарв, агар хор шавам,
Ҳамчунон лолаи меҳри ту дамад аз гили мо.
То бисӯзад дили мо, шамъсифат риштаи ҷон
Аз рухи хеш барафрӯз шабе маҳфили мо.
Об аз дидаи ғамдида равон сохтаем,
То магар он қади чун сарв шавад моили мо.
Манзили мо чу сари кӯи ту, эй сарви сиҳист,
Боғи фирдавс барад рашк зи сарманзили мо.
Бикунад ғамзаи ӯ қатли муҳиббон, ё раб,
Ку шафеъе, ки биҳоҳад биҳил аз қотили мо?
Исӣ он лаҳза ба мо рух бинамояд ҷонон,
Ки набошад ба ҷаҳон пардаи ҷон ҳоили мо.

* * *

Ғофил макун зи баҳри бало ҳар замон маро,
В-охир бидеҳ ба ҷанги бало ногаҳон маро.
Он сурате, ки хоҳадам охир дучор шуд,
Он беҳ, ки пеши чашм бувад ин замон маро.
Мирам яқин чунин, ки дами ёд карданаш
Набвад мадад зи ғайри дили нотавон маро.
Донӣ, ки дил намедиҳадам аз ту дур шуд,
Эй нохудойтарс, ба хорӣ марон маро!
Он рӯй пеши чашму дилам меравад зи кор,
Исӣ, бипой, баҳри худо, то тавон маро.

## САЙФИИ БУХОРОЙ

*Сайфии Арӯзии Бухороӣ аз шоирону олимони номдор буда, дар Бухоро таваллуд шуда, дар ҳамон ҷо таҳсили илм кардааст. Вай дар солҳои ҳафтодуми асри XV ба Ҳирот омада, дар ин муҳити адабӣ ном мебарорад. Махсусан «Саноеъ-ул-бадоеъ» ном китоби шеърҳои ӯ, ки бештар аз 100 ғазал дорад ва ҳар як ғазал барои санъатгаре ва пешаваре суруда шудааст, дар байни хоссу ом шӯҳрат пайдо мекунад. Худи Сайфӣ дар ин хусус мегӯяд:*

Ин нусха, ки толибанд хоссу омаш,
Фархунда чу оғоз бувад анҷомаш.
Лафзаш ҳама санъат асту маънеш-бадеъ,
З-он гашт «Саноеъ-ул-бадоеъ» номаш.

*Дар ин ғазалҳо шоир аксари касбу ҳунари аҳли шаҳр ва деҳ монанди гилкор, дуредгар, аттор, ҷомабоф, оҳангар, дарзӣ, мӯзафурӯш, пардадӯз, рангрез, нонво, каллапаз, ҳаммомӣ, камонгар, тоқидӯз, қиссахон, баззоз, фаррош, қассоб, нақшгар, хиштмол, деҳқон, сӯзангар ва ғайраро ном бурда, сифатҳои он касбро ва худи косибу коргар ва ҳунарпешаро дар сухани бадеъ ва шеъри нафис таърифи шоирона мекунад. Бинобар ҳамин Сайфӣ дар адабиёти тоҷик асосгузори назми бахшида бо ҳунармандон шинохта шудааст.*

*Сайфӣ доир ба арӯз ва муаммо ҳам рисолаҳо дорад, ки машҳуранд.*

*Тақрибан соли 892/1487 ба Мовароуннаҳр баргашта чанде мураббии ҳокими 11-солаи Самарқанд Бойсунқар гардида, тахминан соли 903/1498 ба зодгоҳи худ шаҳри Бухоро бармегардад ва дар он ҷо баъди соли 905/1500 ё 909/1504 вафот мекунад.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

### ҒАЗАЛИ ГИЛКОР

Тани хокист гил аз гирьяи бисьёр маро,
Оҳ агар даст нагирад бути гилкор маро.

Дар дили ман ғами ӯ тарҳи бино афгандаст,
Ҳар замон мебарад ин тарҳ зи паргор маро.
Баски бар хоки дараш рехтам об аз дида,
То ба гил мондаӣ ҳамчун каҳи девор маро.
Кори ман хӯрдани хишт аст ба сар, донистам,
То ба он сангдил афтод сару кор маро.
Ҳамчу Сайфӣ агарам хонаи дил буд хароб,
Байти маъмур шуд аз дилбари меъмор маро.

### ҒАЗАЛИ АТТОР

Дӯстон то ошиқам аттори гулрухсорро,
Дӯст медорам ба бӯи ӯ ҳама бозорро.
Шакару бодом қанде чун лабу дандони ӯст,
Қанд резад гар кушояд лаъли шаккарборро.
То ту аз унноби лаб гуфтӣ, ки шарбат медиҳам,
Медиҳам таскин ба он шарбат дили беморро.
Дар арақ шуд беди мушк аз шарму аз хиҷлат гулоб,
То намудӣ чаъди мушкину рухи гулнорро.
Ҷон ба ёре дод Сайфию напурсидӣ аз ӯ,
Боракаллаҳ, ҳамчунин пурсанд ёрон ёрро?

### ҒАЗАЛИ ҶОМАБОФ

Бо нигори ҷомабофам ҳаст то бозорҳо,
Баҳри ман ҳар лаҳза пайдо мекунад саркорҳо.
Нест абрешим, ки баҳри ҷомавораш метананд,
Риштаҳои ҷони ушшоқ аст бар деворҳо.
Аз ғамаш, гӯ, канда мешав риштаҳои ҷон, агар
Рост гардад кори ӯ аз кандани ин торҳо.
Эй, ки куфри зулфи офат бастаӣ бар хештан,
Бар миён барбаста чун моку туро аз норҳо.
Даст бар сар мезанад Сайфӣ аз ин ғам чун навард,
То чаро пои ту мебӯсанд пойафшорҳо?

### ҒАЗАЛИ ОҲАНГАР

Бути оҳангари ман гарчӣ дилаш сангин аст,
Дили ӯ сӯзад аз оҳи ман, агар оҳ аз ин аст.



Он к-аз ӯ оҳану пӯлод гудозад ба даме,
Оташи оҳи мани сӯхтаи мискин аст.
Бар сару рӯи ман аз путк занад чун оташ,
Пеши ӯ рӯи дигар доштанам оин аст.
Сайфии сӯхта дар васли бути оҳангар
Ғазале гуфт чу пӯлод, ки сад таҳсин аст.

### ҒАЗАЛИ РӮЗА ДОШТАН

Ба қайди рӯза чаро моҳи ман гирифторӣ,
Чу мебарӣ дилу дин, рӯзаро чӣ медорӣ?
Туро чӣ тоби риёзат, маҳи ман, он беҳтар,
Ки рӯзаро бикушоӣ, намоз бигзорӣ.
На мустаҳаб, ки фариз аст рӯза хӯрдани ту,
Чунин, ки ҷони ман аз заъфи рӯза беморӣ.
Зи дасти рӯза кунад умри ман ишораи рӯз,
Дило, ту рӯзи чунинро зи умр нашморӣ.
Висоли ид банд аст, Сайфӣ он хуштар,
Ки моҳи орази ӯ дида ид ангорӣ.

### ҒАЗАЛИ ДАРЗӢ

Дилбари дарзӣ, ки шуд девонаи рӯяш парӣ
Дӯхтанд аз баҳри ӯ гӯё қабои дилбарӣ.
Баҳри ӯ гирем, ки созад сӯзани зар офтоб,
Риштаи ӯ кай тавонад бофт моҳи ховарӣ.
Риштаи ҷонат ба васли сӯзани мижгони ӯ
Кай расад то дар ғамам аз савти сӯзан нагзарӣ.
Дил, ки чун ангуштбона ҳеҷ ҷо безахм нест,
Дорад аз мижгони тезаш захми сӯзан бар саре.
Ҷомаи сабрат, ки шуд Сайфӣ қабо аз дасти ӯ,
Чун нахоҳад дӯхтан, то кай гиребон медарӣ?

### ҒАЗАЛИ ХАЙМАДӮЗ

Хаймадӯзам сӯи худ рӯзе, ки гӯяд, бор нест,
Сад танобам гар занад он рӯз, ин миқдор нест.

Баски аз акси рухаш гулҳо намояд ҳар тараф,
Хайма ин гулчеҳра медӯзад, кам аз гулзор нест.
Баъди мурдан хаймааш гар бар сари хокам зананд,
Рӯзи маҳшар соябони дигарам даркор нест.
Ҳар куҷо зад хайма гардам гирд ӯ ҳамчун таноб,
Ишқи ман бо он парирӯ дар паси девор нест.
Мекашӣ ҷавру ҷафо аз ёру миннат аз рақиб,
Ҳеҷ кас Сайфӣ ба инҳо аз ту миннатдор нест.

## ҒАЗАЛИ НАҚОРАЧӢ

Маҳи нақорачии ман ба шаҳр шӯҳрати ӯст,
Гузашт навбати хубону аср навбати ӯст.
Ҷаҳам зи ҷой, чу ӯ чӯб бар нақора занад,
Самоъ ваҷди саҳаргоҳиям ба давлати ӯст.
Ба бод шуд дилу ҷон низ пой мекӯбад,
Бигӯ, ба ғамза, ки мавқуфи як ишорати ӯст.
Ба вақти навбати ӯ равшан аст бар ҳама халқ,
Ки зардии рухи шамс аз фурӯғи талъати ӯст.
Ба пои навбати ӯ ҷон ҳамедиҳад Сайфӣ,
Магар нақораи он моҳ кӯси реҳлати ӯст?

## ҒАЗАЛИ БАРРАДӮЗ

Аз он ҳоли мани жӯлидамӯ ҳар дам дигаргун аст,
Ки ҳусни баррадӯзи шӯхам аз андоза берун аст.
Агар чӯбам зананду об афшонанд бар рӯям,
Нагӯям дар дарунам захми теғаш чанд ё чун аст.
Ба микрози ҷафо ҳарчанд афзун мекунад батнам,
Ба зулфаш ҳар сари мӯе маро пайванд афзун аст.
Бад-ин шодам, ки ёдам медиҳад аз тоҷ бӯри ӯ,
Дилам к-аз захми теғи ӯ саросар ғарқаи хун аст.
Ба сӯи он парипайкар ба худ раҳ нест Сайфиро,
Ба кӯяш пӯсте пӯшида то гӯянд Маҷнун аст.

## ҒАЗАЛИ РАНГРЕЗ

Гулъузори рангрез кори Масеҳо мекунад,
Куштаҳоро аз лаби ҷонбахш эҳьё мекунад.
Рангҳои шӯх агар Исо баровардӣ зи ҳам
Шӯхи ман аз май бағоят ранги аъло мекунад.
Нест моро дар ғамаш ҷуз ашки сурху рӯи зард,
Оқибат меҳри бутон ин ранг пайдо мекунад.
Панҷаи хуршед дасти туст, эй зебонигор,
Гар намесозӣ кабудаш кори байзо мекунад.
Ин ки гулгун аст оби чашми Сайфӣ дар фироқ,
Ранги кори ӯст медонам, ки бо мо мекунад.

## ҒАЗАЛИ ХАТТОТ

Хаттоти ман, ки ишваи бисьёр мекунад,
Гӯй ҳамеша машқи ҳамин кор мекунад.
Гоҳе бар устухон занадам неш чун мақат,
Гаҳ фарқи ман ду бахш қаламвор мекунад.
Ҳарфи ҷафову ҷавр, ки гӯяд муаллимаш,
Сад бор менависаду такрор мекунад.
Монанди хома рӯсияҳу сарбурида бод,
Он к-ӯ ба ҳусну хатти ту инкор мекунад.
Бар коғазе, ки Сайфии маҷнун хати ту дид,
Мебандадаш ба гардану тӯмор мекунад.

## ҒАЗАЛИ МОҲИПАЗ

Моҳи моҳипаз, ки теғаш рахна дар ҷонам кунад,
Синаам бишкофаду бар тоба бирьёнам кунад.
Устухони ман зи оби шӯр хоҳад шуд сафед,
Ғарқа дар шӯроб то кай чашми бирьёнам кунад.
Баски бар тан доғ мемонад ба рӯи ҳам маро,
Ҳамчу моҳӣ дар дирамҳо зуд пинҳонам кунад.
Бе зулоли васл мемирам чу моҳӣ ташналаб,
То ба кай он моҳ қасди ҷон ба ҳиҷронам кунад?
Ҳамчу Сайфӣ толиби ганҷи висолам рӯзу шаб,
Ҷустани ин ганҷ метарсам, ки вайронам кунад.

## ҒАЗАЛИ КАБОБӢ

Ба сӯзи ишқи кабобӣ диле, ки хом бувад,
Ба гирди хони муҳаббат намак ҳаром бувад.

Ба пои дор басе куштаи муҳаббати ӯст,
Вале муҳаббати маро то сари кадом бувад.
Дилам кабоб шуду ҳар чӣ ҳаст, бар табақ аст,
Агар сагони туро майли ин таом бувад.
Гаҳе, ки бар сари бозори ҳусн чилва кунӣ,
Ҳазор Юсуфи Мисрӣ туро ғулом бувад.
Мақом бар сари ин кӯй чун кунад Сайфӣ,
Агар рақиби ту бо ӯ дар ин мақом бувад?

### ҒАЗАЛИ КАФШДӮЗ

Эй шӯхи кафшдӯз, ки бурдӣ қарори дил,
Бо ғамзаи ту мушту дарафш аст кори дил.
То донаҳои холи ту зад нақш бар дилам,
Қемухтвор гашт сияҳ рӯзгори дил.
Кардем курсии ту дили пора-пораро,
Биншину бахья каш, маҳи ман, дар канори дил.
Гар дил зи даст рафт, бад-ин хушдилам, ки ҳаст
Дар дасти ёр қӯба маро ёдгори дил.
То ёр ҳаҷр бар дили Сайфӣ ниҳодаӣ,
Мискин шудаст қолаби беҷон зи бори дил.

### ҒАЗАЛИ БАЗЗОЗ

Агар сад бор сӯи дилбари баззоз мебинам,
Чу меоям бурун аз тим, аз дар боз мебинам.
Магар бо Юсуфи Мисрӣ шарикам дар накӯрӯӣ,
Ки рашкам мекушад бо ҳар касе анбоз мебинам.
Қадам бар пардаҳои чашми покам нех чу бихромӣ,
Ки поят лоиқи ин чинси пойандоз мебинам.
Ба дилчӯӣ ҳикоят мекунад бо ман гаҳи савдо,
Манам, ё раб, ки он маҳро ба худ ҳамроз мебинам.
Зи ҳаҷраш баски дар бозор зорӣ мекунад Сайфӣ,
Ҳама бозориёнро гӯш бар овоз мебинам.

### ҒАЗАЛИ ҚАССОБ

То парирухсораи қассобро девонаам,
Бо рақибон аст доим ҷанги қассобонаам.



Сарви симандоми ман то бар миён занҷир баст,
Ҳаст аз он занҷир қуллоби бало ҳар донаам.
То шавад равшан, ки ман аз куштаниҳои туам,
Доғ кун аз дасти хунолуди худ бар шонаам.
Дасту поям чуст банду бар гулӯям корд мол,
Сар ҷудо соз аз тану андоз дар вайронаам.
Гар биронад банда Сайфиро зи дар ҳамчун сагон,
Қай равам аз остони ӯ, саги ин хонаам.

### ҒАЗАЛИ АБРЕШИМФУРӮШ

Навоз, эй мутрибу гӯ васфи абрешимфурӯши ман,
Ки худ меояд он овози абрешим ба гӯши ман.
Зи ашки қирмизӣ абрешими олист мижгонам,
Зи май то чеҳра гулгун кард сарви сабзпӯши ман.
Ба ҳар ранге к-аз он гулчеҳра дар савдо сухан пурсам,
Бароям ранг-ранг аз шарми раъноӣ ҳамӯши ман.
Мани савдозада ҳар гаҳ нишинам бар дӯкони ӯ,
Гиребон гирадаш абрешиму часпад ба дӯши ман.
Чу Сайфӣ ҳар гаҳ аз овози абрешим кашам нола,
Ҳама ушшоқ меоянд дар ҷӯш аз хурӯши ман.

### ҒАЗАЛИ ДЕҲҚОН

Дилбари деҳқон, ки ишқи ӯст кору бори ман,
Тухми меҳраш коштам дар дил, аз он шуд ёри ман.
Об бикшоям даме сад бор ҷӯи дидаро,
То магар он сарв ояд бар лаби ҷӯбори ман.
Гар бигирьям бе руху зулфу қади дилҷӯи ӯ,
Як шаборӯз об ронад дидаи бедори ман.
То маро аз донаҳои хол дур андохтӣ,
Сохтӣ, эй хирмани гул, ҳамчу каҳ рухсори ман.
То чу Сайфӣ дар замини дил нишондам тухми меҳр,
Дар биёбони бало шуд хокпошӣ кори ман.

### ҒАЗАЛИ СӮЗАНГАР

Моҳи сӯзангар, ки дар дил мехалад мижгони ӯ,
Он кӣ дил мехонамаш ман, ҳаст сӯзандони ӯ.

Он бути маснаднишин ҳар гаҳ ки хезад аз дӯкон,
Ҳамчу сӯзан хезаму овехт дар домони ӯ.
Бо ғамаш сарроcт гаштам ҳамчу сӯзан оқибат,
Чун басе паҳлутиҳӣ мегардам аз суҳони ӯ.
Дар дили пӯлоди ӯ оҳам наояд коргар,
Нест ин хоискро таъсир дар сандони ӯ.
Чашми Сайфӣ баста буд аз дард то рӯи ту дид,
Боз шуд чун чашми сӯзан аз фараҳ чашмони ӯ.

## ҒАЗАЛИ СОЗАНДА

То ба кай бо дигарон созаду сӯзад банда,
Ҳаст фарьёди ман аз дасти маҳи созанда.
Тори танбӯри худ аз риштаи ҷонам созад,
То ба мизроби ҷафо созадаш аз ҳам канда.
Чун маро тоқати он нест, ки сӯяш бинам,
Пеши ӯ гӯш бар овозаму сар афганда.
Ман, ки аз нағмаи ӯ меравам аз ҳол ба ҳол,
Гоҳ бар ҳоли худам гирья бувад, гаҳ ханда.

* * *

Надонам то чӣ бедод аст, ё раб, гулъизоронро,
Ки дар фарьёд медоранд ҳар соат ҳазоронро.
Чу бастам бор аз он дар, эй дил, акнун бо сагони ӯ
Накӯ рафтем, агар аз мо малоле буд ёронро.
Агар сели сиришкамро набудӣ ранги хун, ҳаргиз
Касе аз оби чашми ман накардӣ фарқ боронро.
Чу сайди дил кунад ман аз паи аспаш давам, оре,
Ки рӯзи сайд меафтад ба саг ҳоҷат саворонро.
Ба рӯзи марг мардум хок бар сар мекунанд, Сайфӣ,
Ки мурдему накардӣ ёд рӯзе хоксоронро.

* * *

То шуд огаҳ, ки ба ӯ дил нигарон аст маро,
Дигар он сарви равон душмани ҷон аст маро.
Гар ба савдои бутон рафт матои дилу дин,
Ошиқи риндаму з-инҳо чӣ зиён аст маро?



То ба рӯи ту гирифтанд муқобил хуршед,
Ба маҳу меҳр шабу рӯз қирон аст маро.
Он ки ҳар лаҳза туро бо дигарон мебинам,
Дар фироқи ту балои дигарон аст маро.
Гуфтӣ, охир ба ҷафо хуни ту резам Сайфӣ,
Ба вафои ту, ки мақсуд ҳамон аст маро.

* * *

То ба ӯ кардам аён ишқи ниҳони хешро,
Сохтам бегона моҳи меҳрубони хешро.
З-оташи дил шӯъла дар ҷонам наяфтодӣ чу шамъ,
Гар нигаҳ медоштам аввал забони хешро.
Қиссаи Фарҳоду Маҷнун аст пиндоранд халқ,
Ҳар куҷо буньёд кардам достони хешро.
Хок бар сар мекунам, чун тир ҳар ҷо меравам,
Гар намебинам даме абрӯкамони хешро.
Ҷони ман дур аз ту Сайфӣ ҳаст зору нотавон,
То кай аз худ дур созӣ нотавони хешро?

* * *

Хоки раҳ гаштаму сӯям гузаре нест туро,
Нест парвои манат ё хабаре нест туро.
Бо манат гарчи назар нест чунон низ макун,
Ки бидонанд, ки бо ман назаре нест туро.
Баски шӯрида сар аз ишқи фаровон дорӣ,
Ҳеҷ бо ошиқи шӯрида саре нест туро?
Дар лабат з-он накунад нолаи зорам асаре,
К-з вафо дар дили бераҳм асаре нест туро.
Гуфтаӣ мегузарад аз маю шоҳид Сайфӣ,
Чанд гӯӣ чу аз инҳо, гузаре нест туро.

* * *

То кай ғами дил гуфтанам дар хона бо деворҳо?
Хоҳам зад аз бетоқатӣ фарьёд дар бозорҳо.
Аз бори ҳаҷру бори ғам дорам басе дарду алам,
Чун пешам ой, эй санам, хоҳам, ки гӯям борҳо.

Доим ба ушшоқи ҳазин кори ту бошад ҷавру кин,
Эй сангдил, гӯё ҳамин донистаӣ аз корҳо.
Хоҳам, ки пӯшам меҳри ӯ, лекин чу гардад рӯ ба рӯ,
Равшан шавад ҳолам бар ӯ аз зардии рухсорҳо.
Сайфӣ бубин то метавон ҳар лаҳза рухсори бутон,
Бошад ғанимат дар ҷаҳон, донистаӣ, дидорҳо.

* * *

Ғанимат аст висоли бутони бодапараст,
Бигир соғару ин айшро мадеҳ аз даст.
Балои ишқи бутонам ҳалок карду ҳанӯз
Намеравад зи сари ман аҷаб балое хаст.
Лаби фусунгари ӯ соҳир аст мегӯянд,
Қасе забони касеро наметавонад баст.
Дили шикастаи ман орзуи рӯи ту дошт,
Чи орзу, ки мани хастаро ба дил нашкаст.
Чунон ба теғи ту буд иштиёқ Сайфиро,
Ки то набохт сари хешро, зи по наншаст.

* * *

Зи баски дарди ту бар ҷони нотавони ман аст,
Ҳалоки ман талабад ҳар кӣ меҳрубони ман аст.
Табиб ҷораи ман чун кунад, ки гармии ишқ
Ҳароратест, ки дар мағзу устухони ман аст.
Макун канор, к-аз ин бартараф нахоҳад шуд
Муҳаббате, ки миёни тую миёни ман аст.
Чунин ки зистанам бе хаёли ӯст маҳол,
Хаёли ёр тасаввур кунӣ, ки ҷони ман аст.
Ба ғайри бодаву савдои гулрухон, Сайфӣ,
Ба дар чӣ умри гиромӣ равад, зиёни ман аст.

* * *

Мани бедил надонам бо кӣ гӯям дарди ёри худ,
Надорад ҳеҷ парвои ғарибони диёри худ.
Чу чашмаш бар ман афтад ҷуз тағофул нест кори ӯ,
Ҳаме мебинадам машғул мегардад ба кори худ.



Ту, эй султони хубон, бе рақибе нестӣ ҳаргиз,
Мани мискин чӣ гуна бо ту гӯям ҳоли зори худ?
Ба кӯят омадан ҳар дам муносиб нест, медонам,
Валекин бас намеоям ба ҷони беқарори худ.
Ба теғи кин ҳамехоҳӣ ки резӣ хуни Сайфиро,
Қасе ҳаргиз чунин душман шавад бо дӯстдори худ?

* * *

Маро ҳиҷрон рафику ёр бо ағьёр мегардад,
Чӣ бояд кард, васли гул насиби хор мегардад.
Дар аввал пас ҷаро ҳамрози худ месозадам, охир
Чу меандешад озори ману безор мегардад.
Дилам ҳар лаҳза гардад гирди чашми нотавони ӯ,
Ба сони дӯсте, к-ӯ бар сари бемор мегардад.
Мани муштоқ дар кӯят наёрам ҳар замон омад,
Нагӯӣ к-ӯ ҷаро дар кӯи мо бисьёр мегардад.
Аз он пеши саги кӯяш надорад ҷуръате Сайфӣ,
Ки ҳар к-ӯ меравад бисьёр ҷое, хор мегардад.

* * *

Ба боғ агар бути ман бо лаби чу нӯш расад,
Зи ханда ғунчаи гулро даҳан ба гӯш расад.
Агарчи маҷлиси воиз хабар диҳад зи биҳишт,
Куҷо ба сӯҳбати риндони боданӯш расад?
Ба абрӯи ту, ки орам ҳазор саҷдаи шукр,
Дар он намоз, ки дӯши туам ба дӯш расад.
Чу бо рақиб табассумкунон сухан гӯӣ,
Зи ғусса ҷон ба лаби ошиқи хамӯш расад.
Ба кӯи дӯст, ки Сайфӣ зи гирья рафт аз ҳуш,
Магар зи кахгили девори ӯ ба ҳуш расад.

* * *

Эй ҳарифон, чанд фикри соғару саҳбо кунед?
Қори май саҳл аст, аввал соқие пайдо кунед.
Бо шумо з-ин сон, ки мӯҳтоҷем, эй симинбарон,
Бо фақирон ҷои он дорад, ки истиғно кунед.

Мешавад бе зулфи ӯ олам ба чашми ман сиёх,
Гар тавонед, эй табибон, дафъи ин савдо кунед.
Омад он сарви равон з-он тозагулҳои чаман,
Гар наояд рӯи ӯ, шарманда сар боло кунед.
Меравад Сайфӣ зи шахр аз ҷавру бедоди шумо,
Эй бутони сангдил то кай ба ӯ инҳо кунед?

* * *

Ба ҳар манзил, ки моҳи ман сафар кард,
Мани овораро оворатар кард.
Ба ҷустуҷӯи ӯ ин сели ашкам
Тамоми шаҳрро зеру забар кард.
Чу майли қатли мардум кард чашмаш,
Ҷаҳоне дид кушта то назар кард.
Дигар кардӣ дили нозук зи оҳам,
Ба ҳар чизе набояд дил дигар кард.
Ҷило меҷустӣ аз теғи ту Сайфӣ,
Агар бе ӯ тавонистӣ басар кард.

* * *

Рӯзи ид аст, нахоҳам, ки қароре гирам,
То ба идӣ ба маҳи хеш каноре гирам.
Шаб набурд аз ҳаваси дидани он маҳ хобам,
Ки шавад рӯз, сари роҳгузоре гирам.
То ба кӯяш набувад омаданам бе тақриб,
Хешро ҳар нафасе ҳамраҳи ёре гирам.
То касеро нашавад номи нигорам маълум,
Ҳар замоне ба забон номи нигоре гирам.
Ҳеҷ идӣ беҳ аз ин нест, ки Сайфӣ имрӯз
Соғари май зи кафи лолаузоре гирам.

* * *

Беҳ аз ҷон аст ҷононе, ки дорам,
Фидои ӯ кунам ҷоне, ки дорам.
Чу бинам ҷоки домонаш намонад,
Дурустӣ дар гиребоне, ки дорам.



Аз он тарсам, ки бар хокам нишонад,
Ғами сарви хиромоне, ки дорам.
Ҳанӯз ошуфтаи зулфи бутонам,
Бад-ин ҳоли парешоне, ки дорам.
Мабош эмин зи оҳу ашки Сайфӣ,
Битарс аз тири парроне ки дорам.

* * *

Бувад иди ман он рӯзе, ки созад ёр қурбонам,
Беҳ аз қурбон шудан пеши рухат идӣ намедонам.
Ба ид озод бошанд аҳли зиндон, ваҳ чи ид аст ин,
Ки олам бе ҷамоли Юсуфи худ гашт зиндонам.
Махонедам ба сӯи идгоҳ аз қиблаи кӯяш,
Ки ман баҳри намоз аз қиблаи худ раҳ нагардонам.
Ба рағми ман рақибон то ба кай хоҳанд аз ӯ идӣ,
Надонам, к-ин дилозорон чӣ мехоҳанд аз ҷонам?
Ба рӯзи ид агар он моҳ қурбон созадам, Сайфӣ,
Дуои ҷони ӯ мегӯяму такбир мехонам.

* * *

Рафт ёру меҳрубони дигарон шуд, чун кунам?
Рафта-рафта моҳи ман номеҳрубон шуд, чун кунам?
Он кӣ абрӯяш маро хуштар намудӣ аз ҳилол,
То назар кардам зи чашми ман ниҳон шуд, чун кунам?
Носеҳам гуфтӣ машав ошиқ, ки расво мешавӣ,
Панди ӯ нашнудаму охир чунон шуд, чун кунам?
То тавонистам, мани бечора меҳрашро зи халқ
Доштам пинҳон, вале охир аён шуд, чун кунам?
Мардумон гӯянд, Сайфӣ, кам кун ин оҳу фиғон,
Ваҳ, ки умрам дар сари оҳу фиғон шуд, чун кунам?

* * *

Бубин сӯям, ки дарбозам дилу дин,
Чи мегӯям туро боре ба ман бин.
Сару ҷон бохтан дар кори ишқат
Чи донад дигаре, кори ман аст ин.

Магӯ, эй дил, балои ишқ, то чанд,
Туро мо гарчи мегуфтем чандин.
Маро хок аст болин, оҳ аз он рӯз,
Ки аз ҳаҷри ту монам сар ба болин.
Сари Сайфӣ ба кӯи дӯст шуд хок,
Бубин охир куҷо сар монд мискин.

* * *

Эй шайх, маро роҳи харобот намудӣ,
Мехост дилам бода, каромот намудӣ.
Дар даъвии меҳраш сару по сӯхтӣ, эй шамъ,
Собитқадамӣ кардию исбот намудӣ,
Мирам зи фироқу накунӣ ёд, куҷо шуд
Меҳре, ки ба ман вақти мулоқот намудӣ?
Ҳар кас, ки вафое ба ту бинмуд, афаллоҳ,
Сад гуна ҷафояш ба мукофот намудӣ.
Сайфӣ ба ҷафо кушта шавӣ дар ғами хубон,
Дидӣ ситам аз ҳар чӣ мубоҳот намудӣ.

* * *

Мурдам аз дарду ба ман ёр нашуд дилдоре,
Дарди худ пеши кӣ гӯям, ки надорам ёре.
Ҳар шабе корам аз он зулф бувад мушкилтар,
Гар бад-ин сон гузарад рӯз, чӣ мушкил коре,
Баски борам ба сари кӯи ту борони сиришк,
Кушта хоҳам шудан охир ба таҳи деворе.
Чанд аз қатли касон бори тиҳӣ бардорам,
Кош мирам мани мискин, ки набинам боре.
Гуфтӣ аз дидани ман чист ғараз Сайфиро,
Ба ҷамоли ту, ки мақсуди ҳаминаш дорӣ.

## АЗ МУҚАТТАОТ

Хоҷа Арзонӣ, ки ӯ дар рангрезӣ шӯҳра буд,
Кард ҳосил ҷомавори бандаро ранги табоҳ
Гуфт: «Гар ин ранг бад шуд, ҳаст арзон» — Гуфтамаш:
«Ранг бояд хуб бошад рӯи Арзонӣ сиёҳ».



* * *

Маснавӣ гарчи суннатӣ шеър аст,
Ман ғазал фарзу айн медонам.
Панҷ байте, ки дилпазир бувад,
Беҳтар аз хамсатайн медонам.

* * *

Умр бигзашт дар раҳи тақвӣ,
Ҳеҷ корам ба расми қоида нест.
Мӯ ба беҳосилӣ сафедам шуд,
Меканам риш, ҳеҷ фоида нест.

## АЗ ФАРДИЁТ

Гуфтаӣ дар ҳаҷри рӯи хеш месӯзам туро,
Рӯй бикшо, то аз ин осонтар омӯзам туро.

* * *

То чанд маро дар ғами ӯ банд тавон гуфт?
Чизе ки ба ҷое нарасад, чанд тавон гуфт?

* * *

Мақсуди дилам ҷуз он зақан нест,
Аммо, чӣ кунам, ба дасти ман нест.

* * *

Чун ҳаёти ҷони ман аз ишқи ҷонони ман аст,
Ҳар кӣ гӯяд: «Тарки ӯ кун» — душмани ҷони ман аст.

* * *

Ёр бар асби ҷафо дар банди тороҷи ман аст,
З-ин ки мегӯям, ғараз султони сарроҷи ман аст.

* * *

Чу май ба дасти ту, эй шӯхи дилситон бошад,
Гузор бар лабу даркаш, ки нӯши ҷон бошад.

* * *

Хок гардам ба раҳи ҳар кӣ аз он кӯ бошад,
Ки маро сӯи ту раҳ дар қадами ӯ бошад.

* * *

Гузашт умру диламро илоҷи дард нашуд,
Дареғу дард, ки бечора ҳар чӣ кард, нашуд.

* * *

Ба бемеҳрӣ кунам ҳар ҷо расам, эй шӯх, ёд аз ту,
Ки созам дӯстдорони туро беэътиқод аз ту.

* * *

Зо ман, эй маҳ, машав тира зи оҳи дигаре,
Ки нагиранд касеро ба гуноҳи дигаре.

* * *

Агарчи ёри маро нест расми дилдорӣ,
Бад-ин хушам, ки надорад ба дигаре ёрӣ.

## РИЁЗИИ САМАРҚАНДӢ

*Имомуддин Риёзии Самарқандӣ, ки зодгоҳаш Самарқанд аст, дар овони ҷавонӣ ба Ҳирот омада, чанд муддате дар он ҷо зиндагӣ мекунад ва аз он ҷо ба Ҳиндустон рафта, баъди ин сафар ба зодгоҳаш баргашта, соли 884/1479 ба таври фоҷиавӣ вафот мекунад.*

*Азбаски ӯ ҷавонамарг шуд мегӯянд, гумон меравад, ки аз 40 сол бештар умр надида бошад.*

*Риёзӣ дар илми мусиқӣ ва адвор моҳир буда, нуҷуму рамалро некӯ медонистааст.*

*Аз мероси адабии шоир девоне боқӣ мондааст, ки тақрибан аз 100 ғазал, чанд қитъа ва рубоиву фардиёт иборат аст.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Гузаштӣ аз сари ёрӣ, задӣ шамшери кин бар ман,
Либоси ноз пӯшидӣ, фишондӣ остин бар ман.
Ниҳонӣ бо карашма чанд сӯи дигарон бинӣ,
Макун дигар чунин зулми сареҳ, эй нозанин, бар ман,
Қадам бар хок мемонӣ, ба рухсори пур аз гардам,
Зи рӯи комронӣ сад шараф дорад, замин бар ман.
Маро аз тундхӯӣ гар диҳӣ, эй шӯх, дашноме,
Аз он беҳтар, ки гӯяд дигаре сад офарин бар ман.
Риёзивор агар дин дар сари кори баён кардам,
Рав, эй зоҳид, худоро, таъна камтар зан бад-ин бар ман.

* * *

Ба маҷлисе, ки лабат қанд бо шароб зада,
Пиёла қаҳқаҳа бар ҷоми офтоб зада.
Сари ниёзи ману остони пири муғон,
Ки кӯси айши иқомат бар ин ҷаноб зада.

Касе, ки ёфт зи гулгуна май инони мурод,
Саодати абадаш бӯса бар рикоб зада.
Ба кӯи дӯст Риёзӣ зи дидаи гирьён
Ба ҷӯи об ҳама хокро гулоб зада.

* * *

Ҷон ба навмедӣ баромад, ёр ёри ман нашуд,
Бар сари роҳаш гузоредам, ки кори ман нашуд.
Ё Раб, аз боғи ҷаҳон ҳаргиз гули шодӣ наруст,
Ё баҳори хуррамӣ дар рӯзгори ман нашуд?
Бод аз гарди фано домони чашмам пурғубор,
Чунки ҷавлонгоҳи турки шаҳсавори ман нашуд.
Рӯзи айши ман мубаддал шуд ба шоми рӯзи ғам,
Ғайри барқи оҳ шамъи шоми тори ман нашуд.
Дар ҷаҳон номи Риёзиро ба иззат кас набурд,
То ки аз хайли сагони кӯи ёри ман нашуд.

* * *

Хун хӯрдани пинҳони ман аз дидаи тар пурс,
Нолидани шабҳои ман аз мурғи саҳар пурс.
Бод аз дари дилдор хабар медиҳад имрӯз,
Эй ҷон, бадар о, аз дили девона хабар пурс.
Хоки дари ӯро ҳама кас қадр надонанд,
Хосияти он сурма зи арбоби назар пурс.
Аз роҳи вараъ каъбаи мақсуд наёбӣ,
Сӯи ҳарам ар роҳ равӣ, роҳи дигар пурс.
Умрест, надорад хабар аз айш Риёзӣ,
Аз вай сухани сӯзи дилу доғи ҷигар пурс.

* * *

То ба куфри сари зулфи туам иқрор бувад,
Ҳар раге дар баданам риштаи зуннор бувад.
Дорам уммед, ки сар дар қадами ёр ниҳам,
Агар иқбол диҳад дасту худо ёр бувад.
Лола ҳар ҷомаи хунин, ки кашад бар сари чӯб
Алами куштаи хубони ситамгор бувад.



Накунам пеши дарат нола, ки аз ёрӣ нест,
Қ-аз фиғонам саги кӯи ту дар озор бувад.
Ҳоли шабҳои Риёзӣ, ки асири ғами туст,
Донад он кас, ки дар ин ҳол гирифтор бувад.

* * *

Аз ситамгорӣ набинад ёр бар аҳволи ман,
Қофаре гар бингарад, раҳм оядаш бар ҳоли ман.
Гар равам баҳри фароғат сӯи ишратхонае,
Сад бало аз дар бурун ояд ба истиқболи ман.
Эй фаришта, ҷурми ӯ бар номаи ман сабт кун,
То бад-ин ташриф ёбад номаи аъмоли ман.
Гаштаам девона дар ишқи парирӯеву халқ
Сангҳо дар даст меоянд аз дунболи ман.
Гуфтам: «Эй бемеҳр, дар кӯят Риёзӣ кист?» — Гуфт:
«Хоксоре бар сари роҳи вафо помоли ман».

* * *

Гар табиб ояд, ки гирад набзи ҷонони маро,
Ман ҳамемирам, ки мегирад раги ҷони маро.
Офтоби ман ба зардӣ мерасад з-он рӯ, ки таб
Ранги шамъе медиҳад хуршеди тобони маро.
То расидаст аз лаби ширини ӯ шарбат ба ком,
Дида пур унноби тар кардаст домони маро.
Чун нагардам ғарқи хун аз гирья ҳар дам лолавор,
Ғунча кард осеби таб гулбарги хандони маро.
Эй фалак бар ҷони бемори Риёзӣ, раҳм кун,
Бар сарири мулк сиҳҳат дор султони маро.

* * *

Гаштаам девонаву ҷое надорам хонае,
Шаб ба кӯи дӯст бошам рӯз дар вайронае.
Доғи меҳраш менамояд аз шикофи синаам,
Ҳамчу нури маҳ, ки аз равзан фитад дар хонае.
Чашми ошиқ баҳри зеби зулфи хубон шона аст,
В-аз мижа дорад зи ҳар сӯ анбарин дандонае.

Баҳри холат мардуми чашмам ғариқи ашк гашт,
Дар муҳит афтода мӯре аз барои донае.
Эй Риёзӣ, аз риёзат бар лаб омад ҷони ту,
Қоми дил ҳосил накардӣ аз лаби ҷононае.

* * *

Бе гули рухсори ӯ аз гирьяи хунини ман
Хори навмедӣ бароял аз сари болини ман.
Сангҳо бар дил задӣ бар ҳоли ман бигристӣ,
Гар шунидӣ Кӯҳкан афсонаи Ширини ман.
То зи савдои хаташ чун нофа хунам мушк баст,
Шуд муаттар арсаи даҳр аз дами мушкини ман.
Рӯ ба сӯи он даҳан кардам ба ҳангоми суҷуд,
Чун кунам, он нуқта-мимат қибла шуд дар дини ман.
Баҳри ҳоли худ кунам дар шеър аз он авсофи дӯст
З-он ки он бемисл мустағнист аз таҳсини ман.
Гар Риёзӣ васфи рухсори ту орад дар қалам,
Барги гул гардад варақ аз гуфтаи рангини ман.

* * *

Ман ҷудо аз ёру ёр аз ман ҷудо афтодааст,
Инчунин мушкил, ки ман дорам, киро афтодааст?
Бар дари он сарвқомат барги гул пӯшидаанд,
Ё зи чашми хунфишонам қатраҳо афтодааст.
Менамояд аз даруни шиша ҳамчун ранги май,
Акси он лаб то даруни чашми мо афтодааст.
Аз шикофи сина дар ҷон партави шамъи рухат
Ҳамчу нури маҳ зи равзан дар саро афтодааст,
Гар Риёзиро сари бӯсидани пои ту нест,
Рӯзу шаб чун хок дар кӯят чаро афтодааст?

* * *

Он парирухсора омад, ҷой дар дил карду рафт,
Мурғи ҷонамро ба теғи ғамза бисмил карду рафт.
Аҳли дилро он парӣ дар як назар девона сохт,
Ақлро ҳайрони он шаклу шамоил карду рафт.



Рафт он исодаму андохт дар ҷон канданам
Зистанро бар мани бечора мушкил карду рафт.
Аз фурӯғи моҳрухсори ҷаҳонафрӯзи худ
Нури қудсиро чароғи хонаи дил карду рафт.
Рафт аз олам Риёзӣ пур зи доғи меҳри ӯ,
Шукри иллаҳ аз ҷаҳон мақсуд ҳосил карду рафт.

* * *

Ҳама шаб бо дили худ васфи ҷамолат гӯям,
Қиссаи дарду ҷудой ба хаёлат гӯям.
Воизон қиссаи дидору қиёмат гӯянд,
Мани мискин сухан, аз рӯзи висолат гӯям.
Гаштаам дар хами чавгони ғамат шефтаҳол,
Мани саргашта надонам, ба чӣ ҳолат гӯям?
Пур хатту нуқта шавад чеҳраам аз сурхии ашк
Пеши ҳар кас, ки ҳадиси хату холат гӯям.
Дар раҳи ишқ Риёзӣ ба ҷунун ном барор,
То дар ин шева зи арбоби камолат гӯям.

* * *

Чӣ мепурсӣ, нигоро, аз мани бечора ҳоли дил?
Ту худ беҳтар ҳамедонӣ, ки дар дил кардаӣ манзил.
Қабоби дил агар пеши ту овардам, макун айбам,
Нашуд дар шаҳри вайрони танам чизе дигар ҳосил.
Чунин к-аз ҷоми ишқат ҷуръае нӯшам, бувад рӯзе,
Ки дар бозори расвоӣ дароям масту лоякъил.
Диҳам сад бӯса бар доғе, к-аз ӯ бар рӯи ҷон дорам,
Вуҷуди хокии ман гар набошад дар миён ҳоил.
Наёрам оҳ зад дар баҳри меҳнат, чун намеояд
Аз ин боди мухолиф киштии мақсуд бар соҳил.
Риёзӣ бо ту чун гӯяд ҳадиси синаи сӯзон,
Забонаш сӯхт, ҷони ман, зи оҳи оташини дил.

## СУҲАЙЛӢ

*Амир Низомиддин Шайх Аҳмад мутахаллис ба Суҳайлӣ (баъзан Суҳайл низ тахаллус кардааст) ва мулаққаб ба Шайхам Суҳайлӣ аз ҳамсӯҳбатони Ҷомӣ ва Навоӣ буда, соли 848/1444 дар Ҳирот таваллуд шудааст. Ӯ аз 11-солагӣ ба гуфтани шеър шурӯъ карда дар 12-солагӣ бо ташаббуси Озарӣ ба худ тахаллус интихоб кардааст. Таҳсилоти илмии Суҳайлӣ дар Ҳироту Самарқанд гузашта, вай қариб бист сол мулозиму вазири Султон Ҳусайни Бойқаро (1469—1506) буда, дар охири умр аз мулозимат даст мекашад. Соли 900/1494 Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Анвори Суҳайлӣ»-ро ба ӯ бахшида таълиф мекунад.*

*Суҳайлӣ 10 рабеъулаввали санаи 908/14 сентябри соли 1502 дар Ҳирот вафот кардааст.*

*Аз мероси адабии Суҳайлӣ то ба замони мо девони ашъор, ки бештар аз 2500 байтро фаро мегирад ва аз қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ, таркиббанду тарҷеъбанд ва мустазоду фард иборат аст ва достони «Лайлӣ ва Маҷнун» боқӣ мондааст. Ба қавли Давлатшоҳ Суҳайлӣ девони туркӣ ҳам доштааст, ки имрӯз нопайдост.*

### АЗ ҒАЗАЛИЁТ

Эй з-оташи савдои ту дар сина шарарҳо,
В-аз ҳар шараре дар дили шӯрида асарҳо.
Дар сина харошӣ ситами ҳаҷри ту то кай?
Дарьёб, к-аз ин ҳодиса хун гашт ҷигарҳо.
Худро ба ҷамоли дигарон сохта машъуф,
Пӯшида ба рухсори ту дорем назарҳо.
Бихром маҳи ман, ки ба юмни қадами ту
Аз гардани мо дур шавад миннати сарҳо,
Эй карда азимат сӯи байтулҳазани ишқ,
Хуш дор, ки дар роҳ хатарҳост, хатарҳо.
Аз равзани иқбол маҷӯ равшанӣ, эй дил,
То боз шавад бар рухи иқболи ту дарҳо.
Дар кӯи ту аз бехабарон аст Суҳайлӣ,
В-ин турфа, ки гӯяд зи ту ҳар лаҳза хабарҳо.



* * *

Зи ман, эй ҳамнишин, дарди дили худ дур дор имшаб,
Хаёли ёр меояд, маро маъзур дор имшаб.
Маҳи ман мерасад баҳри нисори пояш, эй дида,
Канору ҷайби ман пур лӯълӯи manшур дор имшаб.
Намехоҳам касеро воқифи ҳоли ниҳони худ,
Карам кун, эй сабо, шамъи маро бенур дор имшаб.
Фаромӯшӣ деҳ аз аҳволи ман, ё раб, рақибонро,
Маро з-эшону эшонро зи ман мастур дор имшаб.
Намеорад, дило, тоби назар он оrazи нозук,
Ба сӯи ӯ мабин, қавли маро манзур дор имшаб.
Пас аз умре мушарраф кардаӣ меҳнатсарои ман,
Ба ҷони худ, ки ин вайронаро маъмур дор имшаб.
Ба гуфтугӯи пурдарди Суҳайлӣ нӯш кун соғар,
Чӣ бошад базми худро бе наю танбӯр дор имшаб.

* * *

Шаб хаёли қоматаш дар дидаи пурхун гузашт,
Сарви ман имрӯз аз он дар ҷомаи гулгун гузашт.
Дида аз бас дар фироқаш ашк мебориd дӯш,
Сӯи ман гар ошное омад, аз Ҷайҳун гузашт.
Аз балои шоми ҳиҷронам нишоне беш нест,
Ҳар чӣ аз андӯҳи Лайлӣ бар дили Маҷнун гузашт.
Гаҳ дуои сабр хонам, гоҳ гӯям дарди хеш,
Бар дараш умрам бад-ин афсонаю афсун гузашт.
Мехарошидам ба ноxун сина, мекардам фиғон,
Базми айшам имшаб, эй ёрон, бад-ин қонун гузашт.
Дар дили сангини он бадхӯ, нишоне ҳам накард,
Новаки оҳам, ки аз нӯҳ торуми гардун гузашт.
Ҷаврҳо диду ба зорӣ мурд дар кӯят Суҳайл,
Як раҳ, эй бадхӯ, напурсидӣ, ки мискин чун гузашт.

* * *

Номусулмонӣ шиору кофарӣ оини туст,
Кофаристон ҷаъди ту бар тӯи чин бар чини туст.
Ганҷи ҳуснӣ в-аз барои ҳифзи он ганҷ аст мор
Гесӯи мушкин, ки гоҳи такья бар болини туст.
Бар сипеҳру меҳр хинги нозу истиғно бирон,
К-ашҳаби ҳусну ҷамол имрӯз зери зини туст.

Гоҳ-гоҳ аз баҳри дашномам забоне ранҷа дор,
Аз паи шукри забонҳое, ки дар таҳсини туст.
Эй фалак Маҷнуну Фарҳоди ту кай бошад чу ман,
Ё чу ёри ман агар Лайлӣ в-агар Ширини туст?
Аз гули рӯи ту хоҳад зинати рухсори хеш,
Кай тавон ойинае гуфтан, ки дар тазйини туст.
Ҳамчу мурғи нимбисмил бод дар хун музтариб
Он кӣ аз қатли Суҳайлӣ боиси таскини туст.

* * *

Буте хоҳам, ки моҳи оразаш рашки қамар бошад,
Ниҳоли қомат аз ширинияш чун найшакар бошад.
Гирифтторони савдо аз насими зулфи мушкинаш
Замоне дарди сар гоҳе давои дарди сар бошад.
Ба абрӯи хамида қиблаи арбоби дил гардад,
Ба мижгони балоҷӯ офати аҳли назар бошад.
Чу хоҳад ҳуққаи маъҷуни лаълаш гавҳарафшонӣ
Аз он май то хабар гардад касеро бехабар бошад.
Ба ҳар сӯ пӯя гирад рӯзи майдон бодпои ӯ,
Фитода аз халоиқ оламе бар якдигар бошад.
Зи асбоби латофат, ҳар чӣ бошад хубрӯёнро,
Ба танҳой маҳи рухсори ӯро он қадар бошад.
Набошад бо чунин зебоӣ аз ҳусну вафо холӣ,
Суҳайлӣ фикри хубе кардаӣ, хуб аст агар бошад.

* * *

Гесӯ, ҷаро чу сунбули сероб мекунад?
Бозаш ба хоки роҳ чӣ пуртоб мекунад?
Он турра тоб медиҳаду меравад ақиб,
Машшота, бин, ки кори расантоб мекунад.
Кай бинад аз салосилу ағлоли дӯзахӣ
Зулфаш ҳар он чӣ бо дили аҳбоб мекунад.
Бар орази чу сим зи ҳар сӯ кашида нил,
Хат ҳеҷ ҷо падид на, эъроб мекунад.
Абрӯ кашида вусмаву бар рӯ ниҳода хол,
Дар қатли мо таҳьяи асбоб мекунад.
Аз бими халқ дида фурӯ мехӯрад сиришк,
Баҳре чунин нуҳуфта ба гирдоб мекунад.
Ҳолат ба хоки тира чӣ донад, Суҳайлиё?
Шӯхе, ки ҷо ба бистари санҷоб мекунад.



* * *

Чанд гоҳе чашм бар рӯи қамар хоҳам ниҳод,
Ҳар чӣ бодобод, дандон бар ҷигар хоҳам ниҳод.
Хат чӣ зоҳир мекунад бар чеҳрааш, чун баъд аз ин
Аз хати фармони ҳуснаш по ба дар хоҳам ниҳод.
Ғамза зоеъ, гӯ, макун дигар ки аз чини ҷабин
Пеши пайконҳои дилдӯзаш сипар хоҳам ниҳод.
Гар дили мӯътод натвонад, ки бошад бе маҳе,
Чанд гоҳе чашм бар рӯи қамар хоҳам ниҳод.
Паст хоҳам сохт дар кӯяш хароббоди хеш,
Бар замини ошиқӣ тарҳи дигар хоҳам ниҳод.
Чашм хоҳам басту дасти тезрафторе гирифт,
Пой нодониста дар кӯяш агар хоҳам ниҳод.
Эй Суҳайл, инҳо, ки гуфтам, ҷумла аз бетоқатист,
Оқибат рӯзе дар ин андеша сар хоҳам ниҳод.

* * *

Шабам ҳавои ту болини хоб вайрон кард,
Хаёли холи туам кайк дар гиребон кард.
Маро насохт саросема ҷуз малоҳати ту,
Ба рӯзгори мани хаста, ҳар чӣ кард, он кард.
Ба зери пои хаёли ту рехтам ҳар дур,
Ки абри дидаам аз бими халқ пинҳон кард.
Куҷост накҳати марғулаи муанбари ту,
Ки бӯи мушк димоғи маро парешон кард.
Умеди худ зи ту кай мунқатеъ кунад ошиқ,
Ту низ ҷони касӣ, воқифӣ, ки патвон кард.
Муқими кӯи ту кай ҷилвагоҳи ҷаннат ҷуст,
Ғуломи рӯи ту кай орзуи ғилмон кард?
Ба ҷони дӯст, ки пиронасар зи ишқи буте
Суҳайлӣ, он чӣ ту кардӣ, на шайх Санъон кард.

* * *

Дар ғамат хуни дил аз дида кушодам охир,
Рахт бар раҳгузари сел ниҳодам охир.
Сар ба зери қадами сарв фигандам, фарьёд,
Ки ба ёди қадат аз пой фитодам охир.

Гуфта будӣ, ки чу дашном диҳӣ чон бидиҳам,
Барнаёмад зи даҳони ту муродам охир.
Гилаи рӯи ту пеши гулу райҳон чӣ барам,
Ки расидан натавонанд ба додам охир.
Бихар, эй дӯст, ба як ишва маро, варна бутон
Бибаранд аз сари ин кӯ ба муродам охир.
Хоки пои ту шавам пештар аз ҳок шудан,
Ҳон, худ, эй умр, касе мешавад одам охир.
Эй Суҳайлӣ, шунав ин қисса, ки он донаи хол
Дод чун хирмани сабри ту ба бодам охир.

* * *

Ба гулгунчомае дил додаам боз,
Ба дасти қотиле афтодаам боз.
Ба якрангии он қаттолшева
Чи хун, к-аз дидаҳо накшодаам боз.
Ҳавои бандагии сарви нозе
Фитода дар сари озодаам боз.
Сӯи абрӯи шӯхе карда имо,
Ҳилоли абрӯи саччодаам боз.
Шудам аз хеш чандон, бас кун, эй ашк,
Ки боз ояд ҳарифи бодаам боз.
Чудо з-он маҳ чиҳо, к-аз оҳу нола
Ба сӯи чарх нафристодаам боз.
Нахоҳам чун Суҳайлӣ вусмаву хол,
Ки мадҳуши чамоли содаам боз.

* * *

Зи мазлумон накардӣ ёд ҳаргиз,
Кӣ кардаст инчунин бедод ҳаргиз?
Зи ту чашмам нашуд мардумнишин кош,
Набудӣ ин харобобод ҳаргиз.
Таолуллаҳ, чи лутфу қомат аст ин?
Кӣ дид ин шева дар шамшод ҳаргиз?
Мани афтодаро кӯҳи фиғон кун,
Нахезад аз замин фарьёд ҳаргиз.



Чунон хӯ кардаам бо ғам, ки дигар
Нахоҳам хештанро шод ҳаргиз.
Агар чашмам набудӣ хунгирифта,
Сӯи лаълат намеафтод ҳаргиз.
Суҳайлӣ он чӣ дид аз ишқбозӣ,
На Мачнун дид, на Фарҳод ҳаргиз.

* * *

Соқӣ аз гулгунаи гул сурх шуд рухсори боғ,
Ку маи гулранг, то нӯшем бар дидори боғ?
Ғунчаи савсан ба каф машшотаи тақдирро
Гашт мили вусма баҳри абрӯи дилдори боғ.
Васфи гул мегуфт булбул субҳдам чандон ки об
Кард сӯрох аз паи гашти чаман девори боғ.
Боғ шуд бутхонаву аз ишқи печон ҳар тараф
Инак-инак бар миён зуннорбанд ашчори боғ.
Ҳамчу булбул аз хурӯшу наъра наншинад дигар
Аз хумор онро, ки берун оварад хаммори боғ.
Ошиқи гулро на хор аст ин ки дар по мехалад,
Хори ҳичронаш бурун овард аз по хори боғ.
Эй Суҳайлӣ, бас ки меҳри қомату рухсори дӯст
Қам нагардад аз гули бӯстону асфедори боғ.

* * *

Намедонам чӣ ошӯб аст дигар дар диёри дил,
Чӣ шуд бозам, ки пуршӯр аст дарьёи канори дил?
Гуле дар бӯстони даҳр гӯё гашта чавлонгар,
Ки аз шавқаш ба сад дастон ҳаменолад ҳазори дил.
Қадомин сарви гулгунчома акси қомат афганда
Ки хун меоядам бар чои об аз чӯйбори дил.
Қазо гар хостӣ осуда аз саргаштагӣ дилро,
Накардӣ ҳалқаҳои чаъди хубон раҳгузори дил,
Бибар аз синаам нахли умед, эй боғбон, к-аз вай
Надидам ҳосиле чуз аз бари андӯҳу бори дил.
Ба андӯҳи баҳорам нест ҳочат з-он гули ораз,
Чӣ кор ояд маро наврӯзи халқ, эй навбаҳори дил.
Паи ором сӯи беқаророн чилва кун гоҳе,
Маро чун, эй Суҳайлӣ, бурда орому қарори дил

* * *

Хоки пои ту ба хуни мижа ҳамдам созам,
Баҳри чоки ҷигари сӯхта марҳам созам.
То ниҳон сирри ту дар сина бимонад худро
Ба ҳавои дигарон шӯҳраи олам созам.
Ҳар дам оям ба сари кӯи ту по карда зи сар,
То магар хору хаси кӯи ту парчам созам.
Дил ки аз гуфтушуниди чу туе кас нашавад,
Ҳам худ инсоф бидеҳ, чун манаш одам созам?
Сафҳаи дил паи доғи ту кунам пур зи сиришк,
Вараҷе баҳри нишон кардани хотам созам.
Зикри пайкони ту пур гашт ба ҳадде, ки дигар
Гар аз ин ҷинс диҳад лутфи ту мудғам созам.
Баркушоям чу Суҳайлӣ сари хунобаи ашк,
Бори ишқ аз дили маҷрӯҳ даме кам созам.

* * *

Бе маҳи рӯи ту зорам, чӣ кунам?
Тоқати ҳаҷр надорам, чӣ кунам?
Пойбӯси ту насиби дигарон,
Ман сари хеш нахорам, чӣ кунам?
Надиҳӣ ҷому нагӯӣ ҳаргиз,
Қ-аз паи дафъи хуморам, чӣ кунам?
Хушмандон зи ту девона ҳама,
Ман, ки девонашиорам, чӣ кунам?
Дар ҷаҳон баҳри туам побаста,
Варна аз ёру диёрам чӣ кунам?
Эй хиромон шуда бо лашкари оҳ,
Ба раҳат ашк наборам, чӣ кунам?
Ними ҷоне, ки Суҳайлӣ дорад,
Гар ба ҷонон насупорам, чӣ кунам?

* * *

Ба рӯзи ғам касе ҷуз сояи ман нест ёри ман,
Вале ӯ ҳам надорад тоқати шабҳои тори ман.
Магӯ мурдию монд аз дарси ишқат Кӯҳкан омӣ,
Ки ӯро тахтаи таълим бас лавҳи мазори ман.
Ба булбул аз дили нолон чӣ гӯям, чун ба сад дастон
Наёрад пеши он гул гуфт як дард аз ҳазори ман.



Шиновар шав дар оби дидаам чун мардуми обӣ,
Агар хоҳӣ, ки захме шӯӣ аз чашми фигори ман.
Мазан сӯи ман афсуни халос, эй порсо, зеро
Бад-инҳо барнахезад аз сари кӯяш ғубори ман.
Ба гесӯи дуто он маҳ маро мехост бурд аз раҳ,
На дар дасти ман андӯҳи инони ихтиёри ман.
Сарамро баъд аз ин санги фалохун соз, эй гардун,
Чунин андохтӣ дур аз рикоби шаҳсавори ман.
Саре дорам гарон аз зикри шаб, ку ғабғаби соқӣ,
Ки з-он ратли гарон тӯфон барорад аз хумори ман?
Суҳайлӣ, назм агар ин аст, арбоби сухан яксар
Фурӯ шӯянд дафтарҳо зи шеъри обдори ман.

* * *

Оҳи оташноки ман барқест дар гардун зада,
Чашми гавҳарбори ман абрест бар Ҷайҳун зада.
Рахнаҳои теғи Лайлӣ карда ҳар сӯ устувор,
Осмон ҳар санги бедоде, ки бар Маҷнун зада.
Куштаи ишқам ману қандили нури раҳмат аст
Шӯълае, к-аз синаи чокам алам берун зада.
Эй ки гӯӣ мардуми чашмат кӣ андар хун нишонд
Он кӣ холи анбарин бар чеҳраи гулгун зада.
Осмон гӯё ки бар хоки шаҳиди ғам гузашт,
К-аз шафақ з-ин гуна ҳар сӯ доман андар хун зада.
Эй Суҳайлӣ, донаи холаш мадон бе доми зулф,
К-он мушаъбадшева умре раҳ бад-ин афсун зада.

* * *

Боз оташам ба ҷон зад рухсори оташине,
Бозам ба нозу ишва дил бурд нозанине.
Ҳар шаб зи хуни дида бар чеҳра лола корам,
Баҳри сагони кӯяш созам гули заминӣ.
Мурғе тапид гӯӣ дар хоку хун дами қатл,
Ҳар ҷо ба хоки кӯяш молидаам ҷабине.
Шакли руху даҳонаш дар пеши дида орам,
Бемори хештанро созам гулангабине.
Дил чашми ёр хоҳад, ҷон куфри гесӯи ӯ,
Ҳар кофареву кеше, ҳар ошиқеву дине.
Ҷони ғамин Суҳайлӣ кардам нисори ҷонон,
Дигар чӣ ҷӯӣ аз ман, ман будаму ҳамине.

## МУСТАЗОД

Эй аз назар андохта арбоби вафоро,
Бе ҳеч гуноҳе.
В-эй рехта хун дидаи ғамдидаи моро,
Ноҳарда нигоҳе.
Рӯзи сияҳамро чиҳат аз зулфи сияҳ пурс,
Ҳарчанд набошад,
Ҳоли мани савдозадаи бесарупоро,
Ҳоҷат ба гувоҳе.
Ғайри саги он кӯй, ки фарьёд барорад,
Чун сӯи ту оям,
Кас нест, ки тақрир кунад ҳоли гадоро
Дар ҳазрати шоҳе.
То бод раҳи гесӯи мушкини ту гум кард,
Ҳамчун мани бедил,
Бар сар зи таассуф натавон ёфт саборо,
Ҷуз хоки сиёҳе.
Садпора дил аз дидаи пурхун бадар афтод
З-он наргиси маҳмур,
Бар чеҳраи ҳамчу зари ман, лолаъузоро,
Пӯшида нигоҳе.
Афрӯхта хоҳам нафасе кулбаи торик,
Аз шамъи шабистон,
Меҳмони сияҳхонаи ман кард гадоро.
Бо рӯи чу моҳе.
Ҷуз меҳру вафо нест чу оини Суҳайлӣ
Боз ой зи кина,
Андешаи онам куну мапсанд ҷафоро,
Оҳеву чӣ оҳе?!

## ТАРКИББАНДЕ ДАР МАРСИЯИ НАВОӢ

Воқиф най, эй дил, ки чӣ афтод ҷаҳонро,
Танҳо на ҷаҳонро, ки заминрову замонро.
Абре аҷабе тира бар афлок баромад
З-он сон, ки аҷаб дошт шаби тира мар онро.
Барқаш ҳамагӣ таъназани шӯълаи дӯзах,
Раъдаш ҳама бозоршикан сӯри фалонро.



Бар кӯҳи ғаму дард бибориd тагарге,
К-аз шиддат он кӯҳ баровард фиғонро.
Тӯфони бало шуд аз он кӯҳ равона,
Дар пеши дар афганд ҳам инрову ҳам онро.
Афтод гузораш ба сӯи шаҳри муғоне,
Шаҳре, ки на зеботар аз ӯ шахс гумонро.
Он бесару по сар заду бехост даромад,
Нагзошт зи маъмура дар он шаҳр нишонро.

Дардо, ки чунин турфабино паст шуд охир,
Аз пой ба зер омаду аз даст шуд охир.

Эй дида назар кун, ки дар офоқ чӣ ғавғост,
Дар маҷмаи арбоби ҳақиқат чӣ алолост.
Тӯфони ситам сар зада аз зери замин аст,
Борони бало рехта аз олами болост.
Дар воқеаи хоилаи баҳрмисоле
Чун воқеаи Нӯҳ ҷаҳон яксара дарьёст.
В-аз ҷавҳарии ақл дар он қулзуми заххор,
Гум гашта яке дурри самин, гавҳари яктост.
Ғаввоси хирад дар талабаш ғӯтазанон, лек
Дар ёфтанаш ақл шуморад, ки на ёрост.
Ранҷе, ки хирад бурд дар ин қисса, аҷаб нест,
В-аз тири фаровон кашад ин ранҷ, ки бархост.
Аз пои дар ин ҳодиса бар кӯи кӣ биншаст,
В-аз ҷой дар ин воқеа бар кӯи, кӣ бархост?

Чархи мутахаттукваш дарҳам шуда паргор,
Биншинаду бархезад аз ин воқеа бисьёр.

Рафт он кӣ дар офоқ на з-у хубтаре буд,
Ё ақл шумурдӣ, ки ба ҷояш дигаре буд.
Дар олами маънӣ малаке буд муқарраб,
Ҳарчанд ар ойинаи сурат башаре буд.
Табъаш чу кушодӣ сари алвони ниъамро,
Хони фалак аз моидааш моҳазаре буд.
Килкаш, ки алам буд ба ширинии таҳрир,
Васфаш ба наи килк камин найшакаре буд.
Дар маҳфили ҳар тоифа будӣ сухани ӯ,
Гар аз сухане сӯхтаеро асаре буд.
Бечораe ар мушкили худ арз намудӣ
З-он сон, ки дил осуда шудӣ, чорагаре буд.

Қабраш, ки сӯи ҷаннати аъло шуд аз он роҳ,
Не қабр, ки дар равзаи фирдавс даре буд.

Имрӯз азои сухану назми кироминст,
К-аз мулки сухан рафта бурун Хусраву Ҷомист.

* * *

Дардо, ки сипаҳдори сафи аҳли яқин рафт,
Сарҳалқаи риндони хароботнишин рафт.
Дар зери замин кард фалак он ки чу ӯе
З-ин пеш ба сад қарн на аз рӯи замин рафт.
Бар ҳамчу вае меҳр нашуд тофта ҳарчанд,
Бисьёр саҳур омаду бисьёр саин рафт.
Чун Вайси Қаран буд ба пӯшидани асрор,
Аз ҷой баровард шутур сӯи Қарин рафт.
Эй аҳли ҳунар, гавҳари сероб биёред,
Зеро ки зи пеши назар он дурри самин рафт.
Дар дӯзахи ҳиҷрон дили мо монд гирифтор,
В-он ҷони гиромӣ ба сӯи хулди барин рафт.
Сабр аст, дило, ҷораи ин воқеаи талх,
Талхӣ чи кунӣ беш чу тақдир чунин рафт.

З-ин ҳодиса Исо ки диҳад ҷон, набарад ҷон,
Ҳам хокхӯру обхӯри чашмаи ҳайвон...

## АЗ МУҚАТТАОТ

На кори аҳли дил омад дар ин сароҷаи хок,
Барои такья биное чу осмон кардан.
Иморати дили вайрони дардмандон аст,
Иморате, ки бар ӯ такья метавон кардан.

## АЗ РУБОИЁТ

Эй бод, ки азми кӯи ҷонон дорӣ,
В-андешаи он зулфи парешон дорӣ.
Биштоб, ки ҷон ҳамебарӣ баҳри нисор,
Бар хеш яке биҷунб агар ҷон дорӣ.



* * *

Ошуфтаи зулфи шабмисоли ту шавам,
Девонаи анбарин ҳилоли ту шавам,
Савдозадаи ҳиндуи холи ту шавам,
Қурбони ҷамоли бокамоли ту шавам.

* * *

Ҷоме, ки бувад ҷавҳари ӯ аз зари ноб,
Гӯянд ҳаром аст дар ӯ хӯрдани об.
Эй дил, ҷиҳати ҳаром гаштан дарьёб
Яъне, ки дар ӯ ҳеҷ махӯр ғайри шароб.

* * *

Ойини вафо бирафт бар бод, эй дил,
В-аз меҳри касе намекунад ёд, эй дил.
З-ин воқеа кас намонд обод, эй дил,
Бихрӯш, ки ҳаст ҷои фарьёд, эй дил.

## АЗ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

«Лайлӣ ва Маҷнун»-ро Амир Шайхам Суҳайлӣ 11 рамазони санаи 889/2 октябри соли 1484 тамом кардааст ва он мувофиқи гуфти муаллиф 2065 байтро фаро мегирад. Вале нусхаи ягонаи боқимондаи он (Оксфорди Англия) шомили 2029 байт аст. Маснавӣ аз ҳамд (53 байт), муноҷот (64 байт), наът (37 байт), меъроҷ (58 байт), мадҳ (64 байт), зикри Низомиву Амир Хусрави Деҳлавӣ ва сипосгузорӣ ба Абдураҳмони Ҷомиву Алишери Навоӣ (56 байт), хоб дидани шоир пиреро (115 байт), асли достон (1516 байт) ва хотима (66 байт) иборат аст.

Асли қисса чунин аст: Сардори қабилаи Банӣ-Омир дар байни қабилаҳои араб бо молу мулки беадади худ ном мебарад, вале аз бефарзандӣ азоб мекашад. Вале баъди интизории зиёд ӯ соҳиби фарзанд шуда, ба ин муносибат халқро зиёфати умумӣ медиҳад ва кӯдакро Қайс ном мегузоранд. Дар 4—5-солагӣ Қайсро ба мактаб медиҳанд, дабири донишманд Қайсро то 14-солагӣ таълим медиҳад. Қайс дар ҳама илм тамомдон мешавад.

Дар ин миён сардори қабилаи дигар, ки Лайли зебочеҳр духтари ягонаи ӯ буд, барои Лайлӣ муаллим ҷустуҷӯ мекунад, аммо муаллиму мактаби дигаре пайдо накарда, Лайлиро барои тарбият ба устоди Қайс месупорад. Дар ин дабистон духтарону писарони дигар ҳам ба хондан шуғл меварзанд. Дар мактаб Қайс оҳиста-оҳиста ба Лайлӣ дил баста, дар охир батамом побанди ӯ мегардад. Лайлӣ ҳам ба ӯ майл мекунад. Онҳо мехоҳанд, ки ишқи худро пинҳон доранд. Вале рози онҳо ошкор мегардад ва аз ин қисса муаллим модари Лайлиро огоҳ мекунад. Модар Лайлиро аз ин воқеа пурсуҷӯ мекунад. Ӯ ҳолро пинҳон медорад. Модар хабарро ба падар мерасонад. Падар ба мактаб рафтани Лайлиро манъ мекунад.

Қайс аз фироқи Лайлӣ тангдил шуда, аввал дарро ба рӯи ёру агъёр мебандад, аммо аз ин тасаллӣ наёфта, шефта мегардад ва сар ба дашту биёбон мезанад. Дӯстонаш ӯро ба хона бозгардонданӣ мешаванд, вале наметавонанд. Аз девонагӣ Қайс номи Маҷнунро мегирад. Падари Маҷнун ин хабарро шунида ниҳоят ғамгин мешавад. Модари пир аз шунидани ин воқеа тамоман худро гум мекунад. Баъд падар Маҷнунро аз ғоре дар кӯҳе ёфта, бо ваъдаи он ки Лайлиро барояш хостгорӣ мекунад, ба хона меоварад. Сипас ақрабои Маҷнун (мардону занон) назди падари Лайлӣ ба хостгорӣ мераванд. Мардонро падари Лайлӣ, ки лақаби сарҳанг дорад ва занонро модари Лайлӣ қабул карда меҳмонӣ медиҳанд. Мизбонон аз мақсади меҳмонон огоҳ шуда, ба қароре меоянд, ки маслиҳат карда, баъд хабарашро медиҳанд. Аммо ҳангоми маслиҳат падари Лайлӣ аз як нафар ҳамқабилааш девонагии Маҷнунро шунида, ба қабилаи ӯ хабари рад мефиристад. Маҷнун аз ин муомила сар ба биёбону кӯҳ мезанад. Пирони қабила назди Навфал барои ёрӣ пурсидан мераванд. Навфал ваъдаи ёрӣ медиҳад ва ҳангоми шикор ба Маҷнун вомехӯрад, ки бо рамае аз ваҳшиёни саҳрост. Навфал Маҷнунро ба қабила бозмегардонад.

Навфал ба падари Лайлӣ нома навишта, илтимос мекунад, ки Лайлиро ба Маҷнун диҳад, зеро ба ақидаи ӯ падари Маҷнун каси обрӯманд буда, девонагии Маҷнун маҳз аз ҳаҷри Лайлист ва қурбат бо ӯ девонагиро аз миён мебардорад. Навфал дар номааш изҳор мекунад, ки агар сарҳанг духтарашро бо хушӣ ба Қайс диҳад, зару мол ва матоъҳои хуби юнониву русӣ хоҳад дод, агар надиҳад, бо зӯрӣ гирифта, ӯро ба Маҷнун медиҳад.

Падари Лайлӣ ҷавоби киноятомези фитнаангез дида, хоҳиши Навфалро рад мекунад. Навфал ба қабилаи сарҳанг лашкар мекашад. Дар ҷанг Маҷнун тир мехӯрад ва аз ин рӯ ҷанг бас карда мешавад. Навфал мехоҳад, ки духтари худро ба Маҷнун



диҳад. Ин хабарро ба Маҷнун мерасонанд. Ӯ чизе намегӯяд. Хомӯшии ӯро ризо пиндошта, дар тараддуди тӯй мешаванд. Маҷнун тоб наоварда ба кӯҳу дашт мегурезад. Вай аввал аз вуҳуши ошнош ҳеҷ кадомро наёфта, бо саги кӯи Лайлӣ унс мегирад. Баъд сагро гузошта, боз бо ҳайвонҳо мепайвандад.

Лайлӣ аз духтари Навфалро гирифтани Маҷнун хабар ёфта, ба воситаи мактуб ӯро бевафо мехонад. Маҷнун дар номаи ҷавобии худ асли воқеаро шарҳ дода, аҷзу нотавониашро баён мекунад ва Лайлиро ба саҳро таклиф менамояд. Дар ин миён сарҳанг аз тарси он ки боз Навфал барои ба даст овардани Лайлӣ ва ба Маҷнун додани ӯ ҷорае наандешад, Лайлиро ба сардори қабилаи банӣ-Асад ибни Салом номзад мекунанд. Лайлӣ бо раҳнамоии қосиде, ки номаашро ба Маҷнун расонда буд, Маҷнунро ёфта, дар биёбон шаберо дар сӯҳбати гуворои ӯ мегузаронад. Аммо ба хона баргашта, касал мешавад. Аҳли қабила маслиҳати дорую марҳам мекунанд. Модари Лайлӣ барои шифо ёфтани духтараш назри зиёде ба мазоре мебарад ва аз он ҷо хок меорад. Аммо то баргаштани ӯ Лайлӣ вафот мекунад. Вафоти Лайлиро Маҷнун дар хоб мебинад. Вале воқеаи аҷибе рух медиҳад: Ҳумое Маҷнунро устухон ангошта ба ҳаво мебардорад ва дар вақти аз болои гӯристон гузаштан аз фарьёди аҳли қабилаи Лайлӣ рамида, онро ба замин меафтонад. Маҷнун ба худ омада, рақсон-рақсон ҷасади Лайлиро оғӯш мекунад ва ҷон медиҳад. Ҳозирон Лайлӣ ва Маҷнунро дар як қабр ба хок месупоранд.

### ОҒОЗИ ИШҚБОЗИИ ҚАЙС ВА ИНОНИ ИХТИЁР АЗ ДАСТ ДОДАН ВА БА БАНДИ ТУРРАИ ДИЛФИРЕБИ ЛАЙЛӢ, КИ ДОМИ РОҲ БУД, ДАРАФТОДАН

Машшотаи ин арӯси пурҳол
Бар рӯи сухан чунин ниҳад хол.
К-он меҳри сипеҳри ошноӣ,
В-он сарви риёзи дилрабоӣ,
Чун гашт ба сони тӯтӣ аз ноз
Бо оннаи сухан сабақсоз.
Харчанд ки гуфтӣ устодаш,
Ногуфта гирифта буд ёдаш.
Табъе чу зулоли Хизр софе,
Ишқе мегуфту кӯи вофӣ.

Абчад дари чидди ӯ кушодӣ,
Ҳавваз хавасаш ба бод додӣ.
Бо он ки чу сарви ноз меруст,
Озодии хештан намечуст.

Чуз аҳли сабақ касе ки дидӣ,
Аз бими халоси худ рамидӣ,
К-ӯ холу амаш будӣ зи хешон,
Ғам ҳосилаш омадӣ аз эшон.

Чанде чу бар ин сифат баромад,
Чандон суханаш ба дил даромад,
Қ-имрӯз бад-он ки нукта суфтӣ,
Фардо сабаке ба нукта гуфтӣ.
Аз ҳайрати он лаби сухансоз
Монданд суханварон даҳан боз.
То оташи меҳри он назора
Дар хирмаи Қайс зад шарора.

Афганда зи турраи гираҳгир
Дар гардани чони Қайс занчир.
Султони сипоҳи ишқи он моҳ
Мулки дили Қайс чуст ногоҳ.
Чандон ки сипоҳро назар кард.
Ғавғои сипоҳи ишқ сар кард.
Айл ситаму гурӯҳи андӯҳ
Ороста қалби кӯҳ то кӯҳ.

Ғам бо сипахе, чунон ки донӣ,
Чон дода барои чон ситонӣ.
Тороч ба лашкари гаронсанг,
Ҳар лашкарияш ба хеш дар чанг.
Чавр аз тарафе, чафо зи сӯе,
Айл ҳашамею ҳою хуе.
Лашкар ба чунин ҳарорату тафт
Меомаду мегузашту мерафт.

То шаҳри вучуди Қайс яксар
Шуд хусрави ишқро мусаххар.
Чуз лашкари ишқи шаҳриёраш
Дайёр намонд дар диёраш
Ишқе ба чунин сифат кӣ дидӣ?
Таърифи сипоҳи ӯ шунидӣ?
Мулки дили Қайс карда тасхир
Гаҳ наъраи «дор»-у гаҳ дами «гир»

Ӯ соддадили ситам надида
Заҳри ғами ишқ ночашида.



Ноёфта иттилоъ бар хеш
Будаст зи хусравон фаро беш.
Бартар зи худе надида дар шаҳр,
Нашнида ба сони хеш дар даҳр.

Шоҳаншаҳи ақрабову пайванд,
Бар модару бар падар худованд.
Бар халқи чаҳон чаҳоншоҳ ӯ,
Бар аҳли қабила подшоҳ ӯ.

Пироҳани ному нанг дар бар,
Савдои салоҳу зӯҳд дар сар.
Дар сина касе на чойгираш,
Чуз худ дигаре на дар замираш.
Аммо чу тариқ дар шумор аст,
Бо ин ҳама ишкро чӣ кор аст?
Ишқ аст, ки шоҳро гадо кард,
Бисьёр гадо, ки подшо кард.

Ишқ аст, ки шер рубаҳи ӯст,
Донишвари ақл аблаҳи ӯст.
Ишқ аст, ки чун шарора афрӯхт,
Хошоки вучуди хушку тар сӯхт.
Ишқ аст, ки ҳар чӣ хост, он кард,
Бо ишқ чадал наметавон кард.
Чун Қайси балонадида ногоҳ
Афтод ба чанги ишқи чонкоҳ.

Мегуфт ба хеш, к-ин чӣ ҳол аст
Оё хоб аст ё хаёл аст?
Дар синаам ин шарора аз чист?
Дар пайкарам ин ҳарорат аз кист?
Ин май зи кадом чом хӯрдам?
Чоме чӣ, маи кадом хӯрдам?
Қ-аз маст батарам, сабаб чӣ бошад?
Ин воқеаи ачаб чӣ бошад?

Бо хеш аз ин тарона гуфтӣ,
З-он сон ки зи хеш ҳам нуҳуфтӣ.
То шуд гаҳи он ки мурғи афтол
Ёзанда ба сӯи ошьён бол
Шуд чониби хона бо дили танг,
Рухсора зи хуни дида гулранг.
Соқӣ, мададе, ки рафтам аз даст,
Нохӯрда шароб гаштаам маст.

Май деҳ, ки кунам ба сад алоло
Дурроаи зӯҳд бодаполо.

## ГЎША ГИРИФТАНИ ҚАЙС ВА ДАРИ ҲУҶРА БОЗ РЎИ АҒЬЁР БАСТАН ВА БО ХАЁЛИ ЁР ДАР ЗОВИЯИ ХИЛВАТ РЎ БА РЎ НИШАСТАН

Савдозадаи саводи ин роз
З-ин гуна кунад дари сухан боз,
К-он нав ба балои дил фитода,
Дил тоза ба кори ишқ дода.

Чун гашт зи кори мактаб озод,
Мешуд ба сўи қабила ношод.
В-аз ҷониби дигар он дилором
Бардошт сўи сарои худ гом.

Қайс аз ҷиҳати назораи дўст,
К-аз умр мубаққие, ки ҳаст, ўст,
Баст аз раҳи нозукӣ хаёле,
То пай набарад касе ба ҳоле.

Бо ҳамсабақон дури сухан суфт,
Рў ҷониби ёр карду мегуфт:
«Баргашта ба пушт сўи хона,
Оё чӣ равем аз ин миёна?»

З-ин гуна ҳамешитофт дар роҳ,
То шуд зи назар нуҳуфта он моҳ.
Чун бо дили тангу синаи реш
Омад ба сўи қабилаи хеш.

Норафта сўи сарои модар,
Бикшод сарои хешро дар.
Даррафту дари сарой дарбаст,
Бар аҳли сарой низ дар баст.

Дар ҳуҷра фитод бо дили реш,
Дил дар паи уфтодани хеш.
Чанде падар интизор бурдаш,
Модар худ аз интизор мурдаш.
Дер омаданаш чу боз ҷустанд,
Аз ҳамсабақеш роз ҷустанд.
Ў гуфт, ки соате ду беш аст,
К-ў омада дар сарои хеш аст.
З-ин воқеа золи бесарупой
Дево ҷасифат баромад аз ҷой.
Хўрдаш заҳр, он чӣ буд маъҳуд,
В-он ҳам ки набуд, буд мавҷуд.



Бо матбахие, ки хос будаш,
В-аз зумраи ихтисос будаш.
Гуфт: Ин бирасон ба сўи фарзанд,
В-аз ҳамнафасони он хирадманд.

Маълум кунӣ, ки дар бараш кист,
В-аз будани хона дар сараш чист»?
Шуд матбахию набуд бораш,
Гуфтанд зи гўшаву канораш,

К-имрўз аз он чӣ дар назар дошт,
Бар мабҳаси мушкиле гузар дошт.
Дорад магар он қазия маъмул,
Дар хона ба ҳалли ўст машғул.
З-ин воқеа чун ки бохабар гашт,
Овардаи худ ниҳоду баргашт.
Рафту хабаре, ки гуфта буданд,
Гуфт, арчи аз ў нуҳуфта буданд.

Модар зи шунида шодмон гашт.
З-ин воқеа шодмон тавон гашт!
Ў аз ғами Қайс шуд дил озод,
Қайс аз ғами дил ба зорию дод.
Дар ошиқияш ба сар шуд он шаб,
Аз ошиқияш хабар шуд он шаб.
Чун субҳ сар аз уфуқ баровард,
Хуршед рух аз тутуқ баровард.

Нокарда саломи модари пир,
Аз пои талаб бурид занҷир.
Мегуфт зи шавқи ёри ҷонӣ,
Бо ҳамнафасон зи корвоне.
Гар соз кунем так, чӣ бошад,
Бинем, ки пештар кӣ бошад?
Бардошт бад-ин баҳона такро,
Ҳамроҳ накард ҳеҷ якро.

Пеш аз ҳама шуд сўи дабистон;
Булбул нашикебад аз гулистон.
З-он сўй расид моҳи Нахшаб
Бо лашкаре аз нуҷуму кавкаб.
Шуд бар сари ҳарфи худ парихон,
Баршуд зи паривашон паридон.
Соқӣ, сари гуфтугў надорам,
Ҷуз завқи маю сабў надорам.

Ҷоме ду-се гарм-гарм бардор,
Дилро зи миёна шарм бардор!

## ЗОҲИР ШУДАНИ ДИЛБАСТАГИИ ҚАЙС ВА ЛАЙЛӢ БАР АҲЛИ МАКТАБ ВА ХАБАР ЁФТАНИ МОДАРИ ЛАЙЛӢ АЗ ОН ҲИКОЯТИ БУЛАҶАБ

Он, к-аз Араб аст қиссапардоз,
Қард аз арабона ин садо соз,
Қ-атфоли араб чу ҳола бастанд,
Яъне ки ба гирди маҳ нишастанд.
Машғули сабақ шуданд ҳар як,
Ҷуз Қайси рамида в-он дигар як.
К-ӯ низ чу Қайс зор будаст,
Дилдодаву беқарор будаст.
Аз Қайс ба ишқ буда дар пеш,
Дар ғусса зиёда, аз алам пеш.
Мусҳаф, ки паи сабақ кушода,
В-андар паи ҳам варақ кушода.
Баҳри сабақаш набуда ин ҳол,
Медид барои ошиқӣ фол.
Кораш ба назар нуҳуфта будаст,
Лекин ба касе нагуфта будаст.
Доим раҳи офият сипарда,
Парҳезу вараъ ба кор бурда.
Оре, санаме, ки дил рабояд,
Дар ситри ифоф хуш намояд.
Ҳарчанд дӯкони ҳусн гарм аст,
Гулгунаи чеҳратоб шарм аст.
Пӯшидани чашм беҳ зи ағьёр,
Парҳез бувад илоҷи бемор.
Аммо ғами дил нуҳуфт натвон,
Ҳарчанд ба халқ гуфт натвон.
З-он ҷой ки барқи ишқро хӯст,
Пӯшидани ӯ кушодани ӯст.
Хирман, ки дар ӯст шӯъла мавҷуд,
Хаспӯш кунӣ, фузун кунад дуд.
Бар сел касе ки дар барорад,
Аз равзани хона сар барорад.
Ошиқ шудану ба кас нагуфтан,
Дил додану он гаҳе нуҳуфтан,
Дур аст, бад-ин ҳадис мағрав,
Бовар накунӣ қазия бишнав,
К-он ғунчаи гулшани латофат,
Не гулбуни ғунчаҳои офат.
Чун дод ба ёри дилситон дил,
З-ӯ ёфт иваз дусад чунон дил.
Дар ошиқӣ арчӣ гарм мебуд,
Аммо ба ҳиҷобу шарм мебуд.
Нодида ба сӯи ёри худ тез,
Дуздида ба сад гурезу парҳез.
Ҷуз дар ойинае назора мекард,
Наззора, ки аз канора мекард.
Аз ҳар сӯ сафи назар кашидӣ,
То Қайс дар он миёна дидӣ.
Пӯшида назар барои такрор,
Дидӣ ба баҳона ҷониби ёр.
В-он ҳеҷмадони кори андӯҳ,
Навбовави шохсори андӯҳ,
Аз сӯи дигар назар кушода,
Бӯстони чарида даркушода,
Дар вай ҳама ҳасби ҳол хонда,
Бар чеҳра сиришки ол ронда.
«Ушшоқ» гирифта аз мақомот,
Хонда ҳама ошиқона абьёт.
Дарсу сабақаш зи ёд рафта,
Ҷузву варақаш ба бод рафта.
Андешаи ишр рояташ не,
Бо кас сухану ҳикояташ не.
Дар гуфтушуниди ин хамӯшон,
Пай бурда ба кор тезгӯшон.
Бо якдигар ин ҳадис як-як
Оғоз ниҳода андак-андак.
Ин гуфта, валек он нуҳуфта,
Он ҳам, ки нуҳуфта, боз гуфта.
Дар ҳар диле ин сухан ба ковиш,
Ковиш чи кунад ба ҷуз таровиш.
Ғаммозии чашму касри абрӯ
Нагзошт нуҳуфта як сари мӯ.
Воқиф зи қазия буд ориф,
В-он ҳам ки набуд, гашт воқиф.
Донишвари пир қисса дарьёфт,
В-аз гуфтушунидашон хабар ёфт.
Аз ҳайрати он сухан фурӯ монд,
Бо худ нафасе ба гуфтугӯ монд.
Гуфт ар надиҳам ба кас нишоне,
Ногаҳ на ки бошадам зиёне.

В-ар з-он ки рахи ҳадис пӯям,
Оё ба кӣ гӯяму чӣ гӯям?
Бар хеш басе чу мор печид,
Бисьёр ба гирди кор печид.
Охир нашудаш сухан нуҳуфтан,
Беҳ дид қазия боз гуфтан.
Атфол ба хонаҳо фиристод
Худро зи балия кард озод.
Гардун чу либоси қир дархост,
Тақриргари фақир бархост,
Рӯ кард сӯи сарои Лайлӣ,
Баҳри ситаму ҷафои Лайлӣ.
То шуд сӯи модараш ниҳонӣ,
Аз роҳи вафову меҳрубонӣ,
Хилват талабиду қисса нанҳуфт,
Аз бими худ он чӣ буд, баргуфт.
Баргашта ба сӯи хона шуд зуд,
Биншаст бад-он сифат, ки мебуд.
Соқӣ, суханам, ки менуҳуфтанд,
Бо ҳар кӣ нагуфтанист, гуфтанд.
Май деҳ, ки дигар ба хотири ҷамъ,
Парвона шавам ба гирди он шамъ.

**МАЛОМАТ НАМУДАНИ МОДАР ВА ПАРДА АЗ РӮИ КОР БАРАНДОХТАН ВА МОҲИ ҶАМОЛИ ЛАЙЛИРО ДАР РАММОМИ ХАЙЁМ ПАРДАНИШИН СОХТАН**

Аз сирри нуҳуфта марди ғаммоз
В-ин гуна кушод пардаи роз,
К-он қисса чу гӯш кард модар,
Бигрифт сарои гӯшро дар.
Хун дар баданаш зи ғусса зад ҷӯш,
Бардошт зи деги дида сарпӯш.
Шуд чун сари зулфи худ парешон,
Ҳам тира чу зулф шуд парешон.
Лахте чу дар ин сухан ҷигар хӯрд,
Афсона ба ҷониби ҷигар бурд.
Гуфт: «Эй ҷигарам кабоб карда,
Биншаста ҷигаркабоб х(в)арда.



Дорам ҷигаре пуроташ аз ту,
Дар дил суханони нох(в)аш аз ту.
Ҳарчанд ки қисса гуфт натвон,
Ин турфа, ки ҳам нуҳуфт натвон.
Гӯянд ғамест дар дарунат,
Дар дил ҳавасест аз ҷунунат?
Аз қайди бадан дилат ба танг аст,
Мурғат зи қафас паридаранг аст.
Бар нахли баланди ошноӣ
Сарват шуда моил аз ҳавое.
Чун холи лаби магаснамоят,
Дар шахди касе намонда ҷоят.
Пайваста хуморат аз маи ӯ,
Рафтан сӯи мактабат паи ӯ.
Ҳам дар сабақат ҳикоят аз вай,
Ҳам дар варақат ривоят аз вай.
Эй ақлу фаросат аз рухат фош,
Ҳам хеш дар ин сухан ҳаким бош.
Қ-аз ҳамчу туе раво бувад ин?
«Ҷон модар, чиҳо бувад ин?
Буд аз ту умедам он ки ногоҳ,
Гар з-он ки зи ман наузу биллоҳ,
Ин навъ фасона барзадӣ сар,
Дар ҷони ту уфтодӣ озар.
Аз субҳи насиҳати дилафрӯз
Кардӣ шаби ғафлати маро рӯз».
«Он худ нашудӣ ба парда ғаммоз,
Рӯзам ба шаби сиёҳ наяндоз.
Биншин ки замона айбҷӯй аст,
Беҳудасиголу ҳарзагӯй аст.
Нашнида, фасонаҳо кунад соз,
Нохонда, ҷаридаҳо кунад боз.
Бекор гаҳе, ки қисса созад,
Бар қисса чи корҳо насозад.
Ишқе, ки чунун бувад ба маънӣ
Аз ҳамчу туе, бигӯй, чӣ яъне?
Гирам, ки расид ҷоми ишқат,
Мардум чӣ кунанд номи ишқат?
Мард аз ғами ишқ зор гардад,
Ошуфтаву беқарор гардад.
Ишқ аз ҳама оламаш барорад,
Дар қайди маломаташ дарорад.
Оби сиёҳ афганад ба кӯяш,

Бар хок бирезад обрӯяш.
Духтар, ки бувад ба ишқ мафтун,
Инсоф бувад, ки чун бувад, чун?
Эй чашми маро зи оразат нур,
З-ин пас нашавӣ зи чашми ман дур.
Омӯхтӣ он чӣ бояд омӯхт,
З-ин бештарат нашояд омӯхт.
Махром дигар ба сӯи устод,
Сарве чу ту беҳ, ки бошад озод.
Мастура, ки гардад аз саро дур,
Дар чодару чашмбанд мастур,
Бо он ки зи чашм бегазанд аст.
Модар ба насиҳат аз сари дард,
Дар гирья нигори нозпарвард.
Модар зада дидаҳо ба рӯяш,
Духтар зи ҳаё надида сӯяш.
Модар ба шиканча қиссапардоз,
Духтар ба баҳона маъзаратсоз.
З-ин сон чу басе сухан фурӯ гуфт,
Шуд ҷониби хобгоҳ бо ҷуфт.
Гуфт: «Он кӣ туроcт нури дида,
Чун сарви ҷаман ба қад расида.
Маҳ пеши рухаш наёварад пой,
Ҳар лаҳза аз он бадал кунад ҷой.
Бо абрӯи ӯ ҳилоли бадкеш
Якдам накунад баробарӣ пеш.
Худро ба хаёл ғунчаи тар
Гар бо даҳанаш кунад баробар,
Нокарда ҳанӯз қисса буньёд,
Аз ҳам бидаронадаш даҳан бод.
Ҳаргоҳ арӯси нозпарвард
З-ин гуна бувад ба дилбарӣ фард.
Он беҳ, ки бувад зи чашми бад дур,
Дар кунҷи сарои хеш мастур.
Ҳам бозӣ агар талаб кунад беш,
Машгул шавад ба лӯъбати хеш.
Хоҳад чу мусоҳиби сухангӯй,
Аз тӯтии худ шавад суханҷӯй.
Гар майл кунад ба ҷониби соз,
Аз тори кашида ҷӯяд овоз.
Мақсуд, ки ончунон нишинад,
К-ӯ дар касу кас дар ӯ набинад».
Гуфташ падар: «Эй ба қисса марғуб.



Дониста салоҳи корҳо хуб.
Ман доштам ин ҳадис бо хеш,
Бошад се-чаҳор моҳ, бал беш.
Аммо ба ту гар нагуфтаам ҳол,
Медон, ки зи ёд бурда ашғол.
Акнун ки сари сухан кушодӣ,
Некам сухане ба ёд додӣ.
Баргӯ, ки дигар нигори зебо,
Аз дар наниҳад бар остон по».
Аз кишта ба бор гашт бошад,
З-он сон ки сухан гузашт бошад.
Соқӣ, бути майгусори сармаст,
Дар хона нишасту дар фурӯ баст,
Чун назди ваям намедиҳӣ ҷой,
Май деҳ, ки шавам гаревапаймой.

## МАҶРӮҲ ШУДАНИ ЛАЙЛӢ АЗ ЗАХМ ХӮРДАНИ ДИЛИ МАҶНУН ВА СӮХТАНИ ҶИГАРАШ ДАР ОХИР АЗ ХАБАРИ ДОМОДИИ НАВФАЛ

Саргаштаи дашти ин ҳикоят
Он кард зи реши дил шикоят,
Аз ҷоми сухан чунин хӯрад хун,
К-аз воқеаи маҳеби Маҷнун,
Он рӯз, ки гашт Лайлӣ огоҳ,
Шахсе зи мувофиқони дилхоҳ,
Аз халқ равона кард пинҳон
Баҳри хабар аз барои ҷонон,
К-орад хабаре, ки ҳоли ӯ чист,
Аз ҳолати рафта — мурд ё зист.
Ҷарроҳ, ки меравад ба пешам,
Марҳам чӣ ҳамениҳад ба решам.
Захмаш, ки аз ӯст сина ранҷур,
Аз вай ки ҳамекунад магас дур?
Пироҳани хунияш кӣ шуста,
Хунин дили рафтааш кӣ ҷуста?
Бар болинаш кӣ меҳрубон аст,
Болингаҳу бистараш чӣ сон аст?
Он рафта агарчи дертар монд,
Лек омаду ҳоли дида бархонд.

Гуфт: «Эй ки ба ғам рафиқи ҷонӣ,
Ҷон дода ба ёр муждагонӣ,
К-он соиқахӯрда аз бало раст,
Дигар чу нахуст бурдбор аст.
Вораст танаш зи ранҷи марҳам,
Ҷарроҳ ниҳод ҳуққа барҳам.
Парҳез шикасту мурғ бас кард,
Хӯрд он чӣ дил аз ваяш ҳавас кард.
Биншаст ба рӯи болиши ноз,
Афсонасарою қиссапардоз.
Аммо сухане дигар шунидам,
З-он кас ки сухан ҳамекашидам.
Ар рост нагӯямаш фурӯғ аст,
Дар гардани ӯ агар дурӯғ аст.
Гуфт: «Он кӣ зи ошиқӣ ҷафо дид,
Доман зи ҷафои ишқ дарчид.
З-оҳаш, ки ба сина тир бикшод,
З-ӯ андӯҳи ошиқӣ бар ӯ дод.
Чанде ки фитода буд мадҳуш,
Кардаст зи фарқ по фаромӯш.
Қофур, ки ҷузви марҳамаш буд,
Сардӣ-фиған аз ҳама ғамаш буд.
Акнун ҳама дар паи висол аст,
Домодии Навфалаш хаёл аст.
Навфал ба қабули ӯ чунон шод,
К-аз духтари хубрӯю домод.
Лайлӣ зи ҳадиси сӯҳбати ёр
Хушҳол шуд арчи аввалин бор,
Лек аз хабаре дигар барафрӯхт,
Чун шамъ шарори ғайраташ сӯхт.
Бикшод ба дидаҳои пурхун
Роҳи гила бо хаёли Маҷнун.
Гашт аз ҳама сӯ фасонапардоз,
Бо он ҳама дил наёмадаш боз.
Охир талабид коғазу килк,
Дурҳои аҷаб кашид дар силк.
Бо қосиди рафта гуфт: «Бархез,
Як бори дигар ҷамоза кун тез.
Рав ҷониби он гусастапаймон,
В-аз дасти манаш бигир домон.
Гӯй, он кӣ ба кори ишқ ҷон дод,
Ин нома ба ҷонибат фиристод.
Бархону ҷавоби нома баргӯй,



То сӯи раҳи худ оварам рӯй».
Қосид, ки рафиқу меҳрубон буд,
Он нома гирифту шуд равон зуд.
Омад ба диёри Навфал аз роҳ,
Пурсид аз он ғариби ҷонкоҳ.
Гуфтанд мапурс ҳоли ӯро,
Мапсанд ба худ вуболи ӯро.
Номаш чӣ барӣ, ки чун барӣ ном,
Девона шавӣ ту ҳам саранҷом.
Дев аст, зи рӯи ҳозирон дур,
З-он рӯ нагирифт унс бо ҳур.
Навфал, ки қабилаподшоҳ аст,
Бар аҳли замона қиблагоҳ аст.
Мехост бузург созад ӯро,
Фарзандсифат навозад ӯро.
Бар авҷи фалак сараш барорад,
Фарзанд ба ақди ӯ дарорад.
Он бесару барги нохирадманд
Нагрифт ба ин дарахт пайванд.
Бигсаст ниҳоли давлаташ пай,
Идбор бурун фигандаш аз ҳай.
Қосид зи шунида гашт хушҳол,
Пурсон-пурсон шудаш ба дунбол.
Чанде чу бурид водию кӯҳ
Гирд омада ваҳш дид анбӯҳ.
Ваҳшизадае дар он миёна
Дар ҳалқаи ваҳш карда хона.
Чун ҷониби хона кардаш оҳанг,
Шуд хона бар ӯ замон-замон танг,
То оқибаташ зи хона бирҳонд,
Шуд хонаву хонагӣ ба ҷо монд.
Аввал ба салом кард шодаш,
В-он гоҳ ба даст нома додаш.
Маҷнун, ки бидид номаи дӯст,
Бар ҷисм дарид ҷомаи пӯст.
Бехуш фитод соате нек,
Овард ба хуш номааш лек
Аз дида бар ӯ фишонд гавҳар.
Бикшод мисоли номаро сар.
Соқӣ, манам ин ки аз дилором
Наздики ман омадаст пайғом.
З-ин мужда биёр дӯстгонӣ,
То ҷон диҳамат ба муждагонӣ.

## МАКТАБӢ

*Мактабии Шерозӣ дар қарьяи Масҷиди Бардии наздики Шероз ба дунъё омада, аз пешаи мактабдорӣ касби маош мекардааст. Инчунин ӯ аз илмҳои гуногуни замони худ огоҳ буда, мусиқиро некӯ медонистааст ва мисли қонун созеро ихтироъ ҳам карда будааст. Вай пештар аз соли 895/1490 бо роҳи баҳр ба Маккаву Мадина сафаре карда будааст. Соли таваллуд ва номи ӯ маълум нест. Дар манбаъҳои таърихӣ-адабӣ ӯро чун Мавлоно (ё Мулло) Мактабии Шерозӣ ёд мекунанд.*

*Мактабӣ соли 911/1505 ё баъдтар аз он дар зодгоҳаш фавтидааст.*

*Аз мероси адабии Мактабӣ достони «Лайлӣ ва Маҷнун» боқист, ки соли 895/1490 таълиф ёфтааст. Мегӯянд, ки дар вақташ ӯ девон ҳам доштааст. Баъзеҳо маснавии «Каламоти Алияи ғарро»-ро ҳам ба ӯ нисбат медиҳанд.*

### АЗ «ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН»

Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Мактабӣ аз 46 боб иборат буда, 2160 байтро дарбар мегирад. Аз он нӯҳ боби аввал ва ду боби охир, ки 340 байт аст, ба мазмуни достон дахл надорад. Шаш боби оғози достон ҳамду наът, алқоби чаҳор ёр, меъроҷ, санои пири шоир Ҷалолиддин, мадҳи хокими давр — Шаҳқосим ибни Шох Мансурро, ки достон ба ӯ бахшида шудааст, дар бар мегирад.

Боби ҳаштум ситоиши сухан буда, ба ақидаи Мактабӣ сухан маҳсул ва зодаи хирад мебошад.

Боби нӯҳуми достон ба мадҳу санои Низомӣ бахшида шудааст.

Бобҳои X — XLIV (1820 байт) асли достонро ташкил карда, сюжети он чунин аст:

Подшоҳи бузурге аз мулки араб ҳама чиз доштааст, аммо фарзанд не. Пас аз назру ниёзи зиёде ӯ соҳиби фарзанд мешавад. Кӯдакро Қайси ҳунарӣ ном мениҳанд на аз ҳакими толеъандеше пешомади ӯро мепурсанд. Ҳаким ҷавоб медиҳад, ки ошиқ ва ба дарди ҷунун гирифтор хоҳад шуд. Қайс кӯдакест фақат дар дасти занони нозанин ором мегирад, на дар дасти доя. Ӯро дар даҳсолагӣ ба мактабе медиҳанд, ки духтарону писарони қабоили гуногун таҳсил мекарданд. Қайс дар ин ҷо ба Лайлӣ меҳр мебандад. Ин овоза ба гӯши муаллим мерасад. Муаллим ҷорачӯӣ мекунад, аммо бенатиҷа. Баъд овозаи ишқи кӯдакон ба гӯши модари Лайлӣ мерасад.

Модар ба Лайлӣ насиҳат мекунад, ки аз ишқи Қайс даст мекашад, зеро ин боиси ғазаби падару хешу табораш хоҳад шуд. Лекин Лайлӣ ба насиҳати ӯ сар намефурорад ва дар охир гӯё модар бо ӯ ҳамфикр мешавад. Вале ӯро дигар ба мактаб рафтан намегузоранд.

Қайс аз фироқи Лайлӣ сар ба кӯҳу биёбон мезанад ва дар кӯҳи Наҷд иқомат мегузинад. Аммо ин сар ба биёбон задани ӯ натиҷаи ҷунун набуда, балки фақат як навъ қаҳри бачагона аст. Бинобар ин бо ҳайвонот унс гирифтани ӯ тасвир намеёбад.

Падар ӯро бо ваъдаи он ки ба Лайлӣ хонадор хоҳадаш кард, ба хона бозмегардонад.

Падари Қайс Лайлиро барои писари худ хостгорӣ мекунад, лекин падари Лайлӣ ин хоҳиши ӯро рад мекунад, чунки ба ақидаи ӯ Қайс девона аст ва девона домодиро намешояд.

Баъди барор нагирифтани хостгорӣ падари Қайс ҷангро ихтиёр намекунад, зеро лашкари қабилаи Лайлӣ қавитар аст ва барои аз дард раҳоӣ ёфтани Қайс ӯро ба назди пир мебарад. Аммо пир ҷунунро боиси суханварӣ дониста, авҷ гирифтани девонагии Қайсро дуо мекунад.

Баъди ин падар Маҷнунро ба ҳаҷ мебарад, ки аз ишқу ҷунун раҳоӣ ёбад. Аммо Маҷнун ба фармони падар итоат накарда, аз худованд дархост мекунад, ки:

> Дар дил ғами Лайлиям фузун кун,
> Ҷуз меҳри вай аз дилам бурун кун.
> Ҳар кас ки зи Лайлиям диҳад панд,
> В-аз қуфли адам забони ӯ банд!

Ва бо ҳамин роҳи диёри Лайлиро пеш мегирад.

Падари Лайлӣ аз ишқи духтараш бо Қайс огоҳ шуда, барои куштани Маҷнун хунӣ (қотил) мефиристад. Лекин хунӣ ҳоли низори Маҷнунро дида ба ӯ раҳм мекунад ва баргашта ба падари Лайлӣ арз мекунад, ки Маҷнунро наёфт.

Падари Лайлӣ духтарашро дар хона маҳбус мекунад. Вай

дар оташи фироқ месӯзад. Табибро даъват мекунанд. Табиб дарди Лайлиро дарьёфта дар байни ошиқу маъшуқ як муддате миёнчӣ мешавад.

Баҳорон Лайлӣ бо гурӯҳи духтарон ба сайри боғ мебарояд, лекин андӯҳи фироқ, ҳусну малоҳати боғу баҳорро дар назараш беравнақ гардондааст. Бинобар ин бо дили ҳазин ба манзили худ бармегардад.

Ҳангоми дар боғ будани Лайлӣ ӯро Ибни Салом мебинад ва шефтаи ӯ мегардад ва ба ӯ хостгор мефиристад. Хешовандони Лайлӣ розӣ мешаванд, лекин каме ӯро сабр мефармоянд, то ки Лайлӣ Мачнунро фаромӯш кунад.

Навфал аз ишқи нокоми Лайлӣ ва Мачнун огоҳ шуда, бо Мачнун мулоқот мекунад ва ба ӯ ёрӣ доданӣ мешавад. Мачнун аввал рад мекунад, вале сипас розӣ мешавад.

Навфал бар зидди қабилаи Лайлӣ чанг меорояд, лекин Мачнун асири онҳо гардида, боиси бас шудани чанг мегардад. Тарафайни пайкоркунанда созиши оташбас мебанданд. Мачнун Навфалро таъна карда, боз сар ба биёбон мезанад.

Мачнун ғизолеро дар дом дида онро озод мекунад. Дар лаби чашмае бо моҳ ва абр роз мегӯяд. Дар ғоре пинҳон мегардад, ки аз он чо кӯи Лайлӣ корезе дошт. Ба воситаи он корез Лайлиро мулоқот мекунад, ба даст меафтад. Одамони Лайлӣ ӯро сахтакак мекӯбанд. Аз воқеа падараш хабардор шуда меояд ва мехоҳад ба ӯ кӯмаке бикунад. Мачнун падари худро дидан замон фирор мекунад.

Рӯз ба рӯз хостгорони Лайлӣ зиёд мешаванд. Аз ин Ибни Салом хабар ёфта расида меояд ва аҳди собиқро ба хотири падари Лайлӣ оварда духтарро ба ақди никоҳи худ медарорад. Аз ин Мачнун огоҳ шуда Лайлиро сарзаниш мекунад, аммо ӯ бе ихтиёри ӯ шудани ин корро хабар медиҳад ва дар айни замон ба Мачнун вафодор буданашро изҳор менамояд. Дар ҳақиқат ҳам Лайлӣ ба Ибни Салом илтифоте намекунад ва ҳатто арз мекунад:

Гуфто, баадаб нишину бархез,<br>
Чун хор ба гулбунам маёвез.<br>
Аз сарви қадам ба соя месоз,<br>
То соя нагирам аз қадат боз.

Аммо Ибни Салом тобеи хоҳиши Лайлӣ намешавад ва баракс рафтори Лайлиро ба зери назорат гирифта, мувофиқи ибораи Мактабӣ, чун Накиру Мункар пурсучӯ карда меистад.

Мачнун бо чӯпони Лайлӣ шиносой пайдо мекунад, ба воситаи ӯ дар пӯсти гӯсфанд пинҳон шуда ба мулоқоти Лайлӣ меравад. Лайлӣ, ки барои номи Мачнунро ба забон гирифтан тифлаки девонаеро ба тарбия гирифта, ӯро бо номи «Мачнун» чеғ мезад, ҳангоми наздик шудани Мачнун «Мачнун» — гӯён садо мекунад. Мачнун ин номро аз забони Лайлӣ шунида бехуд мешавад. Қассоб ӯро гӯсфанди касал пиндошта ба сараш медавад. Чӯпон ӯро гирифта ба хона мебарад. Мачнун ба худ омада роҳи биёбонро пеш мегирад.

Лайлӣ аз чӯпон ҳоли Мачнунро пурсон мекунад. Чанде чӯпон байни Лайлӣ ва Мачнун миёнчӣ мешавад.

Боре падари Мачнун бо хешу табори худ ба суроғи ӯ мебарояд. Ӯро дар ҳоли низоре меёбанд. Мачнун падарашро аввал намешиносад. Падар ӯро ба хона оварданӣ мешавад.

Аммо Мачнун аз падар узрҳо мехоҳад ва дар биёбон мемонад.

Падари Мачнун фавт мекунад. Ин хабарро ба Мачнун сайёде мерасонад. Мачнун ба сари турбати падар омада зор-зор мегирьяд. Шаберо дар он чо гузаронда, боз ба кӯҳ бармегардад. Вуҳуш ӯро муҳофиз мешаванд.

Мачнун бо ситорагон роз гуфта, дарду ҳасрати худро ба онҳо изҳор мекунад. Дар хоб мебинад, ки қосиде аз Лайлӣ мактуб овардааст. Дере нагузашта қосид ба ӯ мактуб меорад.

Мачнун номаи ёрро хонда, ба Лайлӣ номаи чавобӣ менависад.

Боре тағои Мачнун, ки Салими Омирӣ ном дошт, Мачнунро мулоқот намуда, вайро сарзаниш мекунад ва ӯро ба хона, ба назди модараш бурданӣ мешавад. Аммо Мачнун аз ӯ мегурезад.

Модари Мачнун ба назди ӯ меояд, ки ба хона баргардад.

Ӯ таклифи модарро рад мекунад ва чавоб медиҳад:

Ман тобеи ишқи рӯи ёрам,<br>
Модар чӣ кунам, на ширхорам.

Модар аз доғи Мачнун чон месупорад. Мачнун дар сари қабри ӯ рӯзе чанд азодорӣ мекунад.

Ибни Салом барои таваччӯҳи Лайлиро ба тарафи худ гардондан Мачнунро куштанӣ мешавад. Даррандагон инро дида, ӯро пора-пора мекунанд.

Табиб ин хабарро бо хоҳиши Лайлӣ ба Мачнун бурда, ӯро ба назди Лайлӣ даъват мекунад. Лекин дар охир шӯриши чунуни Мачнун авч мегирад ва Лайлиро тарк карда, ба саҳро рӯ мениҳад.

Лайлӣ ба ин воқеа тоб наоварда дар фасли хазон хазон мегардад.

Хабари фавти Лайлиро ба Маҷнун мерасонанд. Ӯ ба дафни вай расида омада, тобути ӯро оғӯшкунон ҷон медиҳад. Ҷонвароини ҳамроҳаш буда низ дар пои қабри ӯ мемуранд. Лайливу Маҷнунро паҳлуи ҳам гӯр мекунанд. Дар рӯи қабри онҳо иморати бошукӯҳе буньёд месозанд.

Дар боби чилупанҷум шоир нақл мекунад, ки боре аз Ҳиндустон ба воситаи роҳи баҳрӣ ба Арабистон меоянд ва ба шаҳри ободе мерасад. Дар он ҷо шахсе кӯҳи Наҷдро ба шоир нишон дода нақл мекунад, ки он ҷоро «Водии Лайлӣ ва Маҷнун» мегӯянд; зеро аз турбати онҳо ду чашмаи зулол ҷорӣ мешавад, дар болои қабрашон ду беди хуррам ва гиёҳҳо рӯида бо ҳам омехта шудаанд. Аммо он гулҳоро касе бӯяд, девона мешавад. Мактабӣ таъкид мекунад, ки

«Лайлӣ-Маҷнун», чунон ки гуфтам,
Аз мардуми он замин шунуфтам.

## ДИДАНИ ҚОСИДИ ЛАЙЛӢ МАҶНУНРО

Чун зери нигини лаъли хуршед
Шаб гашт ниҳон чу мӯҳри Ҷамшед.
Чун номаи шаб сиёҳҷома,
Хуршед чу мӯҳри пушти нома.
Хуршед давоти зарри шоҳӣ,
Шаб чун ба давоти шаб сиёҳӣ.
Аз фитнаи осмон замин раст,
К-ин дида кушоду он фурӯ баст.
Маҷнун чу ба рӯзи ҳашр мурда,
Аз баҳри азоб зинда карда.
Буд он саҳар аз замона хушҳол,
К-аз мусҳафи шаб бигӯядаш фол.
Аз хоби шабона чашм дар роҳ
Мекард тааммуле, ки ногоҳ
Бинмуд шутурсаворе аз дур,
Чун бар сари кӯҳ пораи нур.
Маҷнун зи шамидани насимаш
Ду нима дил аз умеду бимаш.
Тарсид, ки он қади шаҷарвор,
Хори хабари бад оварад бор



Бигрехт чу оҳу аз ҷафояш,
Чун саг даду дом дар қафояш.
Чун дид шутурсавораш аз дур,
Бар мурда фиғон кашид чун сур,
К-аз ман магурез, к-ошноям,
Пеши ту зи назди Лайлӣ оям.
Маҷнун зи ҳадиси он накӯкеш
Боз омад аз он раҳаш давон пеш.
Гуфт: «Эй шутурат ниҳода ҳар ҷо
Бар ҳар ду саводи дидаам ҷо.
Эй гарди ҷамозаат ба ҷоям
Деворкаши тарабсароям.
Такрор кун он сухан, ки гуфтӣ,
К-оташ ба дам аз дилам наруфтӣ».
Соҳибхабар аз шутур фурӯ ҷаст,
Бигрифт ба дастгирияш даст.
К-эй оташи ишқро ҳарорат,
Вайронии ақлро иморат,
Эй гардани ҳар даранда аз шавқ
Аз ҳалқаи хидмати ту дар тавқ.
Сӯи ту паёми ёр дорам,
Гар гӯш ба ман кунӣ, гузорам.
Маҷнун шуда чархзан дар он дашт,
Гирди худу гирди ӯ ҳамегашт.
Гуфто, ки баён кун он чи гуфтӣ,
Ҳам бар луғате, к-аз ӯ шунуфтӣ,
Пайғомгузор гуфт: «Боре
Дидам санаме ба раҳгузоре,
Сарве, ки чу қоматаш алам зад,
Аз соя ба гулситон қалам зад.
Шамъе, ки чу шӯъла дар назар буд,
Сӯзанда зи пой то ба сар буд,
Дар дида чу мил сурма роҳаш,
Пурхок ду наргиси сиёҳаш.
Дар гирья, ки рӯ ба роҳ будӣ,
Бишкофта роҳро чу дуде.
Чун дид маро, давид пешам,
В-аз гирья бисӯхт ҳамчу хешам.
Пурсид, ки аз куҷо расидӣ,
З-ин роҳ, ки омадӣ, кӣ дидӣ?
Гуфтам ба фалон гареваи кӯҳ
Дидам чу ту хундиле, пурандӯҳ.
Ҷонаш ба адам расида, тан низ,

Аз чома гузашта в-аз кафан низ.
Азбаски фишонд ашки гулгун
Аз кӯҳ гузашта чун шафақ хун.
Бар рӯи дили кабобаш аз кӯҳ,
Бар вай даду дом гашта анбӯҳ.
Чандон, ки бичустам аз дилаш роз
Чуз «Лайлӣ» аз ӯ наёмад овоз.
Чун он санам ин сухан ниюшид,
Аз гармии хуни дил бичӯшид.
Гуфто мани зору он балокаш
Ҳастем ду шӯъла аз як оташ.
Ӯ бар сари хок кӯҳ дар бар,
Ман рехта кӯҳи хок бар сар.
Ӯ пои талаб зада ба ҳар санг,
Ман сар зада ҳамчу пой бар санг.
Дар водии ӯ, ки мӯри роҳам
Чунбидани мӯрро нахоҳам...
Онон ки чу сояам анисанд,
Гар бод ба ман вазад нависанд.
Побаста чу бедаму зи чон сер,
Бар фарқ чу барги бед шамшер.
З-ин сон, ки манам кучо тавонам,
К-он ғамзада сӯи хеш хонам.
Дӯш аз дили сӯхтаи қаламвор
Ҳарфе ду кашидаам ба тӯмор.
Ин дуда ба коғаз, ар тавонӣ
Чун сурма ба чашми ӯ расонӣ.
Гуфт ину зи гӯшаи амома
Дар ҳалқа заду фиганд нома.
Мачнун чу кушод номаи дӯст,
Афтод бурун чу писта аз пӯст.
Ҳар ҳарф, ки хонд аз он батакрор,
Сад чарх зад аз тараб чу тӯмор.
Ҳар бӯса, ки зад ба хоки покаш,
Мӯҳре шуд аз оҳи дарднокаш.
Ҳар ҳарф, к-аз он ба дил нишасташ,
Аз сӯз ба сина нақш басташ.

**НОМАИ ЁР БА МАЧНУНИ ФИГОР**

Чун хондани нома кард оғоз,
Аз нома чунин баромад овоз:



Ин нома ба номи он худованд,
К-аз ишқ бинои олам афганд...
В-он гоҳ навишта, к-эй дилором,
Эй доираи фалак туро дом,
Нақши ту сириштаи гили ман,
Доғи ту чароҳати дили ман,
Чунию чӣ гуна мегузорӣ?
Оҳуи кадом кӯҳсорӣ?
Дар дасти замона, ёри чонсӯз,
Чунӣ зи тапончаи шабу рӯз?
Ту шоҳи гули абирбӯӣ,
Дар чашмаи дидаи кӣ рӯӣ?
Шому саҳарам чу моҳу хуршед,
Дар роҳ бувад ду чашми уммед.
То кай ба дар ой аз дили санг?
Чун оина рӯ намой аз ранг?
Ҳар дам зи ғамат фиғон барорам,
В-афғону ғам аз чаҳон барорам.
То сар ба гил аз сиришки чонкоҳ
Пинҳон шаваму бароварам оҳ.
Ин дил набувад, ки бо ту ҳар дам
Дар сина гиреҳ шудаст дардам.
Ин сар набувад, ки бе ту аз даҳр
Бар ҳалқи ман аст косаи заҳр.
То зинн набарӣ, ки бе ту шодам,
К-аз мурда ба дарди дил зиёдам,
Кӯҳест дилам зи гарди андӯҳ,
Коҳе тани лоғарам таги кӯҳ.
Ҳар рӯз, ки бе ту шуд аламкаш,
Дар хирмани умри ман зад оташ.
Ҳар шаб, ки на бо ту шуд ҳавола,
Он шаб нашуд аз дилам чу лола.
Хоҳам, ки ба сар ба поят оям,
Лекин на марост сар ба поям.
Гар худ магасам нишаста бар рӯй,
Шамшер кашида бар рухам шӯй.
То дида кушодаам расида,
Ҳамчун мижа новакам ба дида.
Бо ин ҳама сӯи туст хӯшам,
Дар ҳалқаи зикри туст гӯшам.
Гар сели адам барад зи чоям,
Дар аҳди ту маҳкам аст поям.
Теғи ду чаҳон ба сар кашидан

Аз ту натавонадам буридан.
Чун сурати оина ба сад фан
Пеш оямат аз ҳисори оҳан.
Дур аз туву з-иштиёқи рӯям
Мӯест ба дида раста шӯям.
Ӯ хаст ба паҳлуву аз онам
Санг омада бар дил осмонам.
Эй кошам, аз ӯ дадӣ рабояд,
Бошад, ки ба суҳбати ту ояд.

### ҒАЗАЛ

Дар ишқи ту аз ҷаҳон гузаштам,
В-аз ҷумла гузаштагон гузаштам.
Бе рӯи ту бар дари лаҳад пой
Бинҳодаму аз ҷаҳон гузаштам.
Он дам, ки зи якдигар гузаштем,
Ту аз дилу ман зи ҷон гузаштам...
Дар бодияи адам давидам,
Чандон ки зи корвон гузаштам.
Зӯри ғами туст баҳри оташ
З-он сӯхтаму к-аз он гузаштам.
Фардо бинамоямат, ки имрӯз
Бо доғи ту аз миён гузаштам.
Бо меҳри ту зодаму ба сад ғам,
З-ин марҳала ҳам ба он гузоштам.
Маҷнун чу бихонд номаи ёр,
Аз ҳарф ба гирья шуст тӯмор.
З-он най, ки ба хуни дидааш руст,
Хунинқаламе ба чобукӣ ҷуст.
Бинвишт чу хатти насх хома
Бар пушти варақ ҷавоби нома.
Бо дил қаламаш чу якзабон шуд,
Хуни дил аз ӯ чу раг равон шуд.
Гашта зи латифаҳои мавзун
Гулгунаи биқри маънӣ аз хун.
Ҳар ҳарфи вай аз дили пуровах
Чун ғулғули осиёи дӯзах.
Чун нома навишта шуд ба майле,
Шуд қосиду бурд сӯи Лайлӣ.



Афзуд санам зи номаи дӯст
Чун номаи нокушода сад пӯст.
Он номаи ҳамчу оташин боғ
Бикшод чу доғбанде аз доғ.

### ХОНДАНИ НОМАИ МАҶНУНРО ЁР

Буд аввали нома номи он пок,
К-ангехт бинои олам аз хок...
Он гаҳ ба варақ зи килки чун неш
Бишкофт ҷароҳати дили реш,
Қ-эй аз назарам чу дуд ронда,
Ҷовид бар оташам нишонда.
Эй марҳами доғи бастагиҳо,
Ҷондоруи дилшикастагиҳо.
Эй лаъли лабат зи хуни нобам,
Хунин намаки дили кабобам.
Эй бар мани хаста дар кушода,
Роҳи дигаре ба хона дода.
Чун маҳ шуда дар шаби назарбанд
Оинаи кӯрдидае чанд.
Ман гулхане аз фатилаи доғ,
Ту шохи гули кий дар ин боғ?
Ман ҷомадару ту бо рақибон
Сар карда бурун зи як гиребон.
Ман шабпаравор кӯру навмед,
Ту рӯй ба дигарон чу хуршед.
Аз ёди ту гар ба гирья пӯям,
Лавҳи фалак аз ситора шӯям.
В-аз меҳри ту гар тавон дар ин дайр
Кемухти замин фишонам аз ғайр,
Хотир ба ту додам аз замона,
Бурд Ибни Саломат аз миёна.
Бо худ чу наёрамат писандид,
Қай бо дигаре тавонамат дид?
Хасмам ба дили ту карда манзил,
З-он меҳри манат наҳишта дар дил.
Он к-ӯ чу ту ғамгусор дорад,
Бо ғайри худат куҷо гузорад?
Ман дар ту намерасам зи кӯҳсор,
Дар пой шикаста неши сад хор.

Ӯ дар ту чӣ сон расида боре,
Қ-аз по накашидааст хоре?
Ман кӯҳна дарахту ӯ наву х(в)аш,
Дар вай фиган обу дар ман оташ.
Не, не, ки ба шохи нав вафо нест,
Чун шохи куҳан қадам ба ҷо нест.
Ҳам сер зи шоҳи навбарой,
З-ин пушта чу моҳи нав барой.
Чун оина созам, эй парирӯй,
То аз ҳама дар тан оварӣ рӯй.
Ман так зада чун сагон ба нахчир,
Сайд Ибни Саломро ба тақдир.
Занбӯр чу гардад ангубинхор,
Ронандаш аз ангубин магасвор.
Дар сояи гулбунат чу биншаст,
Боре мадеҳаш ба шохи гул даст.
Бо ӯ чу кунӣ сухан муқобил,
Боре ба забон бигӯ на аз дил.
Хандида ба сӯи ӯ набинӣ,
Илло, ки ба мотамаш нишинӣ,
Соқӣ нашавӣ ба базмаш аз қаҳр,
Илло, ки ба соғараш кунӣ заҳр.
Дар бистари хобаш ар ниҳӣ пой,
То ҳашр гузор дар миёнҷой,
Сӯзам ба ту аз дили пуроташ,
Гар нохушат ояду агар х(в)аш.
Ғайри манат арҷи нест ағьёр,
Пиндор, ки ҷуз манат наяст ёр.
Шуд мӯрча офтобро дӯст,
Пиндошт чароғи хонаи ӯст.
Бар хони шаҳон магас ниҳонӣ
Гӯяд, ки марост меҳмонӣ.

**ҒАЗАЛ**

Эй гашта фироқи ман қаринат,
Нолам зи ту ёри ҳамнишинат.
Қай дасти мани шикаста гирӣ?
Дасти дигаре дар остинат.
Пайванди муҳаббати рақибон
Бо мо гиреҳест бар ҷабинат.



Чун ганҷу тилисми оҳанин аст,
Симин бадану дил оҳанинат.
Ту меҳри касон гирифтаву ман
Кӯшам ба ҳалоки худ зи кинат.
Нешест маро ба ҷони ширин
Ҳар пои магас дар ангубинат.
Ҳоле, ки ман аз ғами ту дорам
Нодидай, кай шавад яқинат?!
Хуршедсифат ту дар сипеҳрӣ,
Ҷӯям ба ғалат ман аз заминат.

**САРЗАНИШ КАРДАНИ МАҶНУНРО ХОЛ**

Гӯянда, ки дил шикофад аз ранҷ,
Ин рахт чунин кашонад аз ганҷ.
Қ-аз табзадагони ҳоли Маҷнун
Як сӯхта буд холи Маҷнун.
Маъруфу салими дил дар айём,
Озода, Салими Омирӣ ном.
Он кофари ишқро саре буд,
З-оташкадаи вай ахгаре буд.
Ҳар моҳ рухаш ба гиръя шустӣ,
Чун моҳи наваш ба кӯҳ ҷустӣ.
Якмоҳа ғизо бад-ӯ супурдӣ,
Яксола азоби рӯҳ бурдӣ.
Як рӯз равона шуд ба дастур
Бар пурсиши он ғариби ранҷур.
Дарьёфт ба ашки чашмавораш,
Чун кӯҳ миёнаи ғубораш.
Аз бими дарандагон, ки раҳ баст,
Аз дур салом карду биншаст.
Маҷнун чу ба хол дида во кард,
Чун мардумакаш ба дида ҷо кард.
Овехта шуд чу мӯй бар хол,
В-он ҷонварон чу хат ба дунбол.
Гуфто: «Чӣ паёми ёр дорӣ?,
Ку нома, ки аз нигор дорӣ?
Он маҳ, ки ба ҳеҷ аз ваям шод,
Ҳеҷ аз мани хаста мекунад ёд?»
Дилсӯзии ӯ Салим чун дид,
Гирьён ба рухаш чу шамъ хандид,

Қ-эй хонагиёни дашту кӯҳсор
Дар боргаҳи ту нақши девор.
Эй аз паи Хизри ақл огоҳ,
Ғулли ҳавасат рабуда аз роҳ,
То чанд бадан ба санг сой?
Санге ба сабӯе озмой?
Сагсорсифат зи ваҳш дар дум
Як рӯй сагу якест мардум.
Бечора падар ба доғ куштӣ,
Ҳам нарм нагаштӣ аз дуруштӣ.
В-акнун зи ғамат чу дуд модар,
То мӯи сар аст ғарқи озар.
З-он ришта, ки субҳу шом расад,
Мушкил, ки кафан тамом расад.
Боз ой, ки чу зиндагӣ сар орад,
Ҷон бар туву тан ба дил супорад.
Ё бош, ки он заифаи реш
Пеш оядату бимирадат пеш.

## БЕХУДӢ КАРДАНИ МАҶНУН АЗ ҲОЛ

Маҷнун зи сиёҳрӯии ҳол
Сад хор ба ҷон расидаш аз Хол.
Аз хун дилу чашми хеш холӣ
Пур карду зи гирья кард холӣ.
Гуфто: «Ба ту буданам маҳол аст,
Бо рӯи сияҳ чӣ ҷои хол аст?
Хол аз паи зебу ранг бошад,
Дар оина хол занг бошад.
Модар-падарам агар ҳалок аст,
Чун ёр бувад маро чи бок аст?
Шохе, ки бурида шуд ба теша,
Чӣ бим агараш буранд реша?
Модар-падарам чӣ суд, чун хок
Қ-аз сурати ҳар ду гаштаам пок.
Ман ваҳшиям аз канораҷӯӣ,
Худро дарам аз дарандаҷӯӣ.
Дӯзанда маро ба кор н-ояд,
Ҳамсӯҳбати ман даранда бояд».



Гуфт ину зи хол рӯй тобид,
Дар анҷумани дадон шитобид.
Мерафт чу бод сӯи кӯҳсор,
В-аз ҷанги даранда ҳамраҳаш хор.

## РАФТАНИ МОДАРИ МАҶНУН СӮИ БАР

Чун дид Салим, к-он рамида
Бигрехт чу мурғи домдида.
Шуд ҷома дарози пешдомон
Чун сояи абри сад биёбон.
Чун дид, ки он фитода дар ҷоҳ
Боз омаданаш набуд аз он роҳ.
Омад бари модараш хурӯшон,
Дар деги сароб дида ҷӯшон.
Модар, ки писар надид бо хол,
Аз пой фитоду рафт аз ҳол.
Гуфт: «Эй ғами ношумурдаи ман,
Ку Юсуфи гургбурдаи ман?
Қу марҳами синаи фигорам?
То дар дили дардмандаш орам.
Ҷон дар қадам афганам равонаш,
Дар сина кашам ба ҷои ҷонаш.
Дар дида чу доруяш дар ин дайр
Барбандаму дида бандам аз ғайр».
Гуфто, ки зи дасти ман бурун ҷаст,
Кай барқ тавон гирифт дар даст?
Чандон, ки фусунгарӣ намудам,
Бо деви фусун накарда судам.
Дар ҷораи он рамида-нахҷир
Бигсаст камандҳои тадбир.
Модар, ки шунид бо сад андӯҳ,
Санге ба дилзанон сӯи кӯҳ
Мешуд зи хамидагӣ ба ҳар ҷой
Рухсораканон ба нохуни пой.
Ҷусташ зи шикофҳои кӯҳсор,
Чун доруи таблаҳои аттор.
То ёфт варо ба рахнаи танг
Нолону тапон чу мӯхраи занг.
Бигдохта онҷунон зи поя,
Қ-аз колбудаш намонд соя.

Аз хори дарун пӯст равзан,
Пур карда харитае зи сӯзан.
Тӯфонзадаи ҳалок ҷонаш,
Оташкадаи таб устухонаш.
Модар, ки бидид ҳоли зораш,
Биншасту гирифт дар канораш.
Бигрист зи захми ҷой ба ҷояш
Гоҳе ба сару гаҳе ба пояш.
Аз гард ба дида шуст рӯяш,
В-аз хор нишона кард мӯяш.
Маҷнун чу назар ба модар афганд,
Барҷасту ба пои ӯ сар афганд.
Гуфт: «Эй фалак аз зарурати ман,
Бар лавҳи ту баста сурати ман.
Нӯҳ маҳ шуда ҳомили вуҷудам,
В-оварда зи нӯҳ фалак фурудам.
Беҳуда барам чӣ ранҷа гаштӣ,
Қ-омоҷгаҳи тапонча гаштӣ?
Пурсидани ман кӣ ёд додат,
Қ-ин ҷои азост, на аёдат.
Чун соя ғуломи хоназодам,
Ҳарчанд гурезапо фитодам».
Гуфт ину зи ҷой гашт хезон,
Қ-аз модари хеш шуд гурезон.
Модар зи ду дида хун фишонид,
Барканда ниҳолро нишонид,
Қ-эй мӯниси ранҷу роҳати ман,
Ҳам марҳаму ҳам ҷароҳати ман.
Чун хор дарунаму бурунам,
Дандонт баромада ба хунам.
Парвардаамат ба синаву дӯш
Имрӯз гурезиам зи оғӯш?
Чун тири камон зи гармхезӣ
Зодӣ зи ману зи ман гурезӣ?
Бодом манам, ту мағзи бодом,
Қ-аз баҳри туам шикаста модом.
Ту кӯраи оташӣ, ман оҳан,
Қ-оташ зи ман уфтода дар ман.
Хуршеди ту, к-аз тулӯъ шуд зард,
Чун моҳи навам ҳамидақад кард.
Сӯзи ту ки сар зад аз дарунам,
Чун обила об сохт хунам.
Ту хорию растаи зи ҷонам,



Нолон зи ҷудоият аз онам.
Ту оташию дили манат ҷост,
З-он сӯхтанам зи ту муҳайёст.
Оташкада сӯзи худ чӣ донад?
Оташзада гӯяд, ар тавонад.
Бархезу биёву модари пир
Дар хок супору роҳи худ гир.
В-ар з-он ки зи офати замона
Ҳамроҳ наоиям ба хона.
Бигзор, ки бо ту шому шабгир
Атфоли баҳимаро диҳам шир.
То бо ту дар ин тамузи ҷонтоб
Аз дида сибоъро диҳам об.
Охуи туро бадан бихорам,
Охубара ҳамраҳаш биёрам.
Оташ ба раҳат зи дил фурӯзам,
В-аз роҳи ту хору хас бисӯзам.
Бар кӯҳи баланд гирьям аз дард,
В-аз раҳгузарат нишонам ин гард.
Гуфт ину кушод гесӯ аз банд,
Як даст ба мӯ яке ба фарзанд.

## УЗРИ МАҶНУНИ ҲАЗИН АЗ МОДАР

Маҷнун ба ҷавоби модари пир
Гуфто: «Чӣ кунам, ки рафт тақдир,
Ҷурм аз ту, на аз мани ҳазин буд,
Қ-аз батни ту сарнавиштам ин буд.
Дуде, ки сияҳ бувад қадимӣ,
З-оташ бувадаш сияҳгилемӣ.
Рахте, ки сиёҳгуна бошад,
Ҷурм аз хуми нил, аз ӯ набошад.
Обистаният, ки шуд вуболам,
Шуд табли раҳили ман зи олам.
Ман болиғи ишқи рӯи ёрам,
Парвои касе дигар надорам.
Шири ту маро чи суд дар дошт,
Чун заҳри фироқ коргар гашт
Мижгони тарам, ки чеҳраолуд,
Аз шири туам чу мӯи мо буд.

Пиндор, ки мӯе аз ту шуд кам,
Бар шаҳди ту як магас назад дам.
Ман ғарқа, ту дар канораи об,
Дур аст зи гирди об гирдоб.
Ин зории ҳол бар зи пешам,
Бигзор ба ҳоли зори хешам.
Ман шефтаи хаёли ёрам,
Модар чӣ кунам, на ширхорам.
Ин гуфту чу кӯҳи сояафган
Дар бодия баркашид доман.
Мегашт ба кӯҳсор чун бод,
Ҳам аз худу ҳам зи олам озод,
Модар зи паяш давид якчанд,
Гирьён шуду рӯю мӯй барканд.
Дардӣ нарасид чун ба фарьёд,
Бар хоки раҳаш фитоду ҷон дод.
Онон, ки бад-ӯ шафиқ буданд,
Дар хона ба ӯ рафиқ буданд.
Шустанд ба оби дида покаш,
Карданд дар он замин ба хокаш.
Карданд иморате ба фарҳанг,
Ҳамсояи кӯҳсору ҳамсанг.
Тоқаш зи замин нуқтакирдор,
Бар доираи сипеҳр паргор.
Дар гунбади ӯ замини тӯда,
Чун зарра дар осмон намуда.

## ҲОЛИ МАҶНУН
## ЗИ ВАФОТИ МОДАР

Саҳрои ошиқи ҷигархун
З-ин сон хабар оварад зи Маҷнун,
К-он ваҳшии кӯҳ баста бар дил,
Девонаи оташинсалосил,
Рӯзе, ки ғубори ғам барангехт,
В-аз модари дардманд бигрехт.
Мегашт ба пушти кӯҳ дилхун,
Аз гирья пуроб карда ҳомун.
Мезад ба дил аз миёни ҷон санг,
Мекӯфт дари адам бад-он санг.
Дар чарх ба нола роҳ мекард,
Дар сухра ба гирья ҷоҳ мекард.



Як рӯз ба бурҷи кӯҳ мегашт,
Он гунбади сабз дид дар дашт,
Шуд, то магар аз ҷунон маконе
Хотир бикушоядаш замоне.
Ноланда ба тоқу гунбад он нур,
Чун риштаи чангу тори танбӯр.
Ҳар ҷо, ки шуда назорагоҳаш,
«Лайлӣ» бинавишта дуди оҳаш.
Дид аҳли қабила истода,
Дар пурсиши ӯ забон кушода.
Пурсид, ки ин бинои обод
Аз баҳри кӣ кардаанд буньёд?
З-он воқеа мардуми диёраш
Гуфтанд ба чашми ашкбораш,
К-ин буқъа, ки дар баробари туст,
Дур аз ту мазори модари туст.
Маҷнуни ҷигаркабоб ногоҳ
Чун шуд зи вафоти модар огоҳ,
Афтод чунон ба сар зи поя,
К-андом сиёҳ шудаш чу соя.
Бар сина гирифт гӯри модар,
То шуд зи дилаш танӯри озар.
Санги лаҳадаш ба синаи танг
Месӯхт, ки сурма созад он санг.
Бигрист ки эй хуҷаста модар,
Нодида бирафтӣ аз баробар.
Ман зилли туам, чунин нашоист,
Ҷоям чу ту зери хок боист.
Гум шуд ба замин тани назорат,
Бинам зи ту гунбади мазорат.
Чун ғарқа фурӯ равад дар обе,
Пайдо нашавад ба ҷуз ҳубобе.
Ғамхори ман аз ҷаҳон ту будӣ,
Рафтию ғамам ба ғам фузудӣ.
Аз пой ту мекашидиям хор,
Хори қадамам шудӣ ба як бор.
Рафтию маро набурдӣ аз ҷой,
Чун ғарқаи санг баста бар пой.
Ҷонат ба фалак танат ба ҷоҳ аст,
Сӯи ту маро кадом роҳ аст?
Гар нақши ту бар фалак нигорам
Ҷон баҳри ту аз куҷо биёрам.
Рафтӣ ба даре, ки нопадид аст,

Дар олами дигараш калид аст.
Рафтӣ ба раҳе, ки пурғубор аст,
Хораш ҳама раҳ зи неши мор аст.
Омурзиши эзидат қарин бод,
Хокат арафоти ҳури-ин бод.
Гуфт ину бад-он хатир зад бӯс,
Ноландаву синакӯб чун кӯс.
Мерафт ба кӯҳу дашт пӯён,
Гаҳ марсия, гаҳ сурудгӯён.

## МУРДАНИ ИБНИ САЛОМ АНДАР БАР

Чун Ибни Саломро ба Лайлӣ
Ҳар лаҳза зиёда гашт майле.
Хонд ояти ҷодуӣ зи ҳар боб,
Нагрифт дар ӯ чу нақш дар об.
Чун мурғ ба сад забон сухан гуфт,
З-он ғунча яке ҷавоб нашнуфт.
Чун сурати чин ба ҳеҷ таскин
Аз сурати ӯ бурун нашуд чин.
З-он мева чу боғбони соим
Меҳнаткашу бенасиб доим.
Бечора чи сон кунад сабурӣ,
Дар васл бад аст доғи дурӣ.
Бар меҳри рухаш чу моҳ манзур,
Сад машриқу мағриб аз дилаш дур.
Медид, ки он нигори маҳваш
Аз дидани ӯ шуда мушавваш.
Бинад сӯи ӯ зи бому равзан
Аз ҳар мижа ҳамчу чашми сӯзан.
Бар ҳар ду зи дидани ҷаҳон танг,
Чун рахнаи сӯзан осмон танг.
Донист, ки пеши он шамоил
Маҷнуни рамидааст моил.
Бардошт раҳи ҳалоки Маҷнун,
Бар теғ камар чу даври гардун,
Чун турки шикорҷӯй дар дашт
Тире ба камон ниҳода мегашт,
То ёфт чу сел бурда шохе,
Афтода танаш ба санглохе,



Дил хун, ҷигар оташ аз замона,
Хуноба зи дидааш равона.
Пешаш зада чун сагони қассоб
Хунин дам аз сиришки хуноб.
Ронд Ибни Салом теғ бар фарқ,
То чун шафақаш ба хун кунад ғарқ.
З-ин сон чу дарандагон-ш диданд,
Гирд омада аз ҳамаш дариданд.
Ҳар пора аз ӯ ба пеши қассоб
Аз чанги дарандае ба қуллоб.
Маҷнун сӯи ӯ назар наяндохт,
Қ-аз ёр ба дигаре напардохт.
Аз синаи рахна рахна мебурд,
В-огаҳ на ки гурба мушро бурд,
Аз бехабарӣ набуд огоҳ,
Қ-он абр шуд аз баробари моҳ.
Чун қофила он гурӯҳ бардошт,
Дар бодия роҳи кӯҳ бардошт.
Онон, ки ба ҳар канор буданд,
Бо Ибни Салом ёр буданд.
Чун он гули пора-пора диданд,
Чун ғунча бар ӯ кафан кашиданд.
Рафтанд ба хона пеши Лайлӣ,
Бо оҳу дареғу вою вайле.
Гуфтанд, ки он сари далерон
Нахҷир шуд аз шикори шерон.
Лайлӣ зи чунин хабар дар он ҷамъ
Пурханда даҳан гирист чун шамъ.
Хандид ба марги он ҷигархун,
Бигрист дар орзуи Маҷнун.
Рӯзе ду-се баҳри ёр дар ғам
Бо мардуми шӯй дошт мотам.
В-он гаҳ ба баҳонаи зиёрат
Дар бодия омад аз иморат.
Биншаст ба хоки турбати шӯй,
Маҷнунталабон ба ҳар тараф рӯй.

## ДИДАНИ ЛАЙЛИВУ МАҶНУН ҲАМРО

Чун меҳр шуду дамид кавкаб,
Шуд донаи рӯз хирмани шаб.

Хашхоши сипехр пур зи анчум
Афьюн шуд, аз ӯ ба табъи мардум.
Лайлӣ чу фазои он ҳаволӣ,
Аз ғайрати ғайр дид холӣ,
Фарзона табиб назди худ хонд,
Бо ӯ зи давои дил сухан ронд.
Бигрист, ки ранча кун қадамро,
Ин чо талаб он чаҳони ғамро.
Бошад, ки даме ба ҳам нишинем,
Бе заҳмати ғайр ҳам бубинем.
То пардаи шаб нарафта аз роҳ,
Бинам нафасе висоли дилхоҳ.
Бинҳод табиб рӯ ба кӯҳсор,
Дар чустани он давои бемор.
Дидаш, ки баҳортан, хазонранг,
Беобтар аз баҳор дар санг.
Ӯ даст ба сар зи чаври айём,
Сар бар сари дастҳо даду дом.
Омад ба даво табиби ҳушьёр,
З-ин сон-ки табиб пеши бемор.
Бӯсид замину гуфт: «Бархез,
Бо хуррамии абад даромез.
Биштоб, ки баршукуфт корат,
Гулдастаи айш гашт хорат.
Шуд дӯхта рӯзи васлро чок,
Олам зи шаби фироқ шуд пок.
Кӯхе, ки мақоми туст дар дашт,
Санги лаҳади мунофиқон гашт.
Дар хайма нишаста ёри чонӣ,
Хондаст туро ба меҳмонӣ».
Мачнун зи чунон башорати х(в)аш,
Афрӯхт чу чӯби хушк оташ.
Баргашт ба ашки хун муғаррақ,
Чархоби замин шуд аз муаллақ.
Аз бурчи ҳисори кӯҳ чун санг
Ғалтид ба хок чанд фарсанг.
Омад ба назорагоҳи Лайлӣ,
Мерехт ақиқе аз Суҳайле.
Мегуфт ба дарди дил суруде,
Аз ҳар мижа соз карда рӯде.
Лайлӣ, ки шунид савти Мачнун
Аз хайма чу маҳ давид берун.
Чун дида ба рӯи ҳам кушоданд



Беҳуш ба пои ҳам фитоданд.
Беҳуш ду ошиқ уфтода,
Рух бар кафи пои ҳам ниҳода.
Монанди ду наргиси хамида
Беҳуш, ба ҳам кушода дида.
Нашкаста вузӯи ишқу номус,
Лаб бар кафи по накарда побӯс.
Чун дид табиби дил пур аз чӯш
Шаб кӯтаҳу он ду ёр беҳуш.
Аз бими дадони бемадоро
Наздик шудан надошт ёро.
Дар чораи он ду ёри мадҳуш
Аввал зи дарандагон ситуд ҳуш,
Он гоҳ гулобу мушк задшон,
Овард зи беҳудӣ бахудшон.
Чун боз чамоли ҳам бидиданд,
Чун тори қасаб ба ҳам таниданд.
Чун навҳакунандагони мотам
Карданд ба гирья пурсиши ҳам.
Лайливу ниқоби рух кушодан,
Мачнуну ба хок рӯ ниҳодан.
Лайливу ҳазор шамъи пурнур,
Мачнуну ҳазор неши занбӯр.
Лайливу карашмаи диловез,
Мачнуну тапончаҳои хунрез.
Лайливу лабею сад малоҳат,
Мачнуну дилею сад чароҳат.
Лайливу рухе ситораафрӯз,
Мачнуну ситораҳои чонсӯз.
Лайливу ба ҳар канор дидан,
Мачнуну ба ҳар замин тапидан.
Лайлӣ гуҳар аз садаф аён сохт,
Мачнун гуҳар аз садаф бипардохт.

**ГУФТАНИ ЛАЙЛИВУ МАЧНУН ҒАМРО**

Лайлӣ бигирист пеши Мачнун,
К-эй захмгаҳи чафои гардун.
Эй ҳар раги тан таноби чонат,
Дандони ачал ҳар устухонат.

Ҳангоми фалак ба гармронӣ,
Ҳамсанги замин ба дилгаронӣ.
Эй гашта хаёле аз хаёлам,
Бӯе нашамида аз висолам.
Ҳамвора чу осиё дар ин дашт,
Бар судани худ мудом дар гашт.
З-ин ғусса, ки моҳу сол дорӣ,
Чунию чӣ гуна ҳол дорӣ?
Аз рӯзу шаби ситорасӯзат
Чун мегузарад шабонарӯзат?
Чун мегузаронӣ андар ин ғор,
Бо тундии сангу тезии хор?
Чун меравадат қадам дар ин гашт,
Бо обилаҳои реги ин дашт?
Ҳоли дили пурҷароҳатат чист,
Ҳамзонуи ранҷу роҳатат кист?

Ҷонам ба миёни мавҷ хун аст,
То ҳоли ту дилшикаста чун аст.
Сад ришта танам зи ашку оҳе,
То сӯи худат кашам зи роҳе.
Ҳар лаҳза зи гирья бе ҷамолат
Гардад ба ду дидаам хаёлат.
Бо ёди туам чу кишти дероб,
Бо номи туам чу боғи сероб.
Бе рӯи ту номи ҳар кӣ хонам,
Номи ту барояд аз забонам.
Ақди ману ту қазо ба сад даст,
Бо ақди замину осмон баст.
Бар меҳри ту номааш навиштанд,
Бар қадди ту қолабам сириштанд.

Қарни ду ҷаҳон ки сад ҳазор аст,
Пайванди ману ту барқарор аст.
Хоҳам, ки чу соя рӯзу шабҳо
Бо ту сару по ниҳам ба як ҷо.
Дар боғи замона то дами марг
Бошем ба сояи яке барг.
Печем ба ҳам чу тифлу доя,
Хуш нест яке тану ду соя.
Маҷнун чу шунид гуфти Лайлӣ
Аз гирья ба хун тапид хеле.
Гуфт: «Эй гули боғи зиндагонӣ,
Сармояи айши ҷовидонӣ.
Эй карда ба арсаи ҳаётам



Аз бозии ғоибона мотам.
Рӯям шуда хоки кафшсоят,
Наъл абрӯю дида хоки поят.
Гуфтӣ, ки чӣ гунай, чи гӯям,
Бар худ ба кадом марг пӯям?
Бечора манам дар орзӯят,
Аз ҷон ба дар омада чу мӯят.
Кӯҳест дилам зи гарднокӣ,
Мӯи баданам ба дарднокӣ.
Ишқи ту маро зи ҷон баровард,
Бунёди ман аз ҷаҳон баровард.
Рухсори ту ҳоли ман табаҳ кард,
Хуршеди ту рӯзи ман сияҳ кард.
Ҳиҷрони ту манҷаниқи ғам сохт,
В-аз ҳар ду ҷаҳон ба рӯям андохт.
Аз зулфи ту рӯ ба кӯҳсорам,
Занҷирии ҳалқаҳои морам.

Шуд бе ту танам чу пуштаи хор
Аз новаки хорпушти кӯҳсор.
Дорам зи ғамат басе шикоят,
Ку фурсати гуфтани ҳикоят?
Чун мағз ба пӯст дорамат дӯст,
Қ-аз мағз ҷудо кунандам аз пӯст.
Сад косаи заҳр хӯрдам аз ғам,
Ширинияг аз дилам нашуд кам.
Аз хӯрдани заҳри ғам, ки нӯшам,
Чун шира дар офтоб ҷӯшам.
Ман Зӯҳраи осмонам аз заҳр,
Қ-аз вай ҳама талхиям бувад баҳр.
Азбаски зи сояат ғаюрам,
Чун шабпара з-офтоб кӯрам.

Шуд зулмати шаб ба дидаам нур,
Қ-аз рӯи ту дидаҳо кунад кӯр.
Ку он ки дил аз ту шод бинам,
Дидори ту бар мурод бинам?
Кунҷе талабам зи ғайр холӣ,
Сад водию кӯҳаш аз ҳаволӣ.
Аз нахли қади ту мева чинам,
Дар боғи ту гул ба гул нишинам.
Бӯсидани лаб зи пой гирам,
Чун бар даҳанат расам, бимирам.
Чун мӯр, к-аз ангубин фурӯзад,
Бар шамъ бароябу бисӯзад».

Ин гуфту зи ҷой част чун гард,
Шуд домани кӯҳсору ҷо кард.
Мегашт ба гирди кӯҳ мадҳуш,
Чун гов хароси кӯҳ бар дӯш.
Лайлӣ зи паяш давид нолон
Чун оҳуи монда аз ғизолон.
Азбаски кашид нолаву оҳ
Гаштанд мулозимонаш огоҳ.
Бурданд ба хонааш ба ноком,
Шуд мурғи рамида боз дар дом.

## ЛУҒАТНОМА

### А

*Аб* — падар, бобо.
*Абнои ҷинс* — ҳамкорон, ҳамкасбон.
*Або* — ҷома, болопӯш.
*Абоан ҷадд* — аз падар то ба бобо.
*Абраш* — аспи ало.
*Абсор* — ҷамъи басар — чашмҳо.
*Абҳар* — равшантар; ёсуман, наргис.
*Адас* — наск, мук.
*Адимулмисл* — бемисл, бемонанд беназир, беҳамто.
*Аздод* — ҷамъи зидд — зиддиятҳо, муқобилон.
*Айна* — шакли кӯтоҳшудаи биайниҳи, яъне бисьёр монанд, шабеҳи ҳамдигар, айнан.
*Аксун* — як навъ шоҳии сиёҳранг, порчаи абрешимини сиёҳранг.
*Аллоҳа шоҳидан ва кафиллоҳа шоҳидо (арабӣ)* — худои таъоло. Гувоҳи гувоҳон аст.
*Аллоҳу акбар* — худо бузург аст.
*Алминнаталилаҳ* — миннат худойро.
*Алфақру* фахрӣ (арабӣ) — фақру дарвешӣ фахри ман аст.
*Аммахотун* — навъе аз таом.
*Анвар* — нурбор, рахшон.
*Анодил* — ҷамъи андалеб.
*Анчукак* — донаи амрӯд.
*Анҷири вазирӣ* — анҷири сиёҳ.
*Арда* — ҳалвои кунҷитӣ.
*Арқом* — ҷамъи рақам — рақамҳо.
*Асвоб* — ҷамъи савоб — ҷомаҳо.
*Асном* — ҷамъи санам — бутҳо, нигораҳо.
*Асфал* — поинтар, пасттар, ҷои поёнтарин.
*Асфар* — ҷамъи сифр — холӣ.
*Асғар* — хурд, хурдакак.
*Афоуллоҳ* — афв кун худоё, худо бубахшад.
*Ахзар* — сабз.
*Ашриба* — ҷамъи шурб — шарбатҳо, нӯшокиҳо.
*Ашҳаб* — сиёҳу сафед, хокистарӣ, хокистарранг.
*Аъвар* — якчашм; кундхотир.
*Аъмо* — кӯр, нобино.
*Ақраб* — каждум.
*Ақтор* — ҷамъи қутр — ноҳияҳо, минтақаҳо, ҷонибҳо, канораҳо.
*Аҳмар* — сурх.
*Аҳром* — ҷамъи ҳарам — ҳарамҳо, кӯшкҳо.

### Б

*Баворид* — турушӣ.
*Бадрон* — навъе аз сабзавот.
*Баид* — дур.
*Байда* — пиёда, пиёдаи шатранҷ.
*Байза* — тухм.
*Баксамот* — нони равғанӣ.
*Балбалат* — кӯзаи шароб; ҷамъи булбул.
*Баноти наъш* (Банотуннаъш) — Ҳафт додарон.
*Бараҳман* — пешвои дини ҳиндуҳо.
*Барг* — зоди роҳ, захираи роҳ, тӯшаи сафар.
*Бат* — мурғобӣ, кӯзаи шароб, сурохӣ
*Башир* — башоратдиҳанда, муждаовар, муждарасон.
*Бағ* (боғ) — худованд; соҳиб.
*Баҳима* — ҳайвоноти чорпо.
*Бидоят* — ибтидо, шурӯъ, оғоз.
*Биҳамдуллаҳ* — худоро шукр, худоро ҳамд бод.
*Боланг* — харбузаи ширин.
*Бор* — иҷозатнома.
*Бора* — асб.
*Бохтар* — ғарб, мағриб, шарқ, машриқ ва номи қадимии вилояти Балхро низ гӯянд.
*Бузбоз* — шукуфаи гул, пӯсти чормағз.
*Бурудат* — сармои сахт.

*Бурқаъ* — чашмбанд, пардаи рӯпӯши занон.
*Бухрак* — бодоми кӯҳӣ.
*Буғро* — оши хамирӣ, ки номи дигараш бӯрак аст.
*Бӯйкӯлак* — навъе аз кабудиҳо.
*Бӯрак* — ордоба.
*Бӯронӣ* — як навъи хӯрок.

## В

*Вамин маъноқа ламяқта ричой* — ва аз ҳусни (неъмати) ту умеди ман бурида намешавад.
*Вараъ* — парҳезкорӣ, тақводорӣ.
*Ваҷеҳ* — мӯътабар, мӯҳтарам, баобрӯ.
*Вом* — карз.
*Восил* — расанда, васлшаванда, пайвастшаванда.

## Г

*Газар* — сабзӣ, зардак.
*Ганда* (канда) — гӯштпораҳо.
*Гандумбо* — гандумшӯрбо, оши гандумӣ.
*Гипо* (гепо) — шикамбаи гӯсфанд, ки дар он гӯшти қима, биринҷ ва ғайраро пур карда мепазанд.
*Гирда* — нон.
*Гирду* — чормағз; гирдуи канак — як навъи чормағз.
*Гови замин* — гове, ки аз рӯи афсонаҳо дар зери замин аст. Мувофиқи он замин дар шохи гове истодааст ва гов дар болои моҳие қарор гирифтааст.
*Гулола* — мӯи печида, зулф, кокул.
*Гулоч* — як навъи ҳалво, як навъи нишолло.
*Гурӯҳа* — гулӯла, тири тӯп.
*Гӯй* — хаппак, тӯби бозии гӯю чавгон.

## Д

*Давоъмушк* — навъе аз ҳалво.
*Дайёр* — сокин, муқим, истиқоматкунанда, аҳли диёр; дайр.

*Даймоҳ* — моҳи аввали зимистон, ки ба 21 декабрь — 21 январь рост меояд.
*Дайҷур* — торикӣ, сиёҳӣ, торикии шаб.
*Далел* — роҳбар, роҳнамо; бурҳон, сабаб, ҳуҷҷат.
*Дам* — даҳан — кӯза, хум.
*Дамъ* — ашки чашм, гирья кардан.
*Дарой* — зангӯла.
*Дарьюза* — гадоӣ, садақа.
*Дарьюзагар* — гадо, соил.
*Даъб* — одат, расм, хӯ, хислат.
*Даго* — макр, ҳила, фиреб.
*Даққ* — эътироз кардан.
*Доруалмулк* — дарбори аморат, пойтахт.
*Дуда* — хонадон, қавм.
*Дурроа* — як навъ либоси ҷангӣ (зиреҳ); либоси рӯпӯши сӯфиёну шайхон.
*Дӯшоб* — шираи ангур ё хурмо.

## З

*Зайф* — пули зару нуқраи қалбакӣ, носара; меҳмон, мусофир.
*Залеб* — навъе аз ҳалво.
*Зам* — ҳаҷв.
*Зарқ* — дурӯягӣ, риё, макр, фиреб, ҳила.
*Зилла* — резаҳои нон, саркут.
*Зирабо* — оши зирадор.
*Зоил* — нобуд, маҳв, фонӣ, нопадид, соқит.
*Зуллом* — ҷамъи золим, золимон.
*Зунноч* — ҳасиб, шаҳлӯд.
*Зурат* — нони ҷуворӣ, загора.

## И

*Измор* — дар замир нигоҳ доштан, дар дил пинҳон кардан, пӯшида сухан гуфтан, бо киноя ва маҷоз гап задан.
*Илтиём* — беҳбудӣ ёфтан, сиҳат шудан.
*Имтило* — пур шудан.
*Имтилоъ* — мубтало шудан.
*Инфиол* — хиҷолат, шарм.
*Иртисом* — расмьёфта.



*Исмат* — покдоманӣ, бегуноҳӣ; бокорат.
*Исоба* — салла.
*Исор* — нисор кардан, бахшидан.
*Истидъо* — илтимос кардан, пурсидан, хостан, талаб кардан, хоҳиш.
*Истизҳор* — ёрӣ хостан.
*Исғо* — гӯш додан.
*Ихроҷ* — хориҷ кардан, берун кардан.
*Иқол* — ресмоне, ки бо он пои уштурро мебанданд, поибанд.
*Иқтидо* — пайравӣ, тақлид.

## К

*Кабар* — кавар.
*Кабобаи чинӣ* — номи меваи дарахте, ки дар Чин меруяд.
*Кадак* — як навъи гипо, ки дар даруни шикамбаи гӯсфанд гӯшти қима ва биринҷро пур карда, мепазанд.
*Кадубо* — оши кадугин.
*Калванда* — навъе аз бодринг.
*Калимулло* — ҳамсӯҳбати худо (лақаби Мӯсо — пайғамбари яҳудиён, ки гӯё дар кӯҳи Сино (ё Тӯр) ба худо роз мегуфт).
*Калича* — нони кулча.
*Қалим* — ишкамба.
*Камоҳӣ* — ҳамчунон ки ҳаст, чунон ки дар воқеъ аст.
*Канб* — оши алафӣ.
*Кангар* — оши сиёҳалаф.
*Капанак* (кепинак) — ҷомаи пашмин, ҷомае, ки абрааш аз чакман ва астараш аз намад аст.
*Кашк* — курут, чаккаи хушк кардашуда.
*Кашкана* — нони ҷавин.
*Кашкбо* — дӯғоб, курутоб.
*Каҷин* — асбоби махсуси ҷангӣ, рӯпӯши зиреҳ.
*Кизб* — дурӯғ, фиреб.
*Кисват* — либос, пӯшокҳо.
*Кок* — нони равғандор.
*Кос* — мухаффафи коса.
*Кунҳ* — гузашта, асл.
*Курза* — тирҷӯяки киштзор.
*Кӯх* — хона, кулба, каппа.
*Кӯҳла* — сурма.

## Л

*Лабайк* — хитобе, ки маънои «ба хидмати ту омадаам»-ро дорад; лаббай.
*Лавзина* — ҳалвои лавз.
*Лавҳашаллоҳ* — ваҳшат надиҳад ӯро худо.
*Лайса мин аҳлик* (арабӣ) — ин аз аҳли ту нест.
*Лаъб* — шӯхӣ, бозӣ.
*Лиём* — ҷамъи лаим — лаимон, зишнаҳо, мумсикон.
*Лок* — табақи чӯбин.
*Лоязолӣ* — ҷовид, пойдор, доимӣ, абадӣ.
*Лояъқил* — бехуш, бехуд.
*Лур* — панир.
*Луҷҷа* — дарьё, баҳр, гирдоб.

## М

*Маа* — бо, ҳамроҳи...
*Мавкиб* (Мавкаб) — гурӯҳи савора ва ё пиёдаи хоссаи подшоҳ.
*Мавъиза* — насиҳатнома, пандиёт, андарзҳо.
*Мадмаъ* — маҷро, саргаҳ, ҷои чоришавии чизе.
*Мазкум* — зукомшуда.
*Мазнун* — даргумонбуда, гумонбардашуда.
*Манут* — вобасташуда, илҳоқӣ, илова.
*Маризод* — яъне дар лағзиш мабод.
*Марсум* — расмшуда, он чӣ расму оин шудааст.
*Мастаба* (мистаба) — майхона; суфа.
*Матар* — борон.
*Мафраш* — чизи густурданӣ ҳамчун палос, шол, намад ва ғайра.
*Машкӯфӣ* — навъе аз ҳалво.
*Машъуф* — шефта, мафтун.
*Маъдалат* — адл, инсоф, адолат.
*Маъдум* — нест, нобуд.
*Маърaз* — маҳалли намоиш, намоишгоҳ.
*Маъҷун* — дору, доруворӣ.
*Мақил* — шавла.
*Мақрун* — қарин, наздик, ҳамсоя.
*Маҳиб* — тарсу ваҳм.
*Маҳива* (маҳийва) — моҳишӯрбо.

*Маҳосин* — риш, ҳусн.
*Меҳақ* — қаранфул, қаланфури ҳиндӣ.
*Меъҷар* — рӯпӯш, чашмбанди занон.
*Миръот* — оина.
*Мисбоҳ* — чароғ, фонус, машъал, қадаҳи шароб.
*Мисраъ* — узви сомеа, узви шунавоӣ, гӯш.
*Мишкот* — тоқ, равзан.
*Миғфар* — кулоҳи фулузии ҷангӣ, хӯд.
*Мо-алҳаёт* — оби ҳаёт, чашмаи зиндагӣ.
*Молоятоқ* — тоқатнопазир.
*Мокут* — номи ҳалво.
*Моҳазар* — он таоми каме, ки аз рӯи имкони камтарин мавҷуд ва ҳозир бошад.
*Моҳича* — оши хамирӣ.
*Муайяд* — қувват додашуда, мустаҳкамшуда.
*Мубаққис* — норасоӣ.
*Мубин* — соф, равшан, пок; ошкоркунанда.
*Мубрам* — дук; чома, маҳкам, устувор, ҳарис, бемазагӯӣ.
*Мувасвис* — васвасакунанда, ба васваса андозанда.
*Мувассал* — мисли боло.
*Мудғам* — ба даруни чизе дохилшуда; пайваста ва дарҳамрафта, дохили якдигаршуда, дар қоидаи забони арабӣ ҳарфҳое, ки навишта мешаванду дар вақти хондан талаффуз карда намешаванд.
*Музалзалат* — зилзиладиҳанда, лағжонанда, ҷунбондан.
*Музаъфар* — як навъи оши палов, ки заъфарон дошта бошад.
*Музмар* — дар замир буда, дар дил буда, пинҳон, махфӣ.
*Музтариб* — ошуфта, парешон, мушавваш, беқарор.
*Музӣ* (мӯъзӣ) — азиятрасонанда, озоррасонанда.
*Мулавван* — ранг кардашуда, рангоранг.
*Мултамас* — илтимос кардашуда, хосташуда.
*Мумайиз* — фарққунандаи неку бад.
*Мумбор* — ҳасиб.
*Мунир* — равшан.

*Мунқасим* — тақсимшуда, ба қисмҳо ҷудо кардашуда.
*Мунқатеъ* — катъшуда, бурида, кандашуда.
*Мунқод* — мутеъ, итоаткунанда, фармонбардор.
*Мунҳазим* — мағлуб, шикастхӯрда.
*Мураввеҳ* — роҳатрасонанда, рӯҳафзо.
*Мурғи мусамман* — мурғи хонагӣ.
*Мусаббиб* — сабабгор.
*Мусаввис* — оби на ширин ва на шӯр.
*Мусаллам* — таслимшуда, тобеъшуда, тандода; дуруст.
*Мусаммар* — бо мех парчин кардашуда.
*Мусанно* — дугона.
*Мустадъӣ* — дархосткунанда, хоҳанда.
*Мустаманд* — бечора.
*Мустамеъ* — шунаванда, гӯшкунанда.
*Мустатчил* — шитобанда, ҷалакунанда.
*Мустағнӣ* — ғайри мӯҳтоҷ, беинёз, бой, давлатманд, тавонгар.
*Мустаҳиқ* — лоиқ, сазовор.
*Мустаҳом* — тарсида, бимдошта.
*Мутаввал* — дароз, кашида, тӯлонӣ.
*Мутаворӣ* — пинҳоншуда.
*Мутаҳаттик* — пардадар, расвокунанда, бадзабон, бебок.
*Мутаҳҳар* — пок, тоза, покизашуда, муборак.
*Мутолиф* — шакли кӯтоҳшудаи муъталаф буда, маънояш улфат доштан, тамоил доштан ба ҳамдигар аст.
*Муттасил* — пайваст.
*Муфорақат* — ҷудоӣ, фироқ.
*Муфрит* — аз андоза берунраванда, ифроткунанда.
*Мухалло* — гӯште, ки бо бодинҷон бирьён карда шудааст.
*Мухлаф* — мухаффафи мухаллаф — кабӯтарбача.
*Мушаъбидшева* — он кӣ дорои сифату хислатҳои найрангбозӣ аст.
*Муштамил* — фарогиранда, дарбаргиранда.
*Муштарӣ* — номи бузургтарин сайёраи манзумаи офтоб Юпитер, ки онро Бирҷис ва Ҳурмуз низ меноманд.
*Муқайяд* — гирифтор, побанд.



*Муқассир* — таксирнок, пуркамукост, гунаҳгор.
*Муқашшар* — пӯст кардашуда, пӯстканда.
*Муқбил* — хушбахт.
*Муҳаввас* — пурҳавас, ошуфтааќл, девона.
*Муҳалло* — ороста, зебу зиннатьёфта.
*Муҳарро* — таоми хуб пухташуда.
*Муҳолик* — ҷамъи маҳлака — ҳалокатгоҳ, қатлгоҳҳо, ҷойҳои ҳалокат.
*Муҷарра* — ошкоркунандаи коре.
*Муҷвал* — пӯшоки сафед; сайёҳ.
*Муҷовир* — ҳамҷавор, наздик, қариб, ҳамсоя.
*Муҷрим* — гунаҳгор.
*Мӯътакиф* — гӯшанишин, хилватнишин.
*Мӯътод* — одаткарда, хӯгирифта.
*Муҳтақар* — ҳақир, бечора.

## Н

*Навбова* — ҳар чизи нав ва тоза, меваи тоза, меваи нахустини навниҳолон.
*Навор* — ресмони ғафс.
*Надам* — пушаймонӣ, ҳасрат, афсӯс.
*Намакзӣ* — ҳалвои бодомӣ.
*Наргисӣ* — оше, ки аз анвои кабудӣ тайёр мекунанд.
*Наузубиллаҳ* — худо паноҳ диҳад.
*Наъш* — тобут.
*Нақс* — нуқс, айб, камбудӣ.
*Наҳмор* — бисьёр.
*Наҷоҳ* — наҷот, растагорӣ, пирӯзӣ, комьёбӣ, муваффақият.
*Неъмалбаён* — хушбахтӣ.
*Нимишк* — қаймоқ, маска.
*Ноира* — оташ ва шӯъла.
*Нофеъ* — фоиданок, судманд, манфиатнок.

## О

*Обгина* — шиша, булӯр, оина, сурохӣ.
*Обдандон* — амруд, ба маънои анор ҳам омада.
*Обидулҳаҷар* — сангпараст, бутпараст.

*Обнӯс* — дарахтест сиёҳранг, ки дар сохтани чизҳои зебои қиматбаҳо ба кор меравад ва дар вақти сӯхтан монанди ӯд бӯи хуше медиҳад.
*Озар* — оташ, сӯзу гудоз, ғам.
*Ордравған* — ҳалвое, ки аз орди гандум мепухтанд.
*Очор* — турушӣ.
*Ошир* — даҳум.
*Оҷ* — устухони фил, дандони фил.

## П

*Пайғӯла* — гӯша, кунҷ, канора.
*Паплус* — нони хушке, ки бо равған ё шарбат мехӯранд.
*Пашмак* — ҳалвои пашмак.
*Пироман* — пеш, назд, атроф.
*Пистахарак* — пистаи майда-майда.
*Полуда* — ҳалвои наботӣ.
*Полҳанг* — тасма, ресмон.

## Р

*Рашод* — ба маънои пойдор, доимӣ, муқимӣ омадааст.
*Рашҳа* — чакра, қатра.
*Рақто* — мори песа, фитнаи сахт.
*Раҳам-аллоҳу қотилӣ* (арабӣ) — худо кушандаи маро бубахшояд.
*Раҷаз* — суруде, ки ҳангоми ҷанг мехондаанд.
*Ревос* — ревоҷ, чукрӣ.
*Ризвон* — номи дарбони биҳишт, боғ, чорбоғ.
*Риҷор* — мураббо, шарбат.
*Ришта* — оши угро.
*Роиҳа* — бӯй, бӯи хуш.
*Рӯҳуллоҳ* — ҷонбахш, лақаби Исопайғамбар.
*Руҳуллоҳӣ* — ҷонбахшӣ.

## С

*Савлаҷон* — чавгон.
*Савмаа* — ибодатгоҳ.
*Садтуй* — садқабата, сад таҳ.
*Салосил* — ҷамъи силсила — занҷирҳо.
*Сам* — заҳр.

*Саман* — баҳо, нарх, қимат.
*Самандар* — ҷонвари калтакалосмонанд, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагонӣ мекунад, ҷонвари афсонавиеро, ки гӯё дар оташ пайдо мешавад (агар аз оташ барояд намирад) низ самандар гӯянд.
*Самовот* — ҷамъи само — осмонҳо.
*Самоқ* — қароқот, зирк.
*Самуд* — сутун.
*Сатлак* — паси ҳам чидани чизе.
*Сафсаф* — замини ҳамвор, канораи кӯҳ.
*Сақокаллоҳ* — худоё, нӯшат бод.
*Саққо* — обкаш, обдиҳанда, машкоб.
*Саҳил* — шиҳа кашидан.
*Саҳн* — табақ, зарф.
*Саҳур* — сахархӯрӣ; вақти пеш аз дамидани субҳ, ки мусулмонон дар моҳи рамазон барои рӯзагирӣ охирин бор хӯрок хӯрда метавонанд.
*Саҷҷода* — ҷойнамоз.
*Селон* — мураббо.
*Сибғатулло* — дини миллат, оини худованд.
*Сиём* — рӯза, рӯзадорӣ.
*Силаҳшӯр* — мухаффафи силоҳдор, далер.
*Сирмиш* — зардолу.
*Сироти мустақим* — роҳи рост.
*Ситр* — парда, шарму ҳаё.
*Сихак* — сихкабоб.
*Сияҳчарда* — сиёҳпӯст, гандумгун.
*Сигор* — ҷамъи сағир — хурдҳо.
*Сиҷил* — ҳукмномаи бо мӯҳр тасдиқкардаи қозӣ.
*Собеъ* — ҳафтум.
*Собунӣ* — ҳалвое, ки аз асал ва нишоста (мағзи гандуми дар об хобондашуда) тайёр мекунанд.
*Соҷис* — шашум.
*Соид* — даст, аз банди даст то оринҷ.
*Соқи арӯсон* — навъе аз ҳалво.
*Соҷид* — саҷдакунанда.
*Субҳи козиб* — субҳи бардурӯғ, пеш аз вақт як лаҳза сафед шудани рӯз, ки пас аз он боз ҳаво торик мешавад.
*Сувайдо* — нуқтаи сиёҳе, ки гӯё дар маркази дил мавҷуд аст; маркази дил.
*Сулб* — сахт, шах, дурушт.
*Сумал* — ашк.
*Сунҷ* — чанг.
*Суҳо* — ситораи хурдакак дар Ҳафтдодарон.
*Сӯхту* — ҳасиби бирьён.

**Т**

*Табла* — зарф, сандуқча.
*Тавсан* — аспи саркаш.
*Тазлақ* — дунбаи бирьён.
*Тайёр* — парвозкунанда.
*Таковар* — тезрав, тундрафтор, даванд.
*Тамаввуҷ* — мавҷ задани об, мавҷзанӣ.
*Танбул* — гиёҳ, кабудӣ.
*Таоллаллаҳ* — чӣ бузургвор аст худо.
*Тарак* — халвои тар.
*Тарнӣ* (таран) — гули настаран.
*Тархон* — касе кӣ подшоҳ ӯро барои ягон хизматаш аз боҷу хироҷ озод мекардааст ва чӣ гуноҳе ки мекардааст, аз он мегузашт.
*Тасайир* — сайркунанда, роҳраванда.
*Таслис* — сегӯша, секунҷа.
*Тафаҳҳус* — тафтиш, ҷустуҷӯ.
*Тафриқа* — парокандагӣ, тақсим кардан.
*Тахмир* — хамир кардан, сириштан.
*Ташвир* — шармсорӣ, шармандагӣ; шӯриш, талотум, изтироб, ҳаяҷон.
*Таъвид* — одат кунондан ба чизе.
*Тақсир* — коре бо кӯтоҳӣ ва камбудӣ иҷро кардан; нуқсон, хато, айб, кӯтоҳӣ.
*Теҳу* — парандае, ки ба кабк монанд аст.
*Тиб* — хушбӯ, муаттар.
*Тимр* — хурмои ҳиндӣ.
*Толона* — шафтолу.
*Тутмоҷ* — як навъ таъом.
*Туғро* — хате, ки бо имзои подшоҳ навишта шуда бошад.

**У**

*Узор* — рӯй, рухсора.
*Уллиюн* — аввалин, нахустин.
*Умқ* — чуқурӣ, амиқӣ.
*Унноб* — ҷелон.
*Уштурак* — мавҷи дарьё; дуди хона.
*Уҷб* — худписандӣ, ҳавобаландӣ, ғурур.



**Ф**

*Фабаллиғ инда маъшуқӣ саломӣ (арабӣ)* — ба маъшуқаам саломи маро бирасон.
*Фало — тартад масоил ан-каромӣ* — дар бузургӣ ва шарофати ман шак накунад.
*Фард* — ягона, якто, танҳо.
*Фарс* — шикам.
*Фатила* — пилтаи чароғ.
*Фақеҳ* — қонуншиноси шариат, донои қоидаҳои шариат ва дини ислом.
*Фахатби — инда иқрон эҳтишомӣ (арабӣ)* — лаёқат ва бузургии ман дар байни ҳамкасбонам баланд аст.
*Фирнӣ* — хӯроке, ки аз ширу шаккар тайёр мекунанд.
*Фиъол* — феълу атвор, хулқу атвор.
*Фоиқ* — болотар, бартар, беҳтарин, беҳтар, афзалтар.
*Фусҳат* — вусъат, фарохӣ, паҳноварӣ.

**Х**

*Ход* — рухсора, гуна, сурат.
*Хазаф* — сафол, сафолин, зарфи сафолин, сафолпора.
*Х(в)ай* — араки ҷабин.
*Хайл* — гурӯҳи саворон; галаи аспҳо, рамаи аспҳо.
*Хайфо* — шутури мода.
*Халхол* — ҳалқаи тилло ва ё нуқра, ки занон барои зинат ба пой мебанданд.
*Хара* — лой, хок.
*Харб* — хароб кардан.
*Хароғ* — осьёе, ки бо кувваи хар, гов ё ҷорпои дигар мегардад.
*Хес* — тар.
*Хизоб* — ранг, хино, вусма, ҳар ранге, ки мӯй, абрӯ, панҷаи дасту поро бо он барои ороиш ранг мекунанд.
*Хинзир* — хук.
*Хиффат* — сабукӣ, камвазнӣ.
*Хишт* — навъе аз ҳалво.
*Ховар* — самте, ки офтоб дар он ғуруб мекунад, ғарб, мағриб; хору хас, хошок.
*Хогина* — тухмбирьён.
*Хозан* — ҷамъи хазина.
*Хол* — хола.
*Холабибӣ* — навъи хӯроке, ки аз биринҷ тайёр мекунанд.
*Хумра* — хамирдон.
*Хусрав* — шоҳ, подшоҳ, султон, амир.

**Ч**

*Чағз* — курбоққа, ғук.
*Човуш* — пешоҳанги лашкар ё корвон.
*Чундур* — як навъи шалғам.
*Чурок* — нони чурак.
*Чуғундар* — лаблабу.

**Ш**

*Шааф* — шодмонӣ, хурсандӣ.
*Шангарф* — райҳони даштӣ.
*Шароби динор* — шароби сурх.
*Шағаб* — овози баланди ғулғуладори шӯрангез, мағал, шӯру ғавғо.
*Шито* — зимистон, мавсими зимистон.
*Шобб* — ҷавонмард.
*Шомил* — фарогиранда, дарбаргиранда.
*Шуназ* — ҳалвое, ки аз сиёҳдона тайёр мекунанд.
*Шуроҳӣ* — тоскабоб.
*Шӯҳро* — машҳур.

**Э**

*Эйдун (Эдун)* — ҳоло, акнун, инчунин.
*Эҳтироз* — худдорӣ намудан, парҳез кардан, канорагирӣ.

**Ю**

*Юмн* — бахт, толеъ, иқбол, некбахтӣ, хушбахтӣ.

**Я**

*Явм* — рӯз.
*Яроқон* — касалии зардпарма.

## Ғ

*Ғанҷу далол* — нозу истиғно.
*Ғассола* — мурдашӯй, покшӯй.
*Ғӯрабо* — оши ғӯра.

## Қ

*Қаввол* — гӯянда, нотиқ, хушгап; сурудхон, хофиз.
*Қавсу қӯзаҳ* — тиру камон, рангинкамон.
*Қайд* — банд ё ресмоне, ки ба пой, махсусан ба пои ҳайвонот мебанданд, занҷир.
*Қайсур* — номи шаҳр дар уқёнуси Ҳинд; номи кӯҳ ҳам аст, мушк.
*Қаловуз* — роҳбаланд, роҳбар, пешрави лашкар.
*Қарқор* — навъе аз кабӯтар.
*Қасир* — кӯтоҳ, калта, норасо.
*Қассом* — қисматкунанда, тақсимкунанда.
*Қатоиф* — навъе аз ҳалво.
*Қақнус* — номи паррандае.
*Қибтӣ* — мардуми қадими Миср, мисрӣ.
*Қилодаи тасбеҳ* — нахи тасбеҳ.
*Қимоғ* — матое, ки дасту пои кӯдакро бо он мепечанд.
*Қорура* — шиша, зарф.
*Қудс* — покӣ, покизагӣ аз гуноҳ.

## Ҳ

*Ҳабал* — хашму ғазаб.
*Ҳабашӣ* — оше, ки аз сиёҳалаф тайёр мекунанд.
*Ҳабба* — дона; ночиз.
*Ҳаззол* — ҳазлчӣ, ҳазлкунанда.
*Ҳайҷо* — ҷанг, ҳарб, рамз, набард.
*Ҳалвои гузар* — ҳалвое, ки аз сабзӣ тайёр карда мешудааст.
*Ҳалқатин би-фулот* — кӯлмакчаи об дар биёбон.
*Ҳарба* — асбоби ҷанг, аслиҳа, найзаи кӯтоҳ.
*Ҳасаб* — қадр, андоза, миқдор.
*Ҳасба* — касали варақа.
*Ҳаюн* — шутур, шутури тезрав.
*Ҳаҷаб* — ҳоҷиб, пардадор.
*Ҳиддат* — тезӣ, тезию тундӣ, шиддат.
*Ҳима* (ҳема) — ҳезум, чӯби сӯхтанӣ.
*Ҳирз* — паноҳгоҳ, ҷои эмину мустаҳкам, нигаҳдорӣ, муҳофизат.
*Ҳиштан* — раҳо кардан, аз даст додан.
*Ҳовин* — намози бомдод.
*Ҳомиза* — моддаи турушӣ, чизи турушӣ.
*Ҳориб* — ҳарбкунанда.
*Ҳузар* — ҳозирбуда, иштирокдошта.
*Ҳумоз* — турушӣ.
*Ҳумро* — сурх.
*Ҳусб* — қадр, андоза, миқдор.

## Ҷ

*Ҷабал* — кӯҳ.
*Ҷаввол* — ҷавлонкунанда, ҷилвакунанда; сайёҳ, мусофираткунанда.
*Ҷавдат* — некӣ, хубӣ, фазилат.
*Ҷавз* — ҷормағз.
*Ҷавориш* (гувориш) — масолеҳи ҳазмкунанда.
*Ҷад* — бобо.
*Ҷазъ* — навъе аз сангҳои оройишӣ, ки сафеду сиёҳ аст ва мӯҳраи сулаймонӣ ё яманӣ ҳам номида мешавад.
*Ҷамарат* — ҳаври оташ, тафи замин; ҳазор савори қофила.
*Ҷаноҳ* — бол; даст, бозу қаноти лашкар.
*Ҷарун* — номи бандар дар ҷанубии Эрон.
*Ҷаъд* — тоби мӯй ва зулф, занҷира ва шиканҷаҳои мӯй.
*Ҷирга* (ҷурга) — ҳалқа задан, давра кашидан.
*Ҷузом* — як навъ касалӣ.
*Ҷуллоб* — гулоб, шарбати қанд, ки бо гулоб омехтаанд ва хосияти дору дорад.
*Ҷӯъ* — гуруснагӣ.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


Абдуллоҳи Кобулӣ. Тазкират-ут-таворих. Дастнависи рақами 138, музей-китобхонаи А. А. Семёнов.

Абдурраҳмони Ҷомӣ. Воситат-ул-иқд — девони дуюм. Матни илмии интиқодӣ бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Аълохон Афсаҳзод. Дастнавис.

Абдурраҳмони Ҷомӣ. Саломон ва Абсол. Ба чоптайёркунанда Қамол Айнӣ, дар китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ», осори мунтахаб, дар панҷ ҷилд», ҷилди сеюм. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1964.

Абдурраҳмони Ҷомӣ. Фотиҳат-уш-шубоб — девони аввал. Матни илмии интиқодӣ бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Аълохон Афсаҳзод. Дастнавис.

Абдурраҳмони Ҷомӣ. Хирадномаи Искандарӣ. Ба чоптайёркунандагон Аълохон Афсаҳзод ва Абӯбакр Зуҳуриддинов, дар китоби «Абдурраҳмони Ҷомӣ, Осори мунтахаб, дар панҷ ҷилд», ҷилди панҷум. Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1964.

Абдурраҳмони Ҷомӣ. Хотимат-ул-ҳаёт — девони сеюм, матни илмии интиқодӣ бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Аълохон Афсаҳзод. Дастнавис.

Абӯисҳоқи Атъима. Девони «Канзул-иштиҳо». Истонбул, 1303 ш.

Айнӣ С. Алишер Навоӣ. Нашрдавлтоҷик, Сталинобод, 1948.

Алишер Навоӣ. Девони Фонӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Рукниддин Ҳумоюн Фаррух, Теҳрон, 1343 ш.

Алишер Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. Нашрга тайёрловчи Сӯйима Ғаниева, Тошканд, 1961.

Алишер Навоӣ. Маҷолис-ун-нафоис. Тарҷимаҳои Фахрии Ҳиротӣ («Латоифнома») ва Ҳакимшоҳ Муҳаммади Қазвинӣ. Бо кӯшиши Алиасғар Ҳикмат. Теҳрон, 1323 ш.

Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Дастнависи китобхонаи вилояти Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино.

Амир Низомиддин Шайхам Суҳайлӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. Нусхаи қаламии рақами 982. Китобхонаи Бодлеан. (Англия).

Амир Низомиддин Шайхам Суҳайлӣ. Девон. Дастнависи рақами 762 ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Амир Низомиддин Шайхам Суҳайлӣ. Девон. Нусхаи хаттии рақами Дорн 452 китобхонаи давлатии оммавии Ленинград ба номи Салтыков-Щедрин.

Амир Шоҳии Сабзаворӣ. Девон. Дастхати рақами 1911 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Афсаҳзод Аълохон. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ. Нашриёти «Дониш», Душанбе, 1970.

Бадри Шервонӣ. Куллиёт. Нусхаи хаттии рақами 132 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Ӯзбекистон.

Баёз. Дастнависи рақами 343 китобхонаи Институти забон ва адабиёти АФ РСС Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

Баёзҳо. Нусхаҳои қаламии рақамҳои 340, 574, 340, 1278, 1706, 1870 ва 2333 китобхонаи давлатии республикавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ.

Бисотии Самарқандӣ. Девон. Дастхатҳои рақами 611/VI, 884/V, ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Гафуров Б. Г. Таджики. Издательство «Наука», Москва, 1972

Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Таҳқиқ ва тасҳеҳи Муҳаммад Аббосӣ. Теҳрон, 1337 ш.

Исмати Бухороӣ. Девон. Дастхатҳои рақами 1777 ва 160 ганҷинаи дастнависи шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Исмати Бухороӣ. Девон. Нусхаи хаттии рақами 401. Китобхонаи давлатии республикавии Тоҷикистон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ.

Камоли Хуҷандӣ. Девон. Дастнависҳои рақами 849 ва 611/I ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

**Камоли Хуҷандӣ. Девон. Бо тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ, Табрез,** 1337 ш.

Камоли Хуҷандӣ. Мунтахабот. Тартибдиҳанда Ш. Ҳусейнзода. Нашри дуюм. Сталинобод, 1960.

Котибии Нишопурӣ. Куллиёт. Дастнависҳои рақами В 185 ва С 100 ганҷинаи дастнависҳои шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии АФ СССР.

Котибии Туршезӣ. Куллиёт. Дастхати рақами 884/I ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Котибии Туршезӣ. Куллиёт. Нусхаи каламии рақами Дорн 416 китобхонаи давлатии оммавии Ленинград ба номи Салтыков-Щедрин.

Котибии Туршезӣ. Маснавиёт. Дастнависи рақами 485 захираи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

**Луғат ва фарҳангҳои мутааддидаи тоҷикӣ ва форсӣ.**

Мактаби Шерозӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. Ба чоптайёркунанда Аълохои Афсаҳзод, маҷаллаи «Садои Шарқ», 1967, № 3 ва 5.

Меҳрии Ҳиротӣ. Маснавӣ. Дар баёзҳои хаттии рақамҳои 217 ва 610 Институти дастнависҳои назди Совети Вазирони РСС Арманистон (Матенадаран).

Меҳрии Ҳиротӣ. Маснавӣ. Дастхати таҳти рақами 633/III ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Мирзоев А. М. Алишери Навоӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ (равобити адабӣ). Нашриёти «Ирфон», Душанбе, 1968.

Мулло Муҳаммад Ширини Мағрибӣ. Девон. Дастхатҳои рақами 926/II ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Намунаҳои адабиёти тоҷик. Бо иштироки С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, И. С. Брагинский, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ ва дигарон (бо ҳуруфоти лотинӣ). Нашрдавлтоҷик, Сталинобод, 1940.

Озари Бегдилӣ. Оташкада. Теҳрон, 1337 ш.

Орифии Ҳиравӣ. Ҳолнома ё Гӯй ва Чавгон. Дастхатҳои таҳти рақами 632/II, 709/III дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Радоиф-ул-ашъор. Гирдоваранда Фахрии Ҳиротӣ, нусхаи хатии рақами 1149 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Узбекистон.

Радоиф-ул-ашъор. Тартибдиҳанда Сайфии Бухороӣ. Нусхаи каламии рақами 448 хазинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Риёзии Самарқандӣ. Девон. Дастнависи рақами 611/XII ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Риёзии Самарқандӣ. Девон. Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Сабохиддин Сиддиқов. Нашриёти «Дониш», Душанбе, 1974.

Ризоқулихони Ҳидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо, ҷилди дуюм. Теҳрон, 1295.

Сайид Неъматуллоҳи Валӣ. Куллиёти девон. Ба эҳтимоми Маҳмуд Аламӣ. Теҳрон, 1336. ш.



Сайид Неъматуллоҳи Валӣ. Девон. Дастхати рақами 643 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Сайфии Арӯзии Бухороӣ. Девон. Нусхаи қаламии рақами 611/VIII ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Сайфии Арӯзии Бухороӣ. Девон. Матни илмӣ-интиқодӣ аз рӯи нусхаҳои мавҷуд дар китобхонаҳои ҷаҳон бо дебоча ва тавзеҳоти Қамол Айнӣ. (Дастнавис).

Соммирзои Сафавӣ. Тӯҳфаи Сомӣ. Бо кӯшиши Рукниддин Ҳумоюнфаррух, Теҳрон, 1347 ш.

Тақиуддини Кошӣ. Хулосат-ул-афкор ва зубдат-ул-ашъор, рукни солис. Дастхати рақами Дорн 321 китобхонаи оммавии Ленинград ба номи Салтыков-Щедрин.

Хаёлии Бухороӣ. Девон. Дастнависҳои рақами 611/III ва 884/III ганҷинаи дастхатҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Хаёлии Бухороӣ. Девон ба тасҳеҳи Азизи Давлатободӣ. Табрез, 1352 ш.

Халилуллоҳи Халилӣ. Осори Ҳирот, ҷилди II. Ҳирот, 1310/1931.

Шайх Озарӣ. Девон. Дастхатҳои рақами 611/IV ва 884/VI ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Шайх Озарӣ. Девон. Дастхати рақами С 115 ганҷинаи дастхатҳои шарқии шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии АФ СССР.

Яҳъёи Себак. Ҳусн ва Дил, рисолаи насрии дастхати рақами 338 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Яҳъёи Себак. Дастури ушшоқ, яъне қиссаи шоҳзода Ҳусн ва шоҳзода Дил. Ба эҳтимоми Р. С. Гриншильдиз. Лондон, 1926.

Ғафуров Б. Ғ. Таърихи мухтасари халқи тоҷик. Нашрдавлтоҷик. Сталинобод, 1947.

Қозӣ Исо. Девон. Дастхати рақами 611/XIV ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Қосимуланвор. Анис-ул-орифин. Дастхати рақами 496 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Қосимуланвор. Девон. Нусхаи хаттии рақами 1945 захираи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

Қосимуланвор. Куллиёт. Бо тасҳеҳ ва муқобилаи Саид Нафисӣ, Теҳрон, 1337 ш.

Қосимуланвор. Куллиёт. Дастнависи рақами А 52 ганҷинаи дастнависҳои шӯъбаи Ленинградии Институти шарқшиносии АФ СССР.

Қосимуланвор. Куллиёт. Дастхати рақами 496 ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ РСС Тоҷикистон.

**Ҳусайнхони Азимободӣ ибни Алихони Шоҳиҷаҳонободӣ. Ништари ишқ. Нусхаҳои хаттии рақамҳои 88 ва 120, китобхонаи Институти таърихи АФ Тоҷикистон ба номи Аҳмади Дониш.**

## МУНДАРИЧА


Қамоли Хуҷандӣ . . . . . . . . . . . 5
Мағрибӣ . . . . . . . . . . . . . . 27
Абӯисхоқи Атъима . . . . . . . . . . . 30
Сайид Неъматуллоҳ . . . . . . . . . . 50
Исмати Бухороӣ *(Интихоби А. Ҷонфидо)* . . . 53
Бисотии Самарқандӣ . . . . . . . . . . 69
Хаёлии Бухороӣ . . . . . . . . . . . . 76
Қосимуланвор . . . . . . . . . . . . 86
Қотибчи Туршезӣ . . . . . . . . . . . 94
Меҳрӣ . . . . . . . . . . . . . . . 127
Яҳьёи Себак . . . . . . . . . . . . 134
Бадри Шервонӣ *(Интихоби Ш. Нуриддинов)* . . 165
Орифии Ҳаравӣ . . . . . . . . . . . 180
Шоҳии Сабзаворӣ *(Интихоби А. Зуҳуриддинов)* . 186
Озарӣ . . . . . . . . . . . . . . . 198
Ҷомӣ . . . . . . . . . . . . . . . 203
Фонӣ-Навоӣ . . . . . . . . . . . . . 275
Қозӣ Исо . . . . . . . . . . . . . . 296
Сайфии Бухороӣ *(Интихоби К. Айнӣ)* . . . . 301
Риёзии Самарқандӣ . . . . . . . . . . 317
Суҳайлӣ . . . . . . . . . . . . . . 322
Мактабӣ . . . . . . . . . . . . . . 348
Луғатнома *(Тартибдиҳанда Ч. Назриев)* . . . 373
Адабиёти истифодашуда . . . . . . . . . 381



**ЦВЕТНИК ПОЭЗИИ**

**КОЛЛЕКТИВ**

(На таджикском языке)

Муҳаррири расмҳо *Т. Королёва*
Муҳаррири техникӣ *Л. Шашкова*
Мусаҳҳеҳ *И. Ҳамроев*

Ба матбаа 2/X-1975 супурда шуд. Ба чопаш 17/VI-1976 имзо шуд. Коғази № 1. Формати 60×84$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 24 (22,32). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 19,02. Адади нашр 25000. КЛ 05997. Супориши № 1762. Нархаш бо муқован № 7 81 тин, бо муқован № 5 70 тин.

Нашриёти «Ирфон», Душанбе, кӯчаи Шевченко, 10.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

# Услубшиносӣ



## Ҷалолуддини Румӣ
(1207-1273)